ТОЛЕИ БАЛАНД

Навиштаи

ХОЛМУРОД ШАРИФОВ

Т 25

ХОЛМУРОД ШАРИФОВ

ТОЛЕИ БАЛАНД

Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии
Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон

Душанбе 2010

Автор книги «Счастливая судьба» - ученый, писатель, общественный и государственный деятель Холмурод Шарифов рассказывает в публицистической форме о своих путешествиях во многие страны мира.

Уважаемый читатель вместе с автором посещает Иран, знакомится с его достопримечательностями, прежде всего с мавзолеем величайшего из величайших поэтов средневековья Абулкасима Фирдавси, традициями высокой культуры общения и дружелюбия иранского народа.

Автор увлекательно рассказывает о сказочном африканском континенте, о быте и нравах различных народов, условиях их жизни и о своеобразном, необычном климате Африки.

Общественная и природная атмосфера Канады и Кубы повествуется автором красочно и занимательно. Там достигнут высокий уровень общественного прогресса и климат благоприятен для человеческой жизни. Здесь автора поражает Ниагарский водопад – один из изумительнейших чудес мира.

Не менее интересными являются рассказы автора об Афганистане, Болгарии, Венгрии, Кореи, Германии, России и других странах Европы. В каждой из них читатель находит присущий только этой стране и его народу черты характера, своеобразия природной среды, например, как песнопение в России и озеро Балатон в Венгрии.

Дорогому читателю желаем приятного путешествия вместе с автором во многие страны мира.

Холмурод Шарифов. Толеи баланд

- Муҳаррирони масъул: **М. Шакурзода, Ҷ. Шарифов**
- Муҳаррири нашр: **А. Мирбобоев**
- Тарроҳии компютерӣ: **Фирӯз Набиев**
- Ношир : **Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон**
- Чоп, литугрофӣ, саҳҳофӣ : **Чопхонаи «Пайванд»**
- Чопи аввал : **Душанбе, 2010**

ISBN: 978-99947-44-28-2

© Холмурод Шарифов, 2010

САРСУХАН

Ахбор, иттилоот, нақлҳо, ҳикоёт, мушоҳидаҳо ва таассуроти ҳосил аз сафар ҳамвора ширину дилпазиранд, ба вежа агар ин гузоришҳо марбут ба даврае таърихии наздиктар ба рӯзгори мо бошанд. Афзун бар ин, ҳар мушоҳидаи мустақим, гувоҳӣ ва қавли мустанад барои илми таъриху бисёре аз улуми иҷтимоӣ барои таҳлили як давраи таърихӣ ҳоизи аҳамият аст.

Сафарноманависӣ ё саёҳатноманависӣ ба навъе аз қадимитарин гузоришнависии таърихӣ ё ҷуғрофиёиест, ки бархе аз онҳо ба далели моҳияти худ аз муҳимтарин асноди таърихӣ ба шумор мераванд. Ҳекатеюс (549-580 қабл аз мелод), ки ба падари ҷуғрофиё мулаққаб гардида, соли 520 қабл аз мелод шурӯъ ба ҷамъоварии иттилоот намуд ва бидуни тардид, иттилооте аз императории Дорюш доштааст, ки танҳо бахшҳое андак аз он боқӣ мондааст.

Ҳеродоти Ҳоликорносӣ, ки юнониён ӯро ба унвони падари таърих мешиносанд ва тақрибан ҳафтод сол баъд аз Ҳекатеюс таърихи худро ба таҳрир даровард, аз қадимитарин ҷаҳонгардонест, ки ба Эрон сафар кард ва гузоришҳои худро низ ба риштаи таҳрир даровардааст.

Искилокс – аз аҳолии Корианда нақл мекунад, ки дар ҳудуди соли 512 пеш аз мелод ба фармони Дорюши Бузург барои як таҳқиқи дарёӣ ба сӯи халиҷи Форс раҳсипор шуд.

Ксенофон – муаррихи афинӣ (430-325 қабл аз мелод) низ китобе дар васфи ақибнишинии даҳҳазорнафарии сипоҳи Юнон аз Эрон навишт. Дар давраи салтанати Ардашери дувум пизишки юнонӣ ба номи Ктессий муддати ҳабдаҳ сол (415-398 қабл аз

мелод) дар дарбори Эрон хидмат кард ва тайи ин муддат 23 рисола таълиф намуд ва аз ҷумла 10 рисола дар заминаи таърихи Эрон, ки муҳимтарини онҳо «Persica» («Таърихи Эрон») мебошад.

Ву-Ти (140-87 қабл аз мелод) – яке аз тавонотарин хоқонҳои Чин, Чангтинро барои ҷустуҷӯ ба сафари хатарноке ба сӯи Бохтар мефиристад. Ӯ дар роҳ асири Ҳунҳо мешавад ва муддати даҳ сол дар дарбори хони Ҳунҳо ба сар мебарад ва саранҷом аз роҳи Фарғона ба Чин мегурезад. Иттилооте, ки ӯ аз вазъияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ба вежа иқтисодии Ҳунҳо касб мекунад, дар ниҳоят мӯҷиби лашкаркашии сипоҳи Чин ва сипас ғалаба бар Ҳунҳо ва густариши ҳудуди Чин мегардад.

Дар даврони баъд аз ислом Истахрӣ – соҳиби китоби «Масолик в-алмамолик», дар соли 303 ҳиҷрии қамарӣ ба саёҳат рӯй меоварад. Вай нахустин ҷуғрофиянависи эронист, ки китоби худро бар асоси мушоҳидоти шахсӣ навиштааст.

Шамсиддин Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абибакр ал-Бано ал-Мақдисӣ – ҷаҳонгарду ҷуғрофинависи шаҳири давраи Сомониён, низ китоби машҳури худ «Аттақосим фӣ маърифатулақолим»-ро бар асоси мушоҳидоту иттилооти мустақими хеш навишт. Дар ҳамин замон Абӯдулаф Масъар ибни ал-Муҳалҳал ал-Хазраҷӣ ал-Янбӯъӣ - аз аҳолии ҷануби Арабистон, мушоҳидоти худро аз сафар ба мамолики мухталиф дар сафарномае ба риштаи таҳрир кашид. Ҳамчунин Абулқосим Муҳаммад ибни Ҳавқали Бағдодӣ аз машҳуртарин сайёҳони садаи чаҳоруми ҳиҷрист, ки китоби «Суратуларз»-ро бар асоси мушоҳидоти худ дар мамолики исломӣ таълиф кард. Вай дар гузориши ҷолиб аз меҳмоннавозии мардуми Моваруннаҳр менависад: «Аммо бахшиши мардуми Моваруннаҳр чунон аст, ки гӯйӣ ҳама афроди як хонаанд ва касе, ки

ба хонаи дигаре дарояд, гӯйӣ ба хонаи худ даромада бошад. Онон бисёр меҳмоннавозанд ва аз меҳмоне, ки шабона бад-онон ворид шавад, нохурсанд нестанд, балки аз вай пазирой мекунанд, бе он ки вайро бишносанд ё таваққӯи подош дошта бошанд...» (Суратуларз, с. 195).

Аммо Носири Хусрави Қубодиёнӣ – суханвари баландпояи эронии садаи панҷуми ҳиҷрӣ низ дар шумори сайёҳону ҷаҳонгардони номдори даврони исломист, ки ҷаҳонгардии тӯлонии худро аз соли 437 ҳиҷрӣ ба нияти сафари Маккаи мукаррама аз Марв оғоз намуд ва аз роҳи Сарахсу Нишопур ва Бастому Домғону Симнону Рай ва Қазвин ба Озарбойҷон рафт ва аз Сароб, Табрез ва Маранду Хӯй гузашта, ба шаҳрҳои Арманистон расид ва аз он ҷо ба Шому Байтулмуқаддас рафт ва дар нимаи зулқаъда барои адои фаризаи ҳаҷ ба Макка шитофт. Сипас азми саёҳати Миср кард ва дар ҳафтуми сафари соли 439 ҳиҷрӣ ба Қоҳира расид. Қариб се сол дар Миср буд ва дар зимни он ду бори дигар ба зиёрати хонаи Худо мушарраф шуд ва бозгашт. Дар зулҳиҷҷаи соли 441 ҳиҷрӣ дигар бор аз Миср берун омад ва чаҳорумин бор ба Макка расид ва шаш моҳ дар Ҳарам муҷовир буд. Пас аз адои ҳаҷи чаҳорум, дар шаъбони соли 443 ҳиҷрӣ аз роҳи Тоиф ва Таҳома ва Яман ба Басра расид ва ду моҳ дар он ҷо иқомат кард, сипас аз он ҷо ба Арҷон рафт ва аз роҳи Исфаҳону Нойину Қоин ва Туну Сарахс равонаи Балх шуд ва рӯзи бисту шашуми ҷимодиюлохири соли 444 ҳиҷрӣ пас аз ҳафт соли саёҳату мутолиа ва паймудани 13320 километр роҳ ва рӯбарӯ шудан бо диданиҳову масоиби бисёр мусофирати худро поён дод:

Бархостам аз ҷою сафар пеш гирифтам,
Н-аз хонаам ёд омаду н-аз гулшану манзар.

К-аз санг басе сохтаам бистару болин
В-аз абр басе сохтаам хаймаву чодар.
Гоҳе ба замине, ки дар ӯ об чу мармар,
Гоҳе ба ҷаҳоне, ки дар ӯ хок чу ахгар.
Гаҳ дарё, гаҳ боло, гаҳ рафтани бероҳ,
Гаҳ кӯҳу гаҳе регу гаҳе ҷӯю гаҳе ҷар.
Гаҳ ҳабл ба гардан-бар монанди шутурбон,
Гаҳ бор ба пушт-андар монандаи астар.
Пурсанда ҳамерафтам аз ин шаҳр бад-он шаҳр,
Ҷӯянда ҳамегаштам аз ин баҳр бад-он бар.

Носири Хусрав шарҳи саёҳати дуру дароз ва пур аз диданиву шунидании худро дар сафарномае сода ва зебову пуркашиш ба забони форсии шево бо насре устувору дилкаш боз мегӯяд, ки яке аз намунаҳои зебо ва арзандаи насри қарни панҷуми ҳиҷрӣ ба шумор меояд.

Садаи ҳафтуми ҳиҷриро бояд нуқтаи атфе дар равобити Шарқу Ғарб ба шумор овард, ки ду қутби тамаддуни дунё пас аз давроне тӯлонӣ ба ҳам муттасил шуданд, зеро дар ин сада сипоҳи муғулҳо пас аз ишғоли Эрону куштори умумӣ ба Аврупои Шарқӣ юриш бурданд ва ба осониву биломонеъ Русия, Лаҳистон ва Маҷористонро тасарруф ва аз сӯе то наздикии дарвозаҳои Берлин ва аз сӯи дигар то дарёи Одриётик пешравӣ карданд. Аз ин аср ба баъд азимати ҳайатҳои аврупоӣ ба кишварҳои мухталифи Осиё оғоз мешавад. Ҳамчунин муқорини ин айём нобиғаи бузурги шеъру адаби Эрон Саъдии Шерозӣ ба иллати шавқи ҷаҳонгардӣ ва низ ба сабаби кашмакашҳои миёни Хоразмшоҳиён ва Атобакони Форс ва ҳуҷуми муғулон ба сафари тӯлонӣ пардохта ва ва ҳудуди сӣ то чиҳил сол Бағдод, Сурия ва Маккаро то шимоли Африқо саёҳат намуда, сипас ба Қошғар ва Ҳинду Туркистон мусофират карда ва ба Шероз боз мегардад ва боре аз таҷриба дар он ҷо ба

таълифу таснифи ду асари бузурги хеш – «Гулистон» ва «Бӯстон» мепардозад. Худи вай дар муқаддимаи «Бӯстон» мусофирати тӯлонии худро чунин тавсиф мекунад:

Дар ақсои олам бигаштам басе,
Ба сар бурдам айём бо ҳар касе.
Таматтӯъ ба ҳар гӯшае ёфтам,
Зи ҳар хирмане хӯшае ёфтам.

Дар ҳамин сада маъруфтарин сайёҳи аврупоӣ Марк Поло бо падар ва амуи худ сафари дуру дарози худро аз Венетсия ва аз тариқи Шоҳроҳи абрешим ба Чин оғоз кард. Ин сафар бист сол тӯл кашид ва муҳассали он сафарномае аз Марк Поло шомили гузоришҳои бисёр арзишманд аз мушоҳидоти айнии ӯст. Марк Поло, ки муддате дар Табрез таваққуф дошта, ин шаҳрро дар соли 669 ҳичрӣ (1371 мелодӣ) чунин тавсиф мекунад:

«Табрез шаҳрест бисёр бузург ва обод, муҷаллал ва бошукӯҳ, ки дар доманаи кӯҳистон бино шудааст. Мардуми Табрез бозаргону тоҷир ва мардумони саноатпеша мебошанд. Мансуҷоти абрешиму ҳарир ва зарбафти ин шаҳр шӯҳраи офоқ аст. Тиҷорати ҷавоҳиру анвои аҳҷори карима дар Табрез равнақи басазо дорад, ба тавре ки қотибаи туҷҷору бозаргонони Фарангистон, ба хусус итолиёиҳо ва аз ҷумла жениҳо барои анҷоми умури тиҷоратӣ ва хариди колоҳои пурсуду камёб ба бозорҳои Табрез ҳуҷум меоваранд ва сангҳои гаронбаҳоро аз гавҳарфурӯшони ин шаҳри бошукӯҳ ибтиёъ мекунанд».

Дар фосилаи байни илғори муғул ва юриши Темур чунбиши тасаввуф дар Эрон ва соири мамолики исломӣ ба ниҳояти қудрати худ расид. Дар ин даврон сайёҳдӯстӣ ва мусофирпарварӣ дар

саросари кишварҳои исломӣ шиори умаро ва бузургон буд ва сайёҳону мусофирон василаи таблиғотии муҳимме буданд, ки метавонистанд сити эҳсону карами арбоби қудратро аз шаҳре ба шаҳре баранд ва ному овозаи ононро дар акнофи олам бипарокананд. Кори ғарибнавозӣ ва мусофирпарварӣ ба ҷое расида буд, ки ба фармони султони Ҳинд ғарибонро дар он кишвар «аизза» хитоб мекарданд ва сайёҳдӯстӣ чунон дар ҳама ҷо марсуму маъмул буд, ки марде гумному ғариб чун Ибни Батута бо дасти холӣ аз Танҷа ба роҳ меуфтад ва дар ниҳояти иззату эҳтиром то ақсои нуқоти Чин мусофират мекунад ва сели хоставу динор ҳама ҷо ба сӯи ӯ равон мешавад.

Даврони мусофирати Ибни Батута аз лиҳози ҷараёнҳои мазҳабӣ ва илмӣ низ аз ҷолиби таваҷҷӯҳтарин адвори исломист. Дар ин даврон осори инқирози хилофати исломӣ ва истилои муғул дар ҳаёти илмӣ ва мазҳабии мусулмонон намудор мегардад. Дорулилмҳо ва мадориси маъмури билоди муҳим ва махсусан Бағдод, ки марказияти маънавии мамолики исломиро дошт, аз ҳам пошида шуда буданд. Дар сафҳаҳои сафарномаи Ибни Батута, ба вежа дар қисматҳои марбут ба Мовароуннаҳру Хуросон, манозири дилгудоз аз бадбахтиҳое, ки дар натиҷаи юришҳои илғори тотор ба вуҷуд омада буд, метавон дид. Ибни Батута дар бораи Бухоро, ки аз бузургтарин марокизи илмӣ ва маркази билоди Мовароуннаҳр буд, мегӯяд: «Масоҷиду мадорису бозорҳои он вайрону мардумаш ба хоки мазаллат нишастаанд ва имрӯз дар ин шаҳр касе нест, ки насибе аз илм ё иноятe ба он дошта бошад».

Рой Гонсалес де Клавийху, фиристодаи Ҳенрии севум, подшоҳи Испониё, ки дар соли 1403 мелодӣ ба тарафи дарбори Темур ҳаракат кард, аз ҳамон ибтидо тасмим гирифта буд сафарномае дақиқ таҳия кунад. Вай аз тариқи Хӯй ба Эрон рафт, аз дарёчаи Урумия

гузашт ва ба Табрез расид ва пас аз нӯҳ рӯзи таваққуф дар ин шаҳр аз роҳи Занҷон озими Султония шуд ва аз тариқи Теҳрон, Рай, Симнон, Домғон, Исфароин, Нишобур, Машҳад ва Тӯс ба Самарқанд рафт. Як сол баъд ногузир ба фикри бозгашт уфтод, зеро Темур, ки рӯзгоре ҷаҳонкушояш мехонданд ва аз шунидани номаш ларза бар андоми амирону шаҳриёрон меуфтод, пиру алил ва маргаш наздик шуда буд ва ошкор шуда буд, ки пас аз ӯ кишвари паҳновараш дар ошӯбу ваҳшатноке ғӯттавар хоҳад гардид. Аз ин рӯ Клавийху Самарқандро тарк кард ва аз роҳи зиёратӣ ба Машҳад муроҷиат намуд ва аз тариқи Симнон, Варомин, Қазвин ба Табрез бозгашт. Вақте хабари марги Темур дар саросари кишвар мунташир шуд, сайёҳи испониёӣ Табрезро тарк гуфта буд, аммо дар Қаробоғ ӯро аз идомаи сафар боздоштанд ва ба Табрез бозгардонданд. Вай ҳудуди шаш моҳ дар ин шаҳр таҳти назар буд, то саранҷом аз тариқи Таробӯзон ба Испониё бозгашт.

Клавейху дар гузоришҳои ҷолиби худ аз Табрез ва ҳаммомҳои он, ки зеботарин навъи худ дар ҷаҳон буданд, гуфтугӯ мекунад. Вай ҳамчунин иттилооте ҷолиб дар бораи шаҳрҳои Эрон, роҳҳо, меҳмонхонаҳо ва сабки меъмории даврони темурӣ дар ихтиёр мегузорад.

Дар давронҳои баъдӣ санъати гардишгарӣ ва сафарноманависӣ боз ҳам тавсеа ёфт. Дар замони Шоҳаббоси Сафавӣ бисёре аз сайёҳони аврупоӣ ба Эрон мусофират карданд, ки ҳар барг аз сафарномаҳои онҳо барге аз таърихи гузаштаро ташкил медиҳад. Жан Баптист Таверние, Адам Олеариус ва Иоан Албрехт фон Манделску номдортарин сайёҳони ин давраанд ва аз ин ҷамъ Таверниеро бояд яке аз бузургтарин сайёҳони садаи ҳабдаҳи мелодӣ ба ҳисоб оварад, ки дар фосилаи солҳои 1631 то 1665 ба рӯзгори салтанати шоҳи

Сафавӣ ва Шоҳаббоси дувум ҳадди ақал шаш бор ба Эрон мусофират намуд.

Таверние матлаби арзнамудаи роҷеъ ба Эрон аз худ боқӣ гузошта, ки аз ҳудуди сафарномаҳои маъмулӣ таҷовуз кардааст. Зеро ӯ бо назари дақиқ нисбат ба ҳамаи умур, аз бузургтарин масоил то кӯчактарини онҳо таваҷҷӯҳ карда ва бо сароҳату садоқат ончи дида ва дар атрофаш гузашта, ба риштаи таҳрир даровардааст. Бидуни шак, сафарномаи Таверние аз сайёҳони ҳамзамон ва ҷаҳонгардони баъд аз худ арзиши бештаре дорад, зеро теъдоди мусофиратҳо ва иқоматаш дар ҳар як аз ин сафарҳо бештар аз дигарон будааст ва ҳаққи тақаддуми ӯ нисбат ба ҷаҳонгардони он замон, ҳатто Шарден, ӯро бартар месозад. Ба илова, ӯ дар даврае иқдом ба мусофиратҳо намуд, ки азамату ҷалоли Эрон ба охирин ҳадди худ расида ва санъати эронӣ роҳи камоли худро мепаймудааст.

Дар садаи нуздаҳи мелодӣ, ки бисёре аз пояҳои навини илмӣ ниҳода шуд ва дар қарни бист, ки ин улум масири аслии худро ёфтанд, илми таърих низ қаволиби таҳқиқии худро ёфт ва имрӯз мусаллам шудааст, ки сафарномаҳо яке аз маводи аслии таҳлилии таърихии интиқодӣ дар ин замина ҳастанд.

***

Дуктур Холмурод Шарифов, узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон, номзади илми фалсафа, донишёри донишгоҳ, узви Иттиҳодияи рӯзноманигорони Тоҷикистон, узви Иттиҳодияи кормандони театрҳои Тоҷикистон ва Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон аст. Солҳои 1958-1960 раиси кумитаи иҷроии шаҳри Панҷакент буд. Вай сипас ба мақоми муованати шӯъбаи идеологии

Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон таъин гардид ва сипас муовини аввали Вазорати фарҳанги Тоҷикистон шуд. Дар солҳои 1968-1979 мудири шӯъбаи фарҳанги Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ва аз соли 1979 то авоили соли 1990 раиси Кумитаи давлатии матбуот ва иттилооти Тоҷикистон, солҳои 1990-1996 раиси Комисиюни марказии интихобот ва ҳамапурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ӯ чандин бор ба унвони намояндаи мардумии маҷлис дар устонҳои Ғарм, Ленинобод (Суғди кунунӣ) ва Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шудааст.

Дуктур Шарифов ҳамчунин дар таъсиси театри ҷавонон, сирки давлатӣ, Донишкадаи ҳунар, интишороти «Адиб», иттиҳодияи тавлидии «Матбуот» ва ҳамчунин эҳёи суннати Наврӯзу чопи китоб бо хатти ниёкон ва ғайра нақши бузурге ифо кардааст.

Китобҳои «Меҳнати ҷамъиятӣ ва инкишофи шахсият» (соли 1962), «Техника, Меҳнат, Инсон» (ба забони русӣ), бобе аз китоби «Меҳнат ҳамчун омили рушди шахсият» (ба забони русӣ, Маскав, 1963), «Ташаккули одами нав» (соли 1965), «Маданияти шукуфони халқи тоҷик» (соли 1967), «Фарҳанги сотсиалистии мардуми тоҷик» (ба забони русӣ, соли 1974), «Омилҳои педагогӣ ва психологии кори ҳизбӣ-сиёсӣ» (соли 1971), «Бунёди маънавии одами нав» (солҳои 1974, 1977), аз ҷумлаи осори вай мебошанд.

Дуктур Шарифов тайи чанд даҳсолаи ахир худро ба унвони нависанда ба мардуми тоҷик муаррифӣ намуд. Китобҳои «Гард дар мижгон» (1971), «Оламафрӯзон», «Нидои хотирот» (ба забони русӣ), «Рози дил» (1992), «Сарнавишт» (1994) аз ҷумлаи осори вай мебошанд.

Китобе, ки инак пеши рӯи хонандаи мӯҳтарам қарор дорад - «Толеи баланд» навиштаи ҷаноби оқои

дуктур Холмурод Шарифов, яке аз мардумони арсаи илму фарҳанги тоҷик аст. Ин китоб, ки дарвоқеъ сафарнома мебошад, шомили гузоришҳои айнии муаллиф аз мусофират ба бисёре аз кишварҳои осиёӣ, аврупоӣ ва амрикоист. Ин сафарнома яке аз ҷиҳати вусъати доманаи сафарҳои муаллиф ва эҳтивои он бар достони мусофирате, ки аз Эрон, Афғонистон, Чин, Кореяи Шимолӣ, кишварҳои Осиёи Миёна, Русия то Аврупои Шарқӣ ва Канадаю Куба ва ғайра баст ёфтаву дар он шарҳи дидор бо риҷоли сиёсату асҳоби илму адаб меравад ва дигар аз ҷиҳати садоқати вай дар баёни авзоъ ва аҳволи мамолике, ки дидааст, ҳоизи аҳамият мебошад.

Бидуни тардид, мутолиаи ин асар барои хонандагони оддӣ ҷолибу хонданӣ ва барои пажӯҳишгарони арсаи таъриху улуми иҷтимоӣ метавонад омӯзанда ва ҳовии нукоти таҳқиқӣ бошад. Умед аст, ки нашри ин китоб мӯҷиби шодобии ҳарчи бештари дарахти тановари фарҳангу адаби муштараки фарҳангу адаби Эрон ва Тоҷикистон гардад.

Алиасғари Шеърдӯст
Сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон
урдубиҳишти 1389, майи 2010 мелодӣ

ПЕШГУФТОР

Табиати инсон, хусусан, инсони дорои завқи баланд ва андешаманду зебописанд сафар кардан ва ҷаҳон диданро меписандад. Имрӯз ба шарофати пешрафти бемисли илму фан ва фазои муносибе, ки дар ҷаҳон пеш омадааст, дару дарвозаҳои дурдасттарин гӯшаву канори олам ба рӯи ҳамагон боз аст. Ҳама ошиқи сайру саёҳати дунёянд ва мехоҳанд шигифтиҳои замину замонро бо чашми сар бубинанд, кулбори сафари хешро ғанӣ аз савғоти маънавӣ намоянд, ба Ватан бо дасти пур баргарданд ва аз забони шоири овозамандамон, устод Мирзо Турсунзода ба ҳамдиёрон, пайвандону фарзандони худ бигӯянд:

Аз сафар овардаам савғои хуб,
Ёди ёрон, ёди одамҳои хуб.
Ёди онҳое, ки ҷонон одаманд,
Дар ғами осудагии оламанд.

Ходими намоёни давлатӣ, фарзанди диёри шоирхези устод Рӯдакӣ, нависанда ва публитсисти шинохтаи тоҷик Холмурод Шарифов чун вориси ҷаҳонгардони донишманде, амсоли Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Саъдӣ ва Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ ва Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон, устод Мирзо Турсунзода умре дар сафар будааст. Бештари сафарҳои эшон дар замони Шӯравӣ, ки ӯ мансабҳои баланди давлатиро бар ӯҳда дошт, ҷанбаи хидматӣ доштанд. Яъне, дар сафи ҳайатҳои баландпояи давлатӣ дар ҷаласаву анҷуманҳои сиёсӣ ва илмиву фарҳангӣ ширкат меварзид. Дар ин нишастҳо суханрониҳо дошт ва аксаран чунин иттифоқ меафтод, ки бо дурахшонтарин чеҳраҳои сиёсӣ ва адабии ин ё он мамлакат дидор намояд ва аз шаҳди каломашон баҳраманд гардад.

Дар ин мусофиратҳо, ки аз қалби ҷумҳурӣ то кишварҳои Белорусияву Назди Балтик ва мамолики қораҳои Осиёву Африқо сурат гирифтааст, устод

Холмурод Шарифов танҳо набуд. Бисёр шахсиятҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ ӯро ҳамроҳӣ мекарданд, аммо ҷолиб ин аст, ки дар ин миён (хусусан, дар замони режими Шӯравӣ) танҳо сафаркардае, ки ҳосили дидаву шунидаашро бо ишқу ихлоси вижа рӯйи коғаз меовард ва дар шакли китоб манзури хонандагон менамуд, Хомурод Шарифов буд.

Соли 1972, рӯзгоре, ки сафарномаи устод таҳти унвони «Гард дар мижгон» дар Душанбе ба чоп расид, ӯ 43-сола буд ва вазифаи мудири шӯъбаи маданияти КМ ҲК Тоҷикистонро бар ӯҳда дошт. Ба назари банда, дар байни мансабдорони баландпояи рӯзгори пешин яке аз афроди соҳибкитоб Холмурод Шарифов буд. Яъне онҳое, ки дар як ҳайат ҳамроҳ бо эшон ба шаҳру кишварҳои дуру наздик бо мошину ҳавопаймову киштӣ гардиш мекарданд, ҷаҳон медиданд, бо инсонҳои гуногун миллатҳои гуногуннажод сари як мизу дастархон нишаста нону намак мечашиданд ва бо ифтихор «сафар кардан – ҷаҳон дидан» мегуфтанд, зиёд буданд. Барои инсони ҷаҳонгаштае чун Холмурод Шарифов набзи зиндагиро ламс кардан, ба умқи ашёҳо назар кардан ва волотар аз инҳо – огаҳӣ ёфтан аз замири одаму олам муҳим буд. Ба қавли аллома Иқболи Лоҳурӣ:

Баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист,
То кушодам пардаи асрори зист.

Аз ин рӯ, ӯ алорағми аксар ҳамроҳони хеш таассуроти сафарро дар зеҳну қалбаш мепазад ва дар табақи ихлос гузошта, пешкаши хонандагон менамояд. Дар ин сафарномаҳо асосан инсон – аз деҳқони хокпош то адиб ва ходими барҷастаи давлативу ҷамъиятӣ меҳвари пажӯҳиш ва таҳқиқу баррасӣ қарор дорад.

Андӯхтаҳои сафар ё раҳовардҳои фарҳангии устод Холмурод Шарифовро, ки дар ин маҷмӯа фароҳам омадаанд, метавон ба се бахш тақсим кард:

Якум: мақолаву очеркҳо ва лавҳаҳои самимиву зебо, ки дар онҳо шахсиятҳои номдори кишвари азизамон Тоҷикистон васф гардидаанд.

Дувум: маводе, ки ҳосили сафарҳои расмӣ ва ғайрирасмии адиб аз маъмуриятҳои сершумори ӯ ба ҷумҳуриҳои Шӯравии собиқ мебошанд.

Севум: сафарномаҳо аз мамолики хориҷӣ.

Чунонки дар боло ишора намудем, дар таълифоти ин марди роҳ ва сиёсатшиносу адиби ҷаҳонгард сарнавишти инсон, мақоми волои ӯ ва арзиши хадамоташ барои ҷомеа аз ҷойгоҳи вижа бархӯрдор аст. Бинобар ин, дар баъзе аз ёддоштҳои Холмурод Шарифов мо бо чеҳраҳои дурахшони илму адаби тоҷик чун аллома Садриддин Айнӣ, академик Бобоҷон Ғафуров ва дастпарварони соҳибноми мактаби он бузургон – Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Сотим Улуғзода, Абдусалом Деҳотӣ, Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ ва дигарон ошно мешавем.

Холмурод Шарифов боре дар гуфтугӯ бо муаллифи ин сатрҳо («Адабиёт ва санъат», 7.08.08) аз ҳамдаму ҳамнафас буданаш бо бузургони дар боло зикршуда ва ба ҷо овардани поси дӯстӣ ва қарзи фарзандии Ватан ифтихоромез гуфт: «Аз толеи баланди хеш меболам». Ахгари нуҳуфта дар замири мунири адиб ӯро таҳрик ба чеҳрапардозии ҳамсафарону ҳамнишинон намуд. Аъмоли неку бархурди башардӯстона ва ҷилои истеъдоду ҳунари волои афроди саршиноси Шӯравии собиқ, амсоли Николай Тихонов, Расул Ҳамзатов, Чингиз Айтматов, Қайсин Қулиев, Рима Казакова, Мустай Карим, Олес Гончар дар сафарномаҳои Х.Шарифов бо обу ранги баланд ва самияти хосе таҷассум ёфтааст. Ҷолиб он аст, ки дар таълифоти адибони зикршуда халлоқият, ҳунару истеъдоди волои тоҷикон ва шигифтиҳои диёри маҳбуби мо – аз Бадахшону Хатлон то Ҳисори шодмону Суғду Вахш бо рангҳои пурҷилову сатрҳои тобнок васф гардидааст, ки бешак, дар таҳрики чашмаи илҳоми онон саҳми мизбонони соҳибзавқе чун устод Холмурод Шарифов бузург аст.

Лозим ба ёдоварист, ки Холмурод Шарифов на танҳо бо аҳли сиёсат ва адибони соҳибистеъдоди Тоҷикистон ва Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ риштаи дӯстиву эътиқод пайваст, балки аз мутолиаи ин

китоби пурмӯҳтавои эшон бармеояд, ки дар сафарҳояш ба Афғонистону Эрону даҳҳо мамолики Аврупову Амрико бо шахситҳои воломақоми он кишварҳо риштаи меҳр пайвастааст. Вай ҳамчун вориси нобиғаҳои ҷаҳоншумул: Одамушшуаро устод Рӯдакӣ, Фирдавсиву Хайём, Саъдиву Камолу Носири Хусрав ба ҳар куҷое сафар кардааст, паёми бародарӣ ва сулҳу ваҳдатро армуғон бурдааст.

Диду боздидҳои адиб ва тӯшаи кироиву ҷаззобе, ки аз сафарҳояш ба Афғонистони бародар, ҷазираи дар ҷаҳон шӯҳратманди озодӣ – Куба, кишвари гулу раёҳину ҷангалҳои сабз – Булғористон, ҷумҳуриҳои ободу озодаи Наздибалтик ва ғайра ба сурати очерку мақола ва сафарномаҳо таҳия кардааст, ҳама хондании, омӯзанда ва ҷаззобанд. Дар ин миён, тӯшаи сафарҳои устод Холмурод Шарифов аз кишвари Эрони шӯҳраи олам бо ҷаззобият ва бо нигоҳи меҳрборе, ки ба ин кишвар ва мардуми азизи он дорад, фарқ мекунад: адиб дар очерки сафарии хеш – «Таъбири хоби ногуфта» ба Эрон ва шаҳрҳову навобиғи дар ҷаҳон шӯҳратманди он бо чашми фарзандӣ менигарад ва аз вуҷуди чунин бародар ва пайвандҳои ногусастании Тоҷикистони азизаш бо Эрони гиромӣ меболад.

Холмурод Шарифов боре дар як дидор бо дӯсти арҷманди тоҷикону тоҷикистониён, доктор Алиасғари Шеърдӯст аз хадамоти таърихӣ ва мондагори ӯ изҳори сипос намуд ва гуфт:

– Фикр мекунам, Худованд Шуморо барои хидмат ба илму адаб, пайдориву таҳкими дӯстӣ ва мададу ёрмандӣ ба аҳли қалам, хусусан барои мо, тоҷикон сириштааст.

Мо ба пири равшанзамир, устод Холмурод Шарифов, ки худ низ аз мубаллиғони беназири илму адаб ва суханпарварони рӯзгори мост, саломатӣ ва тозакориҳои нави эҷодӣ таманно дорем ва нашри ин маҷмӯаи тозаэҷодро ба эшон табрик мегӯем.

Мирзо Шукурзода,
барандаи Ҷоизаи адабии ба номи устод Айнӣ.

БОБИ ЯКУМ

ТАЪБИРИ ХОБИ НОГУФТА
(Қайдҳо аз сафари Эрон)

Охирин рӯзи моҳи май вопасин фурсатҳои тӯлонии интизорӣ будааст, ки сафари мо ба Эрон сурат бигирад.

Мо бо даъвати Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон барои ширкат дар панҷумин солгарди иртиҳоли Имом Хумайнӣ ба он ҷо меравем.

Дар тайёраи «Геркулес», ки шаклан ба як қуттии бузурги оҳанин монанд аст, фиристодагони Тоҷикистони соҳибистиқлол аз тамоми гӯшаву канорҳои – водиҳои Вахшу Ҳисор, Зарафшону Фарғона, Қаротегину Бадахшон ҷойгир шуда буданд.

Мо зиёда аз ҳаштод кас вакилони Тоҷикистон – пиру барно, марду занҳо, олимон, адибон, ходимони дину мазҳаб, коргарон, деҳқонон, хизматчиён ба монанди донаҳои як анор дар «пучоқи бузурги» ҳавопаймои низомии «Геркулес» маскан ёфтем. Сарфи назар аз касбу ақидаҳои гуногун ҳама чун як тану як ҷон ҳамсафарем.

Шояд аз ташвишҳои чандрӯзаи омодагӣ ба сафар ё кӯфти зиндагӣ буд, ки қисми зиёди мусофирон баробари дар курсиҳояшон ҷой гирифтан ба ҳамроҳони ҳамшафаташон «сафар бехатар бошад» – гуфтанду зуд пинак рафтанд. Ба мисли он, ки «мева аз мева ранг мегирад», ман ҳам ба атрофиён маънидор нигаристаму ба ғанаб рафтам. Чашмонамро, ки пӯшидам, пас аз фурсате рӯъёе вуҷудамро фаро гирифт. Ба гӯшҳоям лаҳни ширин ва садои нармнарми бобокалонам мерасиданд. Ӯро гаҳе ба Рӯдакӣ,

гаҳе ба Мавлавӣ монанд мекардам, ки: фарзандонам, хуб шуд, ки шумо боз ба ҳам пайвастед, «сафар муборак», мегуфт вай ба риши мисли барф сафедаш панҷа ронда. Ӯ хиҷолатмандона чанд қадам ба пеш ниҳоду афзуд:

– Фарзандони дилпайвандам, хабарҳои шуме, ки солҳои охир паҳн мешаванд, моро дар гӯри торик ҳам ором намегузоштанд, онҳоро мешунидаму ба мисли инсони моргазида печу тоб мехӯрдам, ба шигифт меафтодам, – чаро авлоди мо насиҳату васияти моро фаромӯш карданд, осон ба ҷелаю ҳиллаю доми аҳриманҳо афтода, гиребонгири якдигар шуданду хуни хешу акрабои худро ҷаллодона рехта оқибат худашон бо ҳаросу ҷаҳли мураккаб гуреза гашта канорнишинӣ мекунанд? Алҳазар, фарзандонам аз амали шайтониву кудурати моҷароҷӯӣ... Имрӯз, бархе аз шумоён – ҳисориҳову хуҷандиҳо, хатлониву вахшонӣ, зарафшониву бадахшонӣ, ғарміву қаротегиниҳо дар як киштӣ ба як самт равонед.

Чӣ соне, ки имрӯз ҳамаи шумо дар даруни ин қафаси оҳанин тақдирро ба ҳам пайвастед, дар замин ҳам чунин бошед, роҳи дигари наҷот додани давлату миллати тоҷик вуҷуд надорад. Боз мегӯям, қисматро ба ҳам бипайвандед...

Аз такони сахти ҳавопаймо бедор шудаму шунидани давоми пандҳои пайғамбаронаи бобоям қатъ гардид. Аммо он чизе, ки дар хоб дидаму шунидам, гӯё бароям тилисми мушкилкушо буд, ки суруши ғайбӣ бароям илҳо намуда буд. Хоби дидаам гаштаю баргашта ба лавҳи хотирам меомад, симои пайғамбаронаи бобокалонам пеши назар эҳё мешуду боз маро ба андеша меандохт. Бо изтироб ба атроф нигаристам дидам, ки ағлаб пинак рафтаанд, қисмашон бо ҳамсояҳояшон паст-паст гуфтугӯй доранд, худ ба худ гуфтам: баъдтар фурсати муносиб ёфта хобамро ба ҳамсафарон мегӯям.

Моро дар фурудгоҳи «Меҳробод»-и Теҳрон кормандони масъули Вазорати фарҳанг ва иршоди исломии Эрон истиқбол намуда, хайра мақдам гуфтанд ва баъди ба анҷом расидани расмиятҳо ба сӯйи меҳмонсарои «Истиқлол» бурданд.

Ман, ки бори аввал ба ин сарзамини қашангу зебо пой мениҳодам, ба ҳама чиз ҳарисона нигоҳ мекардам, ҳатто ба рангу бори замину осмон, бунёди роҳу роҳравҳо, навъи мошинҳое, ки ба онҳо моро савор карданд, аз ҳад зиёд будани мошинҳо, аҷалаи пиёдагардҳо, навиштаҷоти биноҳо, фурӯшгоҳҳо, ки дар сари ҳар қадам вомехӯрданд, хелҳои дарахтони ҳар ду бари роҳ, тарзи истиқболу гуфтору рафтори мизбонон, ҳамаи ин диққати маро ҷалб менамуданд. Бояд иқрор шавам, ки тарзи муошират, муомила, ҳусни одобу ахлоқи мардуми Эрон боиси таҳсин аст. онҳо ҳеҷ гоҳ бемаврид бо овози баланд сухан намегӯянд, ба ҷузъитарин унсурҳои ойини муомила риоя менамоянд.

Рӯзи дигар дар Вазорати фарҳанг ва иршоди исломии Эрон қабули ҳайати расмии Тоҷикистон сурат гирифт. Ходими намоёни ҷамъиятӣ, шахси соҳибқаламу соҳибистеъдод, доктор Алиасғари Шеърдӯст моро бо самимияти хоси дӯстона пазирой намуд. Сарвари вакилони расмии Тоҷикистон Раиси Кумитаи Шӯрои Олӣ Раҳмонқул Атоев як ба як аъзои расмии моро шиносонд. Алиасғари Шеърдӯст бо лутфу марҳамати зиёд дар ҳаққи меҳмонҳои тоҷикистониаш сухан гуфт ва нақшаҳои кории моро дар гузаронидани маросимҳои реҳлати Имом Хумайнӣ шарҳ дод. Дар ин мулоқоти дӯстонаву дилпазир ҳамкориҳои байни ду давлат муҳокима шуд. Масъалаҳои чопи нашрияҳо, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои ҷашни ҳазораи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар мадди аввал буданд. Дар навбати аввал баррасӣ намудани варақаи рангаи ҷашнӣ (плакат), тамғаи

рамзии маросим (эмблема), маводи дигар дар муддати кӯтоҳ ҳалли худро ёфтанд. Тарафи Эрон тезонидани чопи китоби рангаи «Тоҷикистон»-ро низ ба ӯҳда гирифт. Ҳамчун исботи самараи ҳамкории тарафайн, оқои Шеърдӯст дар Теҳрон ба табъ расидани китоби «Гулчини ашъори устод Лоиқи Шералӣ»-ро мисол овард ва аз он китоб бароямон тӯҳфа намуд.

Рӯзи дигар фиристодагони Тоҷикистонро бо ҳамроҳии вакилони бисту ҳафт мамлакати дигар раҳбари муаззами инқилоб Оятуллоҳ Хоманаӣ пазируфта меҳмонҳоро, ки барои поси хотири бунёдгари инқилобу давлати исломӣ дар Эрон Имом Хумайнӣ омада буданд, гарм истиқбол намуд.

Ҷаноби Хоманаӣ дар хусуси сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакаташ муфассал сухан ронда гуфт, ки мақомоти олии кунунии Эрон барои дар амал татбиқ намудани ғояҳои доҳиаш Оятуллоҳ Хумайнӣ тадбирҳои лозимиро меандешад. Дар ин мулоқот сураҳо аз Қуръони Маҷид қироат шуданд ва чанд нафар меҳмонҳо аз кишварҳои Араб ва ғайра баромада, рочеъ ба воқеоти олам изҳори ақида карданд.

Нуқтаи олии маросими реҳлати Оятуллоҳ Хумайнӣ дар назди мақбараи вай сурат гирифт. Ин маросими бошукӯҳ чаҳоруми моҳи июн ба вуқуъ пайваст.

Дар оромгоҳ – қасри боҳашамат, ки аз кошӣ, булӯр ва тазйинноти дигар ба гуфти мизбонҳо дар давоми чиҳил рӯз бунёд гардидааст, қариб ҳаштод – сад ҳазор одамон аз кишварҳои гуногун ва вилоятҳои худи Эрон ҷойгир шуданд.

Дар минбар пайдо шудани Оятуллоҳ Хоманаӣ ва дигар аъзои Шӯрои Инқилобиро ҳозирон бо нидоҳову кафкӯбиҳо пазируфтанд, шиорҳои гуногун садо медоданд. Нутқи Оятуллоҳ Хоманаӣ ва дигар нотиқонро ҳозирон бо мароқ гӯш мекарданд.

Панҷуми моҳи июн ҳайати расмии вакилони Тоҷикистонро иборат аз панҷ кас бо сарпарастии Раҳмонқул Атоев Раиси ҷумҳури Эрон, ҷаноби Ҳошимии Рафсанҷонӣ қабул намуд. Дар мулоқоти кӯтоҳу самимӣ сарвари Эрон аз аҳволи роҳбари Тоҷикистон ва вазъияти кишвари мо пурсон шуд. Ӯ ба мардуми азияткашидаи мо таманнои ба эътидол омадани вазъият ва комёбиҳо хост. Мо ба ҷаноби Раиси ҷумҳури Эрон барои муҳайё намудани шароити гуфтугузори байни вакилони тоҷикон дар Теҳрон, ки пас аз сафари мо бояд барпо мешуд, изҳори миннатдорӣ кардем.

Дар вақтҳои холӣ аз иштирок дар маросимҳои расмӣ, ба мо муяссар гардид, ки пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон – шаҳри овозадору зебои Теҳронро бубинем, онро бо шавқу завқ тамошо намоем. Дар ин кори дилхоҳ баъзе инсонҳои шарифи эронӣ, шиносҳои деринаам ба монанди доктор Шаҳидӣ – муовини раиси Кумитаи симову садои Эрон ба мо кӯмак расониданд.

Доктор Шаҳидӣ аввал аз вазъи Тоҷикистон пурсон шуда, изҳори таассуф кард, ки чунин рӯйдодҳову бесарусомонӣ насиби мардуми Тоҷикистон гаштааст. Пас аз ҳолпурсии шиносҳои тоҷикистониаш, Оқои Шаҳидӣ ба нақли хусусиятҳои Теҳрон гузашт. – Теҳрон шаҳри назарработ, вале тамошои вай дар шомгоҳӣ хуштар, – гуфт ва афзуд, – дар ин фасли сол ба мисли Душанбе Теҳрон рӯзона хеле гарм аст. Аз ин сабаб мо, теҳрониён барои сайр шому шабонаро хуш медорем. Ба ин худатон боварӣ ҳосил мекунед. Пас вай мошинашро ба ҷойҳои диданӣ – майдонҳои Фирдавсӣ, Боғи Шоҳ ва ғайра ронд. Сипас маро ба коргоҳаш бурду иншоотҳои аҷоибро, ки барои боэътимодтар ва пурзӯр гардидани базаи техникии воситаҳои ахбор бунёд мешаванд, нишон дод. Баъд доктор Шаҳидӣ, ба назарам, маро ба

баландтарин нуқтаи сайргоҳи шаҳри Теҳрон – гузари Дарбанд бурд. Гарчанде ақрабаки соат аз дувоздаҳи шаб гузашта буд, он ҷо серодам буд. Ду тарафи хиёбонро кӯҳпораҳои баланди дилпазир ва ҳайратангез фаро мегирифтанд. Шаҳрдорон барои ҳузуру ҳаловати мардум аз паст то болои шаҳрро ҳар ҷо-ҳар ҷо кома карда, ҷойи нишасту истироҳат сохтаанд. Ин мавзеъҳо ҳеҷ гоҳ холӣ наметонад, – гуфт оқои Шаҳидӣ.

Ҳамин ки маросимҳои расмӣ дар Теҳрон анҷом ёфтанд, моро ба дувумин шаҳри бузургтарини Эрон дар шимоли кишвар ба шаҳри Машҳад оварданд, ки он тақрибан 2 миллион аҳолӣ дорад. Аммо ҳуди эрониҳо мегӯянд, ки 4 миллион нафар аҳолӣ сокини он аст. Машҳад маркази маъмурии калонтарини устони (вилояти) кишвар – Хуросон будааст. Роҳбаладамон ҷавони ҳалими пурдон оқои Расулӣ шаҳрро ба мо тамошо дода гуфт, ки Машҳад дар водии Кашафруд бунёд шудааст ва роҳи оҳани мамлакати Эрон дар ҳамин шаҳр хотима меёбад. Дар ин ҷо заводҳои пахта, қолинбофӣ ва дигар корхонаҳо мавҷуданд.

– Боз як чизи дигарро бояд хотирнишон кунам, – мегуфт Расулӣ ба иншоотҳои азим ишора карда, – Машҳад барои мусулмонони олам шаҳри басо муқаддас аст, зеро дар ин ҷо ёдгориҳои муҳимтарини динӣ боқӣ мондаанд. Бузургтарини онҳо боргоҳи боҳашамати имоми ҳаштуми аҳли шиъа Имом Ризо мебошад, ки дар асри нӯҳум бунёд гардидааст. Мақбараи Ҳоҷӣ Рабӣ ва масҷиди Гавҳаршоҳ низ дар ҳамин шаҳр аст. Дар натиҷаи тохтутози ваҳшиёнаи муғулҳо бисёр ёдгориҳои амали ҳунарварони моҳир харобу абгор гардидаанд, – мегуфтанд роҳбаладҳои мо.

Дар Машҳад зиёрати мақбараи Имом Ризо табъи дил буд. Месазад, махсус қайд кунем, ки ин иншоот

қасри боҳашаматест, ки барои бунёдаш хираду ҳунару заҳмати зиёде харҷ гардидааст. Барҷастатарин ҳунармандони замон завқу нубуғи худро ба харҷ дода, ҳараме офаридаанд, ки бо тазҳибу тазйин ақлҳоро мусаххар месозад. Ба ғайр аз моҳияти динию мазҳабияш, сохтмонҳои гуногуни он аҳамияти гарони меъморӣ ва санъати тасвирӣ дорад. Сангфаршҳои майдони масҷид, гумбазҳо хеле ҳассосона ва ғанӣ оро ёфтаанд, ки тамошои онҳо ба кас ҳаловати нотакрор мебахшанд. Бесабаб набуд, ки адади зиёратгарони мақбараи Имом Ризо ҳамвора меафзуд.

Бозори шаҳри Машҳад ҳам, ки ба назари ман ҳадду канор надошт, пурколо ва серодам буд ва ба ҳикоят меарзад, зеро вай хусусиятҳои нотакрори худашро дорад – чизе, ки хоҳед, он ҷо меёбад, бо кадом пул, ки дошта бошед, савдо мекунед. Тарзи муомила, усули молгузорӣ, ҷойгир намудан, сохти дӯкону мағозаҳо ҳатман диққати харидорон, сайлгаронро ҷалб менамояд. Шумо беихтиёр эҳсос мекунед, ки дар ҷаҳони дигаред, кам харед ҳам, чашмонатон аз молҳо «сер» гашта мебароянд.

Баъд аз тамошои Машҳад, рӯзи дигар мо интизори мусофират ба шаҳри Тӯс будем, ки он ҷо оромгоҳи бузургтарин устоди сухану назми оламгир Абулқосими Фирдавсӣ қарор дорад.

Шаҳри Тӯс дар фосилаи 28 километр шимоли ғарби Машҳад воқеъ гардида, чандин аср ба ин сӯ аз марказҳои муҳимтарини фарҳангу тамаддуни Хуросон ба шумор мерафт. Акнун аз он ба ғайр аз қисмати ҳисори қадимӣ осори дигаре боқӣ намондааст. Дидани Тӯс, ки орзуҳои ширини деринаи ман буд, аз хурсандӣ ба куртаам намеғунҷидам, ки акнун ба ин муродам ҳам мерасам.

Аз дурӣ мақбара ба мисли як пораи офтоби рахшанда пеши назар ҷило медод. Ин мақбараи зебо дар ҳақиқат сазовори ҳакими бузург Фирдавсӣ буд.

Андар миёнаи боғи сабзу хуррам, ки мулки мероси падарии шоир буд, дар байни анбӯҳи дарахтон аз мармари тираранги кабудча оромгоҳи чаҳоркунҷае сохтаанд, ки баробари иморати сеошёна баландӣ дорад. Посутунҳои мармарин, ҳаккокӣ, навиштаҷот, зинаҳо ҳама гӯё муҷассамаи «Шоҳнома»-и безавол буданд, ки аз ҳаводиси рӯзгор ва боду борон газанде нахоҳад ёфт. Ин ёдгорӣ, ки тимсоли ақлу хирад ва ҷовидонии Фирдавсист, мисли кӯҳи Албурз қомат афрохтааст. Оҳиста-оҳиста аз мақбара чашм ноканда қадам мегузоштам ва ҳар қадар, ки наздиктар мешудам, «гумбази» мармарин, нақшҳову сатрҳои заррини дар деворҳояш сабтёфта, паҳлӯҳои тобандаи иншооти сангин, зинапояҳои пайдарҳам бунёдёфта ҳаяҷонамро бештар меангехтанд. Билохир, ба пояи мақбара расидам ва дастонамро ба пояш расонида болои чашм молидам. Баъд, нафасамро рост карда ба атрофи вай ба гулҳавзи назди мақбара, ба боғи биҳиштмонанди падарии Абулқосими Фирдавсӣ, ба зиёратгарони ихлосманд нигаристам, худро басо рӯҳбаланду хушбахт ҳис намудам. Баъд мо зина ба зина поён фуромадему вориди саҳни васеи толори сангини зеризаминӣ гаштем, ки он ҷо серодам будааст.

Мо ҳам ба қатори дигарон аввал рафта ба турбати ҳаким Фирдавсӣ бо сукунат саҷда намудем. Он дам роҳбалад нақлро давом медод: беҳуда Абулқосим Мансур ибни Ҳасани Тӯсиро, ки ҷойи таваллудаш деҳаи Божи ноҳияи Табарон аст. пайғамбари назми воломақоми форс намегӯянд. Вай бо муваффақият таҳсил намуда, илмҳои замони худро омӯхтааст, забонҳои арабӣ ва паҳлавиро аз бар намудааст ва атрофиёни ҳолдонаш, соҳибилмию ҷаҳондонии ӯро ба назари эътибор гирифта, номи ӯро бо ифтихор Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ба забон мегирифтанд. Бо мурури замон шӯҳрати ҷаҳонии вай

боло мегирифт. Ҷашни ҳазораи «Шоҳнома» – имсол дар саросари олам тасдиқи ин ақидаи ҳақгӯй мебошад.

Пас, он толорро, ки бо воситаҳои санъати тасвирӣ наҷибона оро ёфта буд, тамошо кардем. Ҳунарварони моҳир аз сангҳои сафед ҳайкалҳоро, ки саҳнаҳоро аз асарҳои Фирдавсӣ тачассум менамоянд, ҷаззоб офаридаанд. Тамошои онҳо касро мафтун мекунанд, ба онҳо менигареду сатрҳо, саҳнаҳо аз «Шоҳнома»-и безавол ба лавҳаи хотиратон меояд. Мо оҳиста-оҳиста аз мушоҳидаҳоямон ба якдигар изҳори ақида менамудем.

Касе, ки хеле хушҳол буд, бо чеҳраи ғарқи табассум назди мо омаду пурсид: Бубахшед, агар хато накарда бошам, шумо аз Тоҷикистон ҳастед? Мо аз Тоҷикистон буданамонро тасдиқ намудем. Вай олими Покистон доктор Ҷаъфари Юнус, устоди коллеҷи Зокир Ҳусейн будааст. Вай ба мо наздик шуда, аз нав гарму ҷӯшон салому алейк намуд ва гуфт: – Аз дур садои гуфтугӯи тоҷикии шумоёнро шунида худдорӣ карда натавонистам, наздатон омадам, ки агар аз Тоҷикистон бошед, ҳолпурсӣ намоям. Ҳодисаҳои ҳузновари кишвари шумо дӯстҳоятонро дар ҳеҷ ҷой бепарвою ором намегузорад. Ман яке аз дӯстони дилбохтаи шумоям, борҳо ба Тоҷикистон мусофират доштам ва дар симпозиумҳову маросимҳои мухталиф ширкати мардуми тоҷик дар дилам амиқ маскан дорад. Ин ҳиссиётро пештар аз ҳама ба қалби ман Бобоҷон Ғафуров, Мирзои Турсунзода ва Муҳаммади Осимӣ ҷой карда буданд, ки бо шумоён гуфтугӯи тӯлонӣ дошта бошем.

Мо ба ҷаноби Ҷаъфарӣ хеле самимона хайрбод намудем. Профессор Ҷаъфарӣ яке аз донишмандони маъруфи Покистон, дӯсти вафодори Тоҷикистон буда, чун бедилшинос маъруф аст.

Дар наздикии мақбараи Фирдавсӣ музеи «Шоҳнома» воқеъ гардидааст. Музей чандон калон нест. Вале, дар он ҷангафзорҳо, аксу минётурҳо аз «Шоҳнома», гилему қолинчаҳое, ки акси Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои асари фанонопазири ӯ гирд оварда шудаанд. Яке аз нусхаҳои нодири «Шоҳнома» он ҷо ба маърази тамошо гузошта шудааст, ки бо минётурҳо оро ёфта, ҳаҷмаш қариб як метр ба 75 сантиметр буда, 72 кило вазн дорад, ки дар ҳақиқат ҳам сазовори асари оламгир аст.

Вақте ки дар атрофи мақбараи Фирдавсӣ аксбардорӣ менамудем, яке аз боғбонони атрофи оромгоҳи шоир наздам омаду гуфт: дидам, ки шумоён ба форсӣ ҳарф мезанед, аммо тарзи гуфтори шумо аз гӯиши хуросониҳо каме фарқ дорад, шумо аз куҷоед? Ба вай фаҳмондам, ки аз куҷояму чаро тарзи гуфтори мо ба дараҷае фарқият дорад. Вай миннатдорӣ карду боз пурсид: – Дар кишвари шумо ҳам Фирдавсиро медонанд, мехононанд ва қадр мекунанд?

Хандидаму гуфтам: – Бобоҷон, Фирдавсӣ на фақат барои ҳар як тоҷикзабон, балки барои ҳамаи сокинонаш маъруф аст, боиси ифтихори умум аст.

– Чӣ тавр? – ҳайрон шуд ӯ. – Ҳамин тавр, ки дар барномаи таълимии мактабҳо омӯхтани осори ӯ ҳатмист, кайҳост, ки Китобхонаи миллии давлатӣ, даҳҳо деҳаву хиёбонҳо дорои номи Фирдавсиянд. Ҳайкали Абулқосими Фирдавсӣ дар намоёнтарин майдони пойтахти давлати тоҷикон – шаҳри Душанбе қомат оростааст, ман, ки ноширӣ ҳам кардаам, медонам, ки нашри тоҷикии нӯҳҷилдаи «Шоҳнома» пурратарин навъест аз нашрҳои дигари он осори безаволи Фирдавсӣ. Биёед, ба Тоҷикистон онҳоро бо чашмони худатон мебинед. Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Сино, Саъдӣ, Ҳофиз, Хайём – решаҳои азими маънавиянд, ки моро ба ҳам мепайванданд.

Моро тӯсиҳо бо нигоҳи гарм гусел намуданд. Аз таассуроти он сафар як саҳнаи аҷибро фаромӯш карда наметавонам. Шаби аввалро дар баландтарин ошёнаи понздаҳуми меҳмонсарои «Истиқлол» рӯз кардам. Субҳгоҳон тақрибан соатҳои панҷ бедор шудаму ба берун нигаристам ва дидам, ки дар айвонча аз сӯйи кӯҳҳои Дамованд, ки он дар «Шоҳнома» тасвир шудааст, кабӯтари хушболу пари зебое сарашро пешу қафо ҷунбонда ба сӯям менигарист. Дар он субҳи босафо якумин ҷинси зиндае, ки аз он кишвар ба диданам омадааст, ҳамон кабӯтар буд. Беихтиёр лабонам ба табассум омаданду худ ба худ «Ассалом, эй ҷонвари поку бегуноҳ», – гуфтам. Ҳанӯз, ки барвақт буд, чашмонамро боз пӯшонидам. Вале хобам дигар набурд. Боз ба долон нигаристам, ки он кабӯтар ҳанӯз ҳам дар чӯбтахтаи айвон асту синчакорона ҳар гоҳ ба сӯям менигарад... Худ ба худ гуфтам: – Ин чӣ рӯйдоде бошад? Инсон дар ҳар ҳолат ба ҳар хаёле мерафтааст. Фикри аҷибе ба сарам зад, – мабодо, ин кабӯтар рухи аҷдоди тоҷикон Абӯали Сино, Камоли Хуҷандӣ, Шавкати Бухорой ё олихуҷандиҳои Исфаҳон набошад, ки ба пешвозам омадааст пурсон аст, ки эй фарзанд, чӣ хабарҳо овардӣ? Бигӯй, кадом Аҳриман наслҳои имрӯзаи тоҷикро ба вартаи фалокат андохт, ки тоҷик қотили тоҷик шуда, замини муқаддаси моро олудаи хунҳои ноҳақ гардондааст, хабарҳои мудҳиши Тоҷикистон моро дар гӯри торик ҳам ором намегузорад, бигӯй охир, лаб кушо! Чӣ офате расид?!

Ин хаёлҳои риққатовар аз сарам гузаштанду бетоқат шудам. Аз ҷоям хестам, сӯйи айвонча ду-се қадам мондам, кабӯтар сар ҷунбонда мисли он ки хушбошӣ менамуд, садое бароварду болу пар афшонда ба осмон сӯйи кӯҳи Дамованд парвоз карда нопадид шуд.

Рӯзи ёздаҳуми сафарамон аз шаҳри зебои меҳмоннавози Машҳад бо мизбонони қадрдон падруд гуфта, ба воситаи автобусҳо роҳи Ватани азизамонро пеш гирифтем.

Мо рӯҳбаланд – суруд дар забон, меҳри Ватан дар дил охирин деҳаи сари роҳ – деҳаи Имомқулиро гузашта ба сарҳад – нуқтаи Боҷгирон расидем ва бо мизбонони эронӣ хушбошӣ намудем. Акнун ба Ватан расидем, ҳар гоҳ дар ҳалқаи дӯстон дафтари он хотиротро бо камоли майл варақ мезанем, ёдовар мешавем.

Дар хотима гуфтаниям: чаро ба қайдҳои сафарам «Таъбири хоби ногуфта» ном гузоштам? Чӣ тавре ки дар боло зикр шуд, дар тайёраи «Геркулес» бедор шудаму филфавр хостам, ки хоби дидаамро ба ҳамсафаронам бигӯям. Аммо дидам, ки нисфашон хоб, нисфашон саргарми сӯҳбат, парешон дар кунҷҳои тайёраанд ва садои баланди моторҳо овози баландтаринро пахш менамояд, ба худ гуфтам: баъдтар, дар фурсати мусоид нақлашон менамоям. Аммо чунин фурсати мусоид, ки ҳамсафарон дар як вақт ҷамъ бошанд, даст надод. Вале барои ҳамсафаронам гуфтани он хоб ба ман қарз буд. Аз ин сабаб қалам ба даст гирифтаму хобамро на фақат ба ҳамсафаронам, балки ба тамоми хонандагони гиромиқадр ирсол менамоям. Бояд илова кунам, ки он сафари Эрон, мулоқотҳо бо мардуми шарифи он диёр, дидани зиёратгоҳҳои зиёде бароям тамоми умр чун хоби ширин боқӣ хоҳад монд. Оре: ин чанд сатр –

Нуқтае буд аз даҳони даҳр берун омада,
Номае хон пурмаонӣ аз ҳадиси мухтасар.

СУБҲИ КОБУЛ

Мо, ҳамсафарон – мусофирони шӯравӣ, ки сӣ нафар будем, бо автомашинаҳо хеле дер ба Кобул расидем. Ғайричашмдошт, дӯстони афғонӣ – ходимони намоёни маданияти Афғонистони муосир дар дили шаб дар торикии доманаи ағбаи Соланг моро пазироӣ карданд. Дар байни онҳо шоир Абдулатиф Нишот ва ҳунарпешаи фавқулодда қобилиятнок Абдулқаюм Бесид ҳамроҳи занони ҳунарпеша – Нуронӣ, Раъно, Иқлиммоҳ, духтарон ва чанде дигар бо гулдастаҳои тару тоза ҳозир буданд. Мо бо дӯстони афғонӣ оғӯш ба оғӯш шудем ва ин вохӯрӣ чунон самимӣ ва гарму нарм буд, ки дар як он кӯфти роҳи душабонарӯзаро фаромӯш кардем...

Баъд аз пурсупоси кӯтоҳе оқои Абдулатиф Нишот маро, ки ба ҳайати мусофирони шӯравӣ сарпарастӣ мекардам, ба мутари худ шинонд ва мо ба сӯи Кобул шитофтем. Оқои Нишот меҳрубонона месанҷид, ки оё ҷойи нишасти ман беозор аст ва оё сармо таъсирам намекунад? «Марҳамати шумо зиёд аст», – гуфтам ман дар навбати худ ва аз ӯ маъзарат хостам, зеро ки онҳо соатҳои зиёде мунтазири мо будаанд. Оқои Нишот хандид ва гуфт: «Мо, ки ба дидори шумо мушарраф шудем, ҳамаи хастагиҳо ноаён гаштанд». Сонӣ ӯ фармуд, ки онҳо, яъне афғониён ду рӯзи аввал барои истиқболи мо – ҳайати ҳодимони маданияти шӯравӣ ба фурудгоҳи Кобул баромадаанд, вале аз мо дараке пайдо накардаанд... Ӯ каме ба хаёл рафту сабаби дар ин сафар ҳавопайморо ба машина иваз кардани моро пурсид.

Мебоист, ки ман ҳақиқати ҳолро фаҳмонам ва то расидан ба меҳмонхонаи Вазорати иттилоот ва култур

дар Кобул асли рӯйдодро ба арзи мизбонон расонидам:

– Дар ҳақиқат, мебоист, ки мо ба воситаи ҳавопаймо аз Тошканд ба Кобул парвоз мекардем. Бо ин ният 25 май аз Душанбе ба Тошканд паридем. Як шабонарӯз мунтазири рейси иловагии ҳавопаймо шудем. Аммо ин рейс нашуд ва мувофиқи ҷадвали расмии ҳаракати ҳавопаймои «Ариана» ҳавопаймои авиаширкати Афғонистонро мебоист мо боз 3 рӯзи дигар дар он ҷо мунтазир мешудем. Ин интизории ғайричашмдошт моро қаноат кунонда наметавонист, чунки мебоист баъд аз як рӯз дар Кобул мешудем ва дар намоиши рӯзи истиқлолияти Афғонистон, ки 27 май баргузор мегардид, ширкат медоштем. Аз ин сабаб мо боз аз Тошканд ба Душанбе паридем ва ба воситаи автомашинаҳо дар соати 12 шаб аз Душанбе ба сӯи Афғонистон равон шудем. Соати 5 саҳар ба деҳкадаи Панҷи поён, ки дар рӯ ба рӯи бандари Шерхони Афғонистон ҷойгир аст, расидем. Баъд аз дамгирии кӯтоҳ бо сарҳадчиёни шӯравӣ мулоқот ва хоҳиш кардем, ки ба он тарафи дарёи Аму, ба Афғонистон аз омадани мо хабар диҳанд. Русумати сарҳаддӣ ба ҷо оварда шуду сарҳадчиён моро қисм-қисм аз соҳили тарафи шӯравӣ ба соҳили тарафи афғонии дарёи Аму гузарониданд.

Пас аз фурсате мо ба замини Афғонистон по гузоштем. Ходимони маданияти шӯравиро коргарони бандари Шерхон бо сардории президенти ин бандар оқои Азимӣ хеле дӯстона ва самимӣ истиқбол карданд. Оқои Азимӣ моро ба қабулгоҳи худ хонд ва то ба ҷо оварда шудани расмиятҳои сарҳаддӣ зиёфати хубе орост. Он ҷо бе ягон тараддуди пешакӣ сӯҳбати хубе барпо гардид. Коргарони бандар гуфтанд, ки якчанд ҳамсафарони моро мешиносанд, зеро ҳунари онҳоро борҳо ба воситаи барномаҳои телевизиони Душанбе тамошо кардаанд. Баъди чанде фурсат

мизбонон хабар доданд, ки барои давоми сафар мутарҳоро тайёр кардаанд ... Мо сомонҳои худро ба мутарҳо бор кардем ва бо кормандони бандари Шерхон хайру маъзур намуда, роҳи Қундузро пеш гирифтем ва пас аз ду-се соат роҳ паймудан ба шаҳри Қундуз – маркази вилояти Қундуз расидем. Роҳбалади шерхониамон моро рост бā театри вилоятӣ бурд. Маълум шуд, ки оқои Азимӣ аз омадани мо ба ин ҷо иттилоъ додааст, аз ин рӯ сокинони вилоят ва пеш аз ҳама аҳли театри он ҷо моро бо гулу гулдастаҳо ва мусиқӣ истиқбол гирифтанд.

Дар Қундуз қариб 2 соат таваққуф намудем. Дар ин муддати кӯтоҳ ҳунарпешагони вилоят ва адибон гирд омаданд, меҳмондории дилпазире барпо шуд. Дар ин ду соат сухан фақат дар хусуси адабиёту санъат мерафт ва шеъргӯиву сурудхонӣ чунон авҷ гирифт, ки ҳеҷ кас майли бархостан надошт... Аммо чӣ илоҷ. Моро роҳ даъват мекард. Мизбонони қундузии мо ва ҳамватанони мо – мутахассисони шӯравӣ, ки дар он ҷо кор мекарданд моро ба сафар омода карданд ва мо сӯи Бағлону Хинҷон роҳсипор шудем. Шомгоҳи ҳамон рӯз ба шаҳри Хинҷон, ки дар доманаи рости ағбаи Соланг воқеъ гардида будааст, расидем. Дар ин ҷо моро автобуси махсусе бо меҳмондори Вазорати иттилоот ва култури Афғонистон – оқои Абдулҳаким Ноҳиз мунтазир буд.

Хинҷон ҷои хеле хушманзараю салқине будааст. Ин ҷо каме дам гирифтем, шом хӯрдем ва ба автобус савор шуда ба ағбаи Соланг часпидем. Инак, дар ихтиёри шумо ҳастем, оқои Нишот...

Оқои Нишот, ки ин гуфтори бетартиби маро бо камоли диққат гӯш мекард, «офарин» гуфту илова кард: «Ана манзили нави шумо».

Аз расиданамон ба Кобул ман бехабар мондам.

То ҷой ба ҷой шудем, соат 4 шуд. Субҳи Кобул медамид. Мизбонони мо хайрбод гуфта, рафтанд ва

боз пагоҳ вақти ноштои саҳарӣ назди мо омаданд ва хабар доданд, ки соатҳои 9-10 Усмон Сидкӣ – вазири онвақтаи иттилоот ва култури Афғонистон барои дидани мо меояд. Ҳамаи мо қатъи назар аз он ки ду шабонарӯз бехобию нооромӣ кашида будем, дар соати 9 ба мулоқоти вазир омода шудем. Оқои Усмон Сидкӣ, ки 15 сол вакили доимии Афғонистон дар ТДМ будааст, одами хеле фозил менамуд. Ӯ моро бе расмият ва бо нармии дӯстона пазирой карда, дар хусуси нақшаҳои кори ҳайати мо дар муддати 10-15 рӯз маълумоте дод ва ба роҳбаладони мо фармуд, ки моро бо тамошогоҳҳои Афғонистон ошно кунанд.

Хонандаи мӯҳтарам шояд пай бурда бошад, ки мо бо кадом мақсад ба Афғонистон сафар кардем?

Сафари мо дар асоси шартномаи байни Иттифоқи Советӣ ва Афғонистон оид ба равобити маданӣ моҳи маи соли 1966 барпо гашта буд. Ин сафари мо сафари ҳунарӣ буд, ки ба ҳайати он аксаран ходимони санъати профессионалии шӯравӣ ворид буданд. Ба ин ҳайат ман сардорӣ мекардам. Ин сафари нахустини ман ба хориҷа буд. Аз ин сабаб тамоми вуҷуди маро ҳисси кунҷковӣ, дидану дарк кардан ва майли ҳар чӣ бештар ошно шудан ба кишвари ба мо ҳамсоя ва дӯст фаро гирифта буд. Вазифаи асосии мо дар рӯзи истиқлолияти Афғонистон – 27 май барпо намудани баромади ҳунарпешагони шӯравӣ дар Кобул ва ба ин васила бо маданияти шӯравӣ боз ҳам зиёдтар шинос кардани мардуми афғон буд. Дар ин сафари ҳунарӣ ходимони маъруфи санъати шӯравии тоҷик – Ғаффор Валаматзода, Шоиста Муллоҷонова, Азиза Азимова, Одилҷон Назаров, Ойдиной Усмонова, Мӯътабар Иброҳимова, Боймуҳаммад Ниёзов, Ҷӯрабек Муродов, Маҳмудҷон Воҳидов, Зебо Аминзода, Зӯхро Каримова, Орифшоҳ Орифов ва дигарон ҳамроҳ буданд.

Худи ҳамон рӯз, яъне 27 май дар бинои театри Кобулнандори баромади устодони санъати мо барпо гардид. Пеш аз оғози барнома ба тамоми ҳайати мо гулдаста ва сабадгулҳо тақдим шуд ва оқои Абдулатиф Нишот, ки корманди масъули Вазорати иттилоот ва култури Афғонистон буд, нутқи табрикӣ эрод намуд. Ӯ чунин гуфт: «Хушбахтона муносибатҳои байни Афғонистону Иттифоқи Шӯравӣ сол аз сол оҳангҳои хуби дӯстона ва ҳамкориро вусъат медиҳад. Барои инкишофи ин дӯстию ҳамкорӣ хизмати ходимони маданият хеле бузург аст. Хуш омадед, дӯстони азиз!».

Дар ҷавоб, ман аз номи мардуми шӯравӣ, кормандони маданияти шӯравӣ ба афғониён салому эҳтиром расондам ва онҳоро ба муносибати рӯзи истиқлоли кишварашон самимона табрик гуфтам. Пас консерти ҳунарпешагони мо сар шуд. Барномаи устодони санъати советӣ хеле гуногун буд. Вай аз суруду рақсҳои халқҳои советӣ ва афғонӣ, вале зиёдтар аз мақомҳои тоҷикӣ иборат буд. Барнома бо суруди дӯстӣ сар мешуд, ки баъзе сатрҳои он чунин буд:

Пояи сулҳу амонӣ - дӯстӣ,
Лаззати ишқу ҷавонӣ – дӯстӣ.
Дӯстӣ моро ба ҳам наздик кард,
Офтоби зиндагонӣ – дӯстӣ.

Аз рӯйи адолат бояд қайд кунам, ки ягон ҳунарманде набуд, ки дар он баромади нахустини мо муваффақият пайдо накарда бошад, аммо кафкӯбиҳои пуравҷу дуру дароз бештар насиби Шоиста Муллоҷонова, Зӯҳро Каримова, Зебо Аминзода, Мӯътабар Иброҳимова, Зулфия Ҳасанова, Ҷӯрабек Муродов ва Маҳмудҷон Воҳидов шуд. Маҳмудҷон Воҳидов барандаи барнома буд. Вале дар баробари ин

аз ашъори саромадони адабиёти мо Рӯдакӣ, Ҳофиз,Камол, Ҷомӣ ва аз эҷодиёти адибони муосири тоҷику афғон бо маҳорати баланд декломатсия мехонд. Маҳмудҷон Воҳидов бо шеърдонию шеърхонии худ тамошобинони афғонро мафтун мекард. Хусусан ҳар боре, ки ӯ сатрҳои:

Мо сафар дорем бо амри Ватан,
Бо супоришҳои халқи хештан.
Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.
Халқҳоро зиндагӣ илҳо кунем,
Меҳри дилро ҳадя бар онҳо кунем.
Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт

–ро аз достони «Ҷони ширин»-и М.Турсунзода мехонд, мардум ба ваҷд меомаданду М.Воҳидовро гаштаю баргашта ба саҳна даъват менамуданд. Бояд қайд кунем, ки дар репертуари М.Воҳидов намунаҳои эҷодиёти ҷавонони соҳибқалами мо, хусусан Лоиқ, хеле зиёд буданд. Артист «Ба модарам» ном шеъри Лоиқро бо як нафосати махсусе мехонд ва писанди гарму ҷӯшони шунавандагон мегардид. Ҳамаи ин аз камолот ва ғоянокии адабиёт ва санъати советӣ шаҳодат медод.

Тамошобини афғонӣ одати аҷибе дорад. Агар ба ӯ суруде, нағмае ва ё рақсе писанд афтад, бо овози баланд «офарин», «шод бош», «аҳсант» – гӯён изҳори мамнуният мекунад ва қарсак задан мегирад, хоҳ суруду нағма ва рақс дар ибтидо бошаду хоҳ дар авҷ.

Мувофиқи шартномаи Афғонистону Иттифоқи Советӣ гурӯҳи мо мебоист дар он сафар ҳамагӣ даҳ рӯз мегузашт. Аз сабаби он, ки ҳунарнамоии устодони санъати советӣ шӯҳрати баланде пайдо кард, ҳукумати Афғонистон бо илтимоси махсус ба

ҳукумати шӯравӣ муроҷиат карда, мӯҳлати мусофирати моро дароз кунонд. Ҳунарпешагон дар Афғонистон ба ҷойи дах рӯз бист рӯз ҳунарнамой карданд.

Ҳамаи намсишҳои мо дар залҳои пур аз одам ва бо кафкӯбиҳои пурмавҷи дуру дароз мегузаштанд. Консертҳоро вазирони Афғонистон, сарвазир, депутатҳои ҷирга, аъзоёни ҳукумат, оилаи шоҳ, кормандони тамоми сафоратхонаҳо ва корпусҳои дипломатии дар Кобул буда, сайёҳоне, ки он рӯзҳо аз Англия, Америка, Мексика, Канада, Буэнос-Айрес омада буданд, тамошо карданд. Рӯзномаҳои Афғонистон «Анис», «Ҳейбад», «Ислоҳ», «Кобул-таймс» ҳар рӯз дар хусуси консертҳои мо эълонҳои калон ва тақризу суратҳо чоп мекарданд, менавиштанд, ки барои тамошои консерти шӯравиён билет ёфтан то андозае мушкил аст, ки баъзеҳо билетҳоро аз дасти дигарон бо баҳои 5-6 карат зиёд мехаранд. Бисёр афғониён ба шикоят ба назди ман меомаданд ва кӯмак металабиданд, ки барои ба тамошо мушарраф шудани онҳо мадад расонам. Бесабаб нест, ки вазири онвақтаи иттилоот ва култури Афғонистон дар вақти зиёфате, ки ба шарафи санъатгарони мо дар сафоратхонаи шӯравӣ дар Кобул ороста шуда буд, ба мухбири ТАСС чунин гуфт: «Тамошобини афғон ҳанӯз аз ин дастаи ҳунарии зӯртарро надидааст. Чунин сафарҳои ҳунарӣ дар ҳақиқат шавқи мардуми моро нисбат ба шӯравиён зиёд мекунад ва дӯстии халқҳои моро мустаҳкамтар мегардонад». Маҷаллаи «Жувандун» ба кори мо диққати махсус зоҳир кард.

Чӣ тавре ки қайд карда шуд, мо дар он сафар дар Афғонистон бист рӯз будем. Дар ин муддат ба мо муяссар шуд, ки на танҳо дар толорҳои пуродам консерт диҳем, балки ҳунармандони мо ба воситаи радиои Кобул баромад карданд ва бар замми

ҳунарнамоӣ тавонистем бо зиндагии мардуми афғон, мавқеъҳои гуногуни хушманзар ва тамошогоҳҳои ин мамлакати хеле аҷоиб шинос шавем. Мизбонони мо меҳрубонона моро «ором» намегузоштанд ва ба сайри ҷойҳои диққатангез мебурданд. Кӯчаю растаҳои Кобул, ҳусну назокати табиати назарраборо сайргоҳҳо – Қарға, Истолиф ва Пағмонро ҳеҷ гоҳ фаромӯш кардан мумкин нест. Чанорҳои сар ба фалакрасидаи Истолиф, «Ҳавзи кавсари» Қарға, чорбоғи устодона бунёд кардашудаи Пағмон, ки дар доманаи кӯҳи Бирзани Кобул тӯл кашидааст, касро мафтун накарда намемонанд. Бесабаб нест, ки ин маконҳо ҳама вақт диққати мусофиронро ҷалб мекунанд ва доимо серодам мебошанд.

Дар айёми шиносоӣ бо Кобул диққати мо ба муҷассамае ҷалб шуд. Роҳбалади мо оқои Абдулҳаким Ноҳаз фаҳмонд, ки ин ҳайкали ёдгорӣ – «Манораи истиқлол» соли 1919 дар пойтахти Афғонистон ба хотираи муборизони роҳи озодӣ аз асорати англисҳо бо сардории генерал Нодирхон сохта шудааст. Ин ҳайкалро афғониён хеле муқаддас медонанд, зеро Нодирхон муборизаи мардуми афғонро бар зидди мустамликадорони англис сарварӣ карда, мамлакатро соҳиби истиқлол кардааст. Дар омади гап бояд бигӯям, ки ин ҳайкал, ки ба хотираи истиқлолият ва чун рамзи муборизаи беамон дар роҳи озодии миллат дар назди қалъаи Тал гузошта шудааст, басе бошукӯҳ ва гирду пеши он ҳамеша озода ва пироста мебошад.

Хонандаи мӯҳтарамро маълум бод, ки моҳи феврали соли 1919 Амир Амонуллохон Афғонистонро мустақил эълон кард, ки ин иқдом аз тарафи аҳолӣ ва армия бо мамнуният қабул гардид. Аммо англисҳо ин сайъи одилонаи Афғонистонро қабул накарданд ва бар зидди афғонҳо ҷанги навбатии истилогаронаро сар карданд. Ин ҷанг қариб 5 моҳ давом кард. Муборизаи шиддатноки афғониён Британияи

Кабирро маҷбур кард, ки даъвои Афғонистонро ба инобат гирад. Британияи Кабир 8 августи соли 1919 дар шартномаи Равалпинди имзо гузошта маҷбур шуд, ки истиқлолияти миллии Афғонистонро эътироф намояд. Ин ғалабаи бузурге буд дар роҳи муборизаи озодихоҳии миллии Афғонистон. Афғониён яке аз сабабҳои самаранок гардидани ин ҳаракати миллиро аз таъсири ибратбахши Ҳукумати Россия медонанд, ки ин ҳаққонист, зеро давлати навбунёди советӣ аз рӯзҳои нахустини мавҷудияти худ муборизаи миллии афғонҳоро бар зидди истилогарони англис дастгирӣ карда, Ҳукумати Советӣ аввалин давлате буд, ки 27 марти соли 1919 истиқлолияти давлати миллии Афғонистонро ба тарзи расмӣ шинохт. Шоҳиди он телеграммаи ба номи Амир Амонуллохон фиристодаи В.И.Ленин мебошад. Дар он В.И.Ленин изҳор кардааст. ки Россияи Советӣ тайёр аст бо Афғонистон муносибатҳои расмии дипломатӣ барқарор кунад. Худи ҳамон сол дар Москва сафоратхонаи Афғонистон ва дар Кобул сафоратхонаи советӣ фаъолияти пурсамари худро оғоз намуд.

Хонандаи азиз дар бораи ин рӯзҳои пурошӯби Афғонистон, заҳматҳои нахустин дипломатҳои советиро, ки ба Кабул рафта буданд, аз филми «Миссия дар Кобул» таассуроти кофӣ пайдо карда метавонад. Мавзӯи асосии филм ғалабаи принсипҳои ленинии ҳамзистии мусолиматомези мамлакатхои сохти иҷтимоиашон гуногун мебошад, ки муносибатҳои СССР ва Афғонистон дар ин бобат тимсоли ибратбахш шуда метавонад.

Пас аз се сол (соли 1921) дар Москва шартномаи таърихии байни Россияи Советӣ ва Афғонистони мустақил ба имзо расид, ки он дар асоси принсипҳои баробарҳуқуқии комил ва беғаразона тартиб ёфта буд. Ин шартнома зарбаи наве буд ба сиёсати мустамликадории Британия, ки солҳои сол ба

инкишофи миллии афғониён халал мерасонд ва Афғонистонро ором намегузошт. Сол аз сол муносибатҳои Иттифоқи Советӣ ва Афғонистон такмил меёфтанд. Натиҷаи ҳамин буд, ки соли 1926 дар байни ин ду давлати ҳамсоя шартномаи нав ба имзо расид, ки он шартҳои бетарафӣ ва ба ҳамдигар ҳуҷум накарданро ба миён мегузошт. Солҳои минбаъда низ чунин созишномаҳо такрор мешуданд ва муносибатҳои дӯстиву ҳамкории ин давлатҳои хайрхоҳ бардамтар ва зичтар менардиданд.

Дар айни ҳол империалистони Англия ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка хомӯш намеистоданд. Онҳо ба ҳар восита панҷаҳои хунолуди худро ба сӯи Афғонистон дароз мекарданд ва аз душвориҳои иқтисодии ин мамлакат истифода бурданӣ мешуданд ва мехостанд, ки Афғонистонро ба манбаи ашёи хоми худ табдил диҳанд. «Ёрии» иқтисодӣ ва техникие, ки ин мамлакатҳо пешниҳод мекарданд, беғаразона набуд ва эҳтиёҷоти Афғонистони нав қомат росткардаро қонеъ гардонда наметавонист. Аз ин сабаб Афғонистон, хусусан дар солҳои баъди ҷанги дуюми ҷаҳон бо мамлакатҳои лагери сотсиалистӣ ва пеш аз ҳама бо Иттифоқи Советӣ, мубодилаи молӣ ва иқтисодиро бештар инкишоф дод. Соли 1956 Иттифоқи Советӣ ба Афғонистони ҳамсоя ба маблағи сад ҳазор доллар қарзи дарозмуддат дод. Бо кӯмаки бевоситаи СССР дар Афғонистон бисёр иншоотҳои бузург сохта шуд, ки комбинатҳои нонпазӣ, хонасозӣ, заводҳои асфалт ва таъмири автомобил, институти политехникии Кобул, чандин омӯзишгоҳу ҳунаристонҳо, корхонаҳои газ, газопровод то сарҳадди СССР ва то Мазори Шариф, заводи нуриҳои маъданӣ, аэропортҳо, бандари механикунонидашудаи Шерхон, истгоҳҳои барқи об дар Пули Хумрӣ, Нағлу, роҳҳои асфалтпӯши Кобул – Шерхон, Кушка – Ҳирот – Қандаҳор, Пули Хумрӣ – Мазори Шариф –

Шибирғон, дастгоҳҳои телефонию телеграфӣ ва ғайра, ки аксарияти онҳоро мо бо чашмони худ дидем ва бо бунёдкорони онҳо мулоқотҳои шавқангезе доштем, аз ҷумлаи онҳост.

Дар бораи яке аз ин мулоқотҳо мехоҳам дар зер каме нақл кунам:

Дар яке аз рӯзҳои мусофират дӯстони афғонӣ ба мо маслиҳат доданд, ки Ҷалолободро, ки яке аз музофотҳои табиатан бой ва қароргоҳи зимистонаи дарбори Афғонистон аст, тамошо кунем. Ин таклиф бо миннатдорӣ пазируфта шуд ва субҳидами рӯзи дигар мо бо автобуси махсус ба Ҷалолобод равон шудем. Дар нимароҳ машинаи мо дар соҳили дарёе, ки он ҷо иншооти бузурге бунёд меёфт, қарор гирифт. Ин иншоот истгоҳи барқи обии Нағлу буд, ки бо ёрии Иттифоқи Советӣ ва бо иштироки бевоситаи мутахассисони мо сохта мешуд. Сохтмончиёни ГЭС, аз ҷумла мутахассисони советӣ моро бо ҳаяҷони дӯстиву шодмонӣ истиқбол гирифтанд. Дар рафти сӯҳбат афғониён аз кори мутахассисони советӣ бо эҳтирому миннатдорӣ ҳикоят мекарданд. Яке аз онҳо образнок карда гуфт: «Ҳар хиште, ки мутахассисони шӯравӣ ба иморати ин иншоот мондаанд, ин дар айни ҳол хишти мустаҳкамест ба иморати боҳашамату пуршукӯҳи ҳамкорӣ ва дӯстии Иттифоқи Советӣ ва Афғонистон».

Дар як он мардуми бисёре ҷамъ шуд ва мулоқоти гарму ҷӯшоне сурат гирифт. Мо аз ҳаёти шӯравӣ ҳикоят кардем, ба саволҳои дӯстони афғонӣ ҷавоб додем. Сипас дар майдони кушод бо ташаббуси устодони санъати мо консерт намоиш дода шуд, ки ба созандагони ин ГЭС тӯҳфаи гуворо ва муносибе буд. Сохтмончиён моро ҳаққи намак намуда, ба Ҷалолобод гусел карданд.

Нисфи рӯз ба Ҷалолобод расидем. Охиран чунин менамуд, ки ин шаҳрро дар даруни деги мудаввари

бузурге сохтаанд, зеро давродаври Ҷалолободро кӯҳҳо фаро гирифта, Ҷалолободро аз вазидани бодҳои сард муҳофизат мекунанд ва сабаби иқлими мусоиди ин музофот гашта, онро бо меваҳои субтропикӣ – афлесун ва ғайра хеле машҳур кардаанд.

Ба мо ҳикоят карданд, ки то ҳанӯз ҳамаи бойигариҳои ин иқлими мусоид ва замини зархези ин музофот пурра истифода бурда намешавад. Сабаби ин дар обёрӣ карда нашудани заминҳои асрҳо боз бекорхобида буда, обёрӣ кардан, ба боғу майдонҳои зироатӣ табдил додани ин заминҳо нияту орзӯи деринаи мардуми афғон аст. Аммо дар амал татбиқ намудани ин орзӯи наҷиб бе таҷрибаву техникаи тавоно имконнопазир аст. Аз ин сабаб ҳукумати Афғонистон барои мадад ба Иттифоқи Советӣ мурочиат кардааст, ки барои сохтани иншоотҳои ирригатсионӣ низ кӯмак расонад ва барои ба анҷом расонидани ин вазифаи мураккаб мутахассисони баландихтисос фиристад. Албатта, Иттифоқи Советӣ, ки мамлакати хайрхоҳ ва ҳамсояи дӯст аст, ин хоҳиши Афғонистонро ба ҷо овард. Бо ёрдами бевоситаи мардуми шӯравӣ канали машҳури Ҷалолобод, ки дарозиаш 75 км аст, сохта шуд, ки ба воситаи он ҳазорон гектар замин обёрӣ шуда, симои имрӯзаи он музофотро тағир додааст. Акнун заминҳои лабташнаи бараҳна либоси сабз ба бар кардаанд. Акнун дар заминҳои обёришуда хоҷагиҳои гуногуни киштварзӣ ва чорводорӣ ташкил карда шудаанд, ки яке аз чунин хоҷагиҳо фермаи «Ҳаддо» мебошад. Ин ферма дар ҷанубтари шаҳри Ҷалолобод тӯл кашида, хоҷагии бисёрсоҳаи хеле хуб механиконидашуда аст ва дар он дарахтони ситрусӣ, зайтун, ғалладона, инчунин чорво, кирмак, занбӯрҳои асал парвариш мешаванд. Нақл карданд, ки мутахассисони шӯравӣ дар кори ба суръат ба анҷом расонидани ин иншооти бузург низ мардонагӣ ва фидокориҳо нишон додаанд.

Боз як хосияти наҷиби кӯмаки иқтисодию техникии Иттифоқи Советӣ дар он аст, ки дар раванди бунёд намудани иншоотҳо мутахассисони мо беғаразона ба ҳазорҳо писарону духтарони афғонӣ касби худро ёд медиҳанд. Мана, чанд рақамҳои на он қадар пурра дар ин хусус: дар комбинати нонпазии Кобул – 500 нафар, дар бандари Шерхон – 250, дар иншоотҳои дигари Афғонистон 30.000 нафар афғонҳои ҷавон касбҳои механикӣ трактрочигӣ, арматурчигӣ ва дигар ҳунарҳои гуногунро хуб омӯхтаанд. Зиёда аз 300 фарзандони мардуми афғон дар мактабҳои олии СССР илм омӯхта ба ихтисосҳои баланди мураккаб соҳиб шудаанд.

Ин ҷо ман фақат дар бораи яке аз онҳо Ҳамид Ҷалиё, ки институти санъати театрии Москва ба номи А.В.Луначарскийро хатм кардааст, чанд сухан гуфтан мехоҳам.

Ӯ шавқи санъаткориро дар Кобул аз хурдсолӣ таҳти роҳбарии мураббиҳои қобилиятнок – режиссёрони советӣ Шамсӣ Қиёмов ва Меҳрубон Назаров сар кардааст. Ҳамкорӣ бо мутахассисони советӣ дар дили Ҳамид Ҷалиё орзӯҳои бузургеро пайдо кардааст, ки қисмати эҷодии худро бо мактаби санъати шӯравӣ пайвандад. Бо ин ният ӯ барои ҳунаромӯзӣ ба Москва омада ба факултети режиссёрии институти театрии ба номи А.В.Луначарский дохил мешавад. Таҳсили ӯ бомуваффақият гузашта, ӯ кори дипломии худ – пйесаи драматурги қиргиз Мар Байҷиев «Дуэл»-ро дар саҳнаҳои театрҳои Тоҷикистон гузоштааст. Ҳамид Ҷалиё ба маданияту драматургияи советӣ садоқати калон дорад. Бесабаб нест, ки ӯ баъди ба Кобул баргаштан фаъолияти режиссёрии худро дар театри «Кобулнандорӣ» бо таҳияи асари драматурги советӣ Маҷид Шамхалов «Модарарӯс» сар кард. Ин асар аз тарафи тамошобинони афғон бо завқи баланд

писанд гардидааст. Ҳамид Ҷалиёи ҷавон аллакай ҳамчун режиссёр шӯҳрати тамоме пайдо кардааст. Ӯ фахр мекунад, ки шогирд ва дастпарвари устодони барҷастаи санъати советист.

Муносибатҳои ҳамкорӣ ва дӯстии беғаразонаи Иттифоқи Советӣ ва Афғонистон, рӯз ба рӯз хеле босамар инкишоф меёбанд.

Бечунучаро ҳақ ба тарафи ҷаноби Муҳаммадарслон Салимӣ (узви ҷамъияти дӯстии Афғонистон ва Иттифоқи Советӣ) аст, ки мегӯяд: «Мо хеҷ гоҳ фаромӯш намекунем, ки Давлати Советӣ, ки онро Ленин барпо кардааст, якумин шуда ба Афғонистон дасти дӯстӣ дароз кард ва мо ифтихор дорем, ки шумо дӯстони мо мебошед». Бесабаб нест, ки мардуми афғон ба мамлакати шӯравӣ басе моиланд ва ба асосгузорони он эътиқоди махсусе доранд. Онҳо мехоҳанд дар бораи Иттиҳоди Шӯравӣ ҳар чӣ зиёдтар дониш дошта бошанд. Инро ба назари эътибор гирифта ҷамъияти дӯстӣ ва равобити мадании Тоҷикистон ба Афғонистон ду комплекти пурраи асарҳои фиристод. Худи ҳамон сол ба адреси ҷамъияти дӯстии Афғонистон – СССР ва дигар ташкилотҳо зиёда аз сад номгӯй асарҳои нависандагон, ходимони адабиёти рус ва дигар халқҳои советӣ, китобҳои дарсӣ, бюллетенҳои ахборотӣ, расмҳо, плакату албомҳои гуногун, ки аз муборизаи роҳи сулҳу амонӣ, табаддулотҳои иҷтимоӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва ҳаёти пурҷӯшу хурӯши саодатманди мардуми советӣ нақл мекунанд, фиристода шуд.

Ҳамаи ин мададу ҳамкории беғаразонаи Иттифоқи Советиро мардуми афғон ба хубӣ мефаҳмад. Шояд натиҷаи ҳамин бошад, ки гурӯҳи моро дар Ҷалолобод хеле самимона ва бо ҷазмандии махсусе қабул карданд. Мо бо бунёдкорони канали Ҷалолобод мулоқотҳо доштем ва ба онҳо аз

маданияти халқҳои советӣ нақл мекардему суруду рақсҳои тоҷикиро пешкаш менамудем.

Мо аз сафари Ҷалолобод ба Кобул бо як ҷаҳон таассурот ва ҳисси ифтихормандӣ баргаштем. Ифтихори мо аз корнамоиҳои мутахассисони советӣ ва пазироии дӯстонаи ҷалолободиҳо буд.

Дар Кобул низ мо мулоқотҳои хеле диққатангезе доштем, ки мутаассифона дар бораи ҳамаи онҳо таваққуф кардан имконнопазир аст. Пеш аз ҳама мулоқотҳои мо – ходимони маданият бо адибон, мардуми ҳунарии Афғонистон ба хотир меояд. Ин мулоқот дар Чаман, дар клуби Вазорати иттилоот ва култури Афғонистон 28 май барпо шуда буд, ки бо сардории вазири онвақтаи ин вазорат Усмон Сидқӣ, ходимони барҷастаи маданияти афғон ширкат доштанд. Дар мулоқот оқои Усмон Сидқӣ дар бораи моҳияти мустаҳкам гардидани муносибатҳои дӯстиву мубодилаи ганҷинаҳои мадании ду мамлакат – Иттифоқи Советӣ ва Афғонистон сухан ронд. Ҳозирон, аз ҷумла онҳое, ки борҳо ба Иттиҳоди Шӯравӣ сафар кардаанд – Абдулқаюм Басид, Муҳаммад Қосим, Одил Шафеъӣ, Муҳаммад Хохӯжӣ ва дигарон ба унвони мамлакати мо аз ҳамкории пурсамараи ходимони маданияти ду давлат суханронӣ карданд. Онҳо махсусан хизматҳои ҳунарпешагони тоҷик – Азиза Азимова, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев, Шамсӣ Қиёмов, Меҳрубон Назаров, Усмон Мадёровро, ки бевосита дар ташкили коллективҳои профессионалии ҳунарии Афғонистон ширкат доштанд, хотирнишон намуданд.

Мулоқоти калони дигаре, ки мо бо зиёёни Афғонистон доштем, дар боғи ҳукумати Пағмон 8 июн ба вуҷуд омада буд. Дар он ҷо ҳукумати Афғонистон ба шарафи устодони санъати шӯравӣ базме орост, ки ба он вазирон, аз ҷумла вазирони маданият, маориф, тандурустӣ, адибон ва устодони

машҳури санъати Афғонистон омада буданд. Дар байни мо сӯҳбати дуру дарози шавқангезе дар хусуси адабиёту маданияти ду халқи бо ҳам дӯст барпо гардид.

Дар мулоқот аз анъанаҳои пурсамараи инкишофи робитаҳои мадании ду давлат сухан мерафт. Мо ба дӯстони афғонӣ аз санъати тасвирии Тоҷикистон ва асарҳои бадеии нависандагонамон намунаҳо додем. Мизбонони мо низ моро бо тӯҳфаҳои гуногун сарфароз намуданд. Дар рафти мулоқот устодони санъати шӯравӣ ва Афғонистон якҷоя ҳунарнамоии дилпазире карданд. Сӯҳбати мо дуру дароз буд ва мо самимият ва ихлосмандии мизбононамонро мушоҳида мекардем.

Мавзӯи сӯҳбатҳои мо гуногун буданд, аммо зиёдтар дар бораи арбобони маъруфи адабиёт ва маданияти тоҷику форс – Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон сухан мерафт. Мо дар навбати худ дар бораи адибони афғон, ки дар шӯравӣ маъруф ҳастанд, ҳарф мезадем. Зиёдтар сухан дар хусуси фаъолияти маорифпарвар Маҳмуди Тарзӣ, давомдиҳандагони ӯ Ғулом Афғон, Абдурауф Бенаво, Халилуллоҳи Халилӣ, Гулпоччо Улфат, Абдураҳмон Пажвок ва дигарон мерафт. Байти Абдураҳмон Пажвок:

Ҳазор хум накунад маст майпарастонро,
Чунон, ки зарраи хоке ватанпарастонро.

вирди забони мардуми афғон мебошад.

Мардуми Афғонистон ниҳоят шеърдӯст ва суханшинос аст. Дар ин сарзамин ашъори намакини халқ (фолклор) басе ривоҷ дорад. Ҳар нафар афғонӣ метавонад даҳҳо байт шеъри шоирони классик ва адабиёти шифоҳиро дар мавриде хеле мувофиқ бигӯяд ва аз он лаззат барад. Ин қабил ашъор зуд ба дили

хонанда ва шунаванда роҳ меёбад. Анна, ин чанд байте, ки бидуни ихтиёр аз ёд шуда буд:

Қадатро сарви бӯстон метавон гуфт,
Рухатро моҳи тобон метавон гуфт:
Туро, эй нозанин, дар кишвари ҳусн
Раиси чумла хубон метавон гуфт.

Туро дидам, қарор аз дасти ман рафт,
Инони ихтиёр аз дасти ман рафт.
Ту, эй оҳи саҳаргоҳӣ, дар он дил
Бикун коре, ки кор аз дасти ман рафт.

Ҳавои зулфаш аз дил тоб бурда,
Хаёли чашмаш аз сар хоб бурда.
Чунон дар гиря машғулам шабу рӯз,
Ки пиндорӣ ҷаҳонро об бурда.

Беадолатӣ мешавад, агар ман аз он таваҷҷӯҳ ва эҳтироме, ки адибони машҳур ва ходимони ҷамъиятии афғон ҷанобони Сидқӣ, Бенаво, Раҳгузар, Умед, Суҳайл, Рафиқ Башир, санъаткорони номӣ Бесид, Хаёл, Шафеъӣ, Содиқ ва махсусан шоирон Зиё Қоризода, ва Абдулҳақ Вола ба мо зоҳир намуданд, ҳарфе нагӯям. Ин ду нафар ҳар рӯз аз аҳволи мо хабардор буданд. Аввал дар бораи Зиё Қоризода чанд сухан гуфтанӣ ҳастам. Шунавандаву хонандаи тоҷик кайҳо боз аз эҷодиёти вай бохабар аст. Ҳофизи халқии Тоҷикистон Ака Шариф Ҷӯраев ба матни шеъри Зиё Қоризода «Субҳи Кобул» оҳанг сохта буд, ки ин суруд эътирофи ду халқ гаштааст. Ин суруд дар репертуари артисткаи халқии СССР Тӯҳфа Фозилова ҷои муайянеро ишғол мекунад. Суруди машҳури «Зӯҳра» низ ба қалами ӯ тааллӯқ дорад. Дар ин сафари ҳунарӣ суруди «Субҳи Кобул» низ дар репертуари мо буд. Мо ин суруди дилнишинро ҳам дар роҳ, ҳам дар меҳмониҳо, ҳам дар дигар ҷойҳо

мехондем. Ин суруд дар ҳама ҷо ҳамдами мо буд, ки баъзеҳо онро **«Гимни дӯстии тоҷику афғон»** мегуфтанд. Дар Кобул, дар шаби нахустини намоиш ҳамин суруд низ садо дод. Пас аз намоиш Зиё Қоризода ба назди мо омада, миннатдорӣ баён кард, вале гуфт, ки бо мурури замон дар матни суруд тағйироти ноҷо низ илова шудааст. Рӯзи дигар ӯ матни мукаммали сурудро аз сари нав навишта овард, ки онро ҳунармандон бо суръати тез ёд карданд ва баъзе мисраъҳои он аслан чунин будааст:

Мушки тоза мебезад абри баҳмани Кобул,
Мавҷи сабза мекорад кӯҳи Барзани Кобул...
...Току тути Парвонаш, оби сарди Пағмонаш,
Зинда мекунад ҷонаш турфа маъмани Кобул.
Осмони ниликор аз ситора чашмакдор,
То саҳар бувад бедор чашми равшани Кобул.

Меҳрубонии оқои Қоризода ҳадду канор надошт. Вай бо мо чунон қарин буд, ки баъд аз тамом шудани муддати мусофирии мо – моро аз Кобул то бандари Шерхон ғамхорона гусел кард. Мо аз мулоқотҳо ва пазироии дӯстонаи оқои Зиё Қоризода басе мамнун гардидем. Ногуфта намонад, ки Қоризодаро дар шӯравӣ хеле хуб истиқбол менамоянд. Ӯ бори охир соли 1971 дар Тоҷикистон меҳмон буд ва барои ҷашнгирии 650-солагии мавлуди Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ омада буд. Мардуми тоҷик оқои Зиё Қоризодаро бо иззату икроми сазовор қабул кард.

Зиё Қоризода шоири баркамол ва сарояндаи хубест. Шеърҳои ӯ бо самимият ва назокати худ касро мафтун месозанд. Ӯ дар ҳама мавзӯъ шеър навиштааст. Вале васфи модар, васфи зани афғон, даъват кардани занон ба ҳаёти ҷамъиятӣ дар эҷодиёти ӯ мақоми хосе дорад. Дар Афғонистон ман ин шеъри ӯро чандин бор шунидаам:

Ту аз ҷон, эй писар, дораш гаронтар,
Ки аз модар надорӣ меҳрубонтар.
Ба хуни дидаву бо шираи ҷон,
Туро парвард, то гаштӣ ҷавонтар.
Равонашро басе афшурд айём,
Ки то поят ба рафтан шуд равонтар.
Чӣ шабҳоро ки паҳлӯят саҳар кард,
Пайи оромат аз ту безабонтар.
Даме гар хуфт безораш намудӣ
Ба шӯру гиряву шеван пасонтар.
Гаҳе лаллу, гаҳе афсона бархонд
Бароят инчунину ончунонтар.
Лаби хушки туро андар дили шаб
Намуд он меҳрубон аз шири ҷон тар.
Ба ёди нотавониҳои тифлӣ,
Ба ёди он ки будӣ нотавонтар,
Бибӯс акнун ту дасти нотавонаш,
Ки аз вай зӯрмандию ҷавонтар.
Маранҷон хотирашро ҳаргиз аз худ,
К-аз ин коре набошад пурзиёнтар.

Пазироии оқои Абдулҳақ Вола низ басе самимӣ ва дӯстона буд. Ӯ низ мудом аз мо хабардорӣ мекард. Рӯзе вай чанд нафари моро барои меҳмонӣ ба хонааш хонд. Волахонум ду духтари зебое доштааст, ки бо меҳмоннавозиашон моро мафтун карданд. Дар хонаи Вола низ сӯҳбатҳои мо дар хусуси алоқаҳои дӯстиву мадании ду давлат мерафт. Вола албомҳои хубе доштааст, ки дар яке аз онҳо расмҳои аз сафарҳои ба Тоҷикистон кардааш гирд оварда шудаанд ва дар он бисёр адибони тоҷик, аз ҷумла расми М.Миршакарро ҳам дидем.

Дар эҷодиёти Абдулҳақ Вола ғояҳои ватандӯстӣ ҷои муҳимро ишғол менамоянд. Яке аз ғазалҳои Вола, ки «Хоки ватан» ном дорад, шояд дар мусофиратҳо навишта шуда бошад:

Хоки ватан, эй мояи уммедиву розам,
Ҳар ҷо ки равам, боз ба номи ту бинозам.
З-он лаҳза, ки шуд пои ман аз кӯи ту кӯтоҳ,
Бар хони аҷониб набувад дасти дарозам.
Кайфе набарам ҳеҷ аз ин неъмати алвон
Ҳарчанд, ки дар хона бувад нону пиёзам.
Аз сӯзи дили ман нашавад мурғи шаб огаҳ,
Чун шамъи саҳар нест касе маҳрами розам.
Дар хиттаи зебоию сарманзили хубон
Сӯи ту бувад чашми тару рӯи ниёзам.
Уммеди ману орзӯям ҷумла тӯӣ, ту,
Дур аз ту, ба номи ту на баргест, на созам.

Мардуми тоҷик бо эҷодиёти Вола шинос аст. Бисёр шеърҳои ӯ дар маҷаллаву рӯзномаҳои мо чоп шудаанд. Матни суруди машҳури афғонӣ «Нашканад, о нашканад», ки сарояндагони мо бо рақсаш иҷро мекунанд, ба қалами Абдулҳақ Вола тааллуқ дорад.

Яке аз соҳибдилони афғонӣ, ки барои барқарор ва инкишоф ёфтани робитаҳои мадании Афғонистону Иттифоқи Советӣ саҳме гузоштааст, марҳум Абдурашид Латифӣ буд. Ба таври ҳаққонӣ ӯ ташкилкунанда ва асосгузори санъати профессионалии Афғонистон буд, ки ба Иттифоқи Советӣ ва мутахассисони он эътиқоди фавқулодда баланде дошт. Адиб Абдурашид Латифӣ драматурги моҳире буд. Асарҳои драмавии «Парандаи маҷрӯҳ», «Ман бимирам, ту намирӣ», «Шоми зиндагӣ», «Ӯ падарам нест», ки мардуми тоҷик бо онҳо шинос мебошанд, ба қалами ин санъаткори барҷастаи афғон тааллуқ доранд. Дар эҷодиёти Латифӣ ҳаёти мардуми афғон, орзую умед ва муборизаҳои он бо маҳорати баланд тасвир ёфтаанд. Аз ин сабаб санъатчиёни шӯравӣ хотираи ӯро пос медоранд. Мо дар Кобул хоҳиш кардем, ки ба сари қабри Абдурашид Латифӣ, ки соли 1962 вафот карда буд, гулчанбар гузорем. Аз

ин тараддуди мо зиёиёни афғон огоҳ шуда буданд. Ҳангоме аз саҳарии барвақт мо бо гулчанбар ба сари қабри шодравон Латифӣ рафтем, он ҷо пур аз одам буд, ки аксари онҳо шиносони деринаи мо буданд...

Маросими гулчанбаргузорӣ ба як намоиши дӯстии Шӯравӣ ва Афғонистон табдил ёфт. Он ҷо митинге барпо гардид, ки аз ҳар ду тараф нутқҳо эрод карда шуд. Ман аз номи ҳайати мусофирони шӯравӣ чанд сухан гуфтам:

– Мо дар сари турбати ин марди покзамир истода, ба ӯ сари таъзим хам мекунем, оқои Латифӣ аз онҳое буд, ки барои ҳамкорӣ, дӯстӣ ва таҳкими равобити фарҳангии кишварҳои мо ибрат нишон додааст. Аз ин ҷиҳат хизматҳояшро дар Шӯравӣ, махсусан дар Тоҷикистон қадр мекунанд ва эҳтиромашро пос медоранд.

Яке аз наздикони Латифӣ ба мо рӯ оварда, гуфт:

– Одатан дар рӯзи ёдбуд хешу табори наздиктарин ба сари қабр меоянд. Аммо имрӯз бисёр ақрабои марҳум Латифӣ ин ҷо нестанд, вале шумо дӯстони тоҷикистонӣ ба ҳукми хешон ва ёрони аввалиндараҷа ин ҷо ҳузур доред ва аз ин лутфи худ сари моро ба осмон расондед. Ташаккур ба марҳамататон. Хоки қадаматон болои дида.

Пас аз тамом шудани муддати мусофиратамон мо ба сӯи Ватани азизамон – СССР роҳӣ шудем. Бозгашти мо боз бо ҳамон роҳ – роҳи машҳури ағбаи Соланг, ки дар шимоли Афғонистон воқеъ гардида, 4300 метр баландӣ доштааст, тӯл мекашид. Ин ағба қаблан тамоми сол барфпӯш буда, танҳо дар мавсими тобистон қобили убур будааст. Ин ҳамон роҳи пурмашаққатест, ки аз он Ҷомиву Навоӣ низ гузаштаанд. Ин ҳамон роҳест, ки шоири бузург Саноӣ дар асри XII ба воситаи он аз Ғазна ба Балх рафта, кулфатҳои аз сар гузарондаашро дар саҳифаи таърих ба ин минвол сабт кардааст:

Ман қадам сохта зи сина чу мор,
Даст бар сар ниҳода каждумвор.
Андар афтода аз фари хубӣ,
Сабуке гашта аз гаронкӯбӣ.
Ашки ман буд ҳамчу дур ба қиёс,
Теғ бар кӯҳ зи барф чун алмос.
Бар хилофи табиат аз дили пур,
Суфтам алмосро бо донаи дур.
Буд аз ашку акси ман ҳамсанг,
Аз ду пурнуқта ҳамчу паланг.
Ҳар паланге, ки он бидид ба чашм
Аз пайи бими ҷон на аз пайи хашм,
Рӯи он кӯҳ пеш напаррад ӯ,
Ки ҳаме пушти худ гумон барад ӯ.

Акнун, ки мо ин роҳро· рӯзона мегузаштем, корнамоиҳои беназири якҷояи мардуми шӯравӣ ва афғонро баръало медидем. Шоири машҳури Афғонистон Халилӣ фатҳи Солангро шоҳкори асри кунунӣ номидааст. Нуқтаи болоии ду роҳ аз туннели дарозиаш зиёда аз секилометра мегузашт, ки дар баландии 3366 метр аст.

Кайҳост, ки афғонҳо шикофтани синаи санги хорои кӯҳи азими Ҳиндукушро орзӯ доштанд. Акнун бо ҳамкории бародаронаи мардуми шӯравӣ дар дили сангини он роҳ бурда, ба ин муродашон расиданд. Пештар роҳи Кобул – Қундуз аз ағбаи Шикарӣ мегузашт, ки хеле дароз ва нобоб буд. Акнун дар натиҷаи сохта шудани ин туннел хати роҳ 185 километр наздик шуда, хароҷоти ҳарсолаи нақлиёт дар ҳамин роҳ 130 миллион афғон сарфа карда мешавад. Дар даромадгоҳи туннел дар дили санг корнамоии бунёдгузорони он ҳаккокӣ карда шуда буд ва навиштаҷоти дигар низ он ҷо сабт буд, аз қабили «Шоҳкории беназир ва фаромӯшнашудании туннели

Соланг», «Эй роҳгузар, азамати нерӯи мардони моро қазоват кун ва хотироти онро бо худ бибар» ва ғайра.

Оқои Қоризода, ки роҳбалади мо буд, қисса кард, ки акнун ҳар рӯз аз ағбаи Соланг зиёда аз 800 автомашинаҳои гуногун мегузаранд ва ба сохтмони иншоотҳои нави Афғонистон масолеҳ ва бештар таҷҳизоти шӯравиро мекашонанд.

Мо роҳ мерафтему мунтазам бо мардумони шӯравӣ, ки дар Афғонистон кор мекарданд, дучор мешудем. Дар саросари хоки Афғонистон мо самараи дӯстӣ ва ҳамкории Иттифоқӣ Советӣ ва Афғонистонро мушоҳида мекардем, аксар бо роҳҳое сафар мекардем, ки бо кӯмаки одамони мо сохта шудаанд, моро ронандаҳое мекашонданд, ки ин касбро аз одамони мо ёд гирифтаанд.

Дар бозгашт, пас аз фуруд омадан аз ағбаи Соланг ба мо муяссар шуд, ки бо гурӯҳи калони мутахассисони шӯравӣ, ки роҳи 214 –километраи байни Хинҷон, Пули Хумрӣ, Қундуз, бандари Шерхонро месохтанд, мулоқот кунем. Дар он ҷо 110 мутахассисони ботаҷрибаю пургайрати шӯравӣ дар зери роҳнамоии сармуҳандис Алексей Иванович Слутский, ки ба вай Анвар Сулаймонови тоҷикистонӣ ёрдамчӣ буд, кор мекарданд. Алексей Иванович бо мамнуният ва ҳисси ифтихормандӣ аз корнамоиҳои мутахассисони шӯравӣ сухан мекард. Ӯ дар хотимаи ахбораш эзоҳ дод, ки «ин роҳе, ки мо сохта истодаем, онро дӯстони афғониамон «Роҳи дӯстӣ», «Роҳи хушбахтӣ», «Шоҳроҳ» ва «Шоҳранг» номидаанд, хоҳишмандем, ба ҳамватанонамон аз мо дуруду салом расонед ва онҳоро бовар кунонед, ки мо супориши Ватанро бошарафона иҷро хоҳем кард». Вақте ки Алексей Иванович ин суханҳоро мегуфт, чашмони мутахассисони мо, созандагони «Роҳи дӯстӣ» аз ифтихормандӣ барқ мезаданд ва дар симои онҳо саховатмандӣ ва ҳусни одамони шӯравӣ ҳувайдо

мешуд. Зебоии зиндагӣ дар он аст, ки барои зоҳир намудани шуҷоат ҳама вақт ҷое ҳаст. Он одамони шӯравие, ки мо дар он ҷо ва дар дигар гӯшаҳои Афғонистон дидем, бо мардуми афғон даст ба даст шуда мардонагиву шуҷоат нишон медоданд, ки ин дар бунёди роҳи дӯстиву бародарӣ талқини муносибатҳои зебо дар байни меҳнаткашон, интишори малакаҳои истеҳсолӣ ва донишҳои техникиву илмӣ, ҷорӣ намудани санъати пешқадам ва ғайра ифода мешуд. Ҳамин тавр, мардуми мо дар замини Афғонистони ҳамсоя – зебоӣ меофариданд, ки он зебоӣ бо партавҳои ҳаётбахши ғояҳои ленинӣ рахшонтар ва шӯълавартар гаштааст.

Ин мулоқоти фаромӯшнашаванда бо роҳсозон дар шаҳри Қундуз барпо гардида буд ва Қундуз яке аз шаҳрҳои калони Афғонистон аст, ки аҳоиботи худро дорад. Мо чунин тасаввур кардем, ки Қундуз ҳамчун шаҳри шарқӣ таҷассуми унсурҳои асрҳои қадим ва асри ҳозирзамон будааст. Дар хиёбонҳои он баробари машинаҳои сабукрави навтарини асри мо – машинаҳои ялаққосии «Ҷип», «Москвич»-у «Волга»-ҳои шӯравӣ, фойтуну аробахо ҷойи намоёнро ишғол менамоянд, ки аспҳояшон бо гулпӯпакҳо, зангӯлаҳою ҷӯлпӯшҳои нақшу нигордор оро дода шудаанд. Дар он шаҳр дар қатори растаҳои қадимии бо услуби Шарқ зиннатёфта, иморатҳои маҳсули меъмории асри мо низ қомат афрохтаанд, ки ин таззодро дар дигар шаҳрҳои Афғонистон ва дар пойтахти он Кобул низ дидем. Он навовариҳое, ки дар тағйири симои имрӯзаи шаҳрҳои Афғонистон дида мешавад, бе ширкату ҳамкории Иттифоқи Советӣ ба вуҷуд наомадаанд. Хулоса, ҳар кучое, ки мерафтем, дар назарамон самараи ҳамкорӣ ва кӯмаки халқи советӣ аён мегардид.

Хушбахтона, риштаҳои дӯстӣ мустаҳкамтар ва майдони ҳамкории ин ду давлат рӯз аз рӯз васеътар

мешаванд. Сафарҳои ҳунарии санъаткорони мо ба кишварҳои якдигар ба расми анъанаи хубе даромадааст.

Дар солҳои охир труппаи театри академии драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ду бор ба Афғонистон сафар карда, ба афғонҳо санъати баланди худро намоиш дод. Намоишномаҳои ин театр «Рустам ва Сӯҳроб», «Имтиҳон», «Хизматгори ду хоҷа», «Умари Хайём» ва ғайра сазовори таҳсини афғониён гаштанд. Дастаи ҳунарпешагони «Пуҳони театр»-и Кобул ба Тоҷикистон омада, дар бисёр шаҳрҳои Тоҷикистон ва пойтахти он шаҳри Душанбе спектаклҳои «Шоми зиндагӣ», «Болопӯш», «Хирс», «Ӯ падарам нест»-ро намоиш доданд ва дӯстони тоҷики худро шоду масрур гардонданд.

Дар аввали соли 1971 дастаи шастнафараи ансамбли «Лола» бо сардории Арбоби намоёни санъати тоҷик Ғаффор Валаматзода барои иштирок дар ҳафтаи дӯстии Иттифоқи Советӣ ва Афғонистон боз ба ин кишвари ба мо дӯст сафар кард ва дар «Кобулнандорӣ» ва клубу намоишгоҳҳо дигар як силсила консертҳои хуб дод. Тамошобинони афғонӣ боз ба ҳунари дастаи бонувон, гурӯҳи мардони ин ансамбл, Зафар Нозимов, Малика Қаландарова, Шарофат Рашидова, Ҳалима Эркаева, Карим Бурҳонов, Илёс Гулкоров ва дигарон кафкӯбӣ карда, рӯзномаҳои «Ислоҳ», «Анис», «Кобул таймс» ва ғайра ба истеъдоди онҳо баҳои баланд доданд ва чандин сурату мубоҳиса ва мақолаҳоро дарҷ намуданд.

Ба ҳамин тариқ, ҳамкорӣ ва боварие, ки дар байни мамлакатҳои мо солҳои сол ҷой дорад, хушбахтона ғайр аз соҳаҳои иқтисодӣ, масъалаҳои байналхалқиро низ фаро мегирад. Афғонистон ва Иттифоқи Советӣ якҷоя барои паст кардани шиддати вазъияти байналхалқӣ, пойдор гардидани сулҳу амонӣ дар олам мубориза мебаранд.

ДАР КУБАНИ ОВОЗАДОР

Мусофирати мо ба Кубан бори аввал соли 1964 ба амал пайваст. Он солҳо дар тамоми мамлакат, хусусан дар саноат, шакли баланди мусобиқаи меҳнатӣ хеле авҷ гирифта буд. Ин ҳаракат тадричан аз тарафи коркунони хоҷагии қишлоқ низ пазируфта шуда, кубаниҳо аз ташаббускорони ин ҳаракат дар хоҷагии қишлоқ буданд. Аз тамоми гӯшаву канори мамлакат ба ин кишвар барои сабақ омӯхтан ва баҳра гирифтан меомаданд.

Ман ҳам барои омӯхтани рафти муборизаи коркунони хоҷагии қишлоқи он кишвар дар зери шиори «Намунавор меҳнат ва зиндагӣ мекунем» рафта будам ва ин ҳикоят сабти баъзе таассуротест аз ҳамон сафари фаромӯшношуданӣ.

Албатта хонандаи тоҷик дар бораи Кубан, назорати хоси табиату мардуми он тасаввуроти муайяне дорад, ки аз китобҳои дарсӣ, маълумотномаву китобҳои махсус ва амсоли ин гирифтааст. Ба замми ин, аксари мардуми мо филми машҳури «Казакҳои Кубан»-ро тамошо кардаанд, ки дар вай бо бадеияти баланд – иқлим ва тарзи зиндагонии сокинони ин сарзамин тасвир шудааст. Муаллифи ин сатрҳо орзу дорад, ки бо ҳикояти худ тасаввуроти хонандаро дар бораи кишвари назарраби Краснодар, корубори сокинони он казакҳои Кубан ва баъзе урфу одати онҳо бойтар гардонад.

Кубан аз ҳамаи заминҳои зархези беканор, талу доманҳои каб-кабуд, кӯҳу кӯҳпораҳои сердарахт иборат аст, ки дар ду соҳили дарёи машҳури Кубан, воқеъ гардидааст. Ин сарзаминро кишвари Краснодар ташкил мекунад. Чаро мо гоҳ Кубан мегӯему гоҳ

Краснодар? Ин ба монанди он аст, ки мо як вақтҳо водии Вахшро вилояти Кӯрғонтеппа ҳам мегуфтем. Ба ҳамин минвол Кубан ифодаи ҷуғрофии он сарзамин буда, Краснодар – ифодаи маъмурӣ-территориявии кишвар аст.

Шиносоии мо бо ин кишвар аз маркази он – шаҳри Краснодар оғоз ёфт. Ин шаҳр нисбат ба дигар шаҳрҳои Россия ҷавонтар буда, вале таърихи аҷибу пуршарафе дорад. Онро пеш аз Ҳокимияти Советӣ Екатеринодар мегуфтаанд, ки соли 1793-юм асоси онро казакҳои Кубан гузоштаанд. Он вақтҳо дар ин сарзамин тохтутозҳои хориҷиён ва пеш аз ҳама ҳуҷумҳои туркони истилогар мутлақияти подшоҳиро ором намегузоштааст. Аз ин сабаб бо супориши подшоҳи рус дар наздикии соҳили дарёи Кубан қалъаи мустаҳкаме бино ёфта, муҳофизати он ба зиммаи казакҳои баҳодуру ҷанговари Кубан гузошта шудааст, ки ҳамон қалъа асоси шаҳри ояндаи Екатеринодарро ташкил кардааст.

Дар натиҷаи инкишофи босуръат ин шаҳр ба комёбиҳои бемислу монанди саноати ҳозирзамон соҳиб шуда, симои он низ хеле дилкашу маъмур гардида, кӯчаҳои васеъву гулгаштҳои рангин ва чорбоғу хиёбонҳои сабзу лолазори он бинандаро мафтун мекунанд.

Инкишофи баланди маданияти ин шаҳр низ ҷолиби диққат аст. Ҳоло дар он 60 мактаби маълумоти умумӣ, 12 омӯзишгоҳи маълумоти миёнаи махсус, 4 мактаби олӣ (донишкадаҳои тиббӣ, хоҷагии қишлоқ, омӯзгорӣ ва хӯрокворӣ), 4 донишкадаи тадқиқоти илмӣ, музейҳои кишваршиносӣ, санъати тасвирӣ, 100 китобхона, чандин қасрҳои маданияту хонаҳои пионерон ва театру кинозалҳо мавҷуд аст. Театри драмавии ба номи М. Горкий фахри маданияти ин кишвар ба шумор меравад. Дар саҳнаи он устодони маъруфи санъати рус Ф. И. Шаляпин, Л.

В. Собинов, А. В. Нежданова, В. Ф. Комиссаржевская, В. Н. Давидов ва дигарон ҳунарнамоӣ кардаанд. Ҳунарпешагони ин театр бо маҳорати баланд асарҳои классикони рус ва олам – А. Островский, А. Грибоедов, А. Чехов, М. Горкий, Шекспир, Шиллер ва дигаронро ба саҳна гузошта, дар саросари кишвар шӯҳратманд гардидаанд.

Дар хоки Кубан мо ҳамагӣ даҳ рӯз будем. Дар ин муддат ғайр аз шаҳри Краснодар ба мо муяссар шуд, ки ноҳияҳои Каневский, Анапск, Кавказск, Кушевск, Кримск, Уст-Лобинск, шаҳрҳои Новороссийск, Майкоп ва ҷойҳои дигари ин кишварро саёҳат намоем ва бо ҳаёти пурҷӯшу хурӯши мардуми он шинос шавем.

Дар деҳоти Кубан чӣ бештар диққати моро ба худ ҷалб намуд? Албатта, заминҳои сиёҳхоки ҳамвору беканор, манзилгоҳҳои ободу зебо, табиати рангорангу ғании ин сарзаминро бе ҳаяҷони қалбӣ назора кардан мумкин нест. Вале он чизе, ки дили моро бештар ба завқу сурур овард, корубори одамони он кишвар, деҳқонону коргарони гулдасти дақиқназари Кубан буд. Мардумони меҳнатдӯсти боташаббус бо нерӯи бозувон ва қудрати хиради худ овозаи ин қитъаи Россияро ба афлок бардоштаанд.

Омӯхтани фаъолияти мардуми деҳоти Кубанро мо аз шиносоӣ бо тарзи коргузории колхози «Победа»-и ноҳияи Коневский сар кардем. Ин артели хоҷагӣ дар Федератсияи Россия якумин шуда ба гирифтани номи баланди коллективи меҳнатии намунавӣ мушарраф гардидааст. Моро бо ин хоҷагии аз ҳар ҷиҳат пешқадам роҳбари колхоз Иля Андреевич Мурзов ошно кард. Хоҷагӣ 26,5 ҳазор гектар замини корам, 200 трактору комбайн, 84 автомашина, 234 электромотор, 7,5 ҳазор чорвои калони шохдор, аз он ҷумла 2357 гови ҷӯшоӣ, 7 ҳазор сар гӯсфанду хук дорад ва гардиши солонаи

парранданарварии он, ки асосан аз мурғобию мурғи марҷон иборат аст, 390 ҳазорро ташкил мекунад. Комбинатҳои истеҳсоли хӯроки чорво, сехи истеҳсоли биомитсини хӯрокӣ, инкубатория ва ғайра низ дорад, ки бо техникаи навтарин ҷиҳозонида шудааст. Умуман дар ин хоҷагӣ ба механизатсия кунонидани протсесҳои меҳнат диққати махсус дода мешавад. Масалан, дар фермаи хукпарварие, ки мо онро дидем, дар натиҷаи ҷорӣ намудани техникаи нав 2,5 ҳазор хукро ду колхозчӣ нигоҳубин мекунанд. Механиконидани ин фермаро ихтироъкорони худи колхоз анҷом додаанд. Ҳамаи протсесҳои хӯрокдиҳӣ ва порутозакунӣ пурра автоматӣ кунонида шудааст. Дар ҳамин хоҷагӣ дар гармхонаҳо парвариш кардан ва рӯёндани сабзавоти барвақтӣ ва ҳамчунин ғизои тару тоза васеъ ҷорӣ карда шудааст, ки омили хуби нигоҳубини гӯсолаҳо мебошад. Дар ин колхоз 5745 кас кор мекунад, ки онро правленияи колхоз, ки аз 13 кас иборат аст, идора мекунад. Тарзи ташкили кор дар бригадаҳо низ ниҳоят ибратбахш буд. Дар ин ҷо ба кори бригадаҳо аҳамияти махсус дода мешавад. Барои таъмини тарзи демократии идоракунии колхоз ва ҳар чӣ зиёдтар ҷалб намудани аъзои қатории колхоз ба идоракунӣ шӯроҳои бригадаҳою фермаҳо интихоб карда мешаванд, ки низомномаи кори онҳоро правленияю парткоми колхоз кор карда баромада, тасдиқ кардаанд. Шӯроҳои мазкур масъалаҳои муҳими ҳаёти бригада – тавсия барои қабул ба аъзогии колхоз, муҳокимаи нақшаҳои истеҳсолӣ, пешниҳод ба мукофот ё ҷазо, интихоби сардори бригада ва ғайраҳо фаъолона ширкат варзида, ин масъалаҳоро ҳал менамоянд. Ба ин шӯроҳо аъзоёни пешқадамтарини бригада, ветеранҳои меҳнат, мардону занон ва ҷавонон интихоб мешаванд, ки фаъолияти ҷамъиятии ҳамаи аъзоёни бригадаро сарварӣ менамоянд.

Яке аз воситаҳои таъмини фаъолияти самарабахши сокинони колхоз ҳаматарафа вусъат додани кори ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла шӯрои занҳо мебошад, ки ин қонунист, зеро дар он хоҷагӣ 1500 занҳо кор мекунанд. Бо занҳо кор бурдан хусусиятҳои хос дорад. Шӯрои занҳо ташкилоти мусоидест, ки барои ҳарчӣ самараноктар таъсир расонидан ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва меҳнатии занҳо, мутобиқи талаботи истеҳсолот равона кардани қувваи занон, ба ҳар кас кори мувофиқ ёфта додан, омӯхтан ва бештар кардани шароит ва талаботи маданӣ-маишии онҳо, дуруст ба роҳ мондани кори яслию боғчаҳои кӯдакон, таъмини хӯроки ҷамъиятӣ, назорат ба кори устохонаҳои маишӣ ва ғайра роли калон мебозад.

Раиси шӯрои занҳои колхоз – директори заводи шири ҳамин хоҷагӣ Людмила Алексеевна Мяховетс зани кордон, серғайрат, соҳибтадбир ва вазифашиносест, ки як ҷиҳати муваффақияти кори шӯрои занонро аз самимият ва ташаббуснокии ӯ донистан мумкин аст. Чунин қиссае, ки ӯ нақл кард, ҳоло ҳам аз ёдам намеравад: ҷавоне аз аъзои колхоз ба колхозчидухтаре ду-се сол хушомадгӯӣ мекунад, дар байни онҳо муносибатҳои наздик пайдо мешавад, аммо ҷавонписар дар натиҷаи таъсири бади «ҷӯраҳояш» ваъдахилофӣ мекунад... Азбаски сухан дар бораи шарафи духтарию қисмати ҷавонзан мерафт, шӯрои занҳо фаъолона ба ин кор дахолат карда, ҷавонро ба ифоқа меоранд ва кор ба оростани тӯю тамошо анҷом меёбад, ки акнун ин оила аз оилаҳои хушбахттарини колхоз ба шумор меравад.

То ташкил шудани Шӯрои занҳо дар колхоз маросими тӯйҳои арӯсӣ танҳо обуранги кӯҳна дошта, бешавқ мегузаштааст. Солҳои охир ин кори ҳаётан муҳимро Шӯрои занҳо ба дасти худ гирифта, ҳамаи духтаронибалоғат расидаро рӯйхат карда, бо онҳо

сӯҳбатҳои зарурӣ ва фоидаовар гузаронида, духтаронро ба он тайёр мекунанд, ки агар ҷавоне ба духтаре хостгорӣ кунад, духтарон мегӯянд: «розӣ, ба шарте, ки маросими ақди никоҳ замонавӣ гузарад». Дар хусуси бо хушу хурсандӣ гузаштани тӯйҳо низ дар он колхоз бо ёрдами Шӯрои занҳо тадбирҳои муфид андешида шудааст.

Ҷавонони хонадоршаванда майли худро ба Шӯрои занҳо изҳор мекунанд. Шӯрои занҳо бо кӯмаки правленияи колхоз аз пайдо кардани либосҳои зебои арӯсию домодӣ то ботантана гузаронидани тӯй фаъолона иштирок мекунад. Дар маъракаи тӯй ҳамчун анъанаи устуворгашта ҳеҷ набошад, яке аз аъзоёни правленияи колхоз ва яке аз аъзоёни Совети қишлоқ иштирок намуда, арӯсу домодро гарму ҷӯшон табрик мекунанд ва тӯҳфаи правленияи колхозро месупоранд. Ғайр аз ин правленияи колхоз ба домод ёриҳои дигар ҳам медиҳад. Масалан, дар чоп кардани даъватномаи тӯй, таъмин кардани мошинаи сабукрав барои хабар додани дӯстону хешовандон, ба маросимҳо бурдани арӯс ва ғайра бо кӯмаки правленияи колхоз анҷом меёбад. Тӯй одатан бо хароҷоти кам, аммо хеле ботантанаю шодиовар мегузарад. Дар тӯйҳо кам нутқ эрод мекунанду рақсу суруду мусиқиро фаровон ташкил медиҳанд.

Бояд эътироф кунем, ки дар ин колхоз расму оинҳои нав ва одатҳои пешқадами халқиро хеле ӯҳдабароёна талқин менамоянд.

Яке аз расмҳои хубе, ки Шӯрои занҳо устуворона ҷорӣ менамояд, аз хурсандибахш ташкил кардани маросимҳои таваллуди кӯдакон иборат аст. Аз таваллудхонаи колхоз ба шӯрои занҳо дар бораи таваллуди тифли нав хабар медиҳанд. Вакилони шӯрои занҳо бо гулҳои тару тоза ва тӯҳфаҳои правленияи колхоз модарро дар таваллудхона табрик мекунанд. Рӯзи аз таваллудхона баромадани модару

кӯдак колхоз мошина ҷудо мекунад, ки фарзанди нави колхозро дар вазъияти шодмонӣ ба манзилаш расонад. Баъд гузоштани ном ва супоридани шаҳодатномаи таваллуди кӯдак низ тантанавор мегузарад.

Дар натиҷаи ҳаматарафа ба ҳисоб гирифтани эҳтиёҷот ва шароити моддию иҷтимоии занҳо правленияи колхоз бо ёрдами Шӯрои занҳо масъалаи оқилона ташкил намудани хӯроки умумиро низ ба тарзи нав ташкил кардааст. Дар колхоз 22 ошхона кор мекунад, ки онҳо дар маркази артел, бригада ва фермаҳои чорводорӣ ҷойгир шудаанд. Пазандаҳои ошхонаҳо аз тарафи колхоз ба курсҳои махсуси Краснодар фиристонида шуда, касби худро дар он ҷо хуб омӯхтаанд. Ошхонаҳо бо лавозимоти ҳозиразамон ҷиҳозонида шудаанд. Дар ҳамаи ошхонаҳо се маротиба таом тайёр мекунанд: наҳор, пешин ва шом. Дар як рӯз хӯроки секарата ба як колхозчӣ ба ҳисоби миёна 60–65 тин меафтад, зеро масолеҳро ба ошхонаҳо аз рӯйи арзиши аслии истеҳсоли онҳо медиҳанд. Чунин тарзи таъминоти хӯрок ба колхозчиён аз ҳар ҷиҳат хеле боб аст ва ин хусусан барои занҳо аҳамияти калон дорад, зеро аввалан онҳоро аз ташвиши зиёди таомпазӣ озод мекунад, сониян ба занҳо муяссар мешавад, ки барои баланд бардоштани дараҷаи сиёсию мадании худ вақт пайдо кунанд. Умуман, дар ин хоҷагӣ ба ҳамин ҷиҳати масъала аҳамияти махсус дода мешавад ва ба замми ҳамаи ин яслиҳою боғчаҳои шабона ташкил карда шудаанд, ки ҷавонзанон кӯдакони худро шабҳо ба он боғчаю яслиҳо монда, ба мактабҳои шабонаи ҷавонони қишлоқ ва консерту кино мераванд.

Дар хоҷагии номбурда ба масъалаи одамонро дар рӯҳи меҳнатдӯстӣ тарбия намудан низ аҳамияти калон дода мешавад. Пешқадамони меҳнат бо эҳтирому ҳурмати баланд фаро гирифта шудаанд. Номҳо ва

расмҳои онҳо бо қарори якҷояи правления ва парткоми колхоз ба «Лавҳаи фахрӣ» сабт мешаванд. Дар колхоз «Китоби шарафи меҳнатӣ» таъсис дода шудааст, ки номи ҳар кас ба он китоб дарҷ гардад, ба вай ҳар сол рӯзҳои истироҳати иловагӣ ва путёвкаи бепул ба санаторияи колхоз, ки дар соҳили баҳри Сиёҳ ҷой гирифтааст, дода мешавад.

Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, колхози «Победа» ташаббускори дар деҳот ҷорӣ намудани ҳаракати меҳнати намунавист. Вақте мо дар он ҷо будем, дар хоҷагии мазкур 2 ферма, як бригадаи истеҳсолӣ ва 5 звено сазовори номи коллективи меҳнати намунавӣ ва 386 нафар колхозчӣ соҳиби номи зарбдори меҳнати намунавӣ шуда буданд. Дар он колхоз тарзи додани номи зарбдори меҳнати намунавӣ низ хеле хуб фикр карда шудааст. Таклифро дар бораи додани номи зарбдори меҳнати намунавӣ шӯрои ферма ё бригада пешниҳод мекунад. Баъд ин таклифро дар маҷлиси якҷояи партком ва правленияи колхоз дида мебароянду ба маҷлиси умумии колхозчиён пешниҳод мекунанд. Қарори қатъӣ дар он ҷо қабул карда мешавад. Маҳрум кардан аз номи зарбдори меҳнати намунавӣ низ бо ҳамин тартиб мегузарад.

Ҳар чизи нави мутараққие, ки дар ҳаёти ҷамъиятии деҳот падид меояд, колхози мазкур онро бо диққат омӯхта, ба эътибор мегирад. Бинобар он дар ин хоҷагӣ ғайр аз он анъанаҳои пешқадаме, ки мо дар хусусашон ҳикоя кардем, расму ойинҳои дигар, аз ҷумла гузаронидани иди ҳосилот, рӯзи ташкилёбии колхоз, рӯзҳои механизаторон, чорводорон, гантанавор қайд кардани ба булӯғ расидани ҷавонон, гусел кардан ба сафи армия ва нафақаи меҳнатӣ, ҳуҷҷатгирӣ ва ғайра диққати шахсро ҷалб накарда наметавонад... Хулоса, бисёр ҷиҳатҳои ҳаёти колхози «Победа» шоёни ибрат буда, мутаассифона, ҳамаи

онро ҳикоя карда наметавонем. Ҳатто фаъолияти варзишнарони ин колхоз сазовори чанд ҳикоя мебошад. Мо аз ин хоҷагӣ бо таассуроти басе қаноатбахш рафтем.

Рӯзи дигар, ки офтоб медурахшиду боди форам аз қуллаҳои Кавказ мевазид ва дар айни ҳол заминро қолини сафеди барфи рахшон пӯшонида буд, мо ба ноҳияи ҳамсоя Кушевск равон шудем. Ҳайати вакилон моро роҳбарони ноҳия бо сардории сарварашон Сергей Терентевич Кутсев истиқбол намуданд.

Сергей Терентевич бо ҳозирон моро шиносонда, дар бораи соҳаҳои хоҷагии ноҳия сухан ронд. С.Т. Кутсев дар як он бо донишмандии худ таваҷҷӯҳи моро ҷалб намуд. Он марди қоқинаи қадбаланд, ки чашмони фурӯрафтаи хирадмандона ва синчакор дошт, 15 сол боз вазифаи сарварии ноҳияро иҷро мекардааст. Ӯ бо фаъолияти бенуқсони худ ва садоқатмандӣ ба эҳтироми умум сазовор гардидааст. Аз ин ҷиҳат ситораи тиллое, ки дар сари синаи вай аз қаҳрамониаш шаҳодат медод, барояш хеле муносиб менамуд ва мезебид. Бошандагони ноҳия нақл карданд, ки Сергей Терентевич одамест, ки ҳар қадами худро бо манфиати умум андоза мекунад, ҳамеша дар ҷустуҷӯй аст ва бо ёди фардои саодатманди мардум зинда асту барои дар амал татбиқ кардани орзуҳои онҳо ҷон меканад.

Яке аз хоҷагиҳое, ки Сергей Терентевич дар ноҳияи Кушевск моро бо он шинос кард – совхози боғу токпарварии «Красное» буд. Ин хоҷагӣ 28 январи соли 1964 барои нишондодҳои истеҳсолӣ, маданияти баланд ва кори самаранок дар роҳи тарбияи сифатҳои ахлоқи коммунистии коргарон ба унвони олии совхози меҳнати намунавӣ сазовор гардидааст. Совхози мазкур нақшаҳои истеҳсолиро ҳамеша 150 – 160 фоиз иҷро карда, даромади калон

мегирад. Дар совхоз ғайр аз боғҳои васеи дарахтзор, дар РСФСР калонтарин гулхона (розариум) – ниҳолхонаҳои садбарг ҳаст, ки 300 навъи гуногуну хушсифат дорад. Бар замми гӯшаю канори гуногуни СССР ниҳолҳои ин хоҷагии пешқадам ба мамлакатҳои хориҷӣ низ фиристонида мешавад. Совхози «Красное» 14 маротиба ғолиби мусобиқаи умумииттифоқӣ гардида, ҳамон қадар байрақи сурхи Сайёри Вазорати хоҷагии қишлоқи СССР ва Комитети Марказии иттифоқҳои касабаро соҳиб гардидааст, ки ин худ гувоҳи ташкили баланди меҳнат дар ин коллектив аст. Комёбиҳои ин совхоз бо мукофотҳои умумииттифоқӣ ва байналхалқӣ – ду медали тиллоии намоиши Эрфурск ва чандин дипломи намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи СССР ва ғайра тақдир карда шудааст.

Оқилона ташкил намудани протсессҳои истеҳсолот, дараҷаи баланди маҳсулнокии меҳнат боиси мутобиқан баланд гардидани дараҷаи зиндагонию шароити маишӣ ва маданияти коргарон гардидааст. Он ҷо ресторану ошхонаҳои ҳозиразамон, ҳаммомҳо, дӯкону мағозаҳо ва меҳмонхонаҳое доранд, ки аз ҳеҷ ҷиҳат аз шаҳр монданӣ надорад. Хоҷагиҳо ва сокинони совхоз бо нури барқ, газ, садо, симо ва ғайра пурра таъминанд.

Хонаи фарҳанги совхози «Красное», ки 600 ҷой дорад, ҷойи дӯстдоштаи коргарон аст. Дар саҳнаи он бо қувваи санъатдӯстони совхоз асарҳои драмавии бисёрпардагӣ, аз ҷумла «Любов Яровая» ва «Ҷазираи Афродита»-и К. Тренев ва ғайра бомуваффақият намоиш дода мешавад. Дар нақшҳо коргарони совхоз – токпарвар Олга Пряхина, тракторчиҳо А. Шалимов, В. Пукалов, муаллим В.Ф. Смосарев, нафақахӯр Д. Е. Дрябин ва дигарон бо маҳорати баланд ҳунарнамоӣ мекунанд. Гӯшаҳои дигари фарҳанги совхоз – китобхонаҳо, дастгоҳҳои кинонамоишдиҳӣ ва амсоли

ин низ самаранок кор мекунанд, ки фаъолияти ҳамаи онҳо ба тарбияи одами нави даврон равона карда шудааст.

Дар натиҷаи кори самараноки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва гӯшаҳои фарҳанги совхоз, дар коллектив муносибатҳои хуби байни одамон ташаккул меёбад. Дар ин ҷо кайҳо боз аз коргурезӣ, иҷро накардани нормаҳои меҳнат, вайрон кардани интизоми меҳнат ва тартиботи ҷамъиятӣ осоре намондааст.

Охирҳои рӯз мо бо мизбонони қадршинос хайрбод намудему вориди ноҳияи Кавказск шудем, ки маркази он шаҳри Гулкевичи будааст.

Ин ноҳия яке аз ноҳияҳои гуногунсоҳаест, ки мардуми он бо киштукори гандум, офтобпараст, лаблабуи қанд ва чорводорӣ машғуланд. Дар он ҷой ду заводи қанд, ду комбинати равған ва комбинати хӯрокворӣ кор мекунад. Аз як гектар замин ҳамон солҳо 37 сентнерӣ гандум мегирифтанд.

Дар ноҳия се ташкилоти пурқуввати сохтмон кор мекунад, ки коллективҳои онҳо барои зиёдтар бунёд кардани иншооти истеҳсолӣ ва муассисаҳои маданиву маишӣ – клубу китобхонаҳо ва мактабу беморхонаҳо, боғчаҳои кӯдакон ва ғайра мубориза мебаранд. Як чизи дигар, ки диққати моро хеле ҷалб намуд, дар ҳама колхозҳо ташкил намудани гӯшаҳои махсус барои хӯрок пухтан аз шир барои кӯдакон буд. Нақл карданд, ки бо ташкил намудани ин ошхоначаҳо вафоту беморii кӯдакон хеле кам шуда ба модарон кӯмаки калон расонда мешавад ва ин ба маҳсулнокии меҳнати колхозчизанон низ таъсири мусбат мерасонад.

Хоҷагии пешқадамтарини ноҳияи Кавказск совхози «Венси Заря» будааст, ки соли 1963–юм 40 солагии онро ид кардаанд. Соҳаи асосии совхоз – наслпарварии хук, истеҳсоли шир, мурғпарварӣ буда, совхоз ҳамон сол 12 ҳазор сар хуки зотӣ, 55000 моли

шохдори калон, 500 ҳазор мурғ дошт. Говҳои чӯшоӣ аз 3500 то 6250 *кг* шир медоданд. Шӯҳрати чорводори машҳур, зарбдори меҳнати намунавии ҳамон совхоз В. И. Пустовой дар мамлакат паҳн шуда, бригадаи хукпарварии ӯ ҳамон сол ба ҳисоби миёна аз ҳар як модахук 22,2 хукбача гирифта буд, ки ин нишондоди бениҳоят баланд мебошад. Ин хоҷагӣ чорворо фақат бо озуқаи истеҳсолкардаи худаш таъмин карда метавонад. Ду-се сол пеш дар ин ҷо чорворо бо хӯроки аз дигар ҷой кашондашуда таъмин мекардаанд. Дар ҳамин хоҷагӣ аввалин шуда кори самараноки фермаҳоро ташкил кардаанд.

Дар ин хоҷагӣ истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ чунон ривоҷ ёфтааст, ки коргарони совхозро низ басу барзиёд таъмин мекунад. Дар дӯконҳои совхоз гӯшт, шир, мева, равған, ғалла чунон фаровон ва арзонанд, ки бо арзиши аслиаш фурӯхта шуда, ҳамаи эҳтиёҷи коргаронро пурра таъмин мекунад. Бо сабаби фаровонии лавозимоти зиндагӣ аксарияти коргарон аз полезҳои наздиҳавлигӣ ва моли шахсӣ даст кашидаанд.

Дар баробари афзудани даромади совхоз талаботи моддӣ-маишии коргарон пурратар таъмин мегардад. Деҳкадаҳои совхоз аз нав обод шуда бо хонаҳои зебои дуошёна ва чорошёна, кӯчаву хиёбонҳои ободу гулпӯш зиннат ёфтааст. Дар муддати як сол 112 оила соҳиби манзили нав гардидаанд. Ин суръат торафт вусъат меёбад. Кори хуби якчанд хонаҳои маданият, қасрҳои пионерон, ҳаммомҳо, яслию боғчаҳои кӯдакон, хонаи кӯдакон (детдом), мактаб-интернат, ошхонае, ки 200 ҷой дорад, театри тобистона, беморхона, 16 китобхона, дорухона ва ғайра шоёни таъриф аст.

116 коргарони ҷавони совхоз дар мактабҳои шабона мехонанд. 47 нафарашон дар мактабҳои олии ғоибона таҳсили илм мекунанд. Дар совхоз 38

маҳфилҳои гуногун, 3 университетҳои халқии фарҳанг, омӯзгорӣ ва хоҷагии қишлоқ бо факултетҳои гуногун фаъолона кор мекунанд. Дар маҳфили ҳаваскорони санъати совхоз 490 кас иштирок мекунад. Суруди умумии он 46 касро дар бар мегирад. Ҳаваскорони ин совхоз дар намоишҳои кишварӣ ҷойи якумро ишғол кардаанд. Дар ин ҷо ҳар сол гузаронидани иди гулҳо анъанаи хубе гардидааст.

Ба ҳамаи ин корҳои наҷиб пешқадамони совхоз ташаббускор ва роҳнамоянд. Онҳо бевосита дар ҷабҳаҳои ҳалкунандаи истеҳсолот кор карда, 42 кас дар чорводорӣ, 32 кас дар зироатчигӣ ва дигар соҳаҳои муҳим аз таҳти дил меҳнат мекардаанд.

Ба ин хоҷагӣ, ки яке аз машъалони овозадори мамлакат аст, шахсони қобилиятнок роҳбарӣ мекарданд. Роҳбари он Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Т. Шевчук, сарзоотехник – номзади илм, зоотехники хизматнишондодаи РСФСР Тревога роҳбарони ниҳоят кордон ва пуртаҷрибаанд.

Дар кишвари Краснодар мо хоҷагиҳои пешқадамро бисёр дидем, аммо дар бораи ҳамаи онҳо нақл кардан аз имкон берун аст.

Аз ин ноҳия моро ба ноҳияи Уст-Лабинской гусел карданд. Ин дафъа ҳам дар хати байни ду ноҳия, ки онро «межа» (марза) мегуфтанд, супурдану қабули меҳмонҳо сурат гирифт. Ба мо нақл карданд, ки дар «межа» қабул кардани меҳмон одати қадимии казакҳост. Мизбонон меҳмонро то хати «межа» гусел мекунанд ва дар он ҷо дар майдон дастурхон мекушоянд. Мизбонони собиқ ба мизбонони нав меҳмононро месупоранду мизбонҳои нав меҳмонҳояшонро бо хурсандӣ ва эъҷозу эҳтиром қабул мекунанд.

Чун сухан аз «межа» (марза) рафт, мехоҳам як воқеаро нақл кунам. Сардори базаи байниколхозии молпарварии ноҳияи Лабинск Кузма Рубсовенко дар

роҳ ба мо ҳикоя кард, ки акнун «межа» маънои худро дигар кардааст. Пеш «межа» нишондиҳандаи дорандагию камбизоатӣ буд. Тамоми заминҳои Кубан, ки дар дасти заминдорони калону хурд тақсим шуда буданд, аз якдигар бо «межаҳо» ҷудо карда мешудаанд. Дар натиҷаи ба амал татбиқ гардидани нақшахои кооперативӣ он межаҳо аз эътибор сокит гардидаанд. Кузма Евдокимович Рубсовенко одами хушчақчақ буд. Ӯ хандиду гуфт, ки роҳбарони мо беҳуда маро ба истиқболи шумоён наовардаанд. Онҳо хабар доданд, ки «ҳамшаҳриҳоят омадаанд». «...Баъд ӯ аз солҳои ҷавонии худ, ки дар Осиёи Миёна – дар талотуми муборизаҳои зидди босмачиҳо ва дигар душманони ашадии Ҳокимияти Советӣ гузарондааст, ҳикояти ибратомӯзе кард. Ногуфта намонад, ки бо ташаббуси Кузма Евдокимович дар ин ҷо моро бо таомҳои тоҷикӣ – палав, шӯрбо, кабоб зиёфат карданд. Дар он шаб мо, ки меҳмони «ҳамшаҳриамон» будем, ӯ косагули давра буд. Кузма Евдокимович дар ҳаққи мардуми Осиёи Миёна суханҳои нек гуфта қадаҳҳоро хеле бо самимият мебардошт ва мегуфт, ки «Шумо дар Кубан бояд услуби майнӯшии казакҳоро риоя кунед». Он услуб чунин будааст, ки казаки ба сафар бароянда аввал поро ба ӯзангу гузоштан баробар менӯшад, баъд ба болои зин савор шуда менӯшад, сипас, ки сархуш шуд, зинро мепартояду аспро луч савор шуда қадаҳи охиринро менӯшад ва баъди ин аспашро парвоз мекунонад... Мо ҳам ба қадри имкон ин одати казакҳоро, албатта, бо душвориҳо, риоя мекардем...

Дар омади гап, ҷоизи қайд аст, ки дар Краснодар одамоне, ки Осиёи Миёнаро ба хубӣ ёдоварӣ мекунанд, бисёранд. Масалан, Иван Петрович Разин, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ – овони ҷавонии худро дар Панҷакент гузаронида, синфи даҳро дар ҳамон ҷо, дар мактаби миёнаи ба

номи Фирдавсӣ ба итмом расонида, аз ҳамин ҷо ба мудофиаи Ватан рафтааст. Панҷакентиҳо ӯро қаҳрамони худ мешуморанд ва бо вай робитаи хубе доранд ва ҳоло мактаби даҳсолаи хатмкардааш ба номи ӯ гузошта шудааст.

Мо ҳанӯз ҳам мулоқотҳоямонро бо Кузма Евдокимович бо некӣ ёд мекунем. Мизбонон моро ба шаҳрчаи Уст-Лабинское низ ошно намуданд.

Дар Уст-Лабинск шиносоӣ бо коллективи комбинати истеҳсоли равғанҳои эфирдор (комбинат эфиромасличных культур) моро басе писанд омад. Бо комбинат роҳбари он Межетович Дмитрий Михайлович шиносо кард. Дар ин комбинат пеш аз ҳама маданияти баланди истеҳсолот диққати касро ҷалб мекунад. Тамоми саҳни комбинат кабудизор ва гулпӯш буда, сеҳҳо чунон тозаву оростаанд, ки ба корхона будани он боварии кас намеояд. Ҳар дастгоҳ ва деворҳо бо алвони гуногун бо камоли завқ ранг карда шуда , дар ҳамаи гӯшаҳои комбинат, дар ҷойи кори коргарон ниҳолҳои ҳархела гул карда меистанд, ки ҳам зебоӣ медиҳанд ва ҳам ҳавои ҷойҳои корро тозаю мусаффо мегардонад. Дар ҳама ҷойи комбинат дар вақтҳои муқаррар мусиқии форам аз репродукторҳои радио садо дода меистад, ки яке аз воситаҳои дилхушӣ ва тарбияи эстетикии меҳнаткашон мебошад. Дар ин комбинат ташкили истеҳсолот аз рӯи тавсияҳои эстетикаи техникӣ ва эстетикаи истеҳсолот ба роҳ монда шудааст. Шояд натиҷаи ҳамин бошад, ки дар корхонаи мазкур ахлоқу одоби намунавӣ бо тамоми маънӣ ҳукмфармост. Дар он ҷо ҳодисаҳои вайрон кардани интизоми меҳнат, майпарастӣ, бадахлоқӣ ва дигар хислатҳои ба мардуми советӣ бегона кайҳо барҳам хӯрдаанд.

Вилояти автономии Адигей ҳам дар ҳайати кишвари Краснодар дохил мешавад, ки мо он ҷо низ будем ва бо мардуми он вилоят низ вохӯриҳои

дилпазир доштем. Аввал дар бораи колхози ба номи В. И. Ленин чанд сухан гуфтаниам. Ин хоҷагӣ ҳам яке аз пешқадамтарин колхозҳои мамлакат буда, раиси колхоз Аскар Каспатович Беданоков депутати Совети Олии СССР аз комёбиҳои он муфассал сухан ронд. Аз гуфти ӯ маълум гардид, ки колхоз солҳои охир дар парвариши хӯроки чорво ҷойи намоёнро ишғол карда пешқадамони ин колхоз ҷуворипарварон Мӯсо Хомӯков ва Рая Болокова чун машъалони мусобиқа дар тамоми РСФСР машҳур буданд. Ин ҷуворипарварон аз ҳар гектар 80–90 сентнерӣ донаи хушк мерӯёнидаанд. Пас Аскар Каспатович моро ба авули (қишлоқи) Ходзя даъват намуд. Он ҷо моро бо услуби ба худ хос колхозчиёну муаллимон қабул карданд. Мӯйсафедҳои черкесдор, хонумҳои дар тан либоси кавказӣ дошта ҳозир буданд. Албатта бе зиёфат моро ҷавоб надоданд. Дастурхони кавказии пур аз неъмат ороста шуд, ки бо одати аҷоиби он ҷо зиннат ёфта буд. Яке аз таомҳои миллии адигейҳо шипси будааст, ки аз гӯшти обпазшудаи гӯсфанд ва ҷурғот иборат аст. Гӯштро ба ҷӯрғоти дар косабуда ҷӯлонда мехӯрдаанд, ки як таъми аҷоибе дорад. Аз рӯйи одати адигейҳо каллаи пухтаи гӯсфандро ба пеши мӯйсафеде монданд. Ӯ бо корд гӯши гӯсфандро бурида ба ман дароз кард. Ҳозирон бошанд, ба ман «гиред–гиред» гуфта мӯйсафедро тарафдорӣ карданд. Ин амал чунин маъно доштааст, ки зиёфат ба хотири шумо ороста шуд ва шахси аз ҳама иззатманди авул шуморо эҳтиром мекунад. Як расми дигари черкесҳо ҳанӯз пойдор будааст. Онҳо ба калонсолҳо бениҳоят эҳтироми ғайриоддӣ доштаанд... Директори мактаб Д. Шуков қадаҳ дар даст медаромаду мебаромад, хизмат мекард, аммо ба қатори мо наменишаст. Ҳар боре мо даъват мекардем, ки нишинед, ӯ бо ҳар баҳона «маъзур доред» мегуфт... Ба ман фаҳмонданд, ки ӯ ҳурмати акаашро ба ҷо меорад, «аз хусуси он, ки

мӯйсафеди гӯши гӯсфандро бурида ба шумо додагӣ акаи вай асту ӯ ҳамнишини шумост, Шуков бояд рост истода хизмат кунад». Ман ин ҳолатро дида фикр мекардам, ки чунин одатро, яъне калонсолонро эҳтиром намуданро, эътироф намудан ва ин одатро такмил додан моҳияти хуби тарбиявӣ дорад. Сӯҳбати мо давом мекард, мо нақли пешравиҳои дӯстонамонро шунида, дар навбати худ аз табаддулотҳои азими тақдири иҷтимоии тоҷикон ҳикоя мекардем.

Яке аз ҳамсафарони мо ба мизбонон саволи аҷибе дод:

– Аз урфу одатҳои кӯҳна боз чиҳо боқӣ мондааст?

– Духтардуздӣ, – ҷавоб дод А. Бедонокову хандид ва илова кард, ки акнун инро дуздӣ гуфтан хатост, зеро ҷавонон бо розигии худашон ва падару модарон қисмати худро бо ҳамдигар мепайванданд, аммо баъзан ҳамчун риояи анъана ва рамзи ширинкорӣ домодшаванда духтарро аз хонаашон хилват ба асп савор карда ба хонааш мебарад, ки аз ин воқеа пешакӣ ҳама хабардоранд. Умуман, - гуфт Раис, – тӯйҳои арӯсӣ хеле завқовар ва ҳаётбахш мегузаранд.

Сипас, Аскар Каспатович илова намуд, ки яке аз одатҳои бад, ки ҳанӯз боқӣ мондааст, аз тарафи баъзе одамон эътироф накардани танқид мебошад. Мардуми ин ҷо танқидро бад мебинанд ва ҳар кас, ки камбудии шахсеро ошкор кунад, танқидкунандаро «хоин» гуфта ҳам масхара мекунанд. Ин ақида аз рӯйи одатҳои иртиҷоии қабилачигии «Сирри мард пӯшида беҳ» боқӣ мондааст, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар роҳи барҳам додани ин қабил одатҳо муваффақиятҳои муайян ба даст оварданд. Акнун камбудиҳоро ошкоро танқид кардан расми аксарияти адигейҳо гардидааст…

Адигейҳо маданияту таърихи ба худ хосе доранд. Онҳо дар даврањои феодалӣ ба қабилаҳои абадзеҳ,

кабардинҳо, бжедугҳо, темиргоҳҳо, шапсугҳо, натухаевҳо ва ғайра тақсим шуда будаанд ва дар соҳилҳои дарёҳо бо қабилаҳои худ авулҳо сохта, машғули боғдорӣ, зироатчигию чорводорӣ шуда, хусусан ба асппарварӣ машҳур буданд. Ин халқ ҳам ба монанди мардумони дигари ин сарзамин то Ҳокимияти Советӣ алифбо, адабиёту мактабу санъати профессионалӣ надоштааст. Вале эътироф кардан зарур аст, ки ин халқ хеле боистеъдод буда, дар ин хусус осори санъати тасвирии халқии он шаҳодат медиҳад.

Шабро дар шаҳри Майкоп – маркази вилояти автономии Адигей гузаронидем ва субҳи рӯзи дигар ба сӯйи шаҳри қаҳрамон – Новороссийск шитобидем.

Новороссийскро дарвозаи баҳрии Кавкази Советӣ номидаанд, ки дар доманаи ғарбии қуллаҳои кӯҳи Кавказ воқеъ аст. Ин шаҳрро шаҳри шӯҳратҳои ҷангӣ ва меҳнатӣ ҳам меноманд, ки бесабаб нест. Новороссийск барои қаҳрамонӣ, хизматҳои беҳамто ва мардонагиаш, ки дар назди Ватан дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар зидди фашистҳои гитлерӣ нишон додааст, бо ордени дараҷаи якуми Ҷанги Ватанӣ мукофотонида шудааст. Ин шаҳр-порт аз тарафи фашистҳо ваҳшиёна вайрону ғорат карда шуда буд. Ҳозир ба хотираи муҳофизони қаҳрамони ин шаҳр дар «Майдони қаҳрамонҳо» чароғи абадӣ фурӯзон аст, ки мо ба он сари таъзим фуруд овардем. Дар он ҷо, дар қабристони бародарӣ шкатулкаи мусиқӣ садо медиҳад, ки онро бастакори машҳури советӣ Дмитрий Шостакович махсус ба хотираи қурбоншудагони замини муқаддаси Новороссийск «Курантҳои Новороссийск» номидааст. Дар ҳар 20 дақиқа он садои дилхурӯшеро баланд мекунад, ки ифтихори ватандӯстӣ ва садои адовати мардуми советиро ба фашистони малъун ифода менамояд.

Дар гӯшаи дигари Новороссийск ба мо як ҳайкали ёдгории ғайриоддиеро нишон доданд, ки он аз вагони қатора иборат буд. Ин вагон ба тамом бо тирҳои гитлерчиён сӯрох-сӯрох шуда, муҳофизони шаҳр бо ҳамин вагон роҳи ҳуҷуми фашистонро хеле доштаанд ва ҷонфидоиҳои беназире зоҳир кардаанд. Мусофирон ба он ҳайкал беҳаяҷон нигоҳ накарда наметавонанд. Ҳар мусофир ё роҳгузаре, ки ба Новороссийск меояд, нисбат ба Ватани Советӣ бо худ як ҷаҳон таассуроти вафодорӣ мебарад...

Рӯз аз паси рӯз сафарамон дар он кишвари меҳмоннавоз давом мекард. Ниҳоят рӯзҳои охирини мусофират моро боз ба як ноҳияи соҳили баҳри Сиёҳ – Анапа бурданд. Яке аз хоҷагиҳои машҳури мамлакат – совхоз-комбинати «Абрау-Дюрсо» дар тобеи ҳамин ноҳия будааст. Мо ин хоҷагиро бо завқи тамом тамошо кардем. Ин хоҷагӣ дар соҳили назарраби кӯли булӯрини Абрау маскан гирифтааст. Абрау-Дюрсоро бемуболиға макони шампони советӣ меноманд. Директори комбинат-совхоз Дмитрий Алексеевич Кравченко ҳикоя кард, ки деҳаи Абрау бо иқлим, таркиби замину обу ҳавояш ба вилояти машҳури Шампани Франсия, ки шампонистеҳсолкунӣ аз он ҷой сар шудааст, хеле монандӣ дорад. Ин қаробати иқлиму замин агрономи оддӣ Ф. И. Гейдукро водор мекунад, ки парвариши навъҳои ангури Шампанро ҷорӣ намояд. Ӯ аз Франсия 20 ҳазор калитакҳои ангури «Кабарне», «Семильона» ва дигарро мебиёрад, ки дар ин шароит онҳо ҳосили хуб медиҳанд. Ин таҷриба натиҷаҳои хуб дода, дар соли 1870 токзорҳои Аброу-Дюрсо расман ба хоҷагии махсус табдил меёбанд. Аммо инкишофи ҳаққонии он хоҷагӣ дар солҳои Ҳокимияти Советӣ ривоҷ меёбад. Соли 1920-ум дар ин ҷо совхози «Аброу-Дюрсо» ташкил карда, мутахассисони франсавиро низ барои кӯмак даъват мекунанд. Ин хоҷагии он вақтҳо дар

СССР ягонаро А. М. Флоров-Багреев сардорӣ мекунад, ки бо иштироки бевоситаи ӯ истеҳсоли «Советское шампанское» вусъат меёбад. Ин навъи вино акнун дастурхони миллионҳо одамони советиро дар тӯю идҳо, қабулҳои расмӣ оро медиҳад. Акнун «Советское шампанское» дар намоишҳои байналҳалқӣ ҳафт медал гирифтааст – ду медали тилло ва се медали нуқра. Ин хоҷагӣ дар як сол зиёда аз як миллион шиша шомпон истеҳсол мекунад, ҳол он ки дар солҳои ҳокимияти подшоҳӣ ҳамагӣ 16 ҳазор шиша вино истеҳсол мекард.

Мизбонон моро бо ҳамаи «нозукиҳои» истеҳсоли виноҳои шомпон шинос карданд. Дар амборҳои сершумори зеризаминӣ протсессҳои обутобёбии шомпонро бо диққати махсус дидем. Аммо кор фақат бо дидан анҷом наёфт. Мутахассиси калони винобарорӣ, хонуми малламӯй ва хеле ширинбаён Лидия Ивановна Липовская омирона фармуд, ки дар хоҷагии мо дидан кам аст, ин ҷо кори асосӣ аз «чошнӣ гирифтан иборат аст». Ӯ моро ба «толори чошнигирӣ» (дегустационый зал) даъват намуд. Дар ин ҷо фаъолони завод гирд омада буданд. Дере нагузашта сӯҳбати хеле дилчаспе барпо гардид. Л.И.Липовская тақрибан 20–30 навъҳои шаробро ба мо чашонд. Он хонум чунон соқии ӯҳдабаро буд, ки ба ӯ итоат накардан амри маҳол буд. Протсесси «чошнигирӣ» бо эзоҳҳои образноки Лидия Ивановна мегузашт, ки нӯшиданро гуворо мекард. Соқӣ кадом шаробро бо кадом нукл (газак) нӯшиданро саҳеҳ шарҳ медод. Хулоса, мо ҳам дар муайян кардани сифатҳои шаробҳо баҳои «аъло»–и соқиро гирифтем. Росташро гӯем, барои ин баҳоро гирифтан баробари соқӣ нӯшидан лозим будааст, ки барои шахси одатнакарда кори басе мушкил буд. Ҳар касе, ки ба ин хоҷагӣ меояд, албатта хеле сархуш бармегардад, ки ин қисмат насиби мо ҳам гардид.

Агар дар бораи кӯли Абрау чанд сухан нагӯем, нақли мо дар хусуси ин хоҷагӣ номукаммал мемонад. Зоҳиран кӯли Абрау дар иҳотаи ҷангали каб-кабуд воқеъ аст, ки дар оби нилгуни он акси дарахтҳо алвонҷ хӯрда, саҳни сеҳрангези рангҳои ғайриоддӣ ҷило медиҳад. Ин хусусияти кӯли Абрау ба кӯлҳои ҳафтгонаи Шинг, кӯли Искандар ва кӯли Калони Тоҷикистон шабеҳ аст. Кӯл аслан обанбори табиист, ки оби он аз чашмаҳои сершумори зеризаминӣ ҷамъ мешавад. Сатҳи он 180 гектар ва чуқурии кӯл моҳиҳои зиёде низ доштааст. Оби он бо роҳҳои зеризаминӣ аз баландии 84 метр ба баҳри Сиёҳ ҷорӣ мешавад, ки ба ин васила оби он доимо тоза шуда меистад. Номи аҷоиби «Абрау–Дюрсо»-ро чунин шарҳ медиҳанд, ки бо ибораҳои забони абхазӣ «аброу–дюрсо» – фурӯ рафтани чор наҳрчаро ифода мекардааст, яъне «абрау» – фурӯравӣ, «дюр» – чорро мефаҳмондааст. Ҳикоят карданд, ки як вақтҳо дар ҷойи ин кӯл деҳаи серодами ободе будааст. Аммо ин воқеа чунон қадимӣ будааст, ки ҳеҷ кас онро дар хотир надорад. Ҳозир «Аброу–Дюрсо» ба ҷойи дӯстдоштаи сайёҳони дунё табдил ёфтааст. Барои онҳо меҳмонхонаҳои зебои хушҳаво ва дигар воситаҳои истироҳат сохта шудааст...

Мо ин кишварро ҳарчӣ зиёдтар медидем, онро бештар дӯст медоштем ва ба халқаш дил мебастем. Худ ба худ мегуфтем, ки гӯё худи табиат дар мисоли Кубан ҳамаи зебоиву боигарии худро нишон доданӣ шудааст. Ҳам шитоби шохобҳои аз қуллаҳои Элбрус ҷоришавандаи дарёи пуроби Кубан, ҳам майдонҳои беканору ҳамвор, ҳам кӯҳу кӯҳпораҳои сарсабзу хуррам, ҳам замини зархезу иқлими шифобахши он, ҳам баҳри пуртуғёни хизматгори он ин фикрро талқин мекард.

Кубан дорои бандарҳои калони баҳрист, ки аз он ҷо борҳои гуногун, аз ҷумла ғалла, нефт, газ, семент,

дастгоҳҳо, компрессорҳо, асбобҳои барқӣ, либосворӣ, мебел, чиниворӣ, пойафзол, мева ва ғайра ба ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мамлакатҳои Аврупо, Осиё, Африқо, Америка фиристонида мешаванд. Кубанро бесабаб гаҳвораи саноати нефти Россия наномидаанд. Бойигариҳои зеризаминии он аз нефт, гази табиӣ, намакҳои гуногун, асбест, симоб ва ғайра иборат буда, Кубан дар истеҳсоли баъзе зироатҳои пурбаҳои техникӣ дар Иттифоқи Советӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Масалан, ин кишвар 30 фоизи истеҳсоли тамоми равғанҳои эфирии СССР–ро таъмин менамояд.

Кубан – макони табобатхонаҳои овозадори ҷаҳон – Ейск, Анапа, Геленджик, Туапсе, Хоста ва Сочист. Сочиро кӣ намедонад? Аммо шояд на ҳама медонанд, ки ин курорти зебоманзар дар кишвари Краснодар воқеъ аст... Мусофирати мо бо зиёрати кӯҳи Охуни Сочӣ хотима пазируфт, ки агар кас ба қуллаи баландтарини Охун барояд, тамоми кишвари Краснодарро баръало бе дурбин тамошо мекунад. Он манзара тамоми умр дар пеши назари кас ҷило медиҳад.

ХАТИН – БОНГИ ХАТАР...

Бахтам тофту маро бо шаҳри қаҳрамони Минск рӯзноманигори ва ходими намоёни ҷамъиятии белорус Михаил Иванович Делетс шинос кард. Михаил Иванович марди хирадманд ва ватандӯсте будааст. Ӯ мекӯшид бо таърихи ин шаҳри қадима ва пуршараф маро пурратар шиносонад. Дар солномаҳои қадимии русии соли 1067 номи ин шаҳр чун қалъаи князии Полотск зикр шудааст.

Дӯсти белорусам бо ифтихор ҷойҳои шоёни диққати пойтахти Белорусиро ба ман нишон медод, пайкараҳои Якуб Колас, Янка Купала, Майдони Ғалаба бо ёдгориҳояш, музеи давлатии фарҳанг, маҳаллаҳои нави истиқоматӣ дар кӯчаи Харковск, як гӯшаи шаҳри кӯҳна – мавзеи Троитск, Михаил Иванович дар маркази шаҳри Минск истода, аз хусуси майдони Собор батафсил нақл кард.

– Ин ҷо ман аз хусуси як лаҳзаи баъди ҷанг нақл кардан мехоҳам, – гуфт ӯ. – Баҳори соли 1946-ум буд. Дар ҳамин майдон маро як лейтенанти ҷавон нигоҳ дошта пурсон шуд, ки бо кадом роҳ маркази Минск равад? Ман ба ӯ гуфтам:

– Шумо, рафиқ лейтенант, алъон дар маркази Минск ҳастед. – Дидед, ваҳшигариҳои фашистон ин шаҳрро чӣ хел хоку туроб кардааст.

– Чунин нақши харобиоварро онҳо на танҳо дар маркази Минск, балки дар тамоми Белоруссия гузоштаанд. Имрӯз, ки ин манзараи дигарро шумо мебинед, нақши мубораки дастони намояндагони бинокорони ҳамаи ҷумҳуриҳои бародар аст, – илова кард матбаачии белорус Юрий Константинович Кедич. Дар байни онҳо намояндагони Тоҷикистони шумо ҳам буданд.

Ин мард бо ин гуфти худ ёрии интернатсионалии ҷумҳуриҳои бародарии Ватани моро барои азнавсозии Минск дар назар дошт.

Нақли ӯро аз хусуси Минск дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бе ҳаяҷон гӯш кардан мумкин набуд. Аммо он чизе, ки мо дар Хатин дидем, тамоми ҳастии моро ба ларза овард. Ёдгорие, ки дар километри 58-уми шимолу шарқии Минск аз рӯйи лоиҳаи меъморон Ю.Градов, В.Занкович ва Л.Левин (ҳайкалтарош С.Селиханов) сохта шудааст, на фақат фоҷиаи Хатин, балки тамоми хоки Белоруссияро дар солҳои ҷанг дар худ таҷассум кардааст.

Роҳбари экскурсия нақл мекард, ки дар ҳамон рӯзи фоҷиавии 22 марти соли 1943 гурӯҳи калони мусаллаҳи фашистони қотил деҳаи Хатинро иҳота карданд. Аз ҳамаи хонаҳо мӯйсафедон, занон ва бачагонро берун баровардаанд. Бо қундоқи милтиқ беморони бистариро ҳам ба по хезонданд. Ба ҳеҷ кас, ҳатто ба модароне, ки дар бағал тифлони ширмак доштанд, раҳм намекарданд. Ҳамаашонро ба анборе даровардаанд, онро оташ заданд. Онҳоеро, ки кӯшиш мекарданд, аз ин оташи дӯзах раҳоӣ ёбанд, фашистони ҷаллод ба нишон мегирифтанд. Он рӯз дар оташ 149 нафар хатиниҳо, аз ҷумла 75 нафар кӯдакон зинда ба зинда сӯхта хокистар шуданд.

Ёдгории меъмории Хатин, ки соли 1969 сохта шуда, соли 1970 ба дарёфти Мукофоти давлатӣ ноил гардидааст, аз силсилаи муҷассамаҳое иборат аст, ки ҳар кадом чун рамзи фоҷиаи андӯҳбортарин ва дар айни замон ҷасорату мардонагии инсони мубориз, халқи қаҳрамон ва ҷовидонии ҳаёт таҷассум гардида, ҳатто номҳои онҳо мармуз, ҷонхарош ва огоҳонанда мебошанд: «Ноқусҳои Хатин», «Қабристони деҳаҳо», «Дуди Хатин», «Инсони мағлубнашуда» ва ниҳоят «Майдони ёдгорӣ». Бе муболиға иқрор шудан лозим аст, ки ҳангоми дидани ин ёдгорӣ ва аҷзои он ба

бадани кас мурғак медавад. Вале он касро ноумед намекунад, он ғалабаи ҳаёт бар маргро ифода намуд, қаҳру ғазаб ва нафрати бинандаро нисбат ба ҷаллодони палиди инсон ба вуҷуд меорад, онҳоро ҳушёр мегардонад, то ки минбаъд ба ҷанг роҳ надиҳанд. Аз ин рӯ, алҳақ ёдгории Хатин ифшокунандаи ҳамаи дарду алам ва қаҳру ғазаби тамоми халқи Белоруссия мебошад.

Аз хотирамон нарафтааст, ки дар 186 деҳаи дигари белорус чунин қисмати Хатин такрор ёфтааст. Бинобар ин ҳамчун рамзи деҳаҳои нобудшуда дар Хатин қабристони деҳаҳо сохта шудааст.

Хатин ҳамеша серодам аст. Маҷрои мардуми зиёраткунанда аз ҳамаи гӯшаю канори мамлакат ба ин ҷо ҳамеша равон аст. Дар Хатин намояндагони халқи русу украин, литвониву молдаванӣ, латишу эстонӣ, гурҷиву озарбойҷонӣ, ӯзбеку тоҷик, қазоқу қирғиз, туркману арманро дидан мумкин аст. Охир дар озод кардани хоки Белоруссия намояндагони ҳамаи миллатҳою халқиятҳои Ватани кабири мо хуни худро рехтаанд.

Аз иштироки ҷанговарони тоҷик дар муҳорибаи зидди фашистон дар бешазорони Белоруссия бисёр китобҳо навишта шудаанд.

Дар асарҳои адибони ҷанговари кишвари мо, Нависандаи халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ, шоири машҳур Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ дар солҳои душвор бо ватанпарварони белорус паҳлӯ ба паҳлӯ истода, ба муқобили фашистон ҷангидани тоҷикон инъикос ёфтааст. Ф.Ниёзӣ ва А.Қаҳҳорӣ қариб ҳар сол ба Белоруссия рафта, ҷойҳои ба муқобили фашистон ҷангидаашонро зиёрат мекунанд. Мардуми белорус онҳоро ҳамчун фарзанди худ истиқбол мегиранд.

Ин муҷассамаи ваҳшонияти фашистӣ ва қаҳрамонии одамони шӯравиро дида, ба хотир меовардам, ки солҳои охир адибони нисбатан ҷавони

тоҷик, ки ба зиёрати ин мазори ҷовидони ишқу армон ва мубориза расидаанд, дар васфи он силсилаи шеърҳо навиштаанд. Аз ҷумла, силсилаи шеърҳои шоирони шинохта Ҳабибулло Файзулло «Садои Хатин», Саидалӣ Маъмур «Зангӯлаҳои Хатин» ва Гулназар «Зангӯлаи Хатин» бо самимияти эҳсосот, тахайюлу тафаккури шоирона, васфи дӯстии халқҳо ва ғояи зиддичангии худ ба хонандагон хеле мақбул афтодаанд. Дар ин силсила шеърҳо аз байни фарёди ҷонгудози модарон, нолаҳои дилхароши кӯдакон ва ҳасрати ҳабибону дилбарон ноқусҳои азим садои раъдсони муборизон ва даъвати имдодхоҳонаи замини сарчашмаи зиндагӣ офоқро пахш карда, нафратро ба ғазаб ва ғазабро ба аслиҳаи зидди ҷанг, зидди қабоҳат ва зидди ҷаҳонхӯрӣ табдил медиҳад. Ҳақ ба ҷониби Гулназар аст, ки мегӯяд:

Кунун зангӯла менолад саҳар то шом беором,
Ки шӯре афканад дар пайкари айём,
Ки дигар зодаи инсон
Насӯзад дар миёни оташи сӯзон.
Кунун зангӯла менолад, ки дар дунё
Даме хомӯш гардонад
Садои тиру пайконро.

Мо аз Хатин бо сукути ғамангез, ғарқи андешаҳои қисмати насли оянда баргаштем. Хатин на танҳо ба дилҳо андӯҳ меоварад, балки огоҳ ҳам мекунад: «Одамон, ҳаётро эҳтиёт кунед, хуршедро аз абрҳои сиёҳ ҳифз намоед, осмони кабудро аз дуди даҳшатовари сӯхтор пок доред».

Ин огоҳӣ ва даъват ба ҳушёрӣ имрӯз, ки доираҳои иртиҷоии империализми Ғарб амалиёти ҳарбиро аз замин ба кайҳон кӯчонданианд, хеле муҳим аст.

Роҳи мо аз Хатин ҷониби Қурғони Шараф мерафт. Он дар наздикии Минск воқеъ буда, барои

абадӣ гардонидани қаҳрамонии бемисли ҷанговарони се фронтҳои Белоруссия ва фронти якуми Прибалтика, ки амалиёти қатъӣ гузаронида, ба шаҳри Минск даромада, дивизияҳои душманро муҳосира намуданд, сохта шудааст. Михаил Иванович нақл намуд, ки хотираи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Белоруссия ончунон таъсирбахшу пурэҳсос аст, ки ҳар як белорусро пурсед, вай дар бораи он солҳо факту рақамҳои нав ба нав хоҳад овард... Дар Қӯрғони Шараф зани солхӯрдаеро вохӯрдем, ки дастагулро ба пояи ҳайкали шаҳидон мегузошт.

– Шумо дар бораи солҳои ҷанг чиҳоро дар ёд доред? – пурсидам аз ӯ.

– На танҳо гуруснагию мӯҳтоҷӣ, балки ҷасорату қаҳрамонии ҳамватанонамро ёд дорам. Магар он замонаро фаромӯш кардан мумкин аст! Мо дар Баранович мезистем. Ман 14-сола будам. Боре ба партизанҳо хӯрок мебурдам. Нохост дидам, ки ба сӯям ким-кадом суробе ҳаракат дорад. Гумон кардам, ки полисаи фашистҳо. Тарсу ваҳм маро фаро гирифту чашмонам сиёҳӣ заданд. Хушбахтона, вай мӯйсафеди ҳамдеҳаамон будааст. Ба партизанҳо хӯрок бурданамро фаҳмида гуфт: «Эҳтиёт шав, духтарам».

Ман дар он ҷо, дар замини Минск ба ҷасорату қаҳрамонии бемисли занҳои белорус боз ҳам бештар тан додам. Солҳои ҷанг дар Минск Кубе ном дастнигари Гитлер ваҳшигарӣ мекард. Комитети шаҳрии партия, ки пинҳонӣ амал менамуд, ҳамроҳи партизанҳо ба вай ҳукми қатл баровардаанд. Яке аз партизанҳо – Мария Осипова бо Мария Мозанник, ки лақабаш «Чёрная» буду хидматгори хонаи Кубе шуда кор мекард, алоқа баст. Мария розӣ шуд, ки минаи Осипова додаро дар ҳуҷраи Кубе гузорад. Шабона таркиш ба амал омад. Ҷаллоди фашист нест карда шуд. Гитлерчиён аз марги Кубе ба хашм омада, ба қасосгирӣ сар карданд. Лекин ҳеҷ чиз садди роҳи

хашму ғазаб ва нафрати халқ шуда натавонист. Мария Осипова ва Мария Мозанник барои ин ҷасорату шуҷоаташон сазовори унвони олӣ – Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ шудаанд. Осипова борҳо шаҳри Норакро зиёрат кардааст. Ӯ инчунин шаҳрванди фахрии шаҳри шӯҳратманди Норак низ мебошад.

Дар Минск бо бародарони белорус на танҳо дар хусуси муборизаи якдилонаи халқи советӣ бар зидди душманон ҳарф задем, балки дар хусуси ёрии бузург дар барқароркунии Минск ва дигар шаҳру деҳаҳо, дар бораи торафт мустаҳкамшавии дӯстии халқҳо низ сӯҳбат кардем. Ҳамкоронамон – ноширон, матбаачиён, паҳнкунандагони китоб махсусан ҳамкории зичамонро дар соҳаи фарҳанги маънавӣ зикр карданд. Дар Госкомиздати Белоруссия бо қаноатмандӣ қайд намуданд, ки дар Тоҷикистон чандин маротиба асарҳои Якуб Колас, Петрус Бровка, Янка Купала, Максим Танк, Иван Шамякин, Аркадий Кулешов, Ригор Бородулин ва дигар адибон нашр шудаанд.

Дар омади гап бояд гуфт, ки Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, нависандаи ҷангноманавис Василий Биков барои асараш «Нишони бадбахтӣ» ва Адамович барои китоби «Қотилон» сазовори ҷоизаи коргарони Норак гардидаанд.

Вақте ки сухан аз дӯстии адабиёт меравад, наметавон ба хотир наовард, ки ин дӯстиро асосгузорони адабиётҳои советии белорус ва тоҷик Янка Купала, Якуб Колас, Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ тарҳ афканда, наслҳои минбаъдаи адибон онро вусъат дода, устувор гардонданд. Дар ин ҷода хусусан саҳми устод Абулқосим Лоҳутӣ басе бузург аст. Соли 1942 Янка Купала дар синни 60-солагӣ вафот кард. Лоҳутӣ, ки аллакай бо ӯ дӯсти қарин шуда буд, Янка Купаларо булбули Белоруссия номида, навишта буд: «Белоруссия ҳақ дорад ба эҷодиёти шоири

вафодори худ Янка Купала фахр кунад, зеро ӯ шоирест, ки дар замонҳои кулфаташ ҳамроҳи вай дарду азоб кашид, дар солҳои зиндагонии навгардидаи озодаш бо вай меҳнат ва шодӣ намуд ва дар машаққатҳои сахти айёми ҷанг муборизаашро мадҳу сано хонд».

Дар навбати худ, мо ҳам бо ноширони Белоруссия, ки беҳтарин асарҳои адабиёти тоҷикро васеъ ташфиқ мекунанд, миннатдорӣ баён намудем. Дар нашриётҳои гуногуни Минск чандин маротиба асарҳои Абӯабдулло Рӯдакӣ, Умари Хайём, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва дигар суханварон ба табъ расиданд.

Имрӯз дар Тоҷикистон маҷмӯаҳои ашъори Я.Колас «Роҳи мо», Я.Купала «Ба офтоб», «Садои замин», Петрус Бровка «Рӯзҳо мегузаранд» (дар тарҷумаи Боқӣ Раҳимзода), повесту ҳикояҳои И.А.Брил «Номи ятимӣ», романи И.Шамякин «Дил дар кафи даст», китобҳои дастҷамъии «Армуғони дӯстӣ», «Маҷрои кабуд» ва ғайраро ба забони модарии худ мехонанд. Ин асарҳо дар қатори китобҳои беҳтарини хонандаи тоҷик меистанд.

Мо ба матбаачиёни белорус барои кӯмакашон дар чопи китоб аз сидқи дил миннатдорӣ баён кардем. Танҳо дар зарфи ду соли охир комбинати полиграфии ба номи Я.Колас ва фабрикаи чопи ранга ба мо дар нашри ҷилдҳои 6 ва 8-и «Ҳазору як шаб», «12 курсӣ», «Гӯсолаи тилло»-и Илф ва Петров кӯмак расонданд. Ҳозир бошад, дар он ҷо романи В.Гюго «Одаме ки механдад» ва як қатор асарҳои дигар чоп шуда истодааст.

Дар вохӯрии шаҳри Минск мо бо дӯстони белорус аҳд кардем, ки дар соҳаи нашри китоб, кори матбаа ва савдои китоб боз ҳам васеътар ҳамкорӣ намоем. Инак, дар Китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ бахшида ба Рӯзҳои шаҳри қаҳрамон – Минск намоиши калони китобҳои Белоруссия гузаронида шуд.

Душанбегиҳо имкон ёфтанд, ки бо асарҳои олимони намоён, адабиётшиносон, журналистон, мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Белоруссияи советӣ аз наздик шинос шаванд. Соли 1987-ум дар шаҳри қаҳрамони Минск – пойтахти республикаи бародарии Белоруссия, намоиши китобҳои нашриётҳои Тоҷикистон баргузор шуд, ки ин бори дигар аз бардавомии ҳамкориҳои мо шаҳодат медиҳад.

ДУ МАҒЗИ ЯК БОДОМ

Дар фасли баҳористони соли 1968 даҳаи фарҳанги тоҷик дар Ӯзбекистон баргузор гардида буд, ки дар он зиёда аз 500 кас иштирок кард ва хушбахтона ман аз иштирокчиёни он будам. Ин сафари мо аз ҳамаи сафарҳои дигарамон фарқ мекард. Мо санъати худро ҳам ба бародарони ӯзбек намоиш медодем ва ҳам ба ҳаммиллатони худ, ки қариб дар саросари Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд. Ҳар бор, ки аз ин воқеаи муҳими таърихи дӯстии ду халқи бародар – тоҷику ӯзбек сухан меравад, пеш аз ҳама чунин лаҳзае ба ёдам меояд, ки онро дар биёбони Ҷиззах, дар совхози «Малик»-и вилояти Сирдарё ба хотир гирифтаам. Дар сари роҳи калоне иштирокчиёни Даҳаро коргарони ин совхози навбунёд, аммо хеле машҳур бо мусиқиву гулу гулдастаҳо пазироӣ намуданд. Пас дар клуби совхоз вохӯрии шавқангезе барпо гардид, ки дар он Шоири халқии Тоҷикистон, Лауреати мукофоти давлатӣ ва Ленинӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Мирзо Турсунзода, шоир, Лауреати мукофоти давлатии ҷумҳурӣ ба номи А.Рӯдакӣ Боқӣ Раҳимзода, шоира Гулчеҳра Сулаймонова, доктори илмҳои философия М.Ғаффорова, бастакор Ш.Сайфиддинов ва дигарон дар вазъияти истиқболи тасфону пурғулғулаи дӯстӣ нутққҳою шеърхонӣ карданд... Бо иштироки Артисти халқии СССР марҳум Муҳаммадҷон Қосимов, Артисткаи халқии Тоҷикистон, сарояндаи хушовоз Шоиста Муллоҷонова, Артистони хизматнишондодаи Тоҷикистон Зӯҳро Каримова, С.Саъдиев ва дигарон ҳунарнамоии завқоваре низ барпо гардид. Пас аз консерт мӯйсафеди кулӯтариши нуроние (афсӯс мехӯрам, ки номашро напурсидам) ба назди мо омад ва чунин гуфт:

- Бинед аз чашмони ман ашки шодӣ мерезад, ки ба дидори шумоён мушарраф шудам. Мо ӯзбекону тоҷикон ду мағзи як бодом ҳастем... Суханҳои барои мо муқаддас – «нон», «ҷон», «дӯст», «садоқат» ҳам ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ як хел садо медиҳанд.

Ман таъкид кардам, ки «падари бузургвор ибораҳои – «китоб», «санъат», «торро» низ ҳамроҳ кунанд. Боқӣ Раҳимзода бошад, бо усули шӯхии ба худаш хос «пахтаро фаромӯш накунед, пахтаро» гуфта ба сӯҳбати мо гармӣ илова кард.

– Ҳақ аст гапи шумо, - гуфт мӯйсафед, – калимаи пахтаро ҳам тоҷикон, ҳам ӯзбекон ҳамчун рамзи бойгарии миллӣ як хел талаффуз мекунанд. («Пахта ҳамамизни бойликимиз»). Сонӣ мӯйсафед, «хуш омадетон, нури дида» гуфту ба завқ хандид. Ба ин сӯҳбати мо марҳум Акоп Абрамович Саркисов – сардори онвақтаи «Главазирсовхозстрой» шахсе, ки дар обёриву обод кардани биёбонҳои лабташнаи Мирзочӯли Ҷиззах заҳмати бисёре кашидааст, ҳамроҳ шуд ва илова намуд, ки умумияти ин ду халқи бародар на фақат дар ин ибораҳо, балки зиёдтар дар бунёд намудани зиндагии нав, сохтмонҳои иншоотҳои азими сотсиалистӣ зоҳир меёбад, ки дар он хизмати ходимони маданияти тоҷик низ сазовори эътироф аст.

- Дар ёд дорам, - гуфт Саркисов ба Шоиста Муллоҷонова муроҷиат карда, - тақрибан 25 сол қабл аз ин соли 1943 шумо – Шоистахонум, бо ҳамроҳи санъаткорони тоҷик Ашӯра Носирова, Барно Аҳмадова ва дигарон ба Фарҳодгидрострой омада, ба коллективи сохтмончиён консерти хубе нишон дода будетон, ки онро ҳанӯз ҳам мардум дар хотир доранд. Санъати баландпарвози шумо ба мо илҳом бахшид... Он вақтҳо, агар диққат карда бошед, дар ин ҷойҳо нишонаи зиндагӣ набуд, агар парранда пар мезад, параш месӯхт, ана акнун ҳамаи табаддулотро бо чашмони худатон мебинед, ин шаҳрҳою посёлкаҳои

зебо, боғу пахтазорҳо самараи меҳнати баҳодурона аст, ки дар он ба қатори дигар миллатҳои советӣ саҳми сазовори фарзандони халқи тоҷик ҳам хеле калон аст...

Дар ҳақиқат он чизе, ки мо бо чашми худ дидем, касро ба ҳаяҷон наоварда наметавонист. Дар биёбоне, ки онро як вақтҳо дашти урёну гурусна меномиданд, шаҳрҳои ҳозиразамони Бекобод, Гулистон, Янгиер, Иличев, Булунғур, Ҷиззах ва ғайра бо ободиву зебогию боғу роғи худ касро ба ҳайрат меоранд. Мо дар хусуси корнамоиҳои одамони советӣ дар ин сарзамин гаштаю баргашта муҳокимаҳо мекардем...

Роҳи дуру дарозе, ки биёбони беканори Ҷиззахро ду паҳлӯ тақсим карда буд, моро ба Булунғур мебурд. Дар ин сафар адабиётшиноси маъруфи тоҷик Носирҷон Маъсумӣ, ки ҳамдами мо буд, ба атроф бо назари ҳайрат нигоҳ мекард ва нақли зеринро кард:

– Ман, «шаҳри» Ҷиззах ва хусусан чӯлҳои Ҷиззахро дар хурдсолиам дидаам ва аз он то ин дам таассуроти даҳшатангезеро дар хотир доштам. Бовар кунед, он вақтҳо ин ҷойҳоро мардум, аз ноободиаш дӯзах ҳам мегуфтанд... Дар ин роҳ мусофирон ҷойи аз гармӣ сар паноҳ кардан ёфта наметавонистанд. Дар зери ҳамон таассуротҳо, давом медод суханашро шодравон Н.Маъсумӣ, дар зимистони қаҳратун ҳам, агар касе номи «Ҷиззахро» ба забон мегирифт – таби ман баланд мешуд ва маро арақ зер мекард. ...Акнун бошад ба чашмони худам бовар намекунам, зеро ба кучое, ки наравед, боғу ободониро мебинед, ки иқлими ин кишварро тағйир додааст. Дигар ҳамсафарони мо ҳам дар ин хусус таассуроти худро изҳор мекарданд. Ин ҳикоятҳои ҳайратовар, ки аз ҳақиқати рӯзҳои мо, аз самараи сиёсати эҷодкоронаи Давлати шӯравӣ ва ҳамкории халқҳо шаҳодат медоданд, роҳи моро «кӯтоҳ» карданд ва чӣ тавр мо ба колхози «Москва»-и ноҳияи Ҷиззах расиданамонро

нафаҳмида мондем. Ин ҷойҳо ҳам ба монанди манзилҳои дигари Ӯзбекистон идона оро дода шуда буданд. Хурду калони ин колхоз бо қарсаку гулдастаҳо пазироии моро мекарданд. Раиси колхоз яке аз одамони номии Ӯзбекистон ва ташкилотчиёни сохти колхозӣ, Қаҳрамони Мехнати Сотсиалистӣ рафиқ Ҳамроқулов бо суханҳои пурҳарорати табрикӣ моро ба клуби колхозӣ даъват кард.

Дар клуб митинги дӯстӣ барпо гардид. Дастаи ҳаваскорони санъати колхоз ҳунарнамоӣ мекард. Пас баромади устодони санъати тоҷик баргузор шуд. Ҳамон шаб бори охирин ман баромади Артисти халқии СССР марҳум Муҳаммадҷон Қосимовро, ки яке аз саркардаҳои санъати профессионалии шӯравии тоҷик аст, тамошо карда будам. Ӯ порчаеро аз «Отелло»-и В.Шекспир манзур кард, ки бе муболиға ҳозиронро ба хурӯш овард. Гарчанде нақш ба забони тоҷикӣ иҷро карда шуду ҳамаи тамошобинон ӯзбекзабон буданд, – ҳамаро чунон писанд омад, ки мардум артистро аз ҷой бархоста бо кафкӯбиҳои дуру дароз табрик мекарданд. Муҳаммадҷон Қосимов бо маҳорати баланди санъатчигиаш, бо қобилияти фавқулоддаи таҷассумкунии образ ҳамаро мафтуни ҳунари худ карда буд...

Пас аз митинги дӯстӣ ва консерти устодони санъати мо, дар ҳамон колхоз шабнишиние барпо гардид, ки онро ҳаргиз фаромӯш кардан мумкин нест. Аввало он «истиқболи деҳқонӣ», самимияти пазироӣ чунон ба табъ буд, ки «гунгро ҳам гӯё мекард». Аммо равияи кайфияти баланди ин шабнишиниро машрубот не, (гарчанде фаровон буд,) балки омили дигар муайян карда буд. Ин дар қадршиносии баланди мардуми меҳнаткаш нисбат ба бунёдкорони ганҷинаҳои маданияти сотсиалистӣ ифода ёфта буд. Охир он шаб ба меҳмонии колхозчиён арбобони намоёнтарини адабиёту санъати ду халқи ҳамсояву

бародар омада буданд... Дар он шабнишинӣ ходимони маъруфи маданияти сотсиалистии Ӯзбекистон – адиб Комил Яшин, бастакорон Мухтор Ашрафӣ, Аҳмад Ҷабборов, кинорежиссёр Собир Муҳаммадов, файласуфон Ғанӣ Наҷимов ва Саид Шермуҳаммадов ҳам ҳамдами мо буданд. Он шабнишиниро фақат «меҳмоннавозӣ» гуфтан кам мебуд. Равост, ки онро шаби пайванди дилҳо гӯем, зеро он дам беҳтарин мардумони ҳунару соҳибқалами ду халқи бародар дар гирди дастурхони пурнуқлу неъмати меҳнаткашони қишлоқ васила ёфта буданд. Ин ҷиҳати он шабнишиниро аксари ҳозирон гаштаю баргашта эътироф мекарданд. Ёд дорам Ғ.Наҷимов дар нутқи табрикиаш чунин гуфта буд: «Ман гумон мекунам, ки имшаб, тамоми халқи тоҷик дар меҳмонии мост, зеро мо дар симои Мирзо Турсунзода эмблемаи (тамғаи) халқи тоҷикро мебинем, дар симои Боқӣ Раҳимзода хираду ширинбаёнии тоҷиконро мушоҳида мекунем ва бо овози Шоиста Муллоҷонова чаҳ-чаҳи булбулони кишвари зебои шумо ба гӯши мо мерасад». Дар ин муҳокима ҳақ ба ҷониби дӯсти ӯзбекистонии мост.

Зеро айнан дар ҳамон вақт «дастаҳои дигари иштирокчиёни Даҳаи маданияти Тоҷикистон дар вилоятҳои Фарғона, Андиҷон, Намангон, Хоразм, Бухоро, Қашқадарё бо иштироки адибони маъруфи мо – Шоири халқии Тоҷикистон Лауреати мукофоти давлатии СССР Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Ф.Ниёзӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Убайд Раҷаб, Абдумалик Баҳорӣ, М.Ҳакимова коллективҳои ҳунарии «Лола» (роҳбари бадеияш Лауреати мукофоти давлатии СССР, Артисти халқии РСС Тоҷикистон Ғаффор Валаматзода, «Рубобчизанон» (бо роҳбарии ходими хизматнишондодаи санъат Шариф Бобокалонов),

«Шашмақомхонҳо» (роҳбарони бадеӣ, ходимони хизматнишондодаи санъат Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов), ансамбли «Гулшан», дастаҳои консертӣ бо роҳбарии сарояндагони моҳири мо Зафар Нозимов ва Ҷӯрабек Муродов, коллективи калони Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар ҳайати вай артистони халқии СССР Аҳмад Бобоқулов, Ҳанифа Мавлонова ва ду карат Лауреати мукофоти байналхалқии балет Малика Собирова буданд, фаъолона ҳунарнамоӣ мекарданд. Он рӯзҳо дар ҳар хонадони Ӯзбекистон – ба воситаи радиою телевизион шеъру суруду мусиқии тоҷикӣ баланд садо медоданд. Ба замми ин, дар ҳамаи кинотеатрҳои Ӯзбекистони бародарӣ филмҳои бадеию ҳуҷҷатии «Тоҷикфилм»-у студияи телевизиони Душанбе намоиш дода мешуданд. Дар он намоишҳо филмҳои кинорежиссёрони номии Тоҷикистон Б.А.Кимёгаров «Бо амри дил», «Қисмати шоир», Т.Собиров «Қасос», «Марги судхӯр», А.Раҳимов «Хокистари сӯзон», Т.Қосимова «Тобистон» ва ғайра муваффақияти калон пайдо карда буданд.

Дар Тошканд бошад: намоиши махсуси зиёда аз сад асари санъати рассомии мо хеле овозадор мегузашт, ки онро устодони маъруфи мӯқалам – марҳум Мирзораҳмат Олимов, Хушбахт Хушвақтов, Зуҳур Ҳабибуллоев, Ашӯр Ҳайдаров, ҳамчун иштирокчиёни Даҳа оро дода буданд. Қариб дар ҳамаи шаҳрҳои Ӯзбекистон бозорҳои китобҳои тоҷикӣ гузаронида шуда буд. Ҳамин тавр ду халқи бародар ҳамнишин буданд…

Такроран қайд карданиам, ки дар ҳар гӯшаю канорҳои Ӯзбекистон ба ҳар як иштирокчии Даҳа истиқболи гарму ҷӯшон зоҳир мекарданд. Аммо як чизро махсус қайд карданиам. Ин ба он пазироие, ки мардуми ӯзбек ба Мирзо Турсунзода зоҳир карда буд, тааллуқ дорад. Ҳис карда мешуд, ки мардуми оддӣ

ӯро ҳамчун шоири забардаст дер боз мешиносад... Мо ба ҳар кӯчое ки мерафтем, хурду калон шеърҳои М.Турсунзодаро аз ёд мехонданд. Дар байни Мирзо Турсунзода ва одамони гуногун, беихтиёр сӯҳбатҳои дуру дарози самимӣ барпо мегардид ва мо баръало медидем, ки шоир аз он дил канданӣ нест, ноилоҷ бо онҳо хайрухуш мекард. Дар мулоқотҳо ҳис карда мешуд, ки М.Турсунзода қувваи нав пайдо мекард ва бо тобоварии ғайриоддии худ мардумро дар ҳайрат мемононд. Яке аз мулоқотҳои мо баъд аз сафари дуру дароз, вохӯриҳои бисёре дар совхози «Пахтаарал» барпо гардид, ки дар он ҷо ҳам иштирокчиёни Даҳаро бо садои карнаю сурнайҳо, рақсу гулдастаҳои тару тоза истиқбол карданд. Ҳаво хеле гарм буд... Дар клуби совхоз зиёда аз се ҳазор одам ҷамъ омадааст. Митинги дӯстӣ сар шуд. Котиби якуми Комитети вилоятии партиявии Сирдарё Н.М.Маҳмудов ва бригадири совхоз, тоҷикписар Сафаров бо нутқҳои табрикӣ ба мо муроҷиат карданд. Аз гармии ғайриоддӣ аксари иштирокчиёни Даҳа хоҳиш мекарданд, ки аз баромад кардан онҳоро озод кунем. Мирзо Турсунзода, ки он рӯзҳо дардманд буданд, аз ин пай бурда, гуфтанд, ки ман ба сухан мебароям. Издиҳом бо қарсаки дуру дароз ӯро қабул кард... Аз ҳарорати баланди зал буғҳо дудмонанд бухор мешуданд, аммо агар пашша мепарид, шунида мешуд. Ҳама мафтуни нутқи пурҳарорати Мирзо Турсунзода буданд. Мавзӯи баромади ӯ ба амал татбиқ шудани сиёсати давлати шӯравӣ, дӯстии халқҳо ва муборизаи барои сулҳ буд. Аз ҳар тори мӯйи шоир арақ ҷорӣ мешуд, аммо ӯ нутқи оташинашро давом медод. Мардум хастагиро фаромӯш карда, самимона каф мекӯфтанд. Дар хотимаи нутқ М.Турсунзода шеъри мушҳури худ «Шоиро»-ро хонданд.

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар!
Сӯхтан пӯлоду оҳан офарад,
Аз шароре тоза гулхан офарад…

Боз мавҷи қарсак ба фалак дакка хӯрд. Вале дар пазироиҳои бародарону хоҳарони ӯзбек ягон унсури расмият мушоҳида намешуд, зеро агар бо забони шоир гӯем:

«Ҳоҷат набувад, ки гӯям имрӯз
Аз бобати дӯстӣ каломе,
Зеро ки аз ибтидост моро
Як роҳу равиш, як мароме…»

Бале, дӯстии мардуми тоҷику ӯзбек таърихи дуру дарозе дошта, дар тӯли асрҳо аз санҷиши рӯзгорон гузаштааст. Адибони зиёд ин ду халқро ба ду мағзи як бодом, як себи дукафон, ду сатри як байт, ду саҳифаи як китоб, ду шохоби як дарё, ду чашми як одам, бародарони ҳамзод ва амсоли ин ташбеҳ кардаанд, ки алҳақ, росту дуруст аст ва аз ин гузашта халққои ӯзбеку тоҷикро, ки дар таърих, маданият, сарулибос, мусиқиву рақс, меъморивву табиат, хулқу хӯ ва расму одат хеле қаробат доранд, метавон як ҳамсояву дӯст номид. Тоҷикон ва ӯзбекон кишвари дӯстӣ ва бародариро дар давоми садсолаҳо маъмур сохта, дар кӯраи муборизаҳо бар зидди истилогарони аҷнабӣ ва золимони маҳаллӣ обутоб додаанд. Бинобар ин дар бисёр шаҳру деҳоти Тоҷикистону Ӯзбекистон ӯзбекон ва тоҷикон ҳамсояву ҳамдевор зиндагӣ мекунанд, деҳаҳои тоҷикнишину ӯзбекнишин паси ҳам меоянд. Аксари ин ду халқ забони якдигарро медонанд. Дар ҳар хонадон ва дар фазо ҳамеша созу суруди тоҷикиву ӯзбекӣ ҳамсадо ва ҷӯр аст. Ба баён ҳоҷат нест, ки муносибатҳои хеле наздиктарин дар байни ӯзбекону

тоҷикон ташаккул ёфтаанд, ки вай дар анъанаҳои нақиби ба ҳардуи ин халқҳо хос ифода ёфтааст. Мардуми тоҷику ӯзбек мероси бойи маданӣ доранд. Оҳангҳои ғоявӣ, сюжет ва дигар аломатҳои маданияти ин ду халқ бо ҳам хеле монанданд.

Таърих шоҳиди дӯстии бародарона ва ҳамкории Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ, Мавлоно Муқимӣ ва Тошхӯҷа Асирӣ, Содирхон Ҳофизу Мулло Тӯйчӣ ва дигар намояндагони ин ду халқ аст.

Дар ин хусус академик З.Ш.Раҷабов дар рӯзҳои Даҳаи маданияти мо хеле дуруст қайд карда буд, ки фарқияти забон ба барқароршавӣ ва ҳамкории зичи намояндагони маданияти ӯзбеку тоҷик садде нагардид. Бисёр классикони адабиёти ӯзбек, аз қабили Алишер Навоӣ, Бобур, Машраб, Турдӣ, Муқимӣ, Фурқат, Завқӣ ва дигарон забони тоҷикиро на фақат хуб медонистанд, ҳатто бо ин забон асарҳои аъло низ эҷод кардаанд. Дар адабиёти мо анъанаи хуби «ширу шакар»-гӯӣ ба вуҷуд омада, камол ёфт.

Боиси хурсандист, ки ӯзбекон Садриддин Айниро асосгузори адабиёти советии худ мешуморанд.

Бисёр классикони адабиёти тоҷик аз нозукиҳои забони ӯзбек ва таърихи маданияту адабиёти он пурра бохабар буданд. Аммо дӯстию ҳамкории халқҳои тоҷику ӯзбек баъд аз ғалабаи ғояҳои Октябри муаззам дар оилаи ягонаю бародаронаи миллатҳои Иттифоқи Советӣ оҳангҳои нави иҷтимоӣ ва ҳусну зебоии нав пайдо кард.

Тоҷикистону ӯзбекон даст ба даст, пеш аз ҳама бо ёрдами халқи кабири рус сотсиализм бунёд намуданд, принсипҳои нави муносибатҳои миллатҳои озодро ҷорӣ намуданд, бар зидди душманони сохти советӣ далерона ҷангиданд, манбаи зиндагӣ – каналҳои калони Фарғонаю Ҳисор ва стансияҳои электрикии обиро сохта, ба истифода доданд ва дар баробари

афзун намудани ҳосили «тиллои сафед» ҳамкорӣ мекунанд.

Ҳамкории бевоситаи бародаронаи моро дар соҳаи ба вуҷуд овардани маданияти нави сотсиалистӣ махсус қайд карданӣ ҳастам. Зеро маданияти профессионалӣ – театрҳо, муассисаҳои мусиқӣ ва кадрҳои санъати сотсиалистии тоҷик дар натиҷаи ҳамин ҳамкории босамар инкишоф ёфтаанд.

Дар ҳақиқат, тоҷикон ва ӯзбекон чунон ба ҳам анису мӯнис гардидаанд, ки ҳатто қиёфаи зоҳирии онҳоро фарқ кардан душвор аст. Беҳуда шоири овозадори тоҷик Боқӣ Раҳимзода нафармудааст:

Фарқи ҳама мардумони дигар осон,
Лекин шуда мо баҳам чунон ҳам наздик.
Бинанда чунин суол орад ба миён:
«Эй ҷӯра, бигӯ, ту ӯзбакӣ ё тоҷик?»

Ин дубайтӣ дар рӯзҳои Даҳа чандин бор ва дар чандин ҷо вирди забон гардид. Ҳамин нуқтаро адибони ӯзбек низ бо суханони олӣ баён кардаанд. Тошканд моро бо шиори

Марҳабо, меҳмонимиз,
Жондан азиз қардошимиз.
Марҳабо, меҳмони мо,
Чун дар тани мо ҷони мо, –

пешвоз гирифт. Дар саросари Ӯзбекистон дар алвонҳои сурх бо хатҳои заррин навишта шуда буд: «Хонаи ӯзбек – хонаи тоҷик, хонаи тоҷик – хонаи ӯзбек». Як банд шеъри Ғафур Ғулом ҳам рӯҳияи он рӯзҳоро хеле барҷаста ифода мекард:

Яқин – кунда – кундағай қадим – қадимдан буён.
Бирини ӯғли тожик, келини ӯзбек қизи.
Отаси фарғоналик, модараш аз Бадахшон,
Она тилиси тожик, аммо ӯзбекдир ӯзи.

Чун сухан аз ягонагӣ ва қаробати наздики хешу таборӣ рафт, наметавонам дар хусуси мулоқотамон бо мардуми шаҳри бостонии Самарқанд таваққуф нанамоям. 27 май вакилони Тоҷикистон ҳам аз Фарғонаю ҳам аз Бухоро ва ҳам аз заминҳои навкорами вилояти навбунёди Сирдарё ба Самарқанд омаданд. Ин шаҳр таърихи тамаддуни халқи тоҷику ӯзбекро бо тамоми шаҳодат ва бузургӣ ҳикоят мекард. Дар ин ҷо хишти аввалини назмро Абӯҳафси Суғдӣ, Дақиқӣ, Сӯзанӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Ҷомӣ, Алӣ Қӯшчӣ, Мушфиқӣ, Давлатшоҳ, Мутрибӣ, Сайидо ва даҳҳо адибону олимони халқи тоҷик гузаштанд ва зиндагиву эҷод кардаанд ва ё дар ин хок по бар арсаи вуҷуд ниҳодаанд. Дар ин шаҳр устод Айнӣ ба адабиёти навини инқилобии тоҷик поя гузошт, дар ин шаҳр нахустин рӯзномаи советии тоҷикӣ нашр шуд. Самарқанд аз шаҳрҳоест, ки бародарии халқи тоҷику ӯзбекро устувор кардааст. Дар майдони қадимии Регистон ҳайкали ёдгории Ҷомӣ ва шогирди вафодори ӯ сардафтари адабиёти ӯзбек Навоӣ ин дӯстиро таҷассум менамояд. Аз ин рӯ дар Даҳа базми сухан ва базми шеъри тоҷикӣ ҳусни хоссае дошт. Мирзо Турсунзода дар баромади худ гуфт, ки аксари самарқандиён хешу табори душанбегиҳо ҳастанд, ман агар бигӯям, ки ҳар яки ин ҷо нишаста дар Душанбе бародару хоҳар ё падару модар ва ё фарзанд дорад, хато нахоҳам кард.

(Телевизион ва радио ҳамаи гуфтугӯи он шаби моро ба тамоми гӯшаву канори ду республикаи бародар расонд. Бинобар ин, ман аз тафсилоти дигари он худдорӣ мекунам.)

Дар рӯзҳои Даҳаи маданияти тоҷик дар Ӯзбекистон мо бори дигар самараҳои хуби ин дӯстии бузургро дидем. Дар рӯзе, ки мо дар замини Ӯзбекистони бародар маданияти худро намоиш медодем – даҳ рӯзи тантанаи сиёсати дӯстии халқҳои кабири мо буданд.

Дар ҳар гӯшае шиорҳои «дӯсти тоҷик, хонаи ӯзбек – хонаи туст» ва ғайраро медидем.

Коргари оддии совхози «Бешариқ» Олимҷон Ғиёсов бо шеъри махсуснавиштаи худ:

«Марҳабо, аз Тоҷикистон дӯстон хуш омадед,
Марҳабо, бар сарзамини ӯзбекон, хуш омадед...»

иштирокчиёни Даҳаро истиқбол кардааст. Мо бо синфи коргари Тошканд, бо сокинони садҳо қишлоқҳо мулоқотҳо доштем. Ин мулоқотҳо хеле самимӣ ва тафсон буданд. Ҳар куҷое, ки мерафтем, гумон мекардем, ки мо ба одамоне вомехӯрем, ки борҳо бо онҳо ҳамнишин будему акнун пазмони мулоқоти наванд...

Хати сафари гурӯҳи мо, ки яке аз се гурӯҳи расмии иштирокчиёни Даҳа буд, хеле гуногун буд. Мо бо коллективҳои комбинати бофандагӣ, «Ташселмаш»-и шаҳри Тошканд, совхоз-комбинати ба номи У.Юсуфов, колхози ба номи Ҳ.Турсунқулов, совхози «Пахтаарал», сокинони шаҳрҳои Гулистон: Янгиер, совхози № 6 («Малик»), районҳои Ҷиззах, Ургут ва шаҳри Самарқанд мулоқотҳои фаромӯшнашаванда доштем. Ҳар куҷое, ки мерафтем, мо самараи сиёсати миллӣ ва дӯсти ленинирo медидем. Фарзандони миллатҳои гуногун дар як оила меҳнати баҳодурона мекарданд ва ҳамкорию дӯстии халқҳои бародарро тантана менамуданд.

Мо аз он фахр мекардем, ба монанди он, ки обҳои пурмавҷ ва пуртуғёни Панҷу Вахш, Кофарниҳону Сурхондарё аз қуллаҳои кӯҳҳои сар ба фалакрасидаи тоҷик шорида ба дарёи бузурги Омӯ ҳамроҳ мешаванд, ҳамин тавр ғайрату кӯшиш, меҳнати якҷояи халқҳои тоҷику ӯзбек бо меҳнати халқҳои бародарии Иттифоқи Советӣ васл мегардад ва мавҷи ягонаи ҳаракати халқҳои моро ба сӯйи комёбиҳо ташаккул менамояд.

ҲАРФИ НОТАМОМ...

Якуми октябри соли 1980-ум дар аэродроми Домодедови шаҳри Москва бо нависандаи маъруфи Озарбойҷон, ходими ҷамъиятӣ Мирзо Аҷарович Иброҳимов вохӯрдам.

– Э, чӣ хуше, шуморо дидам, – гуфт Мирзо Аҷарович хурсандона вохурӣ карда ва баъд ӯ дарҳол аҳволи саломатии зану фарзандони устод Мирзо Турсунзодаро пурсон шуд. Ман гуфтам, ки ҳама сиҳату саломатанд. Мирзо Аҷарович маро ба қаҳванушӣ даъват кард. Ӯ ки яке аз ҳамқаламону дӯстони қарини Мирзо Турсунзода буд, асосан дар бораи шахсият ва хислатҳои наҷиби Турсунзода сухан меронд ва ҳангоми видоъ чунин гуфт: «Мо соли оянда ҷашни 70-солагии М.Турсунзодаро дар Озарбайҷон қайд мекунем. Комитетии якдилии Советӣ бо халқҳои Осиву Африқо дар бораи васеъ ҷашн гирифтани солонаи ӯ қарори хуб қабул кард. Бояд аз сулҳу амонӣ, якдилии халқҳои ҷаҳон, озодию истиқлолияти миллии халқҳои мазлум ва прогрессии ҷамъиятӣ бо овози баланд сухан ронем».

Мирзо Иброҳимович ба изҳори чунин ақидаҳо асосу ҳуқуқи комил дорад, зеро вай бо Мирзо Турсунзода чун шахси ҳаммаслаку ҳамкори сазовор дар ҳаракати ҷамъиятии якдилии халқҳои Осиёву Африқо солҳои зиёде заҳмат кашидааст ва инак, баъди вафоти М.Турсунзода ӯро дар вазифаи Раиси Комитети Советии якдилии Халқҳои Африқову Осиё иваз кардааст.

Ёд дорам, дар рӯзи маросими ба раиси ҳамин Комитет интихоб шуданаш М.Иброҳимов бо як эҳтироми том аз хизматҳои шоёни таҳсини Мирзо Турсунзода нақл мекард. А.С.Дзасохов ҳам, ки солҳои

дароз ноиби якуми Раиси Комитети Совети якдилист, илова намуд: «Бесабаб нест, ки Конференсияи якуми якдилии халқҳои Осиёву Африқо дар пойтахти Тоҷикистон Душанбе (октябри соли 1960) гузаронида шуда, ҳуҷҷатҳои муҳими программавӣ қабул карда буд ва Мирзо Турсунзода сарвари сазовори ин комитети бонуфуз интихоб гардид. Саҳми ӯ дар ривоҷи кори наҷибонаи ҳаракати озодихоҳӣ, таназзули мустамликадорӣ, сулҳу амонӣ бебаҳост».

... Ман бо Мирзо Иброҳимов хушбошӣ кардаму пас аз чанд дақиқа вориди самолёт шудам. Ҳамин ки курсии худамро ёфта нишастам, беихтиёр хаёлам ба ёди он марди бузург, шоири ширингую оташинсухан – Мирзо Турсунзода банд шуд... Суханҳои Мирзо Иброҳимов ҳанӯз дар гӯшам садо медод, ки мугуфт: «Мо ҷашни Мирзоро сазовор қайд мекунем» Ман ҳам Мирзо Турсунзодаро хеле аз наздик медонистам, ҳамроҳаш сафарҳои зиёд кардам, чандин сол бо ҳам дар мавзӯъҳои адабиёту санъат мубодилаи афкор доштем, дӯстони қарн будем. Ман гарқи хаёлот варақҳои хотиротамро рӯйгардон мекунам.

Бори аввал сафари мо бо М.Турсунзода ба Панҷрӯд соли 1958-ум воқеъ шуда буд, ки ин сол 1100-солагии қофиласолори адабиёти форсу тоҷик Абӯабдулло Рӯдакиро дунёи тараққипарвар тантана мекард.

Мирзо Турсунзода ҳамроҳи А.Қаҳҳоров – Раиси Комитети республикавии ҷашни Рӯдакӣ, ходимони барҷастаи адабиёти советӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла Н.Тихонов, Р.Ғамзатов, Гулбашх Сигх (Ҳиндустон), Саид Нафисӣ (Эрон) ва дигар соҳибқаламони маъруф ба Панҷакент омаданд. Турсунзода меҳмононро роҳбалаӣ мекард ва бо як меҳрубонию дилсӯзии фавқулодда онҳоро пазироӣ менамуд: ӯ ба Н.Тихонов муроҷиат намуда: «Шумо меҳмони мо не, меҳмони одамушшуарои адабиёти форсу тоҷик, меҳмони

Рӯдакӣ ҳастед. Ҳар қадр, ки шуморо қадр кунем, ҳамон дараҷа арвоҳи бобакалони адабиётамон шод мешавад». – гуфта бо ифтихор ширингӯйҳо мекард.

Ёд дорам, дар сӯҳбатҳо меҳмонҳо дар ҳаққи М.Турсунзода қадаҳҳо мегуфтанд. Аксари сухангӯён аз бузургии адабиёти куҳани тоҷику форс, арзиши ҷаҳонии он, адибпарвар будани сарзамини тоҷикон, табиати шоиронаи диёри Рӯдакӣ сухан ронда, ҳатман таъкид мекарданд, ки адабиёти советии тоҷик, ки сарвари он Мирзо Турсунзода аст, вориси арзандаи адабиёти классикии тоҷик буда, дар шароити навин ба қуллаҳои баланд баромадааст. Р.Ғамзатов бо услуби хоси кавказӣ қадаҳи хуб гуфта буд: «Ман барои зеботарин шоири советӣ Мирзо менӯшам, зеро худаш аз шеърашу шеъраш аз худаш зеботар аст».

Пас аз ҷашн ҳам мо бо М.Турсунзодаву М.Миршакар ба зиёрати мақбараи устод Рӯдакӣ сафарҳо кардаем. Боре дар ёд дорам, ин соли 1959-ум буд, мошинамон дар роҳ вайрон шуд. То иллати мошинро ёфтани ронанда вақти бисёре гузашт. Мирзо нимшӯхиву нимҷиддӣ гуфт: «Биёед, пиёда меравем мисли хориҷиёни пиёдагард».

Сафари дигари мо бо ӯ соли 1967-ум ба қитъаи Америка – ба Канада, ба намоишгоҳи умумиҷаҳонии «Экспо-67 бургузор шуда буд. Он ҷо мо каме якҷоя гаштем, зеро маршрутҳо гуногун буданд. Аммо чанд сӯҳбату мулоқотҳо кардаем, ки якеи онҳо дар мавзӯи тарзи зиндагии мардуми он кишвар буд. Дар сӯҳбат М.Воҳидов, Ҷ.Муродов ҳам буданд, ки: «Шаҳбозҳо, тазодҳои зиндагии ин ҷоро бо диққат аз назар гузаронед, фирефтаи оламатҳои пурҷилои берунаи он нашавед, эҳтиёт бошед,. – мегуфт ӯ. Вақте ки мо ба чанд шаҳри он кишвар, аз ҷумла Монреал ва Торонто, ки бо штати Ню-Йорки ШМА ҳамсарҳад аст, мусофират кардем, бисёр «сирҳои» зиндагии ҷамъияти капиталистӣ ва тазодҳои онро дарк кардем.

Дидем, ки аз як тараф дар ибодатхонаю калисоҳо садҳо занони роҳгум дар кунҷи узлат нишастаанд, онҳо дар ҷаҳолат ва нодонии асримиёнагӣ монда, чандин занони дигар бо пойҷомаҳои кӯтоҳ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар кӯчаҳову боғҳо нимбараҳна мегарданд. Диққати моро М.Турсунзода ба як чиз ҷалб намуд: «Агар мо дар Ватани худ қадри занро ба осмони ҳафтум барорему манбаи илҳом шуморем, дар шароити ин ҷамъият зан шарафи модарию рафиқаи ҳаёти мард будани худро гум карда, ба чизу моли шахсии сармоядор мубаддал гаштааст».

Дар ҳама ҷойҳои серодам дар кӯчаҳо, метроҳо, дар магазину ресторанҳо расмҳое часпонда буданд, ки он як воситаи зиёд кардани ҳисси шаҳвонии мардон аст. ҳатто дар тасмаи гардани сагҳо, чарҳҳои мошин сурати занҳои урёнро медидем. Ҳамин низ барои мо аён шуд, ки он вақт дар Монреал 1100 ибодатхонаҳою калисоҳои мазҳабҳои гуногун ва 4100 банки мансуби капиталистони молиявӣ мавҷуд буд, аммо театри касбии доимие, ки ба халқ хизмат расонад, вуҷуд надошт. Хулоса дар як қутб бенавоӣ, нодорию ночорӣ, дар кутби дигар пулмастиву айшу ишрати бе дарди миён ҳукмрон буда, дар онҳо ҳама чиз, шараф ва виҷдони инсонӣ низ харидаву фурӯхта мешуд. М.Турсунзодаи тезбину дурбин маҳз ин тазодҳоро дар назар дошт.

Боре дар ҳамон тарафи уқёнус Мирзо Турсунзода изҳор дошт, ки мафкураи ишратпарастию молпарастӣ он гоҳе ба шуури ҷавонони ноустувори мо ҳам таъсир мерасонад. Парастиши латта-путтаҳои импортӣ ва овехта гаштани тамғаҳои хориҷӣ нишонаи ҳамин аст.

Яке аз шеърҳои баландғояи ватандӯстонаи М.Турсунзода «Ватан» дар ҳамон сарфарҳои эҷод шуда буд, ва аз ҳамон вақт боз дар иҷрои Артисти Халқии СССР Ҷ.Муродов доимо садо медиҳад.

Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,
Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.
Ба мисли гӯшту нохун ман ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчӣ нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.

Он гаҳ ман як ҷиҳати эҷодиёти М.Турсунзодаро дарк намудам, ки чакидаҳои қаламаш маҳсули мушоҳидаҳои зиндаи вай аст ва диди иҷтимоии ӯро аён инъикос менамояд.

М.Турсунзода нисбат ба ҷавонони эҷодкор ниҳоят ғамхор ва серталаб буд. Агар ба ибораи халқӣ гӯем, ӯ намегузошт, ки «ба пояшон хоре халад». Аммо дар баҳо додан ба кори эҷодии онҳо, мазмуни асарҳояшон, рафтору гуфтори онҳо мисли падар қатъӣ, ҷиддӣ ва сахтгир буд.

Дар бораи боз як сафари якҷояамон бо Мирзо Турсунзода, ки моҳи ма соли 1977 сурат гирифта буд. Дар Хуҷанд бо ташаббуси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон курс-конференсияи адибони ҷавон гузарониданӣ буданд... М.Турсунзода, ки ба проблемаҳои тарбияи ҷавонони эҷодкор аҳамияти махсус медод, маро ҳам даъват намуд, ки дар ин чорабинӣ иштирок намоям ва ба ҳалли баъзе масъалаҳо кӯмак расонам. М. Турсунзода, аввал ба тартиботи гузаронидани курс-конференсияи адибони ҷавон шинос шуд, ва ба он тағйироти муҳим дохил намуд: гузаронидани мулоқотҳо дар коллективҳои коргарӣ, деҳқонон ва ғайраҳоро ба он ҳамроҳ кард. Дар ин бобат эҷодиёти хуби ӯ, тарзи зиндагиву меҳнати фидокоронааш дар роҳи бунёд намудани маданияти нави пешқадам ва устувор гардидани сулҳу амонӣ барои наслҳои имрӯзаву оянда намунаи ибрат буд.

Вақто ки сухан дар бораи ҷавонон мерафт, ӯ одат дошт, ки суханҳои зерини Б.Шоуро хотиришон кунад: «Ҳаёт барои ман шамъ нест, ки об шавад. Он

машъалаест, ки лаҳзае ба дастам офтодааст ва ман мехоҳам шӯълаи онро дурахшонтар кунам, то ин ки баъд ба дасти наслҳои ҷавон супорам».

Моҳи майи соли 1976 дар шаҳри Боку конференсияи IV-уми Комитети Советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африқо баргузор шуд ва ман ҳам дар ҳайати вакилони он будам. Дар як тайёра мо аз Душанбе ҳамроҳи М.Турсунзода, Б.Ғафуров, Р.Қурбонова – Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Т.Абдушукурова ва дигарон ба Боку раҳсипор шудем. М.Турсунзода хеле хаста ва таҳти назорати духтур К.И.Иванова буду қатъи назар аз хастагиаш ҳамроҳи Бобоҷон Ғафуров ва дигарон масъалаҳои инкишофи адабиёту санъат ва инкишофи ҳаракати якдилии Осиёву Африқоро муҳокима мекард. Мо ба Боку расидем ва рӯзи дигар дар Қасри ба номи Ленини он ҷо конференсияи номбурда ба кори худ оғоз кард. Дар толори конференсия фиристодагони республикаҳои Бародарӣ, вакилони ҳаракати якдилии тамоми қитъаҳои олам гирд омада буданд. Маҷлисгоҳ чунон ором буд, ки ба қавле пашша пар занад, шунида мешуд. Чашми ҳама, ба минбар дӯхта шуда буд, ки оромиро кӣ «вайрон» мекунад!

Пас аз андак фурсате дар минбар пайкари зебои М.Турсунзода намоён гардид. Ҳозирон ӯро гарму ҷӯшон ва бо кафкӯбиҳои дуру дароз пешвоз гирифтанд. М.Турсунзода, гарчанде ки дардманд буд, бо нутқи оташбор ба ҳозирон мурочиат кард... Дар давоми суханонаш ӯ вакилони Ташкилоти якдилии Осиё ва Африқоро бо сардории собиқ Котиби Генералии он марҳум Юсуф ас-Сибоӣ, Ташкилоти Миллатҳои Муттаҳид, Совети умумиҷаҳонии сулҳ, фиристодагони Ветнам, Лаос, халқҳои Ангола, Мозамбик, Гвинея-Биссау, Африқои Ҷанубӣ, Намибия, Зимбабве ва дигаронро, ки барои истиқлолияти худашон қаҳрамонона мубориза

мебаранд, табрику таҳният намуд... Азбаски он рӯзҳо ба ҳаракати якдилии Советӣ 20 сол пур шуда буд, нотиқон ба унвони ин ташкилоти байналхалқии бонуфуз ва раиси он М.Турсунзода суханҳои бисёри табрикӣ мегуфтанд, хизматҳои ӯро ҳамчун яке аз асосгузорони фаъоли ин ҳаракати обрӯманди дунёи махсус қайд мекарданд, ки ин ба вакилони советӣ, хусусан фиристодагони Тоҷикистон рӯҳбаландии нотакрор мебахшид. Дар сӯҳбатҳои байни маҷлисҳо рафиқони осиёгиву африқоӣ чун медонистанд, ки мо аз Тоҷикистонем, махсус эътироф менамуданд: – «Мо африқоиҳо, Мирзо Турсунзодаро хуб медонем, номи ӯ рамзи муборизаи халқҳои Осиё ва Африқост. Назми оташбори вай қалбҳои моро гарм мекунад ва ба муборизаи беамон бар зидди мустамликадорон даъват мекунад» – мегуфтанд.

Ман дар сафарҳоям ба мамлакатҳои дурдасти Африқо аз забони Саму Абдулло (Малӣ) ва дигарон шунидаам, ки Турсунзодаро дар он қитъаҳо ба хубӣ мешиносанд ва қадр мекунанд. Дар ин хусус шоири номии советӣ, Раиси Комитети муҳофизати советии сулҳ марҳум Н.Тихонов хеле хуб гуфтааст:

Садои Панҷу Вахш ҳарчанд буррост,
Садои шеъри ту бурротар аз он...
Ҳисору қуллаи Помир ҳарчанд
Намоён нестанд аз Мисру Порис,
Намудорӣ ту лекин дар ҳама ҷо
Чу пайки сулҳ, чун марди мубориз...

Аз хусусиятҳои нотакрори шахсияти М. Турсунзода яке он буд, ки ӯ қобилияти фавқулоддаи корбарандагӣ дошт ва ташаббускори навовариҳои бисёре дар услуби кори ташкилотҳои эҷодии республикаамон буд. Ин аст, ки дар тӯли солҳо ӯ сарвари муносиби адибони тоҷик буд. Ин ҷо ман ба

ду хусусияти услуби роҳбарии ӯ дар ташкилоти бонуфузтарини эҷодии республикаамон – Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мухтасар дахл карданиам: аввалан, ин услуб дар кӯшишҳои вай барои бо ҳаёти имрӯза пайвастани фаъолияти адибон ва аз кору бори меҳнаткашон онҳоро огоҳ кунондан ифода мешуд. Дар ҳар ҷамъомади эҷодӣ ӯ гаштаю баргашта таъкид мекард, ки адибон бояд зиндагии коргарон, колхозчиёнро амиқ омӯзанд, ба сафарҳои эҷодӣ бароянд, агар лозим шавад, дар қатори онҳо истода, дар коллективҳои меҳнатӣ кор кунанд. Дар ин бобат таҷрибаи М.Хоҷаев ва дигарон мисоли раднашаванда мебошанд. Баъдан, М.Турсунзода кӯшиш мекард, ки муҳокимаи масъалаҳои рӯзафзуни эҷодӣ самаранок ва бомақсад гузарараанд. Масалан, дар яке аз пленумҳои Иттифоқи нависандагони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ М.Маҳмадалиев ва академик В.П.Красичков иштирок намуда, дар баромадҳолшон аз комёбиҳои меҳнатии мардуми деҳот ва пешрафти кори селексияи пахта нақлҳо карданд. Бо ташаббуси ӯ мулоқотҳои адибон дар коллективҳои саноатӣ, колхозӣ ва мактабҳои миёнаву донишкадаҳои олӣ низ мунтазам мегузаштанд.

Вай ба омӯхтани масъалаҳои таҷрибаи эҷодии халқи рус, халқҳои дигари ватанамон аҳамияти махсус медод. Ӯ яке аз ташаббускорони дар республикаамон гузаронидани даҳаҳои адабиёту санъати РСФСР, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Озарбайҷон, Литва, Қирғизистон, Арманистон буд, ки ин тадбирҳо дар кори наҷиби баҳраманд шудани халқамон аз сарватҳои маънавии дигар миллатҳо арзиши бебаҳо доштанд. Акнун ин услуби таҷрибаомӯзии эҷодӣ ва тарғиби санъату адабиёти республикаҳои бародар ба ҳукми анъана даромадааст, ки мисоли онро дар гузаронидани

рӯзҳои маданияти Тоҷикистону Ӯзбекистон мушоҳида мекунем.

Ботини поки Турсунзода боз дар он ифода мешуд, ки каломи ҳақиқатҷӯро пос медошт, ҳамаи масъалаҳои муҳими эҷодиро бо меъёри назарияи эстетикии баланд андоза мекард ва ҳамеша саъӣ менамуд, ки объкти тадқиқоти бадеии адибон масъалаҳои рӯзафзун бошад. Вай бемақсад эҷод карданро намеписандид. Барои он ки нависандагон аз кору бори мамлакату республика огоҳ бошанд ва бо маълумотҳои зарурии муборизаи ба мақсад мусаллаҳ шаванд, М.Турсунзода мекӯшид, ки дар назди онҳо ходимони партиявӣ, давлатӣ, мутахассисони машҳури илму маданият баромад кунанд. Ӯ ба пленумҳои якҷояи иттифоқҳои нависандагон, рассомон, бастакорон, вакилони санъати театру киноро таклиф намуда, дар онҳо эҷодкоронро аз нақшаҳои ҳозираву ояндаи сохтмони иқтисодӣ-маданӣ ва ғайра хабардор карда меистод.

М.Турсунзода ҳамчунин кӯшиш мекард, ки дар байни ходимони давлатӣ силсилаи сӯҳбатҳои махсус барпо шаванд, ки дар онҳо адибон аз нақшаҳои эҷодиашон нақл кунанд, маслиҳату фикру мулоҳизаҳои дигаронро дар бораи асарҳояшон бишнаванд, аз боби дар адабиёту санъат сазовор тасвир намудани корнамоиҳои меҳнаткашон дар иншоотҳои Норак, Ёвон, заводи алюминии тоҷик, қаҳрамониҳои пахтакорону боғдорон ва чорводорон дар Вахшу Хуҷанд, Кӯлобу Ҳисору, Қаротегину Помир ва ғайраҳо сухан гӯянд.

Мирзо Турсунзода доимо ба ҳамкоронам М.Қаноат, А.Шукӯҳӣ, Ф.Ниёзӣ ва дигарон маслиҳатҳо медод, ки аз рафти кору бори Иттифоқи нависандагон ба ташкилотҳо мунтазам ахборот дода истанд ва дар амалиёташон ба кӯмаку маслиҳат ва дастгирии онҳо такя намоянд, зеро роҳбарии

ҷамъият ба адабиёту санъат аз омилҳои муҳими пешрафти он аст.

Ана ҳамин хислатҳои олии М.Турсунзода – хизмати фидокорона ба халқ, ба ӯ ҳуқуқ дод, ки на фақат сарвари ташкилоти эҷодии адибони тоҷик, балки солҳои зиёд раиси Комитети муҳофизати сулҳу Тоҷикистон, Раиси Комитети якдилӣ бо мамлакатҳои Осиёву Африқо низ бошад ва дар ин ҷабҳаҳо низ саҳми зиёде гузорад.

Ман дар боло аз хислатҳои инсонӣ ва услуби роҳбарии ӯ сухан гуфтам. Аммо Мирзо Турсунзода пеш аз ҳама шоир буд. Тамоми хислатҳои дигари ӯ аз ҳамин сарчашма об мехӯрданд. Шахсияти наҷиб, самимият, инсондӯстӣ, одамият, меҳрубонӣ, сулҳхоҳӣ, ватанпарварӣ, шогирдрасонӣ ва тамоми фаъолияти ӯ маҳзари хислатҳои олиҷаноби шоирии ӯ буд. Аз ҳамин ҷиҳат агар дар бораи шоирии Мирзо Турсунзода нагӯем, сухан нотамом ва якторафа мемонад.

Мирзо Турсунзодаро баъзеҳо фақат сиёсатмадор ва гӯяндаи ашъори иҷтимоӣ мешуморанд. Маълум, ки мағз андар мағзи эҷодиёти амиқмазмуну баландғояи ӯ обуранги сиёсӣ дорад ва одамонро ба мубориза даъват менамояд. Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки ӯ «сиёсатчии хушк» буду аз лирикаи ишқӣ сарфи назар мекард.

Дар осори мунтахаби дуҷилдаи ӯ, ки ба наздикӣ нашриёти «Ирфон» ба табъ расонидааст, чунин сатрҳо хеле бисёранд:

Ишқ агар нест, ақл бечон аст,
Дар дилат чиллаи зимистон аст.

Шеърҳои ӯ «Ба дилбар», «Ҳамсоя бошам», «Ситораи ман», «Ҳамин кофист», «Бо чашмони ту», «Афсӯс, ки накардӣ имтиҳонам», «Бӯи гул ояд зи ту»,

«Кокулат» ва амсоли онҳоро ба ёд оред, ки чӣ қадар ошиқона, самимӣ, намакин ва ҷаззобанд. Онҳо ба дараҷае дар байни мардум паҳн шудаанд, ки баъзеҳо онҳоро моли халқ медонанд. Беҳуда нест, ки ҳамаи онҳо бо оҳангҳои халқӣ суруда мешаванд. Вале бояд махсус қайд кунем, ки лирикаи ишқии ӯ бо лирикаи гражданиаш зич омехта ва алоқаманд мебошад:

Гулистонро гули пурхандаӣ ту,
Ба майдон ханҷари буррандӑй ту.

Аз шоирони саветии тоҷик ҳеҷ яке ба монанди М.Турсунзода дар васфи зан шеъру достонҳои пуробу ранг нанавиштааст, гӯем хато намекунем. Зеро ҳар як шеъру достони ба зан бахшидаи ӯ пур аз лаззати ишқу муҳаббат буда, ботини софи занро тасвир мекунад ва табаддулоти куллии озоди онҳоро дар даврони озод бо ташбеҳҳои ҳаяҷоновар шарҳ медиҳад. Ӯ занонро чунин тасвир мекунад, ки шахсияташон маънои нав мегирад. Агар классикони мо онҳоро аксар ҳамчун маъшуқаи дилозору камвафо тавир карда бошанд, М.Турсунзода пеш аз ҳама қобилияту фазилат ва тавоноии онҳоро эътироф ва васф мекунад. «Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд, Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд» – мегӯяд ӯ.

Бо вуҷуди ҳамаи ин фитрати устод Мирзо Турсунзодаро халқияти том ташкил мекунад. Шоир на танҳо тамоми эҷодиёти ғании худро бо ин санги маҳак ҷило медиҳад, балки беҳтарин сатрҳояшро ба васфи халқи меҳнаткаш сурудааст.

Моҳи сентябри соли 1977 табибҳо шабу рӯз болини ӯро тарк намекарданд. Аммо дареғо, ки паймонаи умри ӯ пур шуда буд.

ПАЙВАНДИ ДИЛҲО

Бародарию баробарии байни халқи тоҷик ва қирғиз таърихи қадимае дорад. Ҳанӯз аз давраҳои хеле қадим муносибати дӯстӣ ва ҳамкории байни ин халқҳо вуҷуд дошт, ки як лавҳааш дар романи Раҳим Ҷалил «Шӯроб» тасвир ёфтааст. Барои мустаҳкам ва самарабахш шудани ин дӯстӣ, хусусан роли ададбиёту санъат хеле калон аст. Нависанда ва санъаткорони номдори ин ду халқ ҳар эҷоди наве кунанд, ба ҳамаи халқҳои ватан баробар тааллуқ дорад.

Ба қариби дар Қирғизистон тантанаи дӯстию бародарӣ баргузор мегардад, ки он ба рӯзҳои маданияти Тоҷикистони Советӣ мансуб аст. Бародар ба меҳмонии бародар меравад. Ин одати хуби қадимист. Табиист, ки одамон ба меҳмонӣ бо дастовезе мераванд. Иштирокчиёни рӯзҳои маданияти Тоҷикистон ҳам бо дастовезҳои сазовор хоҳанд рафт, ки онҳо комёбиҳои маданияти сотсиалистии мо мебошад.

Дар сафи иштирокчиёни рӯзҳои маданияти мо дар Қирғизистон ходимони намоёни адабиёту санъат ҳузур доранд. Дастаи адибони Тоҷикистонро, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Лауреати мукофоти ленинӣ Мирзо Турсунзода сардорӣ мекунад, ки ба он Шоири Халқии Тоҷикистон, Лауреати мукофоти давлатии СССР М.Миршакар, адибони маъруфи мо Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил, М.Қаноат, Ф.Муҳаммадиев ва дигарон дохил мешаванд. Онҳо асарҳои солҳои охир эҷод кардан худро дастовез мебаранд. Дар ин асарҳо муборизаи қаҳрамононаи халқи мо барои иҷрои нақшаҳои азими ҳаётбахш инъикос шудаанд.

Дар рӯзҳои маданияти тоҷик дар Қирғизистон ғайр аз адибони маъруф боз вакилони ҳамаи жанрҳои санъати сотсиалистии мо иштирок мекунанд. Аз ҷумла,

солистони номии Театри академики давлатии опера ва балети ба номи С.Айнӣ, Артистони Халқии СССР – А.Бобоқулов, М.Собирова, Ҳ.Мавлонова, Артистони Халқии Тоҷикистон Л.Кабирова, Б.Исоева, М.Бурҳонов, фиристодагони театрҳои драмавии ба номи А.Лоҳутӣ ва В.Маяковский, Артисти Халқии СССР Н.Н.Волчков, Артисти Халқии Тоҷикистон М.Воҳидов низ ҳастанд. Дар ҳайати иштирокчиёни рӯзҳои маданият дастаҳои калони ҳунарии Филармонияи давлатии Тоҷикистон бо иштироки артистони номии мо Ҷ.Муродов, З.Нозимов, Ш.Муллоҷонова, М.Боқиева, ансамбли «Рубобчизанон», ансамбли давлатии хореографии Тоҷикистон «Лола» бо сардории Артисти Халқии СССР Ғ.Валаматзода, коллективи ҳунарии Театри республикавии ба номи А.С.Пушкин бо иштироки санъаткорони моҳир Ҷ.Набиев, З.Аминзода, З.Ҳасанова, ансамбли эстрадии «Гулшан» бо иштироки Артисти Хизматнишондодаи Тоҷикистон О.Орифов ва дигарон ҳунарнамоӣ хоҳанд кард.

Дар рӯзҳои маданият ғайр аз программаи васеи консертӣ намоиши зиёда аз 250 асари рассомони маъруфи мо, аз ҷумла, асарҳои Х.Хушвахтов, М, М. Мухин, З. Баҳриддинова, А.Раҳимов, Абдураҳмонов, Яралова, З. Ҳабибуллоев, Серебрянский, Вишнеполский, Боборикин, С.Қурбонов. Лисиков ва дигарон, асарҳои вокалӣ ва хореографии бастакорони мо – Ш.Сайфиддинов, З.Шаҳидӣ, Т.Шаҳидӣ, Я.Сабзанов, Д.Дӯстмуҳаммадов, А.Ҳамдамов ва дигарон пешбинӣ шудаанд.

Илова бар ин, дар он рӯзҳо дар растаҳои Қирғизистон чандин бозори китоби адибону олимони тоҷик ташкил карда мешаванд, ки онҳо ба иштироки олимон – аъзо-корреспонденти АФ СССР М.С.Осимов, академик М.Т.Турсунзода, профессор Р.Ю.Юсуфбеков, адибон – М.Миршакар, Ҷ.Икромӣ, М.Қаноат,

Ф.Муҳаммадиев, Г.Сафиева, О.Аминзода, М.Фофанова ва дигарон мегузаранд.

Санъати кинои тоҷикро режиссёрони номии мо Б.Кимёгаров, А.Тӯраев, Л.Файзиев, А.Раҳимов, Е.Кузин бо филмҳои «Субҳи Ганг», аз рӯи достони барҷастаи Шоири Халқии Тоҷикистон М.Турсунзода, «Қиссаи Сиёвуш», давоми силсилаи филмҳо аз рӯи «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, филмҳои ҳуҷҷатии «Иван-тоҷик», «Мироб», киножурнали «Иди дӯстӣ» ва ғайра пешниҳод менамоянд.

Чӣ тавре ки ба хонандаи азиз маълум мегардад, программаи рӯзҳои маданияти мо хеле гуногуншакл ва васеъ мебошад, ки ба меҳнаткашони Қирғизистони бародар аз кору бори имрӯзаи коргарон, деҳқонон, зиёиёни кишвари офтобрӯяи тоҷик, аз ҳаёти хушбахтонаи онҳо ва меҳнати қаҳрамононаашон дар роҳи иҷрои қарорҳои таърихӣ бо образҳои бадеӣ нақл хоҳанд кард.

Ходимони маданияти мо – адибон, бастакорон, рассомон, устодони санъати театру кино, олимон, архитекторон ба назди бародарону хоҳарони ҳамсояи худ –Қирғизистони Советӣ на фақат бо китобу суруду рақсу мусиқӣ ва амали рассомӣ мераванд, онҳо қабл аз ҳама арзи эҳтирому муҳаббати бародари ва дӯстии самимонаи интернатсионалистии халқи худро мебаранд, ки ин яке аз зуҳуроти раднопазири тантанаи сиёсати миллӣ мебошад.

Дар Қирғизистони бародар ғайр аз тантанаҳои калони расмҳои кушоду хотимаи рӯзҳои маданияти Тоҷикистон мулоқотҳои сершуморе бо коргарон, колхозчиён, зиёиён, хонандагон, аз ҷумла корхонаву донишкадаҳои пойтахти Қирғизистон – шаҳри Фрунзе, бо коргарони сохтмони ГЭС-и Тӯхтагул, бо оҳангарони Қадамҷой, бо шахтиёрони Сулукта ва Тошкӯмур, бо ғаллакорони Иссиққӯл ва лаблабукорони водии Чуй, бо меҳнаткашони водии Талас ва кӯҳсори Тяншон

баргузор мегардад, ки дар он вохӯриҳо комёбиҳои санъати тоҷик, каломи бадеъ ва садои дӯстӣ боифтихор баланд хоҳад гашт.

Мо боварии комил дорем, ки мулоқотҳои ходимони маданияти Тоҷикистон бо меҳнаткашони Қирғизистони бародар самимона ва бо рӯҳбаландии бузург мегузаранд. Дар мулоқотҳои дарпешистода меҳнаткашони Қирғизистони Советӣ баръало хоҳанд фаҳмид, ки ҳамаи асарҳои беҳтарини адибон ва санъаткорони моро идеяҳои ҳаётбахши интернатсионализм фаро гирифтаанд ва дар онҳо роҳи дурахшони мубориза барои қаҳрамонии писарону духтарони вафодори Ватан, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷонбозиҳо кардаанд, қаҳрамонони меҳнати осоишта, ки чӯлҳои Вахшу Мирзочӯл, Ёвону Даҳанакиику Данғарараро ба гулистон табдил додаанд, бинокорони Норак, Ёвон ва Регар, ки саноати республикаро пеш мебаранд, пахтакорони моҳир, чорводорону боғдорони зарбдор ва ғайра васф мешаванд.

Моҳияти бузурги мулоқотҳои эҷодии байни ҳунармандони миллатҳои советӣ ба ҳеҷ кас пӯшида нест. Ин мулоқотҳо, хусусан солҳои охир, ба яке аз омилҳои тавонои мустаҳкамтар гардидани маданиятҳо ва васеътар шудани ҳамкории байни миллатҳои бародар табдил шудаанд. Ин ҷо самараи бебаҳои натиҷаи Даҳаҳои маданияти РСФСР, Ӯзбекистон, Литва ва ҳафтаҳои адабиёти дигар республикаҳои иттифоқӣ дар Тоҷикистонро ба ёд овардан кофист.

Ҳафтаи маданияти Қирғизистон баҳори он сол дар республикаи мо хеле бомуффақият гузашт ва сафари ҳунарии ходимони маданияти мо сафари ҷавобист ба он рӯзҳои фаромӯшнашаванда.

Халқҳои қирғизу тоҷик аз қадим ҳамчун ҳамсояҳои наздики меҳрубону баоқибат, дӯстони вафодор зиндагӣ мекунанд. Ин ду халқи бародарро кӯҳҳои осмонбӯс,

дарёҳои пурмавҷи ҳаётбахш, ҳазорҳо пайраҳаҳои кӯҳии чӯпонҳою деҳқонҳо, роҳҳои автомобилгарди Ошу Помир ва ғайра ба ҳам васл менамоянд.

Дӯстии вайроннашавандаи халқҳои Ватани паҳноварамон, аз ҷумла, тоҷикону қирғизон, гарави муваффақиятҳои азим, омили тавонои ғалабаҳои меҳнаткашон, ходимони илм, адабиёт, санъати театрӣ, мусиқӣ, тасвирӣ, киноматография ва муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ мебошад. Яке аз афзалиятҳои ин дӯстӣ дар он аст, ки ба принсипҳои интернатсионализм асос ёфта, ҳаётбахшӣ ва тавонои сиёсати миллии давлати шӯравиро дар амал тасдиқ менамояд.

Моҳи майи он сол дар республикаи мо ба муносибати рӯзҳои маданияти Қирғизистон дар Тоҷикистон ходимони барҷастаи маданияти Қирғизистон бо меҳнаткашони водиҳои Вахшу Ҳисор, Кӯлобу Ғарм, Ленинободу Норак ва шаҳри Душанбе мулоқотҳои эҷодии бисёре доштанд. Он рӯзҳо дар бозорҳои китоб, саҳнаҳои кинотеатрҳо, қасрҳои маданияту клубҳо, китобхона ва бошишгоҳҳои саҳроӣ садои қомус, суруду рақс ва ғайра ба садои дили дӯстонашон – меҳнаткашони Тоҷикистон омезиш ёфта буд. Он мулоқотҳои эҷодии фаромӯшнашаванда тасаввуроти моро аз комёбиҳои бузурги санъаткорони Қирғизистони бародарӣ боз ҳам васеътар карданд. Ин тантана бори дигар нишон дод, ки қувваҳои эҷодии дар ботини халқҳо солҳои сол ниҳонбуда метавонад бедор шавад ва ба авҷи камолот расад.

Образҳои дилнишини эпоси «Манас» ба монанди образҳои «Гурӯғлӣ» ба мо наздик ва азизанд. «Манас» яке аз ёдгориҳои барҷастаи эҷодиёти халқ буда, чун як навъ энсиклопедияи бадеӣ тарзи зиндагии қирғизҳоро ифода мекунад. Ё ки эҷодиёти шоири оташинсухан, Тухтагул Сатилгановро гирем. Ӯ халқашро ба мубориза даъват мекард ва дӯстиро бо халқҳо тараннум менамуд. Бесабаб нест, ки номи ӯ дар Қирғизистон хеле мӯътабар

аст ва яке аз калонтарини ГЭС-ҳои Осиёи Миёна номи Тухтагулро дорад.

Дар Тоҷикистон эҷодиёти адибони маъруфи қирғиз Аалӣ Токомбов, Т.Сидиқбеков, К.Боялинов, Т.Уметалиев, К.Маликов хеле маъруф буда, китобҳои онҳо дар рафҳои китобхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ бо асарҳои С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, М.Миршакар, Ҷ.Икромӣ ва дигарон дар як қатор меистанд. Дар республикаи мо фаъолияти пурсамари эҷодии яке аз устодони бузурги каломи бадеъ - Чингиз Айтматов хеле машҳур аст.

Дар Тоҷикистон истеъдоди гуногуни санъаткорони моҳири Қирғизистони советиро ҳам ҷазман писандидаанд. Масалан, санъати дилпазири Артисткаи Халқии СССР Б.Кидикиева, Д.Куюков, Артистони Халқии Қирғизистон Б.Минжинкиев, А.Жумамуҳаммедов, Р.Чақоев, устодони киноматография С.Чокморов, Т.Окаев, Б.Шамшиев, Рассоми Халқии СССР Голар Ойтиев, рассомон Содиқов, Илина, бастакорон Нукаш Абриев, Носир Давлесов ва дигарон мухлисони сершумореро пайдо кардаанд. Ҳаёти пурҷӯшу хурӯши мардумони советӣ бо тамоми қувваи бузурги раднашаванда афзалияти беназири муносибатҳои бародариро исбот мекунад, ки як ҷиҳати он аз сарватҳои маънавӣ ба тарзи васеъ баҳраманд гардидани меҳнаткашон аз комёбиҳои якдигар ғанитар гардидани маданиятҳои миллӣ, ҳарчи зиёдтар ҳамкорӣ карда тавонистани табақаҳои васеи зиёиён барҷало мушоҳида мешавад.

ДАР КИШВАРИ КАҲРАБО

Аз он рӯзе, ки дар сарзамини меҳмоннавози Литва бори охирин навоҳои тоҷикӣ садо доданд ва иштирокчиёни Даҳа ба зодгоҳи худ, Тоҷикистони офтобрӯя баргаштанд, муддати дароз гузашт, вале хотироти он рӯзҳои фараҳбахш ҳанӯз дар ёдҳо боқист. Баъзе дӯстон аз ман хоҳиш карданд, ки хотироти худро роҷеъ ба он рӯзҳо ба қалам бидиҳам, дар аввал ин кор ба назарам хеле осон намуд, аммо чун қалам бар даст гирифтам, мушкилоти бисёре пеш омад. Яке аз он мушкилот ин буд: гарчанде аз Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Литва хотирот ва таасуроти бисёре доштам, ҳайрон мондам, ки суханро аз чӣ сар кунам. Баъди андешаву хаёлоти тӯлонӣ қарор додам, ки якчанд лавҳаеро, ки ба хотири ман сахт нақш бастанд, ба хонандагони арҷманд пешкаш кунам.

Кишвари каҳрабо пеш аз ҳама бо табиати бениҳоят дилрабои худ касро мафтун мекунад. Дарёи шаффофу паҳновару ороми Неман, баҳри пуртуғёни Балтика, бешазори рангорангу беканор, кӯлҳои булӯрин, марғзорҳои «об болои себаргаву себарга болои об», манзилгоҳҳои боғу бӯстонталъати ин сарзамини боғи ираммонанд бинандаро ба ваҷд меоваранд ва бо ҳусни афсонавии худ мафтуну мот менамоянд. Шояд дар зери чунин таассурот бошад, яке аз ҳамсафарони мо чунин гуфта буд: «Ба вуҷуд доштани биҳишт шубҳа дорам. Фарз кардем, биҳиштро бино карда бошанд, гумон мекунам, ки офарандаи он аввал Литваро дидаасту баъд нусхаи биҳиштро аз рӯйи ҳамин сарзамин тарҳ рехтааст». Албатта гӯянда Литваро шоирона васф кард, вале дар эътирофи зебоии кишвари каҳрабо мо низ ҳамфикри ӯ ҳастем. Чунин кишварро дида, дилбохтаи он нашудан

мумкин нест. Ҳақ ба ҷониби шоир Витаутас Монтвила аст, ки мегӯяд:

Кишваре дорам, ки дорад кӯҳу ҷангал,
Наҳрҳои Дубиси Шешуна, Немон.
Дӯст медорам фазои беканораш,
Мардуми меҳнатқаринашро дучандон.
Кишваре дорам, ки аз ҷон беҳтар аст он,
Бахти ман бе ӯ нагардад ҳеҷ хандон.
Дар бараш ҳаргиз натарсам аз шаби тор,
Аз азоби пешинаш сӯзад тану ҷон.
Кишваре дорам, ки он пушту паноҳ аст,
Хешро бе он шуморам банди зиндон.
Чун гиёҳи решакангардида хонам,
Мисли мурғи бепару боле ба даврон.
Кишваре дорам, ки бо хун аст пайванд,
Байни мо фардову чизе нест чун банд.
Не ҷаноби беҳаё, не муфтхӯре,
Не ғуломию на завлона, на зӯрӣ!

Литва на танҳо табиати зебо дорад, балки литвониҳо таърихи бошарафе доранд. Метавон гуфт, ки халқи Литва дар давоми асрҳои зиёде барои тақдир ва истиқлолияти худ борҳо бар зидди истилогарони аҷнабӣ қиём карда, дар сафҳаи таърих мардонагии худро сабт кардааст. Литвониҳо инро нағз медонанд, бинобар ҳамин ёдгориҳои таърихии худро ғамхорона маҳфуз медоранд.

Бешаи анбӯҳ ва душворгузари Рудинин... Дар солҳои ҷанг дар ин ҷо истеҳкоми дастаи партизанҳо ҷой гирифта буд. Ягон фашист ба ин ҷо қадам намондааст, чунки онҳо аз ин беша ва хӯҷаини он – партизанҳои литвонӣ мурданивор метарсиданд.

Вақте ки мо ба бешаи Рудинин қадам мондем, дар чор атроф хомӯшӣ ва сукунати том ҳукмфармо буд. Танҳо дар зери пой баргҳои хазон шивир-шивир

мекарданд. Мо торафт ба дарунтари беша ворид мешудем.

Ногаҳ аз паси қарағаи азиме овози баланди омиронае ба гӯш расид:

– Ист! Кӣ меояд?

Аз паси дарахт зани мавзунқомате, ки дар бар либоси партизанӣ ва дар сари сина автомат дошт, баромад.

– Парол? – пурсид ӯ:

– Тоҷикистон, – ҷавоб дод роҳбари мо, хонум Ибодат Раҳимова.

Он зан табассумкунон ба Ибодат Раҳимова наздик шуд ва ӯро ба оғӯш кашида, бӯсидан гирифт. Баъд мо фаҳмидем, ки он зан партизани собиқ Иоза Наркевичуте-Балсерене будааст. Зимнан бояд бигӯям, ки Иоза дар синни ҳаждаҳсолагӣ, соли 1942 ба отряди партизании ба номи Адам Митскевич дохил шуда, то 13-уми июли соли 1944, яъне то тамоман аз фашистони малъун озод карда шудани хоки ватанаш, дар як саф бо мардон бар зидди душман мардонавор ҷангидааст.

Ба мо котиби собиқи комитети партиявии вилояти ҷанубии Литва, ки дар солҳои истилои фашистон ҳам ба таври пинҳонӣ амалиёти худро давом медод, рафиқ Зиминас ва рафиқони ҷангии ӯ табрику дуруд гуфтанд. Ҳоло рафиқ Зиминас доктори илмҳои фалсафа ва муҳаррири рӯзномаи партиявии «Тиёса» мебошад.

Рафиқ Зиминас он солҳои пурошӯбро ба хотир оварда, дар бораи амалиёти партизанҳо, ки зиёда аз шашсад поезди душманро тарконданд, нақл намуд.

Суханони «Тоҷикистон ва Литва», ки бори аввал дар ин ҷо, дар макони партизанҳои шуҷоъ садо доданд, баъдҳо дар давоми тамоми рӯзҳои Даҳа ба рамзи дӯстӣ, ба калиди дилҳо мубаддал шуданд. Бо ин калид на танҳо дари хонаҳо, балки дари дилҳо ҳам ба

рӯи мо во мешуданд. Дӯстони литвонӣ чун мизбонони меҳмоннавоз ва дӯсти наздик моро бо кишвари аҷоиби худ, бо сарзамини каҳрабо шинос мекарданд.

Мо бо ҳаяҷони азиме дар хоначаҳои музее, ки он дар Вилнюс, дар кӯчаи Пётр Свирка воқеъ аст ва дар он 1октябри соли 1918 нахустин съезди Партияи Коммунистии Литва баргузор гаштааст, қадам мезадем ва бо ҳаёт ва фаъолияти бунёдгузори Партияи Коммунистии Литва В.Митскявичус-Капсукас ва рафиқони ӯ шинос мешудем.

Дар дафтари меҳмонони фахрии ин музеи таърихӣ ҳайати вакилони Тоҷикистон чунин навишт: «Ҳар он чизе, ки мо дар ин тамошогоҳ дидем, ҳайратангез аст. Машъали афрӯхтаи вакилони съезди якуми Партияи Коммунистони Литва имрӯз дар дастони эътимодноканд ва тухми коштаи онҳо имрӯз самар медиҳад».

Мо бо эҳтироми саршоре дар кӯчаҳои шаҳри кӯҳнаи Вилнюс, ки як вақтҳо қадамгоҳи Владимир Илич Ленин буд, қадам мезадем. Як вақтҳо Владимир Илич барои барқарор кардани робитаҳои шахсӣ пинҳонӣ ба ин шаҳр омада мерафт.

Мо ҳамроҳи котиби якуми Комитети Марказии Партияи Коммунистии Литва Антанас Юозович Снечкас дар Каунаси бостонӣ ба сари қабри чаҳор коммунар гулчанбарҳо ва дар шаҳрчаи Жежмаряй ба болои қабри бародарӣ, ки дар он ҳамдиёри мо Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Сафар Амиршоев низ мадфун аст, гулдастаҳо ниҳодем.

Вақте ки ба зиндони зеризаминии қалъаи нӯҳуми Каунас, ки дар он ҷо фашистони малъун 80 ҳазор одамони советиро қатл кардаанд, ворид шудем, вақте ки дар деҳаи Пирчюпис дар назди ҳайкали «Модари Пирчюпис» ба зону истода, сари таъзим овардем, дар дили мо қаҳру ғазаб ва нафрату адоват нисбат ба истилогарони фашистӣ ва дигар ҷангҷӯёни

навбаромад чӯш мезад. Ин чо дар бораи қалъаи марг – қалъаи нӯҳӯм каме таваққуф карданӣ ҳастам. Дар тамоми деворҳои он хатҳои ҳазорҳо одамони ба марг рӯбарӯшуда сабт гардида, аз онҳо қаҳру ғазаб ва адовати муборизони роҳи озодӣ бар зидди синфҳои золим ва муҷассамаи қабоҳат – фашизми гитлерӣ хонда мешавад.

Нависанда А.Белаускас, раиси иттифоқи нависандагони Литва, ки бо мо буд, гуфт: «Ҳар он чизе, ки шумо дар ин чо мебинед, аз рӯзҳои тираи мардуми мо шаҳодат медиҳад, зеро дар ин чо муборизони роҳи озодӣ зиндонӣ мешуданд. Халқи Литва ҳеҷ гоҳ ваҳшигариҳову хунрезиҳоеро, ки дар ин қалъа фашистон бо ҳамкории буржуазияи литвонӣ кардаанд, аз хотир сутурда наметавонад. Қалъаи нӯҳуми Каунас таърихи тӯлонии нанговаре дорад, ки аз кушторҳои зиёде, аз асир гирифтан ва қир карданҳои одамони бегуноҳ ривоят мекунад».

Дар Каунас қалъачаҳои I, IV, VI низ буданд, ки чун қатлгоҳ ва маргчои мардум ном бароварда буданд. Аммо қалъаи аз ҳама хунинтар ҳамон иморати тираи дуқабатаи қалъаи IX-ум будааст, ки қисми зиёди он дар қаъри замин чой гирифтааст. Мизбонони мо нақл карданд, ки ҳукумати буржуазии Литва дар солҳои бистум дар ин чо зиндони сиёсӣ низ ташкил карда будааст ва ягон маҳбусхонаи дигари Литва аз он сернам, тираю марговар ва даҳшатбор набудааст. Дар ин зиндони мудҳиш риштаи ҳаёти садҳо болшевикон гусаста гардида, садҳои дигар аз ин чо мачрӯҳу маъюб баромадаанд. Дар байни бадарғашудагони форти IX-ум котиби якуми КМ Партияи Коммунистии Литва Антанас Юозович Снечкас низ будааст, ки дӯстони мубориз ва вафодораш ӯро начот додаанд. Дар воқеъ он ҳақиқат аз офтоб равшантар аст, ки ягон мушкилие пеши роҳи муборизонро гирифта наметавонад. Режими сахт ва

чорабиниҳои хунин танҳо сабаби ба набарди қатъитар омода шудани касони мубориз мегардаду бас. Аз ин рӯ, ҳуҷраҳои аз оҳанқафас сохташуда ва деворҳои ғафсу баланди симхор кашидашуда натавонистанд иродаи пӯлодини фарзандони мубоизи халқи Литваро бишкананд. Бо роҳбарии чунин мардони ҷасур меҳнаткашони Литва занҷири асоратро пора карда, пеш аз ҳама маҳкамаи IX-умро кушоданд ва зиндониёнашро озод карданд. Акнун ин қалъа ҷоест, ки адовати мардумро бар зидди фашизм, тааддӣ, зулму разолат ва ба муқобили душманони синфӣ бедор намуда, бинандаро ба муборизаи оштинопазири зидди ин ваҳшониятҳо ва ҳимояи зафарҳои сотсиализм даъват менамояд.

Бармегардем ба деҳаи Пирчюпис. Истилогарони фашистӣ деҳаи Пирчюписро чун деҳаи Лидитсеи Чехословакия ва бисёр дигар деҳоти советӣ ба хок яксон карда буданд. Бо вуҷуди ин деҳаи Пирчюпис бо қудрати дастони мардуми советӣ, чун дигар деҳоти харобшуда аз нав ба арсаи вуҷуд омад, зинда шуд ва аз пештарааш ҳам зебову ободтар гашт.

Шоир Юлюс Янонис дар шеъри «Дар сари қабри шаҳидон» хеле хуб гуфтааст:

Кочҳо гиред алвончу диҳед аз худ садо,
Дар шаби маҳтоб андар марғзори беҳудуд.
Дар сари қабри шаҳидон, ки замин бистар бишуд,
Аз фидокории онон накл бар мардум кунед.
Бахти худро бахти халқу кишвари худ хондаанд,
Субҳдам гаҳвораи озодиро ҷунбондаанд...
Эй муқаддасҷо, шудам пайванд акнун бо ту ман!
Гиря ҷангал мекунад баҳри шаҳидони Ватан.

Мо ҳамроҳи дӯстони литвонӣ ба мардонагию шуҷоати сарбозони заставаи сарҳадии Юрбарг, ки 22-юми июни соли 1941 якумин шуда ба зарбаи армияи

фашистон ҷавоб гардонданд ва то охирин қатраи хун ҷангиданд, сари таъзим фуруд овардем.

Ман қайдҳои худро барои он аз таърихи ин халқи шуҷоъ ва дарёдил сар кардам, ки ба мо, иштирокчиёни Даҳа, шиносоӣ бо таърихи ин сарзамин имкон дод, ки ба он табаддулотҳои бузурге, ки дар ин ҷо рӯй дода истодаанд, дурустар сарфаҳм равем. Ба ғайр аз ин бе омӯхтани таърих Литваи имрӯза – Литваи пур аз созу садо, шодиву сурур, Литваи бинокору ободро тасаввур кардан душвор аст.

«Шунидан кай бувад монанди дидан» мегӯянд дар урфият. Мо Литваро аз сарҳадҳои шимолияш то ба ҷануб ва аз шарқ то ба сарҳадҳои ғарбияш тай кардем. Ба куҷое сафар кунем, сафари мо – сафари дӯстию рафоқат ва ҳамрангиву бародарӣ буд. Дар аэропорти Вилнюс, зали филармония, шабҳои адабӣ, заводу фабрикаҳо, колхозу совхозҳо, дар саҳни киштиҳои бандари Клайпеда, дар митингҳои дӯстӣ дар ноҳияҳои Шакяй, Шелут, Юбарг, Друснинин, Кретинг, Капсукас, Паланга хулласи калом, дар ҳама ҷой иштирокчиёни Даҳаро бо самимият ва хурсандӣ истиқбол мекарданд.

Ҳар як шаҳру ноҳияи номбаршуда хусусияту анъанаҳои хос дорад, ки мутаассифона, дар хусуси ҳамаи он нақл кардан аз имкон берун аст. Ин ҷо фақат чанд сухан аз Клайпеда гуфтаниам. Клайпеда – яке аз дарвозаҳои баҳрии Иттифоқи Советист, ки таърихи дурахшоне дорад. Котиби якуми комитети партиявии шаҳри Клайпеда И.Гурескас ҳикоя кард, ки таърихи Клайпеда – ин таърихи зиндаи муборизаи бисёрасраи халқи Литва бар зидди истилогарони Ғарб аст. Фашистони гитлерӣ ин кишвари баҳрӣ ва Клайпедаро аз дасти литвониҳо кашида гирифтанд... Аммо дар Клайпеда мубориза ҳеҷ хомӯш нашуда, коммунистони ин шаҳри баҳрӣ дар шароитҳои вазнини режими фашистӣ оммаро ба набард

бармехезонданд, бо қурбониҳои бешумор ин сарзаминро бо модари он – Литва пайвастанд. Мардуми ин ҷо бо он низ фахр мекунад, ки як вақтҳо роҳи «Искра»-и ленинӣ ба Россия аз Клайпеда мегузашт.

– Дар хотири мо саҳифаи дурахшонтарини Клайпеда бо санаи 28 январи соли 1945-ум вобастааст, зеро дар он рӯз Клайпеда ва тамоми Литваи азиз аз юғи ситами фашизм озод гардид, – гуфт рафиқ Гурескас.

Ҳоло Клайпеда шаҳри гул-гулшукуфтаи сотсиалистиест, ки чун қалъаи эътимодноки баҳрии советӣ дар Шимоли Ғарбӣ хидмат мекунад. Дар ин ҷо дар қатори литвониҳо даст ба даст фарзандони миллатҳои дигари Иттифоқи Советӣ – украинҳо, белорусҳо ва даҳҳо миллатҳои дигари бародар бо шиори «инсон ба инсон дӯст, бародар ва рафиқ аст» эҷодкорона меҳнат ва зиндагӣ мекунанд. Дар байни сокинони ин шаҳри дур тоҷикҳо низ будаанд. Масалан, Комила Аюбҷонова чанд сол аст, ки дар он ҷо муаллима аст. Ӯро аъзои комитети партиявии шаҳри Клайпеда низ интихоб кардаанд. Аюбҷонова дар қатори литвониҳо ҳамдиёрони худро истиқбол намуд, ки аз ин мо басе шод гардидем ва дар шароити давлати мо дар республикахои бародар ҳаёт ба сар бурдан як чизи табиист, зеро ҳар гӯшаи Ватани паҳновари советӣ барои фарзандони ҳар миллат ватани азиз ва хоки муқаддас аст...

Дар ин шаҳри шӯҳратманд дӯстии фарзандони миллатҳои гуногун аз имтиҳони муборизаҳои шадид гузашта, бо хуни якҷоярехтаи писарони рус, литвонӣ, қазоқ, ӯзбек, украин, тоҷик дар таърихи муборизаҳои беамон бар зидди гитлерчиён сабт гардидааст. Мардуми Клайпеда хотираи онҳоеро, ки дар он ҷо барои ҳифзи шарафи онҳо ҷон додаанд, хеле пос медоранд... Дар атрофи он шаҳр, дар мадфанҳои

бародарӣ дар қатори дигарон фарзандони халқи тоҷик – Малик Қодирови 23-сола, сержантҳо Мирзоалӣ Неъматов, Маҳмуд Мустафо ва дигарон хоби абадӣ рафтаанд... Қабри онҳоро ҳар рӯз гулҳои тарутоза оро дода, модарони литвонӣ ба болои онҳо «ашки раҳмат» мерезанд.

Дар Литва ба ҳар куҷое, ки мо мерафтем, фақат ба як забон – забони дӯстиву бародарӣ ҳарф мезадем. Дар байни мардуми он кишвари назарраборо мо фақат як тухм мекоштем, ки он тухми дӯстӣ буд ва самараи хуби онро мо дар ҳамкорӣ ва бой гаштани маданияти сотсиалистии халқҳоямон рӯз аз рӯз аниқтар мушоҳида менамоем.

Дар бораи чӣ хел дастаҳои эҷодии моро истиқбол кардани литвониҳо чӣ метавон гуфт? Одатан литвониҳоро одамони хеле ботамкин ва вазнин мегӯянд. Аммо нисбат ба санъати зебо ва пуршӯр онҳо бурдборӣ карда наметавонанд. Онҳо баромади артистони моро бо шавқу шӯри азиме истиқбол менамуданд.

Ба баромади ҳунарпешагони театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки лауреати конкурсҳои байналхалқӣ раққосаи моҳир Малика Собирова, баромади ансамбли «Лола», консерти дастаи ҳаваскорони санъати қасри маданияти шаҳри Хоруғ, театри шаҳри Ленинобод, ба баромади артистони халқии СССР Аҳмад Бобоқулов, Лутфӣ Зоҳидова, ба баромади артистони хизматнишондодаи республика Маҳмудҷон Воҳидов, Ҷӯрабек Муродов, Зафар Нозимов, Гавҳар Мирҷумъаева ва солистон Элзара Ҳасанова, Галина Зорина, Б.Мамадқулов, хулосаи калом, ба баромади ҳамаи ҳунарпешагони мо дӯстони литвонӣ кафи дастони худро дареғ надошта чапак мезаданд ва гулу гулдастаҳоро ба зери пойи ҳунарпешагони мо нисор мекарданд.

Вохӯрии адибони мо Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ, Лоиқ Шералӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Мавҷуда Ҳакимова, Убайд Раҷаб, Муҳиддин Хоҷаев, Салимшо Ҳалимшо, Мастон Шералӣ ва бастакорон Ш.Сайфиддинов, Я.Сабзанов, З.Шаҳидӣ ва Ф.Солиев бо дӯстони литвонӣ хеле аҷиб ва диққатангез буд.

Намоишгоҳи осори рассомони мо Х.Хушвахтов, С.Нуриддинов, З.Ҳабибуллоев ва Ш.Баҳриддинова низ хеле диққатҷалбкунанда буд. Фестивали филмҳои тоҷикӣ бо иштироки артистон ва ходимони маданияти Тоҷикистон М.Исоева, Д.Қосимова, Т.Собиров ва дигарон тамошобини бисёре дошт.

Ҳамагӣ дар маҷлису ҷамъомадҳои Даҳаи адабиёт ва маданияти тоҷик дар Литва 310 ҳазор одам ширкат дошт. Агар ба ин тамошобинони оинаи нилгун ва шунавандагони радиоро зам кунем, ин рақам чандин маротиба меафзояд.

Оре, ин муваффақиятро танҳо ба истеъдоду қобилияти навозандагон, ҳофизон, рассомон, ҳунарпешагони балет, кино ва рассомон ҳамл кардан хатост. Дар ин самимияту эҳтиром ва шавқу мароқе, ки халқи меҳмондӯсти Литва нисбат ба санъат, маданият ва адабиёти халқи тоҷик зоҳир менамуд, низ роли калон бозид.

– Мо ба туфайли шумо Тоҷикистон ва рӯҳи халқи тоҷикро дидем, – мегуфтанд ба мо дӯстони литвониямон.

Мо бошем, ба туфайли ин Даҳа осори чунин нависандагони оламшумул чун Гудайтис-Гурзявичюс, Жемайте, Нерис, Свирка, Венслова, рассомони овозадор чун Чюрлёнису Жмуйдзинавичюс ва осори чунин ҳайкалтароши машҳур Йокубонис, ки дар назди ҳайкали «Модари Пирчюпис»-и ӯ сари таъзим фуруд оварда будем, боз ҳам беҳтар шинос шудем.

Мо ба туфайли ин Даҳа барои худ кишвареро кашф намудем, ки дар он ҳама – хурду калон табиатан

рассом ва эҷодкоранд. Намоишгоҳи санъати амалӣ, ки дар он ҳар як ашё дар бораи меҳру муҳаббати халқи литвонӣ нисбат ба кишвари худ шаҳодат медиҳад, боз як бори дигар исбот намуд, ки ин халқ – халқи санъаткор ва ҳунарманд аст.

Ба мо амали дӯзандаи оддӣ Элжбета, ки назири онро ёфтан дар гумон аст, таъсири амиқе гузошт. Ӯ аз пӯстлохи дарахт ба воситаи риштаву сӯзан ду расми азиме офарида, ба яке «ҳуқуқи крепостной» ба дигаре «Шӯриши деҳқонон» ном ниҳодааст. Ин расмҳо бо амиқии таассурот, афкор ва фоҷиаи тасвиршуда касро ба ҳайрат меафкананд.

Дар консерти дастаҳои ҳаваскорони санъат, ки дӯстони литвонӣ дар ҷавоби консертҳои мо ба меҳмонҳои худ эҳдо мекарданд, садҳо одамон ширкат доштанд. Кас мехост, ки такрор ба такрор рақсҳои пурҳарорати артистони литвонӣ ва сару либоси аҷоиби онҳоро, ки бо рангу ҷило ва дӯхту буриш ба экспонатҳои музей монанданд, тамошо кунад ва созу навои сурудҳои халқии литвониро, ки хеле муассир ва дилфиребанд бишунавад.

Аз ҳама асосияш он буд, ки мо барои худ Литваеро, ки ба туфайли меҳнати устуворонаи халқ дар муддати кӯтоҳе симои худро тамоман дигаргун сохтааст, кашф намудем. Агар дар Литваи буржуазӣ аз соли 1920 то соли 1939 истеҳсоли саноатӣ 2,2 маротиба афзуда бошад, дар солҳои Ҳокимияти Советӣ 25 маротиба афзуд! Танҳо баъд аз ҷанг дар республика 270 корхонаи калон сохта шуд. Яке аз хусусиятҳои имрӯзаи саноати Литва дараҷаи баланди механизатсия ва автоматизасияи он аст.

Мо дар Литва кашф намудем, ки дар саъю кӯшиши деҳқонони тоҷик ва литвонӣ низ умумияте ҳаст. Дар Тоҷикистон ирригаторҳо, бинокорон ва деҳқонон ҷидду ҷаҳд доранд, ки ба даштҳои лабташна об бароварда, онҳоро ба гулистон табдил диҳанд.

Деҳқонони литвонӣ низ ҷидду ҷаҳд мекунанд, ки ботлоқҳоро хушконда, онҳоро ба майдони киштукор табдил диҳанд. Ин танҳо ба одамоне, ки бо техникаи ҳозирзамон мусаллаҳанд, муяссар мешавад.

Котиби комитети партиявии райони Шакяй И.Гулдашюс ба мо нақл намуд, ки танҳо дар натиҷаи хушконидани ботлоқҳо ва обҳои зеризаминӣ ҳосили ғалла аз ҳар гектар аз 14 то 30 сентнер афзуд. Дар бораи маҳорати чорводорони литвонӣ ҳоҷати гап ҳам нест.

Вақте ки моро ба фермаи чорводории яке аз колхозҳои ҳамин район ба тамошо бурданд, модаговҳои зотиро дида ҳайрон шудем. Онҳо ҳама калон-калон ва хеле фарбеҳ буданд, гӯё махсус барои намоиш додан парвариш карда шуда бошанд.

– Чунин модагов чӣ қадар шир медиҳад? – пурсидем мо.

– 4500 литр, лекин мо кӯшиш дорем, ки аз ин ҳам зиёдтар шир гирем, – ҷавоб дод раиси колхоз.

Баъд раиси камгап ва ботамкин, ки ҳамагӣ сӣ сол доштааст, моро бо нақшаи генералии сохтмони колхоз шинос кард. Нақшаи аҷибе!

Зимнан аз ҳоло деҳоти Литва аз ҷиҳати ободонӣ аз шаҳр қариб фарқ надорад. Деҳоти Литва, ба фикри мо, боз як бори дигар тасдиқ мекунад, ки шиори ботадриҷ барҳам хӯрдани фарқи байни деҳот ва шаҳр як амри имконпазир ва иҷрошаванда аст. Дар ин бобат дар ҳақиқат ҳам аз дӯстони литвонӣ бисёр чизҳоро омӯхтан мумкин аст.

Ба ҳамин тариқ, вохӯриҳо дар сарзамини Литва на танҳо ба ходимони санъат, балки ба дигарон ҳам хеле фоидабахш буд.

Дар ҳамаи ҷой эҳсос карда мешуд, ки литвониҳо нисбат ба одамон, таърих ва ҳаёти имрӯзаи Тоҷикистон шавқу завқи азиме доранд. Онҳо ҳамаи баромадҳои аҳли санъат ва адаби тоҷикро хеле

бодиққат гӯш мекарданд. Вақте ки мо нақл мекардем, ки имрӯз аз хонаи тоҷикон дар қатори осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Айнӣ, Турсунзода, Миршакар, Икромӣ, осори нависандагони русу литвонӣ, А.Пушкин, Л.Толстой, А.Горкий, А.Фадеев, Гудайтис-Гудзявичус, Свирка, Венслова, Нерис, Межелайтис ва дигаронро пайдо кардан мумкин аст, дар рӯйи мизбонони мо табассум гул мекард. Вақте ки мо ба мизбонон гуфтем, ки дар шаҳри Хоруғ яке аз кӯчаҳо ба номи шоираи оташинсухани литвонӣ Соломея Нерис гузошта шудааст, сари онҳо ба осмон расид. Мардуми Литва моро бо меҳмоннавозии худ қоил кард. Инро, алалхусус вақте ки бригадаи мо бо роҳбарии мизбонони ғамхору серташвиш С.Шимкас ва А.Беляускас аз дарёи Неман гузашт, нағз эҳсос кардем...

Соҳибони мулк аз райони Шакяй моро хеле дер рухсат доданд. Мо намедонистем, ки дар райони дигар, яъне Юрборг мардум мунтазири моанд. Аз онҳо ба роҳбарони Шакяй пайдарҳам талаби қатъӣ меомадааст, ки «беинсофҳо меҳмонони моро ҷавоб диҳед». Аммо шакяйиҳо мегуфтанд, ки мо меҳмононамонро ба касе намедиҳем, чунки халқи онҳо мегӯяд: «Омадани меҳмон бо иродат, аммо рафтанаш бо иҷозат». Билохира шакяйиҳо ба ифоқа омада, моро бо Юрборг гусел карданд.

Азбаски роҳ дароз буд, ширингӯйҳо мекардем. Баъд «қасд» кардем, ки аз сабаби он ки шаб ним шудаасту сокинони Юрборг ба хоби «ғафлатанд» бо осонӣ Неманро фатҳ мекунем...

... Нисфишабӣ ба Юрборг расидем. Бар хилофи чашмдошти мо шаҳр бедор буд. Зиёда аз 200 духтарони зеботарини Юрборг дар даст лентаҳои дароз моро иҳота намуданд. Мо бе ягон дудилагӣ ба онҳо «таслим» шудем.

Чунин лаҳзаҳо ҳар рӯз чандин бор такрор мегардид.

Юрборг районе будааст, ки дақиқаҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҳамин ҷо оғоз шудааст. Котиби комитети партиявии район Р.Дубонис нақл кард, ки дар рӯзи 22 июни соли 1941 дар ҳамин район фашистон 2117 коммунистон, ва фаъолони партиявию советиро парронданд, ки дар байни қурбоншудагон ҳайкалтароши машҳури Литва Венсас Грибас низ будааст. Ин район бо фаъолияти полки машҳури Нормандия-Неман зич алоқадор будааст. Ҳайати иштирокчиёни Даҳаи маданияти тоҷик ба пояи ҳайкали ёдгорие, ки ба хотираи муҳорибони заставаи Пашвинтиск, ки ба якумин ҳамлаи истилогарони олмонӣ ҷавоб гардондааст, устувор гардидааст, гулчанбар гузошт. Дар задухӯрди нобаробар сарбозони ин заставаи хурд, ки ҳамагӣ 16 кас будаанд, то соати 4 рӯз дошт дода, як баталон аскарони гитлерчиёнро нобуд кардаанд…

Дар ин район мо мушоҳидачии як ҳодисаи диққатангез будем. Дар он ҷо ҷамъияти боғпарварон вуҷуд доштааст, ки сексияи гулпарваронаш он рӯзҳо намоиши ғайриоддие ташкил карда буд. Дар намоиш гулдастаҳо дар мавзӯъҳои гуногун тартиб ёфта буд, масалан, гулдастаҳо «Ба Ленин», «Тоҷикистони Советӣ», «Ман 40-сола шудам». «Ба шавҳари вафодор» ва ғайра. Аммо гулдастаҳое низ буданд, ки номҳои хандаовар дошта, касро беихтиёр механдонд, мисли «Ба ту – майзадаи фосиқ» ва ғайра ном дода шудааст. Яке аз гулдастаҳои хордор «Ба хушдоманам» ном дошт.

Воқеаи дигари рӯҳбахш ва гуворо он буд, ки дар он рӯзҳо дар Литва конкурс – мусобиқаи таомпазҳо баргузор гардид. Кадбонуву матбахиҳои зиёде аз тамоми гӯшаву канори республика омада, ҳунарнамоӣ карданд ва анвои таъомҳои литвониро

тайёр карданд, ки зиёда аз 1700 хел буда, бо дидан иштиҳои касро ба ҳаракат меовард ва аз табъи салими ин мардуми меҳрубон гувоҳӣ медод.

Дар бораи Литва сухан ронда, як хусусияти дигари нодири онро қайд накардан норавост. Ман обхезиҳои дарёи Неманро дар назар дорам. Дар райони Шелутск ба мо чарогоҳҳои беканореро нишон доданд, ки алафҳои он қади одамро пинҳон менамуд. «Сабабгори ин файз обхезиҳои дарёи Неман аст», – гуфтанд мизбонони мӯҳтарам ба мо бе ҳеҷ киноя ву осори шӯхӣ. Мо дар ҳайрат афтодем, зеро дар кишварҳои дигар ва хусусан дар Тоҷикистон обхезӣ касофатҳои зиёде меовард. Мо андешаи худро ба мизбонон баён кардем. «Рост мегӯед, – гуфт котиби комитети партиявии ин район рафиқ Балкус, – вале дарёи Немани мо дарёи оқил аст, дар баҳорон ба рӯйи шибарзорҳо паҳн шуда бо мавҷҳои худ ғизоҳои бисёреро ба ин шибарзорҳо мепошад. Дар натиҷа алафзорҳо ҳам об мехӯранд ва ҳам ғизоҳои даркориро пайдо мекунанд... Ин «мукофоти» табиат ба чорводорони райони мост». Аз ин чарогоҳҳо ҳар сол бо машинаҳои алафдаравӣ 2-3 маротиба алафҳои серғизои хуштаъмро медаравидаанд, ки бидуни шубҳа, боиси афзудани маҳсулнокии чорво мегардад.

Мо аз мардуми меҳмоннавози Литва, аз ташкилкунандагони Даҳа, ки дар ҳаққи мо бародарвор ғамхорӣ мекарданд, аз тамошобинҳои сершумор, ки самимияти онҳо ба аҳли санъати мо илҳоми нав ба нав мебахшид, аз пионерони литвонӣ, ки моро бо забони тоҷикӣ табрик менамуданд ва ба аъзогии дружинаи пионериашон қабул мекарданд, аз ошпазҳои литвонӣ, ки моро бо таомҳои тоҷикӣ зиёфат намуда, қоил мекунонданд, аз ходимони меҳмонхонаҳо, ронандаҳо ва аз кормандони автоинспексия, ки барои муттасил ва бехалал ҳаракат кардани корвони автомобилҳои Даҳа басе саъю

кӯшиш ба кор мебурданд, аз самими қалб миннатдор мешудем.

Ман ҳар гоҳ рӯзҳои мусофирати худро дар Литва ба хотир орам, чеҳраҳои гарму савту садои мардуми заковатманди литвонӣ ва манзараҳои аҷибу дилфиреби ин кишвари афсонавӣ пеши назарам мисли кадру манзараҳои филми дилфиреб ҷилвагар мешавад ва беихтиёр мегӯям: дӯстии халқҳо беҳтарин неъмат аст, агар халқ ба халқ ҳамроҳ шавад, мағлубнопазир мегардад, ҳақ ба ҷониби Аттор аст, ки гуфтааст:

Ҳар ки ӯ бо дӯстон якдил бувад,
Ҷумла мақсуди дилаш ҳосил бувад.

СОҲИЛИ ЗАРРИН

Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр,
Аз рӯйи кина кинаю аз рӯйи меҳр, меҳр.

Инак, як гурӯҳ олимони тоҷик бо ташаббуси Шӯрои иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон ба Республикаи Халқии Булғория сафар карданд. Дар ҳайати ин гурӯҳ олимони номии Тоҷикистон, коркунони мактабҳои олӣ, аз ҷумла, академик З.Ш.Раҷабов, профессорон М.Т.Пӯлодова, В.И.Зайтсева, номзадҳои илм М.Аминҷонов, М.Икромов, В.Юрматов, С.Умарова, М.Яҳёева, Х.Муқимова, Н.Сангинова, П.А.Кёрзум ва дигарон буданд. Муаллифи ин сатрҳоро насиб шуда буд, ки ба ин гурӯҳ роҳбарӣ кунад. Гурӯҳи олимони тоҷик, ки аз 32 нафар иборат буд, аз 23-юми июл то 10 августи соли 1970 дар Булғория буданд.

Одатан баъди бозгашти сафари дур шуморо дӯстон иҳота карда, бо исрор талаб мекунанд, ки ҳар дидаву шунидаатонро нарезондаву начаконда ҳикоя кунед. Бо ман низ айнан ҳамин тавр шуд. Дафтарчаи қайдҳои сафар ба забон омад ва ҳамаи он чизе, ки дар диёри дӯстон дидаму шунидам, манзури ёрон гашт. Умед дорам, ки ин қисса хонандагони мухталифро низ хуш ояд.

– Шиносоии ман бо ин мамлакати зебо соли 1960 сар шуда буд, – ҳикояти худро сар кардам.

– Пас ин сафари дуюм аст? – пурсиданд ҳозирон.

– Не. Он сол ман ғоибона бо ин мамлакат ошно шуда будам, – гуфтам ва он воқеаро ҳикоят кардам. Сурати воқеа чунин буд: соли 1960 маро ба Академияи илмҳои ҷамъиятии назди КМ КППС қабул карданду ҳамроҳи як рафиқи булғорӣ, ки

Чавдар ном дошт, дар як ҳуҷраи хобгоҳ ҷой доданд. Ман аз ҳамон рӯз дар шахси ӯ бо Булғория ғоибона шиносоӣ пайдо кардам. Вай ҳар рӯз дар бораи ватани худ, анъанаҳои халқаш, тарзи зисту зиндагонии мардумони диёраш ҳикоятҳои шавқангез мегуфт.

Аз ҳамон рӯзҳо дар дили ман нисбат ба ин мамлакат шавқи махсусе пайдо шуд ва ният доштам, ки ин кишварро бо чашмони худ бубинам.

«Шунидан кай бувад монанди дидан», - гуфтаанд бузургон. Маро орзуи дидани диёри дӯсти ҳамсабақам орому қарор намедод. Инак, ин фурсат фаро расид ва шодии маро интиҳое набуд.

Хати роҳи оҳан аз оғӯши бешазору манзараҳои назарраси Россия, Украина, Молдавия ва Республикаи Сотсиалистии Руминия мегузашт. Поезди мо дар шаҳрҳои Киев, Кишинёв ва Бухарест (пойтахти Руминия) муддатҳо қарор мегирифт, ҳамсафарони мо бо мароқи калон, он шаҳрҳоро тамошо мекарданд ва барои ёдгорӣ тӯҳфаҳо мехариданд.

Истгоҳи охирини роҳи оҳани советӣ – истгоҳи сарҳадии Унген (республикаи Молдавия) буд, ки мо онро бевақтии шаб гузаштем ва вориди сарҳади мамлакати якуми хориҷӣ – Руминия гардидем. Ҳарчанд бемаҳал буд, дар моҳтобшаб мо сарзамини руминиҳоро бодиққат тамошо мекардем. Саҳарии рӯзи дигар поезди мо дар пойтахти Руминия – шаҳри Бухарест қарор гирифт. Вақт кам буд, вале мо ба тамошои як қисми ин шаҳри зебоманзар фурсат ёфтем. Бухарест шаҳри дилрабое будааст.

Сафари мо аз Бухарест ба сӯи Булғория идома ёфт ва худи ҳамон рӯз 23 июл ба шаҳри Русе – якумин шаҳри калони Республикаи Халқии Булғория, ки дар сари роҳамон буд, расидем. Шаҳри Русе дар соҳили дарёи Дунай воқеъ гардидааст. Ин шаҳри номдори таърихист. 22 июли соли 1811 ин шаҳр, шоҳиди

муҳорибаи хунине гардида буд. Дар ин ҷо байни Россия ва Туркия набарди сахте ба миён омад, ки барои ғалаба бар Туркия заминаи асосӣ гардид. Сарбозони рус бо сарварии сарлашкари бузург Михаил Кутузов қувваҳои ҳарбии Туркияро дар ҳамин ҷо ба таслим шудан маҷбур карда буданд.

Ҳоло шаҳри Русе яке аз марказҳои калони саноатии Булғория мебошад. Дар ин шаҳр саноатҳои машинасозии хоҷагии қишлоқ, киштисозӣ, нефткоркунӣ, орду қанд ва ғайра маҷуданд.

Дар ин шаҳр мо аз дақиқаҳои аввал худро дар оғӯши дӯстон ҳис мекардем. Баробари қарор гирифтани поезд ба вагони мо як духтараки тақрибан 20-25 солаи булғорӣ даромад, бо илтифот моро хайрамақдам гуфт ва илова кард:

– Номи ман Веселика, шумо акнун меҳмони мо. Марҳамат ҳамроҳи ман биёед. Мизбони ҷавону хушгуфтор ва меҳрубон моро ба ошхонаи назди вокзал бурд ва аз номи ширкати сайёҳони Булғория «Балкантурист» зиёфате дод.

Хушгуфтории Веселика моро моту маҳбут карда буд. Ман гумон кардам, ки худи ин духтар шояд табиатан ҳамин тавр бошад. Аммо маълум шуд, ки мардуми ин сарзамин умуман ҳамин тавр хушмуомила будаанд. Вақте ки мо вориди ошхона шудем, ҳис кардем, ки тамоми мардуми он ҷо нисбат ба мардуми советӣ таваҷҷӯҳи махсусе доштаанд. Ин, албатта, бесабаб нест.

Сабаби инро ба мо яке аз коргарони истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Русе – Бандев фаҳмонд. Бандев баъд аз таом одамони советӣ будани моро фаҳмида, ба истиқбол омад ва бо мо самимона сӯҳбат орост. Ӯ коргари оддии ҳамон стансия, тақрибан 55-60 сол дошт. Иштирокчии ҳаракати зиддифашистӣ будааст. Шахси зиндадил. Забони русиро хуб намедонист, барои ёрдам рафиқи худ Тодорро даъват кард. Бандев

гуфт, ки ман аз гуфтугӯи шумо лафзи русиро шунида, аз роҳам баргаштам. Дилам амр кард, ки дӯстонро дар диёри худ табрик кунам.

Мо ҳам Бандевро самимона пазирой кардем. Вай бо як ҳаяҷони махсус гап мезад. Ӯ гуфт, ки меҳри одамони советӣ дар дили ҳар як фарди булғорӣ маскан дорад, зеро:

– Барои истиқлолияти мамлакати мо, – гуфт ӯ, – ҳазорон фарзандони мамлакати шумо ҷон нисор кардаанд. Шумо дар Булғория садҳо марқадҳои бародариро хоҳед дид, ки дар он фарзандони ин ду мамлакат хобидаанд. Хуш омадед, дӯстони азиз! Дари хонаи тамоми булғориён ба рӯи шумо боз аст…

Бандев суханашро тамом накарда, моро ба вагон хонданд, аммо сӯҳбати мо бо ӯ канда нашуд. Он чиро, ки Бандев гуфта натавонист, дигар ҳамватанони вай гуфтанд ва самимияти суханҳои ӯро мо бо гӯшҳои худ шунида, эътибори комил пайдо кардем.

Барои исботи фикри Бандев ҷоннисориҳои ҳамватанони мо дар ҳарбу зарби Шипка (соли 1877) далели барҷаста аст.

Шипка дар маркази Булғория, дар яке аз баландиҳои «Водии гулҳо» дар поёноби дарёи Дунай воқеъ аст. Дар яке аз қуллаҳои Старо-планина ҳайкали бошукӯҳе қомат афрохтааст… Зинапояҳои бешуморе одамонро ба сӯйи он мебаранд. Дар пояи сангини ҳайкал одамонро муҷассамаҳои бузургҷуссаи шерҳо пешвоз мегиранд, ки аз он калимаи «Шипка» хонда мешавад. Ин рамзи шуҷоат, мардонагии беназири писарони Ватани мо ва булғориҳо бар зидди истилогарони турк мебошад. Дар атрофи ҳайкал муҷассамаҳои мармарини сафед сохта шудаанд, ки бо занҷирҳои вазнин иҳота шуданду гӯё оромгоҳи қурбоншудагонро посбонӣ мекунанд. Дар яке аз он ёдгориҳо навишта шудааст: «Полки 35 Брянск. Майор

Молостов, капитан Брянсев, прапоршикҳо Гюне, Герасимовский ва 375 сарбозони рутбаҳои қаторӣ».

Чунин марқадҳо хеле бисёранд... Дар ҷанги нобаробари зидди туркҳо корнамоиҳои генерали рус Столетов дар байни мардуми Булғория достон гаштааст... Зарбаи найзаи аскари рус ба булғориҳо озодӣ овард. Имрӯзҳо дар Шипка оромист. Ҳар соат ба ин ҷо туристони сершумор меоянд ва ба хотираи фарзандони содиқи ин ду мамлакати бародар сари таъзим фуруд меоранд, ба пояи марқаду муҷассамаҳо гулчанбарҳо мегузоранд. Дар доманаи ин муҷассамаи бузург деҳаи Шипка ҷойгир аст. Дар он деҳа гунбазҳои тиллоии маъбади русӣ аз шуои офтоб дурахшонанд. Ин иморат яке аз намунаҳои нодири эҷодкорони рус мебошад, ки дар он санъати баланди меъморӣ ва тасвирӣ таҷассум ёфтааст. Мардуми булғор хотираи ҷанговарони диловари русро то ин дам пос медорад. Ҳар як нишонаи корнамоиҳои фарзандони рус бо эҳтиром ёдоварӣ мешавад, ба хотираи он муҷассамаҳо сохта шудаанд. Яке аз намунаҳои онро мо дар шаҳри Русе дидем. Дар мобайни ин шаҳр, дар ҷойи хушманзараву серодам ҳайкали бузурги «Озодӣ» сохта шудааст, ки баландии он тақрибан 60 метр аст. Ин муҷассамаи боҳашамат ба ғалабаи ҷанговарони рус бар туркони истилогар бахшида шудааст, ки ёдгории бузургест. Ҳамаи ин ёдгориҳо ва ҳамкории мардуми советиву булғор дар мубориза бар зидди фашизми гитлерӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дӯстии байни ин ду мамлакат бо муборизаву меҳнати якҷоя пойдор гардидааст.

Дар пойтахти Булғория шаҳри София ба ёдбуди аскарони советӣ муҷассамаи бузурге бунёд шудааст, ки ин мадади ҳалкунандаи Иттифоқи Советиро ба халқи бародари булғор барои аз асорати фашизми гитлерӣ озод шудан таҷассум менамояд. Дар натиҷаи ҳамин кӯмак ва пуштибонии Иттифоқи Советӣ

Булғория аз фалокати бори дуюм ба истилои империалистон гирифтор шудан наҷот ёфт. Аз ин сабаб дар Булғористон ба шарафи ҷанговарони Советӣ на фақат ҳайкалҳои сершумори ёдгорӣ гузошта шудааст, балки якчанд мавзеъҳои он мамлакат ба номи сарлашкарони советӣ гузошта шудааст. Масалан, шаҳри Толбухин, ки мо онро зиёрат кардем, яке аз чунин шаҳрҳост. Нӯҳуми сентябр барои булғориён санаи муқаддас мебошад, зеро дар ин рӯз, соли 1944 шӯриши мусаллаҳи меҳнаткашони Булғория ба амал пайваста, ин шӯриши зафаровар фашизмро сарнагун сохт ва ҳокимияти халқиро барқарор кард. Акнун Булғорияи халқӣ чун мамлакати сотсиалистӣ яке аз байрақбардорони фаъол дар роҳи мубориза баҳри коммунизм мебошад.

Мо дар ин ҳама қадршиносию эҳтироми бузург, муносибати дӯстонаи мамлакати тавонои мо ва Республикаи Халқии Булғорияро мебинем. Ҳамин тавр, дилу дидаи мардуми Булғория барои одамони советӣ боз аст. Ин дӯстии матин инчунин дар ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои иқтисодию мадании ду мамлакат зоҳир мегардад. Натиҷаи ҳамин дӯстист, ки Булғория дар як муддати кӯтоҳ дар оилаи мамлакатҳои сотсиалистӣ ба яке аз мамлакатҳои тараққикардаи Аврупо табдил ёфт.

Дар солҳои ҳокимияти халқӣ дар иқтисодиёти Булғория табаддулоти бузурги сифатӣ рӯй дод. Дар натиҷаи тағйиротҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар мамлакат муносибатҳои нави иқтисодӣ – муносибатҳои сотсиалистӣ барқарор гардид ва дараҷаи мусаллаҳшавии хоҷагӣ бо техникаи навтарин хеле баланд шуд. Фондҳои асосии истеҳсолии мамлакат дар ин солҳо аз нав бунёд ёфтанд. Дар ин муддат таъминшавӣ бо қувваи барқ хеле афзуд. Агар дар соли 1952 ба як коргари дохили истеҳсолоти

моддӣ 224 киловатт-соат рост ояд, дар соли 1970 ин миқдор ба 4300 киловатт-соат мерасад.

Дар протсесси индустрикунонии Булғория дар тақсимоти захираҳои меҳнатӣ низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад. Шумораи коркунони саноат аз 7,9 фоизи соли 1947, ки дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ банд буданд, то ба 41 фоиз афзуд. Дар солҳои ҳокимияти халқӣ якчанд иншооти калон, ба монанди комбинати нефту химияи Бургас, комплекси энерготехникии «Маритса-Восток», комбинати металлургии «Кремиковси», комбинатҳои нуриҳои маъдании Дмитровград, Стара-загор, Вратсе ва заводҳои кӯрғошими Пловдиву Кирджали сохта шуданд, ки онҳо симои саноати Булғорияи халқиро тағйир доданд.

Дар муддати ин 25 сол ҳаҷми маҳсулоти саноатии Булғория 30 маротиба афзуд.

Хоҷагии қишлоқи Булғория низ ба комёбиҳои бузург соҳиб гардидааст. Мардуми деҳоти ин мамлакат табиатан меҳнатдӯстанд ва ба замин меҳри калон доранд. Аммо то солҳои ҳокимияти халқӣ хоҷагиҳои пароканда ва аз ҷиҳати таҷҳизоти техникӣ хеле ақибмонда буданд. Дар рафти индустрикунонии мамлакат ба масъалаи бо техника мусаллаҳ намудани хоҷагии қишлоқ аҳамияти калон дода шуд. Ба ҷойи хоҷагиҳои майдаю пароканда коллективҳои меҳнатӣ кооперативии хоҷагии қишлоқ (ТКЗХ) ва хоҷагиҳои давлатии зироатӣ (ГЗХ) ташкил карда шуданд. Охири соли 1967 дар Булғория 866 ТКЗХ (типи колхозҳои советӣ) ва 151 ГЗХ (типи совхозҳои советӣ) кор мекарданд. Ин хоҷагиҳо 73 фоизи маҳсулоти умумии Булғорияро медиҳанд. Яккахоҷагиҳо 0,3 фоизи маҳсулоти хоҷагии қишлоқро медиҳанду бас. Дар солҳои сохтмони сотсиалистӣ истеҳсоли маҳсулоти умумии Булғория ду маротиба афзуд.

Хоҷагии қишлоқи Булғория дар истеҳсолоти умумӣ, дар иқтисодиёти мамлакат мавқеи муҳим дорад. Ҳанӯз 40 фоизи аҳолии Булғория дар хоҷагии қишлоқ шуғл дорад.

Обу ҳавою иқлими Булғория хеле мӯътадил аст, хусусан барои зироату боғу токпарварӣ, обчакорӣ шароити хеле мусоиде дорад. Бесабаб нест, ки Булғория дар истеҳсоли баъзе намуди зироатҳо дар бозори ҷаҳонӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад. Масалан, солҳои охир Булғория дар соҳаи истеҳсоли ангури саноатӣ аз Франсия ва Испания гузашт. Булғория дар фурӯши помидор дар дунё ҷои якумро ишғол менамояд. Шафтолу, олу, мурӯди булғорӣ ҳам талабгорони бисёре доранд. Дар бораи қаланфуру тамокуи булғорӣ ҳоҷати гап ҳам нест, онҳо кайҳо боз машҳуранд.

Албатта, дар фаровонии ин навъи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ фақат мусоидии обу ҳаворо сабаб нишон додан кам аст. Мо дар ҳақиқат ба ҳунармандии деҳқонони булғор низ қоил шудем. Деҳқони булғорӣ ба замин меҳри махсусе дорад. Мо ба коркарди қаторҳои ток, боғҳо, сабзавот диққат додем. Зироатҳо чунон парвариш карда мешавад, ки ҳаваси кас меояд; дар ҷӯяки ниҳолҳо ягон алафи бегонаро намебинед, заминҳо хушсифат нарм карда шудаанд ва обмонӣ ҳам ба як тарзи устодона, бо санъати махсус гузаронида мешавад, ки ҳамаи зироатҳо баробар аз намӣ таъмин мешаванд.

Ландшафти заминҳои Булғория якхела нестанд. Дар он ҷо кӯҳҳо ва кӯҳпораҳо ҳастанд ва заминҳои ҳамвори паҳновару водиҳои соҳили дарё ҳам. Мо асосан соҳили Дунайро дар назар дорем. Албатта, кӯҳҳои Булғорияро ба кӯҳҳои Тоҷикистон монанд кардан ҷоиз нест. Баландтарини қуллаи кӯҳи Мусала – 2925 метр аст. Ин баландтарин нуқтаи на фақат Булғория, балки тамоми нимҷазираи Балкан

мебошад. Системаи кӯҳӣ – кӯҳи Христо Ботев – 2376 метр аст, ки ағбаҳои зебои Шипка ва Трояновский дар ҳамон тарафанд. Булғория аз канданиҳои зеризаминӣ низ бой аст. Метали ранга, оҳанҳои гуногун, марганетс, намак, нефт зиёда аз 500 манбаи обҳои минералии шифобахш ва ғайра дорад. Зимистони Булғория чандон хунук нест, тобистонаш гарм аст. Аҳолии Булғория 8.3 миллион нафар аст, ки 85 фоизро булғориҳо ташкил медиҳанд. Дар Булғория македониҳо, лӯлиҳо, руминҳо, русҳо, арманиҳо низ ҳастанд. Туркҳо дар ҷануби республика районҳои худро доранд, ки баъд аз булғориҳо зиёдтарин гурӯҳи миллатҳои ғайрибулғорӣ мебошанд.

Мо аз шаҳри Русе ба Варна рафтем. Дар омади гап гӯем, ки соли 1966 ду ҳунарпешаи ҷавони тоҷик Малика Собирова ва Музаффар Бурҳонов дар Варна ҳунарнамоии калоне карданд. Онҳо дар конкурси умумиҷаҳонии артистони балет дар ин шаҳр ҷои дуюмро ишғол намуданд ва дар олами ҳунар шӯҳрати санъати хореографии тоҷикро баланд бардоштанд. Варнаро, бешак, шаҳри дорои аҳамияти байналхалқӣ номидан мумкин аст. Он дар соҳили баҳри Сиёҳ воқеъ шудааст. Ин шаҳр дар асри VI асос ёфтааст, ки таърихи дуру дарозу ёдгориҳои меъмории хубе дорад. Варна калонтарин шаҳри бандарии Булғория мебошад. Дар ин ҷо бузургтарин заводи киштисозии ба номи Георгий Дмитров кор мекунад. Варна маркази маданияту илм аст. Дар ин ҷо театри опера ва балет, театри драма хеле маъруфанд. Дар ин шаҳр 5 донишкадаи олӣ, аз ҷумла институти хоҷагии халқ, институти тиббӣ хеле машҳур мебошанд. Варнаи имрӯза шаҳри хозиразамони хеле зебост. Дар ин ҷо ғайр аз киштисозӣ саноати шиша, саноатҳои сабук, химикӣ, консервбарорӣ ва ғайра хеле тараққӣ кардаанд. Диққати одамонро дар ин шаҳр – музеи археологӣ, галереяи санъати тасвирӣ, аквариуми

биологӣ ба худ ҷалб менамоянд, дар аквариум тақрибан ҳамаи намудҳои ҳайвоноти баҳри Сиёҳ гирд оварда шудаанд.

Варна бо кӯчаю хиёбонҳои васеъ, гулзорҳо, пляжҳояш як гулистони дилрабоеро мемонад. Тозагии шаҳр, иқлими мӯътадили он ҳусни ин шаҳрро хеле дилработар кардаанд.

Дар тобистон Варна, бемуболиға, ба шаҳри комилан интернатсионалӣ табдил меёбад. Дар ин ҷо конкурсҳои мусиқии артистони ҷавони балет, фестивалҳои кинофилмҳо ва дигар вохӯриҳои байналхалқӣ гузаронида мешавад. Дар рӯзҳое, ки мо он ҷо будем, дар Варна конкурси панҷуми байналхалқии балет мегузашт, ки ин намоиш аз конкурсҳои пештара хеле калон буд. Шумораи иштироккунандаҳои ин конкурс ба 90 кас расида буд. Дар он аз Белгия, Англия, Венесуэла, Республикаи Демократии Германия, Юнон, Канада, Куба, Муғулистон, Руминия, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Венгрия, Финляндия, Чехословакия, Югославия, Япония, Булғория ва албатта, аз Иттифоқи Советӣ ҷавонони боистеъдод ҳунарнамоӣ мекарданд. Дар ин конкурс фиристодагони Ватани мо шӯҳрати санъати хореографии советиро мудофиа мекарданд. Хулоса, Варна гувоҳи бисёр мулоқотҳои байналхалқист...

Моро дар вокзали Варна гид Чемкова Райна Ангеловна хуш истиқбол гирифт. Тавре пешвоз гирифт, ки гумон мекардем, ҳамшираи кайҳо боз пазмоншудаатон аст. Баъд ин хонуми гандумгуни хандонрӯй ва басо хушқомат моро ба машинаи «Экспрес» савор карда, ба сӯи курорти машҳури булғориҳо «Регҳои заррин» бурд. Райна моро ба меҳмонхонаи «Перуника» (номи як гули хушрӯй, ки ба русӣ «ирис» (савсан) мегӯянд) фуровард, ки дар соҳили баҳри Сиёҳ, дар оғӯши дарахтзорони анбӯҳ

воқеъ аст. Дар ҳамин меҳмонхона мо 17 шабонарӯз истироҳат мекардем.

Дар омади гап бояд қайд кунем, ки дар Булғория ба омӯхтани забони русӣ, маданияти пешқадами рус аҳамияти хеле муҳим медиҳанд. Омӯхтани забони русӣ дар программаи таълимии ҳамаи мактабҳои Булғория ҷорӣ карда шудааст, ки ин яке аз нишонаҳои дӯстию бародарии ҳар ду мамлакат мебошад.

Акнун мехоҳам дар бораи комплекси курортии «Регҳои заррин» сухан кунам. Дар истироҳатгоҳи соҳили «Регҳои заррин» ҳозир дар як шабонарӯз якбора 20 ҳазор кас истироҳат мекунад. Сохтмони он соли 1956 бо ташаббуси ҳукумати нави Булғория сар шуда буд. Ҳамон Райна Ангеловна нақл кард, ки то соли 1956 ин ҷо сайронгоҳи морон будааст... Барои нест кардани морҳо булғориён аз Албания чанд ҳазор хорпуштак оварда ба соҳил сар додаанд, ки онҳо морҳоро нест кардаанд. Баъд сохтмони комплекси истироҳатгоҳи дар олам машҳури «Регҳои заррин» сар шудааст.

Чаро он ҷоро «Регҳои заррин» меноманд? Барои он ки реги соҳили он ҷо тиллоранг, хеле нарму маҳин аст. Ин хел рег фақат дар он ҷо ҳаст. Чунин ба назар расид, ки дасти нозуке бо муҳаббат кӯрпачаи шоҳиро бо арзан пур карда, зери по густурдааст. Нармии роҳатбахши «Реги заррин» бо оби мусаффои ширгарми баҳори Сиёҳ чунон мусоидате дорад, ки ҷисму ҷонро ҳаловат мебахшад.

Умуман истироҳатгоҳи «Регҳои заррин» дар ҷойи хушманзараи соҳили баҳри Сиёҳ воқеъ аст, ки ба ин манзара комплекси аҷоиби меъмории он хеле мувофиқат мекунад. Манзараи меъмории он ҷоро иморатҳои боҳашамати меҳмонхонаҳои «Интернатсионал», «Шипка», «Москва», «Атлас», «Соловей», «Акатсия», «Варшава» ва ғайра хеле хуб

оро медиҳад. Бояд гуфт, ки ҷиҳати меъмории ҳар кадоми он иморатҳо гуногунанд ва услуби нотакроре доранд. Истироҳатгоҳи «Регҳои заррин» кинотеатрҳо, майдонҳои консертӣ ва дигар манбаъҳои тамошову истироҳат дорад. Мизбонони меҳрубони мо ҳамаи тадбирҳоро диданд, ки вақт хуш гузарад. Ғайр аз истироҳати соҳили баҳр онҳо моро ба гӯшаҳои маданият, консертҳои устодони санъат, мулоқоти адибон ва барҳо (як навъи ресторан) даъват мекарданд.

Аксарияти барҳо бо услуби тарзи хизматрасонии махсуси худ ҷолиби диққатанд ва як хусусияти этнографие дорад: Масалан бари «Чӯпонҳо», бари «Моҳигирон», бари «Лӯлиён», «Амсадор», «Калибитте» ва ғайра.

Ин ҳама чӣ аҷиботе дорад? Аҷоибот он аст, ки ҳар кадоми он як тарзу хусусияти махсуси этнографӣ дорад. Масалан, дар «Маҳаллаи моҳидорон» шуморо асосан бо таомҳои моҳигӣ – хелҳои гуногуни моҳӣ ва дигар ҷонварҳои обӣ зиёфат мекунанд. Бар бо лавозимоти хоси моҳигирон оро дода шудааст, хизматгорони бар ҳам дар либосхои моҳигирон хизмат мекунанд, яъне шумо худро дар олами моҳидорон ҳис мекунед. Дар бари «Лӯлиён» бошад, тарзи зиндагии лӯлиёнро мушоҳида мекунед: як гурӯҳ одамон савори ароба, гурӯҳи дигар рӯйи мизҳои хеле оддии сайёр, ки ба ҷойи курсӣ бочкачаҳо монда шудаанд. Ба шумо фақат лӯлидухтарон хизмат мерасонанд. Таомҳои ресторан ҳам ба тарзи махсус тайёр карда мешаванд. Программаи мусиқии ин бар асосан аз романсҳои машҳури лӯлиён, рақсу сурудҳои шӯхи онҳо иборат аст. Моро, дар он шабнишиние, ки ҳузур доштем, романсҳои онҳо хеле ба ваҷд оварда ва сурудҳои лӯлидухтарони сароянда Асиба Кемалова, Эмилия Катсарова хуш омад. Роҳбари бадеии ансамбли лӯлиён Дмитр Иванов дар бораи

дилписандии программаи оркестру солистони он кори хеле шоёне кардааст. Программаи бари «Калибитте» низ хеле шавқовар ва гуногун буд. Бари «Калибитте» маҳаллаи ҳиндуҳоро мемонад. Хизматгорон дар бар либосҳои махсус дӯхташудаи ҳиндувонро доранд. Барномаи консертии ин бар аз асарҳои мусиқии Ғарб иборат аст.

Моҳияти ин гуна барҳои гуногун дар он аст, ки мардумро аз якрангии хизматрасонӣ озод мекунад, истироҳати мардумро шавқовар мегардонад. Мо тарафдори он нестем, ки ин чизҳо нусхабардор шаванд. Дар сарзамини мо чунон ҷойҳое ҳастанд, ки онҳоро бо ин мақсад истифода бурдан ва ресторану павилонҳо сохта, ба воситаҳои пропагандаи мусиқӣ, рақс ва ғайра табдил додан, аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Ҳамин тавр, шиносоии мо бо ҳаёти он ҷо, бо маданияту санъати дӯстони булғорӣ давом мекард. Мо фурсат ёфтем, ки чанд бор баромади санъаткорони булғориро низ тамошо кунем. Баромади ансамбли этнографии София, ки дар программаи он рақсу сурудҳои вилоятҳои шимолу ғарби Булғория ҷойи асосиро ишғол мекард ва номераҳои хореографие, ки устодони моҳири булғорӣ Живко Петров, Дмитрий Дмитров ба саҳна гузоштаанд, моро хеле хуш омад. Рақсҳои булғорӣ асосан рақсҳои коллективианд. Рақсҳои булғорӣ хеле шӯх ва бо ҷӯшу хурӯши махсус иҷро мешаванд. Мусиқии онҳо фораму дилнишин буда, бо асбобҳои махсуси мусиқии булғорӣ навохта мешавад. Сурудҳои булғорӣ ҳам хеле форам ва ҳаётбахш мебошанд. Оҳангҳои суруду рақсҳои булғориён оддию фаҳмоанд, ки ба оҳангу сурудҳои сокинони кӯҳистони Тоҷикистон монандӣ доранд.

Булғориҳо анъанаҳои хуби гуногун доранд ва онҳоро давом медиҳанд. Яке аз ин анъанаҳои

диққатангези халқӣ – «Сайри гулҳо» мебошад, ки онро ҳар сол мегузаронанд. Меҳмонии мо дар Булғория ба ин иди завқангез рост омад. 31 июли соли 1970 дар саросари Булғория иди гулҳо гузаронида шуд. Дар ин рӯз манзилгоҳҳо, сари синаи одамон, пештоқи иморатҳои ҷамъиятӣ бо гулҳо оро дода мешаванд, дар ҳама ҷой тӯю сур ҳукмфармост. Санъаткорон, хаваскорон ҳунарнамоӣ мекунанд. Ин ид хусусан дар водии Казанлик (шаҳри Казанлик) ба тантанаи умумихалқӣ табдил меёбад, ки пиру барно бо либосҳои идона ба майдонҳо мебароянд. Дар ин рӯз ширинкорон ба худ либосҳои маскарадӣ медӯзанд, ба сурати ҳар гуна ҳайвонҳо мерақсанд, ширинкорӣ мекунанд. Дар ин шаҳр тартиби муайяни гузаронидани иди гулҳо барқарор гирифтааст. Пеш аз сар шудани тантана духтарон либосҳои идона пӯшида ба чаккаи мӯйсафедон гул мениҳанд, ки дар ин лаҳза мақоли тоҷикии «Гул ба пирон хуш аст, ҷавонон худ гуланд» ба ёди кас меояд. Баъд хурду калон бо рақсу мусиқию бозӣ ба майдони калоне гирд меоянд, дар дарё оббозӣ ва обпошӣ мекунанд. Вақте ки ҳамаи иштирокчиёни сайр ба майдон гирд омаданд, – духтари зеботарини шаҳрро маликаи гулҳо интихоб мекунанд, ки ӯ марши тантанавии «Сайри гулҳо»-ро сар мекунад. Дар сайр қариб ҳама ҳунар нишон медиҳанд.

Мо, тоҷикон, гумон доштем, ки бозии халқии аспбозӣ, фақат ба помириёни мо хос аст. Чӣ тавре ки дидем, дар Булғория низ аспбозӣ маъруф аст ва намунаҳои он хусусан дар иди гулҳо хуб нишон дода шуд. Дар Тоҷикистон ҳам иди гулҳоро қайд мекунанд. Аммо хуб мешуд, ки ин иди хеле ҳаётбахшу зебо тайёриву тарзи хуби ташкилӣ дар саросари республикаамон гузаронида мешуд.

Доир ба одату анъанаҳои миллии халқи булғор чизи дигаре ба хотирам омад. Як рӯз дар соҳили баҳр

(курорти «Регҳои заррин») чашмам ба эълони аҷибе афтод, ки мардумро дар соати муайян ба конкурси зебоӣ хабар мекард. Росташро гӯям, дар бораи ин тавр конкурсҳо шунида, аммо бо чашмам надида будам. Қарор додам, ки ин маросимро, албатта, тамошо мекунам. Мо чанд кас ба тамошои он конкурс рафтем. Тамошои ин гуна намоиши ғайриоддӣ диққатангез буд. Конкурс бо роҳбарии жюрии бонуфуз (рассомон, ходимони маданияту аҳли ҷамъиятӣ) мегузашт. Дар конкурс ҳам ҷавондухтарон ва ҳам ҷавонписарон иштирок мекарданд, ки ҳар яки онҳо 2-3 бор дар давраҳои гуногун аз назари жюрӣ ва тамошобинони сершумор мегузаштанд ва қомати зебою ҷамоли дилрои худро намоиш медоданд. Ба фикри ман, дар ин чорабинӣ ҳеҷ ҷойи айб нест, бигузор ҷавонон зебоии худро намоиш диҳанд. Намедонам, ҷавонони республикаи мо ба ин чӣ мегуфта бошанд. Ба фикрам, хуб мешуд, ки комитети варзиш, ташкилотҳои комсомолию маданият ин масъаларо мавриди муҳокимаву амал намоянд. Ҳаёт бадию некии ин расмро ба хубӣ ҳал мекунад...

Яке аз анъанаҳои дигари булғориҳо гузаронидани иди ҳарсолаи чӯпонҳост. Шояд ин анъана аз туркҳо боқӣ монда бошад, ки дар он гӯсфандҳои бисёре мекуштанд. Солҳое будааст, ки дар ин ид то 5000 гӯсфанд мекуштанд. Ҳокимияти нав гузаронидани иди чӯпонҳоро хеле ба тартиб даровардааст. Акнун ин ид ба васфи меҳнати фахриву пурмашаққати чӯпонҳо бахшида мешавад, шоирон ба воситаи радиову телевизион шеърҳои ба чӯпонҳо бахшидаашонро мехонданд. Дастаҳои ҳунарии санъат, кино, машшоқон он рӯз репертуари худро ба чӯпонҳо мебахшанд. Албатта, акнун гӯсфандкушӣ дар ин ид хеле кам шудааст.

Ба фикри ман, чунин анъана – махсус тантана кардани касбу меҳнати чӯпонҳо ҷолиби диққат аст.

Анъанаи дигаре, ки мардуми булғор хеле хуш мегузаронд, намоиши ҳарсолаи «Тарзҳои либос» мебошад, ки онро мо ҳамроҳи ҳамватанон тамошо кардем. Дар ин намоиш ҳамроҳи мо композитори машҳури советӣ, профессор Мухтор Ашрафӣ низ ҳузур дошт. Иди «Тарзҳои либос» ба таври тантанавӣ, бо ҳамовозии мусиқии шӯх гузаронида мешавад ва ҳар навъи курта, костюм, ё палто, ки ба тамошобинон писанд ояд, онро бо қарсак истиқбол мегиранд.

Мо дар он намоиш намудҳои гуногуни либосҳоро аз назар гузаронидем. Хонандаи мӯҳтарам медонад, ки то ин дам пӯшидани либосҳои кӯтоҳ (миниюбка ва ғайра) хеле расмият пайдо карда буд. Акнун чунин ҷараёне пайдо шудааст, ки либосҳои дарозу остинҳои васеъро тарғиб менамояд. Аммо, чӣ тавре ки ба мо нақл карданд, ҷавонон ба либосҳои дарозу васеъ чандон майл надоранд. Тарзи либосдӯзию либоспӯшӣ масъалаи чандон оддию беаҳамият нест, хуб мешуд, ки фирмаҳои либосдӯзии республикаи мо, устохонаҳо, хонаҳои хизмати маишӣ завқу салиқаи одамон ва талаботи умумии замону тавсияҳои пешқадами ин соҳаро ба назари эътибор мегирифтанд.

Несебир яке аз зеботарин шаҳр-ҷазира дар силсилаи шаҳрҳои соҳилҳои Баҳри Сиёҳ аст, ки онро фракийҳои қадим «шаҳр дар баҳр» номидаанд. Ин шаҳри ғайриоддӣ 3000 сол муқаддам асос ёфтааст. Он шимолтар аз ш.Бургас воқеъ гашта, ба хушкӣ бо гарданаи борики 300 –метра васл шудааст.

Хушбахтона, Несебир яке аз он шаҳрҳои қадимиест, ки ёдгориҳои бостонии маданияти он беосеб маҳфуз мондааст. Дар дохили он шаҳрчаи баҳрӣ намунаҳои нодири меъмории қадима – маъбади Иоани Алитургетос, Панкратови муқаддас, Крестители муқаддас қомат афрохтаанд, ки дар яке аз онҳо музеи кишваршиносии Несебир воқеъ буда, бозёфтҳои аҷоибе гирд оварда шудааст. Дар ҳамон ҷо

боқимондаҳои меъмории маъбадҳои асри IX, қасрҳои асри Рим ва маъбадҳои Афродита, Апаллон, Дионинисия низ ҳастанд.

Несебир доимо серодам аст, сайёҳон бо таваҷҷӯҳи зиёд ин шаҳрчаро тамошо мекунанд. Мо ҳам аз дидани он таассуроти фаромӯшнашавандае гирифтем. Булғориён ин ёдгориҳои таърихиро эҳтиёткорона нигоҳ медоранд ва бо онҳо фахр мекунанд.

Аз сайри Несебир дар сари роҳ мо ба комплекси дигари машҳури Булғория – «Соҳили офтобӣ» омадем. Дар роҳ то «Соҳили офтобӣ» назари мо ба киштии ғайриоддие афтод, ки дар мобайни кӯмзори беодам истодааст. Роҳбалади мо гуфт, ки «Таваҷҷуб накунед, ин бар аст».

Моро ба он ҷо бурданд, хоҳишмандон билет харида, ин киштиро тамошо карданд, он «Ригата» ном доштааст. Ин ресторан бо хоҳиши як марди антикӣ барои завқи одамони махсус сохта шудааст, ки гӯё он киштии роҳзанҳост. Ҳар кас ба дасти онҳо афтад, асираш мегиранд.

Хизматгорони ин бар дар либоси роҳзанҳо хизмат мекунанд. Киштӣ хеле аҷоиб сохта шудааст ва ба тани ҳар каси воридшуда дар вақти баромадан ба тариқи ҳазл мӯҳре пахш мекунанд, гӯё он шахс «асири ин киштист»...

Мо ба «Соҳили офтобӣ» равон будем. Ин комплекси курортии байналхалқии басо дилкашу серодам дар саросари гулӯгоҳи Бургаси калон тӯл кашидааст. Ин курорт ҳам таърихи хеле аҷибе дорад ва қиссаи таъсиси он ба фаъолияти ҳукумати нави сотсиалистии Булғория вобаста аст. Хиштҳои аввалини онро соли 1959 гузоштаанд. Бояд эътироф кард, ки лоиҳаи ин комплекс (онро гурӯҳи меъморони ҷавони Булғория, бо роҳбарии меъмор Николов кашидаанд) бо услуби тозаи худ ба назар аҷиб мерасад. Барои комёбиҳои эҷодиаш меъмори ин

комплекс Николов сазовори мукофоти давлатии ба номи Г.Дмитров шудааст. Шояд хато накунем, агар гӯем, ки навоварии меъморони Булғория (мо намунаи онҳоро дар комплексҳои курортии «Албена», «Дружба» ва хонаи байналхалқии журналистон дидем) дар соҳаи меъмории умумиҷаҳонӣ дар ҷойҳои аввал аст. Бесабаб нест, ки меъморони булғорӣ шӯҳрати умумиҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Ҳозир меъморон, муҳандисон ва бинокорони Булғория ба бисёр мамлакатҳои олам ёрии эҷодию техникӣ ва амалӣ мерасонанд. Масалан, бо иштироки бевоситаи онҳо дар Ҳиндустон, Муғулистон, Тунис, Ливия, Сурия, Миср, Судон, Чили, Сейлон ва якчанд мамлакати Африқо иншоотҳои калоне сохта мешаванд.

Меъморони Булғория анъанаҳои хуби ҳунармандони халқи худро бой гардонида, аз насл ба насл мерос мегузоранд.

Қисмати таърихии Булғория фоҷиаангез аст, шаҳру деҳоти ин мамлакат борҳо бо дасти истилогарон сӯзонида, ёдгориҳои меъморию мадании он хароб шудаанд. Аммо дасту дили вафодори халқ онҳоро ҳифзу барқарор мекард. Акнун он ёдгориҳои меъмории Булғория бо таъсирбахшии худ, бо тарзу услуб, гуногуншаклии техникаи сохтмони иншоотҳо, возеҳии бадеияту намуди иморатҳо мардуми оламро ба ҳайрат меоваранд.

Ҳикояти мо дар бораи «Соҳили офтобӣ» ҳанӯз идома дорад. Курорти «Соҳили офтобӣ» ҳамагӣ 5 километр дуртар аз ш.Несебир дар оғӯши дарахтони соҳили Баҳри Сиёҳ қомат афрохтааст. Дар як вақт дар комплекси курортии «Соҳили офтобӣ» 16 ҳазор кас истироҳат карда метавонад. Ин курорт ресторанҳои бисёри дараҷаи якум, театрҳои тобистона, майдонҳои варзишӣ, табобатхонаю гӯшаҳои савдо дорад.

Курорти мазкур пляжи хеле васеъ дорад, ки он бо як навъ реги маҳину нарм рӯпӯш шудааст.

Курорти «Соҳили офтобӣ» сол аз сол васеъ шуда истодааст. Ҳозир он 60 меҳмонхона, 500 котеҷ ва ғайра дорад. «Соҳили офтобӣ» барои шиновариҳ хеле боб аст, зеро соҳили он чандон чуқур нест, баҳр доимо ором, ҳамаи ин омилҳо гарави хуби дамгирӣ аст.

Ҳамин тавр, аҳли ҳунари Булғория шӯҳрати мамлакати худро баланд мебардоранд. Мо дар боло аз ҳунарҳои халқиву санъати меъморӣ нақл кардем. Бояд гуфт, ки соҳаҳои гуногуни маданияти булғориҳо низ мутаносиб инкишоф меёбанд ва писанди мардум мебошанд. Композиторони булғорӣ, Филип Кутев (мутриб, суруднавис). Барешков, Хаджиев (муаллифи операи машҳури «Албена»), Марин Толемиков (муаллифи балети «Нестинарка», дар Ленинград низ намоиш дода шудааст), Георгий Дмитров, Александр Райчев, Стоянов, Петко Стойнов ва дигарон дар байни мардум хеле маъруфанд.

Аз ҳунарпешагони санъати театрӣ артистони операи Булғория Геадуров Николай, Катя Попова (ба қарибӣ вафот кардааст), Юлия Винер, Никола Николов, Маргарита Лилова ва аз артистони балет Лили Берон, Люба Колчакова, Валя Вербова, Вера Кирова, Ичко Лазарев хеле шӯҳрат доранд. Ҳоло, ки аз хусуси санъаткорони балети булғорӣ сухан меронем, як лаҳзаи ҷолиб ба хотирам омад. Рӯзе дар китобхонаи меҳмонхонаи «Акатсия» журналҳоро варақ мезадам, ки чашмам ба расме афтод: он расми ҳунарпешаи мо Малика Собирова буд. Ин журнали оммавии мусаввар, ки «Олами расмҳо» ном дорад, хеле зебост. Ман ин журналро ба даст гирифтаму чашмонам ба расми ҳамдиёрамон Малика дӯхта шуд ва бо худ мегуфтам, ки санъати ҳақиқӣ дар ҳама ҷой роҳ меёбад. Роҳи дуру забонҳои гуногун, урфу одат

садди роҳи он шуда наметавонад. Сокинони Варна Малика Собироваро хуб мешиносанд, зеро бори аввал дар Варна истеъдоди баланди ҳунарии Маликаро эътироф кардаанд...

Пас аз ин балеринаи пуристеъдод дар Москва, дар конкурси умумиҷаҳонӣ сазовори мукофоти якум ва соҳиби медали тилло гардид, ки шӯҳрати санъати моро ба афлок бардошт. Дар ин сафар дар Булғория ман бо мамнуният аз эҷодиёти артистони халқии республика Малика Собирова, Лутфӣ Кабирова, артистони халқии СССР Ҳ.Мавлонова, Т.Фозилова, М.Қосимов, А.Бурҳонов ва А.Бобоқулов ҳикоя мекардам.

Чунон ки пештар нақл кардем, ҳамаи иморатҳои маъмурӣ, меҳмонхонаҳо, ресторанҳо ва ғайра аз ҷиҳати санъати амалӣ хуб сохта шуда ва бо амали рассомҳои Булғория зебу оро ёфтаанд. Рассомони булғор Дучко Узунов, Илил Петров, Сенко Лавренев, Светкин Руссев, ҳайкалтарошҳо Иван Фунев, Иван Лазарев, Христо Данев бо санъати баланди худ хеле машҳур гаштаанд. Дар санъати тасвирӣ ҳиссиёти баланди лирикии мардуми булғор таҷассум ёфтааст. Ин шояд аз он сабаб бошад, ки мардуми ин мамлакат рӯҳи тозаву хаёли рангин, афсонаҳои аҷибу дилкаш дорад. Инак, яке аз он қиссаҳои лирикие, ки аз эҷодҳои бостонии халқ аст: як боғбони ҷавон, ки махсус гулҳои садбарг парвариш мекардааст, дар мобайни ҳавлиаш 3 ниҳоли гул доштааст. Боғбонписар овози фораме доштааст ва дар вақти кор мудом месароидааст. Рӯзе аз рӯзҳо ба суруди ӯ садои дигар ҷӯр шудааст. Боғбонписар дар ҳайрат афтода, минбаъд дар хонааш суруд мехондааст, ки дар хона ҳам он садои марғуб ӯро ҳамовозӣ мекардааст. Боре бевақтии шаб ҳангоми хондани суруд ҳамон садо, ки ба вай ҳамовозӣ мекард, ба забон меояду чунин мегӯяд:

– Ман яке аз ҳамон се гулеам, ки ту дар боғат парваридаӣ. Агар субҳгоҳон ту маро аз байни он 3 гул шинохта тавонӣ, ман ба дӯшизае табдил меёбам ва ҳабиби ту хоҳам шуд. Агар нашиносӣ, як умр бо бӯи хушу вуҷуди худ боғи туро оро медиҳам. Рӯзе дигар боғбонписар аз байни 3 гул ҳамон гулро шинохта, ба ӯ салом додааст ва гул дар як он ба дӯшизаи соҳибҷамоле мубаддал шудааст. Онҳо бо ҳам абадӣ хушбахтона умр ба сар бурдаанд.

Аз ноқил мо пурсидем, ки боғбонписар чӣ тавр он гулро шинохт?

– Боғбонписар аз мо зиракtар буд, – хандида гуфт ӯ. Азбаски гул то субҳ бо боғбонбача сурудхонӣ мекард, аз резаҳои шабнам бенасиб монда буд, инро боғбонбача мушоҳида кард ва ӯро шинохт.

Чунин ҳикоятҳои дилнишини халқӣ хеле бисёранд ва ҳамаи ин аз завқи баланди мардуми булғор шаҳодат медиҳад.

Санъати театрӣ ва кинои Булғория низ шӯҳрати калоне пайдо кардааст. Рӯзҳое, ки мо он ҷо будем, яке аз хизматгорони меҳмонхонаи «Перуника» – Дора Неделчева аз мо ҳазломез шодиёна пурсид. Ман гуфтам, ки магар дар оилаатон фарзанде ба дунё омад?

– Не, – гуфт ӯ, – аз ин ҳам муҳимтар.

– Пас чӣ будааст он мужда?

– Филми булғории мо дар кинофестивали ҷаҳонӣ ҷойи якумро гирифтааст.

Ман он хонумро самимона табрик кардам. Дар ҳақиқат ҳамон рӯз дар Чехословакия фестивали XVII байналхалқии кинофилмҳо мегузашт. Дар он кинофестивал (дар Карловы Вари Чехословакия) филми булғории «Фариштаҳои сиёҳ» (режиссёраш Радов) дар қатори кинофилми советии «Дар соҳили кӯл» (режиссёраш С.Герасимов) мукофоти асосии ин кинофестивалро сазовор гардидааст. Мо дар ин

мисоли оддӣ возеҳ дидем, ки мардуми булғор ба қисмати санъати худ ҳеҷ гоҳ бетараф нест.

Мо дар аввали нақламон қайд кардем, ки Варна шаҳри интернатсионалӣ, шаҳри дӯстии халқҳост. Ба ин муносибат як шабнишинии аҷибе, ки 5 август дар як гӯшаи дилрабои бешаи «Регҳои заррин» доштем, ба ёдам омад. Он шабнишиниро булғориҳо «Пикник» меноманд. Мувофиқи программаи сафар моро ҷое бурданд, ки дар оғӯши бешазоре воқеъ аст. Баробари аз автобус фаромадан моро бо карнаю сурнай ва нону намак пешвоз гирифтанд. Пас дар як майдони на он қадар калон ба рӯйи харакҳои оддӣ шинонданду бо шашлику виноҳои булғорӣ зиёфат карданд.

Чунон ки дидем, ин ҷо ғайр аз одамони шӯравӣ аз Франсияву Италия низ гурӯҳи сайёҳон ҳузур доштанд. Пас аз таом садои мусиқӣ баланд шуд... Фаронсавиён, шояд одамони шӯравӣ будани моро фаҳмиданд, ки бо гармошка оҳанги машҳури суруди русии «Калинка-калинка»-ро навохтанду ба сурудан сар карданд. Дар як он ҳамаи иштирокчиёни «Пикник», ки қариб 400 нафар буданд, суруди «Подмосковные вечера»-ро ҳамовозӣ карданд. Хулоса, як маҳфилу шабнишинии интернатсионалие барпо гардид. Баъд рақсҳои якҷоя сар шуданд. Шабнишинӣ хеле хуш мегузашт, ҳамфикрӣ, рафоқату бародарӣ ба вуҷуд омад. Ба фикрам, хеле аҷиб ва муфид буд, ки бо таклифи фаронсавиҳо ин «Пикники» мо дар оғӯши ҷангал бо сурудани «Марселеза», «Варшавянка» ва гимни «Интернатсионал» анҷом ёфт. Садои ин суруди дӯстӣ ҳоло ҳам дар гӯшҳои ман ҷарангос мезанад.

Ман он шаб ба як чиз диққат медодам, ки мардуми советӣ бо қавиродагӣ, инсондӯстию хислатҳои наҷиб ва одоби баланди худ таваҷҷӯҳи сайёҳони фаронсавӣ ва дигар меҳмонҳоро ҷалб карда буданд. Бо онҳо забони умумӣ меёфтанд, суруди

якдиливу рафоқат – суруди ҷовидонии «Интернатсионал»-ро мехонданд.

Чун сухан аз хислатҳои наҷиби одамони советӣ меравад, як воқеаи дигарро нақл карданиам, ки дар он мисоли оддӣ як ҷаҳони нав – ахлоқи мардумони мо возеҳ аён мегардад. Дар роҳ, дар вокзали Киев яке аз ҳамсафарони мо Ҳалимҷон Саидов сахт касал шуд. Лозим омад, ки мо ӯро он ҷо монда равем. Аз 32 кас ҳар яки аъзоёни ҳайати мусофирон тайёр буд, ки ҳамроҳи Саидов он ҷо монад, ӯро парастиш намояд, кӯмак расонад. Вақте ки Саидов дар Киев монд, чанд кас, бештар занҳо, аз дилсӯзӣ мегиристанд, ҳама маъюсу ғамгин буданд. Аз байнамон Валиҷон Юрматов илтимос кард, ки ин вазифаро ба ӯ супорем ва дигарон сафарро давом диҳем. Ӯ бо бемор дар Киев монд ва мо боварии комил доштем, ки Валиҷон ба ҷойи ҳамаи рафиқонаш хизмат хоҳад кард.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Валиҷон ба Ҳалимҷон ҳамроҳӣ намуд, ҳамаи тадбирҳоро дид, ки ба дӯсташ дар вақташ ёрдами лозимаи таъҷилӣ расонида шавад. Вай пас аз анҷоми корҳои лозима ба Варна омад. То омаданаш ба мо мудом радиограмма медод, аз аҳволу саломатии рафиқи ҳамсафарамон моро огоҳ мекард. Юрматов баробари омаданаш аз аҳволи Саидов ахбороти муфассал дод. Мо ҳамсафарони Саидов ягон соат ӯро фаромӯш намекардем ва аз Булғория телеграмма, хатҳо мефиристодем, ки он пур аз суханҳои меҳрубононаи бародарӣ буданд. Хислати меҳрубонӣ, рафоқат, садоқатмандию ғамхорӣ ба якдигар ҳама вақт зоҳир мегардид. Ҳамчун фарзандони як оила бо якдигар хеле ғамхор будем.

Дар бозгашт 3 нафар аз ҳамсафарон махсус барои хабар гирифтани Саидов ба Киев фуромаданд. Профессор В.И.Зайтсева, В.Юрматов. М.Икромов баъди боздид аз аҳволи саломатии Саидов маълумоти муфассал оварданд. Акнун, хушбахтона, Саидов –

дотсенти Институти политехникии Душанбе шифо ёфта, ба назди зану фарзандонаш баргаштааст, ки ин боиси хурсандии ҳамаи ҳамсафарону хешу акрабои ӯ гаштааст. Доимо саломат бошед, дӯсти азиз Ҳалимҷон! Чунин аст орзӯи ҳамсафарони шумо.

Ҳикояти охирини худро ман ба дӯсти ҳамкасабаам Чавдар Добрев ва корубори ӯ мебахшам. Чавдар Добрев, ки аз сафари ман ба ватанаш огоҳ шуда буд, маро ёфт. Ӯ танҳо набуд, ҳамроҳаш завҷааш Маргарита (санъатшинос) ва духтарчааш Ванчо низ буданд.

Чавдар Добрев яке аз олимони боистеъдоди Булғория мебошад. Вай соли 1963 Академияи илмҳои ҷамъиятии назди КМ КПСС-ро (кафедраи назарияи адабиёту санъат) бомуваффақият тамом кард ва ба ватанаш баргашт. Ҳоло дар институти санъатшиносӣ ходими калони илмӣ ва дар редаксияи журнали «Современник» ҷонишини сармуҳаррир шуда кор мекунад. Ӯ яке аз адабиётшиносони баркамоли Булғория мебошад. Муаллифи якчанд асари калони соҳаи адабиётшиносӣ ва санъатшиносист. Ҳамҷун мунаққид ӯ реализми сотсиалистиро манбаи тадқиқоти худ қарор додааст. Вай дар Булғория мактаби Станиславский ва Вахтанговро тарғиб менамояд.

Соли 1968 Чавдар Добрев ба Тоҷикистон низ омада буд. Дар он сафар вай ба як гурӯҳ нависандагони Булғория сардорӣ мекард. Ҳамроҳи ӯ адибони булғор Нино Николов, Александр Бешков низ буданд. Республикаи мо ба ӯ хеле писанд омад, вай пас аз баргаштан ба ватанаш аз таассуроти Тоҷикистон хотираҳои хубе навиштааст. Инак, чанд сатр аз навиштаҳои Чавдар Добрев роҷеъ ба республикаи мо: «Рӯзҳои дар Тоҷикистон буданам ба хотир меояд, дафтари хотираамро варақ мезанам...

Солҳо мегузаранд, аммо симои ин кишвари офтобрӯя, кишвари хеле дилрабо ҳеҷ гоҳ аз ёд намеравад».

Дар мақолаҳояш Добрев менависад, ки Тоҷикистонро хеле дӯст доштааст. Ӯ ба хонандагонаш дар бораи анъанаҳои қадимии дӯстии булғориҳову тоҷикон, ки дар «Сафарнома»-и Носири Хисрав (асри XI) оварда шудааст, дар бораи мулоқотҳояш бо шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, дар бораи эҷодиёти С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, С.Пайрав, Ҳ.Юсуфӣ, М.Миршакар,Ҷ.Икромӣ, Ф.Ниёзӣ, Раҳим Ҷалил, Б.Раҳимзода, А.Шукӯҳӣ, М.Қаноат, Ф.Муҳаммадиев ва дигарон муфассал навиштааст.

Ӯ Тоҷикистонро «биҳишти шоирон» номидааст ва аз корубори мардуми мо, алалхусус сохтмони Норак, корубори Фарҳодҳои имрӯзаи мо ҳарфҳои меҳрангез гуфтааст.

Ба бинокорони шарафманди Нораки баландкӯҳ нависандаи соҳибистеъдоди дигари Булғория Александр Бешков низ очерки муфассале бахшида, онро дар рӯзномаи булғории «Литературен Фронт» чоп кардааст. Дар он очерк муаллиф аз таассуроти сафари фаромӯшнашавандаи худ ба Тоҷикистон, аз мулоқотҳояш бо бунёдкорони бандгоҳи нодири мураккаби Норак ва сӯҳбатҳояш ба адибони тоҷик – Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат, Гулрухсор Сафиева ба мардуми булғор нақли шавқангезе мекунад.

Рӯзе Чавдар ба назди ман омаду гуфт, ки «биё, ба тамошои Варна биравем». Ҳамроҳ хиёбонҳои ин шаҳри дилнишинро сайр мекардем ва лаҳзаҳои хуби солҳои таҳсиламонро дар Москва ба хотир меовардем. Ниҳоят ба як магазини китоб дучор омадем.

Дар рафҳои магазин асарҳои олимону адибони булғор бисёр буданд. Банохост чашмам ба китобе афтод, ки ба рӯйи он номи дӯсти ман Добрев сабт ёфта буд. Ман он китобро харидам. Ин яке аз асарҳои дӯстам

буд. «Театр ва замон» ном дошт. Чавдар ба муқоваи он суханҳои нек навишт. Ин мукофоти калоне буд барои ман, зеро медидам, ки орзуҳои талабагии мо ҷомеаи амал пӯшидааст, акнун дар назди ман талаба не – олим, мунаққиди боистеъдод, меистод. Бегоҳӣ Добрев, маро гусел мекарду ба ҷониби ман нигоҳи маънидоре мекард. Ин нигоҳ – нигоҳи дӯст буд. Бигузор, дӯстии мардумони мо мустаҳкамтар гардад, зеро ин гарави зафарҳои ояндаи мост.

Баробари вохӯрдан дар Варна бо Чавдар Добрев программаи истироҳати ман тағйир ёфт. Росташро гӯям, истироҳат ба кори амалӣ, шиносоии самаранок бо адабиёти Булғория сар шуд. Чанд маротиба Чавдар маро ба хонаи истироҳати нависандагони Булғория, ки дар наздикии меҳмонхонаи мо буд, даъват кард. Баъд онҳо ба меҳмонхонаи мо меомаданд. Дар ин мулоқотҳо дӯстам маро бо адибони маъруфи муосири Булғория шинос кард ва мо бо онҳо соатҳои дароз дар бораи адабиёти булғор ва тоҷик сӯҳбатҳои фоиданоке доштем. Адибон Колю Беоргиев, Генчо Стоев, Тодор Генов, Никола Инджанов, Мван Светов, Атанас Далчев, Иван Радоев, профессор Гочо Гочев, ки дар бораи адабиёти тоҷику форс тасаввури хубе доштаанд, аз Рӯдакиву Саъдӣ шеърҳо мехонданд

... Сафари мо дар диёри дӯстон ба охир мерасид. «Дар ҷаҳон оё диле ҳаст, ки «ватани ман» нагӯяд, ё аз шодии бозгашти сафар роҳи ошён наҷӯяд». Ҳазорон аҳсан ба гӯяндаи ин ҳарф.

ҚАЛЪАҲО

Хеле кам муяссар мешавад, ки кас дар умри кӯтоҳ ба ягон мамлакати хориҷӣ такроран сафар кунад. Шояд ин мукофоти қисмати нек бошад, ки бо ман рӯй дод. Ана бори дуюм аст, ки ман меҳмони сарзамини муқаддаси Булғорияи бародариам ва беихтиёр рӯзҳои хуши сафари аввалаам ба лавҳи хотир меоянд.

Ҳоло аз он рӯзҳо понздаҳ сол гузаштааст. Соли 1970-ум бо як гурӯҳ олимони тоҷикистонӣ, аз ҷумла З.Ш. Раҷабов, М.Т. Пӯлодова, В.И. Зайтсева, С. Аминҷонов ва дигарон сайри ин диёри зебо доштем. Мушоҳидаҳои он сафар, хусусан таассуроти шаҳрҳои Русе, Варна, Талбухин, Албена, Несебир, мулоқотҳо бо одамони наҷиб, деҳқонони асил, ходимони илму маданият, комёбиҳои иқтисодиву маънавии Булғористони сотсиалистӣ, анъанаҳои инқилобӣ, ҷангӣ, меҳнатӣ ва миллии вайро дар китоби «Гард дар мижгон» нигошта будам. Инак, ният дорам, ки ҳикояти имрӯзаро ба хонандаи азиз чун давоми ҳамон таассуроти ширину гуворо манзур намоям.

Табиист, байни ин ду сафар тафовути зиёд аст. Мусофирати дуюм ба тақозои кор аст. Ин дафъа ҳайати вакилони Ватанамонро дар рӯзҳои иди адабиёти советӣ бахшида ба чиҳилсолагии ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сарварӣ менамудам.

Пас аз пазирой ва меҳмоннавозии самимӣ дар София, мо чанд нафар аъзои ҳайати вакилони шӯравӣ, аз ҷумла директори нашриёти «Музика» – Сиделников Л.С., сармуҳаррири нашриёти «Планета» – Торсуев Ю.В., ҷонишини сардори Иттиҳодияи шӯравии «Международная книга» – Беклишев Д.М., бо роҳбарии Семён Игнатов – ходими намоёни комитети давлатии маданияти Булғория ба сӯйи

шаҳри Видин раҳсипор шудем, ки он калонтарин шаҳрест дар уфуқи шимолу ғарбии он мамлакат. Роҳи корвони дӯстии мо, мизбонҳо, ба он чунин ном доданд, аз байни шаҳру деҳоти бисёре, дараву кӯҳпораҳое мегузашт, ки баландтаринашон ағбаи Петрохан (баландиаш 1500 метр аз сатҳи баҳр) аст ва чунон дилпазиру тамошоҷо буд, ки аз он ҳеҷ чашм канда наметавонед. Хубии он роҳ фақат дар назарраборанда манзараҳои нотакрору домони мунаққаши бешазорони сабзпӯшаш нест, ки гӯё дастони рассоми моҳире кашида бошад. Боз зиёдтар дар он мушоҳида мешуд, ки дар саросари вай муҷассамаҳои хурду калоне ба хотираи дурахшони муборизони роҳи озодӣ аз юғи асорати туркони усмонӣ, фашистони гитлерӣ қомат афрохтаанд.

Чанд намунаи чунин муҷассамаҳоро мо дар минтақаи шаҳри инқилобии Михайловоград – Балова Шума зиёрат кардем. Яке аз онҳо панорамаи азимест, ки ба се шӯриши сентябрӣ бахшида шудааст: шӯриши сентябрии чипровскоеи соли 1688 (дар баландии Жеравитса), дуюм шӯриши сентябрии соли 1923-юм (он дам шаҳри Михайловоград ба қалбу ҷигари Булғористони инқилобӣ табдил ёфта буд), сеюм – инқилоби сентябрии соли 1944-ум, ки он дам байроқи зафар дар дасти отряди партизании ба номи Христо Михайлов будааст.

Аз ин роҳи дар гузашта басо хатарнок, аммо пуршараф фарзандони диловару шӯҳратманди халқи булғор Петр Парчевич, Манчо Пунин, Ило Воевода, Панаёт Хитов борҳо гузаштаанд ва ҷонбозиҳо кардаанд. Аз ин сабаб ҳам аксари булғорҳо ин роҳро ҳаққонӣ «шоҳроҳи бахт» ҳам меноманд.

Ҳоло ҳар як сокини Булғористони бародарӣ аз гузаштаю ҳозираи худ бо ифтихор нақл мекунад ва аз музаффариятҳои сотсиалистиаш меболад.

– Дар воқеъ, – гуфт роҳбалади мо Семён Игнатов,

– он чиз, ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест. Ана, мо ба деҳаи начандон калон – деҳаи ба номи Георгий Демянов расидем. (Г. Демянов яке аз инқилобчиёни Булғория буд). Хоҳед, ин ҷо чанд муддат дам мегирем...

Ҳамсафарон розӣ шуданд. С. Игнатов аз гузаштаву ҳозираи ин деҳаи зебоманзар, табаддулотҳои инқилобии вай нақл мекард. Ин дам аз хиёбоне садои мусиқию суруд ба гӯш расид. Маълум шуд, ки он ҷо тӯй будааст. Соҳибони тӯй аз омадани меҳмонони шӯравӣ огоҳ гашта, ба нею нестони мо аҳамият надода, моро ба тӯй хонданд. Аз рӯйи таомул тӯйдоронро самимона табрик намудем. Онҳо бошанд, аз рӯйи анъанаи булғорӣ меҳмонҳоро бо ҷомҳои пур аз шароби арғувонӣ зиёфат карданд. Ҳалқаи дӯстони нав вусъат ёфт. Дилҳо аз ин пазироии ғайричашмдошт шод гаштанд.

Барои ман ҳамаи ин тасодуфот буданд, аммо аз ҳама аҷибтараш он буд, ки тӯй дар хиёбони марказии деҳа мегузашту ҳама хурду калон мерақсиданд ва арӯсу домод ҳам. Арӯсу домод бошанд, меҳмонҳоро ҳам ба рақс кашиданд, ки аз ин меҳрубонӣ саркашӣ кардан душвор буд.

Ҳамаи ҷиҳатҳои тӯй ба тартиб ташкил шудааст, ягон бесарусомонӣ мушоҳида намешавад, ҳар гурӯҳ саргарми кори худ: машшоқҳо менавозанд, раққосҳо мерақсанд, пазандаҳо мепазанд, пешхизматҳо лаълиҳои калонро аз қадаҳи шароб пур карда пеши меҳмонон меоранд. Тӯй қиём мегирад. Қариб, ки нӯшбодгӯӣ нест. На ба он тавр, ки дар баъзе тӯйхонаҳои мо рӯй медиҳад: ҷавонҳо ташнаи суруду рақс, ширинкориҳо. Вале садри маърака тӯйро ба як маҷлиси дилбазан табдил медиҳад, ба унвони арӯсу домод не, ба унвони ду-се шахси мансабдор суханҳои дабдабанок гуфта, онҳоро маҷбур мекунад, ки нутқи табрикӣ гӯянд. Онҳо бошанд, дар пургӯиҳои беҳудаи

дилбазан бо якдигар «мусобиқа» мекунанд...

... То ба нуқтаи охирини сафари онрӯза – шаҳри Видин расидан мо боз дар чанд шаҳри сари роҳ – Димово, Дуновитси қарор гирифтем. Дар ҳарду шаҳр диққати моро мағозаҳои китобфурӯшӣ ба худ ҷалб карданд. Онҳо аз рӯйи лоиҳаҳои махсус сохташуда, барои кори хизматчиён ва харидорон хеле мувофиқ мебошанд: амборҳои китоб алоҳида, рафҳои молҳои фурӯшӣ алоҳида, ҷойи дамгириву истироҳати коргарон низ ҷудо (душ, дастшӯ, ҷойи таомхӯрӣ ва ғайра). Мағозаҳо пур аз китобҳои гуногун. Бамаврид аст бигӯем, ки дар Булғория ба тарғиби китобҳои советӣ аҳамияти махсус медиҳанд. Дар рафҳои мағозаҳои китобфурӯшии шаҳрҳои номбурда мо асарҳои А.С. Пушкин, Салтиков-Шедрин, И. Крилов, Л. Толстой, А. Гайдар, А. Фадеев, М. Булгаков, А. Чаковский, Л. Леонов, Ю. Нагибин, П. Проскурин ва дигарҳоро ҳам ба забонҳои маҳаллӣ ва ҳам ба забони русӣ дидем, ки хонандагони онҷоӣ ба онҳо мароқи калон доштанд.

Боз як фарқияти фаъолияти ин мағозаҳо дар он аст, ки онҳо ғайр аз китоб, журналҳои гуногун, қартаҳои суруд, – грампластинкаҳо ва лентаҳои магнитофонро низ ба аҳолӣ мерасонанд. Яъне он мағозаҳо, ғайр аз нашриётҳо боз бо фирмаҳои дигар, ки лавозимоти мусиқӣ мебароранд, сарукор доранд.

Шоми ҳамон рӯз корвони дӯстии мо ба шаҳри Видин расид. Моро роҳбарони вилоят бо сардории котиби комитети партиявии округ Б. Матвеев пазироии дӯстона намуданд ва дар меҳмонхонаи «Ровно» манзил доданд.

Баъзе аз ҳамсафарон тааҷҷуб менамуданд: мо дар Булғористонем ё дар Украина? Охир, «Ровно» шаҳрест дар Украина. Ба мо фаҳмонданд, ки беташвиш бошем. Меҳмонхонаи шаҳри Видинро дониста «Ровно» ном додаанд, ки ин рамзи дӯстиву

ҳамкории бародаронаи Видин ва Ровно мебошад.

Сипас маълум гардид, ки дар тантанаи рӯзҳои адабиёти шӯравӣ аз вилояти Ровнои Украинаи Советӣ низ меҳмонон даъват кардаанд. Корманди масъули вилояти Ровно В.П. Бойчук аз ҳамкориҳои ин ду шаҳр дар инкишофи ҳаёти иқтисодиву маънавӣ бо ифтихор нақл кард.

Рӯзи дигар маъракаи калони расмӣ – иди адабиёти советӣ сар шуд, ки барои иштирок дар тантанаҳо ҳайати вакилони махсус бо сардории Стоян Михайлов низ омад.

Намоиши китобҳои шӯравӣ дар иморати комитети партиявии вилояти Видин мутантан кушода шуд. Дар намоишгоҳ 2500 номгӯй асарҳои советӣ, аз ҷумла осори К. Маркс, Ф. Энгелс, В.И. Ленин, асарҳои роҳбарони КПСС, китобҳо доир ба прогресси илму техникаи шӯравӣ, кашфиётҳои коинот, ҳифзи муҳити ҷуғрофӣ, асарҳои ба забони русӣ нашршудаи Георгий Дмитров, Тодор Живков, Людмила Живкова, Захари Стоянов, Христо Ботев, муаллифони хориҷӣ, ки дар СССР нашр гардидаанд – Шекспир, Гёте, Диккенс ва дигарон гузошта шуда буданд.

Ҳозирон фиристодагони Иттифоқи Советиро бо кафкӯбиҳо ва навои мусиқӣ самимона истиқбол намуданд. Дар расми кушоди намоиши китобҳои советӣ Котиби КМ Партияи Коммунистии Булғористон Стоян Михайлов нутқи муфассал эрод намуд. Вай аз қаробати инқилобӣ, ҳизбӣ, ҳамкориҳои пурсамар дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ, аз ҷумла яке аз соҳаҳои наҷиби он нашр ва тарғиб намудани китобҳо сухан ронд. Стоян Михайлов махсус қайд намуд, ки дар Булғористон ба китобҳои шӯравӣ эҳтирому мароқи беназир доранд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки Булғория дар кори тарҷумон ва нашри асарҳо аз забони русӣ дар байни мамлакатҳо ҷойи якумро

ишғол менамояд. Аз соли 1944 то соли 1984 – ум зиёда аз ним миллион номгӯй ва 150 миллион адади китобҳои шӯравиро булғориҳо харидаанд. Ё худ китобҳои советиро дар Булғористон зиёда аз 54 мағозаи махсуси китобфурӯшӣ ва 440 шӯъбаи китобҳои советии мағозаҳои дигар паҳн мекунанд.

Худи ҳамон рӯз дар маркази шаҳри Видин боз як мағозаи нави калони китобҳои советӣ (ба номи Максим Горкий) ба муносибати иди адабиёти шӯравӣ тантанавор кушода шуд. Лентаи сурхи рамзиро дар ҳузури ҳазорҳо вакилони меҳнаткашони вилояти Видин раиси умумимиллии комитети ҷамъиятии дӯстии Булғория ва СССР Пазанов Начо кушод ва аз рӯйи анъанаҳои халқи булғор роҳи даромади мағозаро об зад... Рафиқ Пазанов Начо, котиби якуми комитети партиявии шаҳри Видин Тошо Тошев, директори генералии ширкати китобпаҳнкунии Булғория Семён Игнатов аз дӯстиву рафоқати мардуми Булғория ва СССР, аз моҳияти бузурги китобҳои ду мамлакат дар кори нашри тарбияи интернатсионалии халқҳо батафсил гап заданд.

Ҳамин тавр, чорабиниҳои рӯзҳои адабиёти советӣ бо ташаббуси рафиқони булғор, пеш аз ҳама, ташкилотҳои партиявӣ ба намоишҳои бузурги дӯстии халқҳои СССР ва Булғория табдил ёфтанд. Зуҳуроти тозаи онро мо боз дар ҳамон шаҳр, ҳамон бегоҳӣ дар тантанаи махсуси расми кушоди даҳаи иди китобҳои советӣ мушоҳида кардем. Ин тантанаи басо самимиву дилпазир дар қасри «Фестивал» – ҳои шаҳри Видин, дар митинги дӯстии бисёрҳазора, бо иштироки коргарон, деҳқонон, зиёиён, ҳарбиҳо баргузор шуд. Митинги дӯстӣ бо нутқи муқаддимавии котиби якуми комитети партиявии округи (вилояти) Видин Христофор Иванов оғоз ёфт. Ӯ изҳор кард, ки даҳаи иди китобҳои советӣ қисми таркибии рӯзҳои дӯстии

Иттифоқи Советӣ ва Булғория хоҳад буд, ки ба ҷашни чиҳилсолагии ғалабаи инқилоби сотсиалистии Булғория бахшида шуда буд. Бе китобҳои советӣ ягонагиии маънавию ғоявӣ ва сиёсию иҷтимоии байни партияҳои мо, халқҳои мо имконнопазир мебуд. Ба воситаи асарҳои шӯравӣ мо аз таҷрибаи бойи партияи коммунистии ленинӣ, якумин дар ҷаҳон давлати коргару деҳқон баҳраманд гаштаем, ки ин ба мо пеш аз ҳама қувваи бузурги интернатсионалӣ мебахшад.

Баъд рафиқ Христофор Иванов суханро ба ҷонишини якуми раиси комитети маданияти Булғория Любомир Павлов дод. Ӯ дар хусуси ҳамкориҳои пурсамари анъанавии бисёрсола ва бисёрсоҳаи байни ду давлати бародарӣ – СССР ва РХБ бардавом сухан ронд ва хизмати бебаҳои ноширон, матбаачиён, тарғибкунандагони китобҳои шӯравӣ ва булғориро ҳаматарафа шарҳ дод. Ин 35 – умин даҳаи китобҳои советӣ аст, ки дар сарзамини булғориён бомуваффақият мегузарад, – гуфт Л. Павлов.

Асарҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, илмӣ-оммавӣ, бадеӣ, таълимӣ-педагогии советӣ бо якчанд хусусияти худ фарқ мекунанд, ки дар мадди аввал ғояи олӣ, оштинопазирии синфӣ, образнокию бадеияти онҳоро ман дар назар дорам.

Пас Христофор Иванов бо камоли эҳтироми махсус ба сардори ҳайати вакилони шӯравӣ, ба муаллифи ин сатрҳо сухан дод.

– Дӯстони азизи булғорӣ, – сухан оғоз намудам ман. – Мо рӯзи сеюм аст, ки меҳмони сарзамини шумоем. Аз лутфу меҳрубониатон сарфарозем. Ин ҷо ҳама чиз олист. Иқлими диёри шумо, манзараҳои кӯҳу даштҳо, дарёҳо, роҳҳо, нону намаки дастархони шумо, адабиёт, суруду мусиқии шумо низ олист. Аммо он чизе, ки моро бештар мутаассир намуду ба ҳаяҷон овард, одамони шумоанд.

Ин ҷо ҳозирон кафкӯбиҳои зиёд карданд, яъне ки писанд омад. Ман суханамро идома додам: – Аз пазироии самимонаи мардуми шумо, муомилаи ҳалимона ва хешовандонаи шумо мо пиндоштем, ки ба фиристодагони шӯравӣ ҳар як сангпора, ҳар як навдаи гулу гулбоғҳои кишвари шумо низ хайрамақдам мегӯянд. Ин ҳамаро мо рамзи дӯстиву бародарӣ медонем. Ба ростӣ, ин дам мо аз ҳаяҷон сухани муносибе намеёбем, ки кайфият ва ҳолати рӯҳии худро аниқтар ифода кунем. Бо азми шумо, бо рӯҳи табиатан бародаронаи шумо як чораҷӯии оддии рӯзҳои китоб, адабиёти советӣ ба як тантанаи бузург – намоиши тавонои дӯстии байни ду халқи бародар табдил ёфт.

Аслан, ман зодаи Тоҷикистони дурдаст, ҳамдеҳаи Абӯабдуллои Рӯдакӣ ҳастам. Вай 1125 сол пеш аз ин фармудааст:

Ҳеҷ шодӣ нест, андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.

Агар шумо розӣ бошед, мо ин сухани одамушуарои Шаркро пешгуфтори ин рӯзҳои фаромӯшнашаванда эълон мекунем.

Даъват писанд омад, ки ҳама кафкӯбӣ карданд.

Ба вакилони шӯравӣ бисёр ҷойҳои ҷолиби диққати Видин, аз ҷумла музеи кишваршиносии ин шаҳрро низ нишон доданд. Дар музей назарам ба иқтибосе аз Тодор Живков ҷалб шуд: «Барои мо, булғориён, асри ҳақиқии тиллоӣ аз мавриди сохтмони сотсиалистӣ сар мешавад». Ин гуфтаҳо агар барои Булғория мансуб бошанд, пас барои Тоҷикистон ва дигар республикаҳои Иттифоқи Советӣ низ бевосита дахл доранд.

Ман ҳамчун вакили ноширон диққати шуморо фақат ба соҳаи нашри китоб ҷалб карданиам. Шояд

донед, ки тоҷикон халқи хеле қадим, дорои маданияти бой мебошанд, ҳаёти маънавии онҳо бо офаридаҳо ва номҳои симоҳои бузурги тамаддуни ҷаҳонӣ – А. Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҷомӣ, Носири Хисрав ва дигарон зич марбут аст. Аммо мардуми меҳнаткаши мо аз офаридаҳои онҳо бенасиб буд, зеро дар Тоҷикистони онвақта васоити китобчопкунӣ набуд. Асарҳои адибону олимони машҳур дар шаҳрҳои дур – Қазон, Берлин, Бомбей, Теҳрон, Истамбул, Бағдод бо адади кам нашр мешуданд, ки ин ҳам танҳо барои табақаҳои боло дастрас буд.

Инқилоб на фақат мо, тоҷикон, балки садҳо ҳалқҳои дигарро аз юғи асорат озод кард, давлати пурзӯри сотсиалистӣ бунёд намуд. Маҳз ба шарофати инқилоб мо савод омӯхтему соҳиби тамаддуни бостонии ниёгонамон гаштем. Халқи музаффари советӣ дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ғолиб баромад, ба халқи бародари булғор дасти мадади дӯстӣ дароз кард. Аз ин сабаб мо имрӯз одамони булғору шӯравӣ яктану якҷон гаштаем, ки дӯстиамонро ба ин дараҷа азиз медорем. Акнун дар кишвари мо ба забони тоҷикӣ беҳтарин намунаи адабиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла адабиёти булғорро низ мехонанд.

Дар маҷлис дуруст зикр шуд, ки дар СССР – Булғорияро ва дар Булғория СССР-ро хуб медонанд. Ин бесабаб нест. Дар ин кори наҷиб хизмати калони чопӣ – китобҳо, албомҳо, плакатҳо, дигар воситаҳои маънавӣ хеле бузург аст. Дар СССР ба нашрияҳои булғорӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Дар бист шаҳри СССР, аз ҷумла дар Москва, Ленинград, Киев, Тошканд, Тифлис, Кишинёв, Ереван ва ғайра бомуваффақият гузаронидани даҳаи китобҳои Булғория шаҳодати ин гуфтаҳоянд.

Дар ҳар хонадони русу тоҷику ӯзбеку қазоқу қирғизу туркман ва дигар миллатҳо номи фарзанди

арҷманди булғор Георгий Дмитров азиз аст. Дар Тоҷикистон асарҳои ӯ ва дигар булғориён ба забони тоҷикӣ нашр гардидаанд, ки эродҳои Г. Георгиев. Г. Караславов, И. Милев, П. Вежинов ва дигарон аз ҳамин қабиланд.

Мо, тоҷикон, аз Булғористон хеле дур бошем ҳам, саховат ва гармии дили дӯстони булғориамонро хуб ҳис мекунем. Бо ордени булғории Кирил ва Мефодий тақдир шудани шоири номии тоҷик Мирзо Турсунзода ва дар Варна эътироф шудани шӯҳрати ҷаҳонии рақҳосаи мо Малика Собироваро тоҷикон асрҳои аср фаромӯш намекунанд.

Мизбонони булғории мо имрӯз ғайр аз музейҳо, дигар ҷойҳои хотирнишони таърихиро низ нишон доданд, ки дар байни онҳо қалъаҳои дохили Дунай – «Баба Вида» ва «Град Кулла» хеле ҷолибанд. Зиёрати ин қалъаҳо моро хеле ба ваҷд овард.

Аммо дӯстони азиз, бояд арз кунам, ки мо дар ин сафарамон як қалъаи дигар, қалъаи мӯҳташамтаринро кашф кардем. Ин қалъа қалъаи азиму тавонои дӯстии бародаронаи халқҳои Иттифоқи Советӣ ва Булғористон мебошад. Бигузор, ин қалъаи тавоно шикастнопазир бошад.

Дар хотимаи сухан ба мизбонон барои хотира албомҳои рангаи нашриёти «Планета» тақдим шуданд, ки аз фаъолияти инқилобии В.И. Ленин ва Георгий Дмитров ҳикоят мекунанд. Ба тариқи рамз «Ситораҳои назм»-и ҳазорсолаамонро тӯҳфа кардем, ки бигузор гуфтугӯи моро ин пирони хирад давом диҳанд.

Митинги дӯстӣ, беҳтараш он шабнишинии дӯстии СССР – РХБ бо як мароми ғайриоддӣ, бо ҳарорати баланди интернатсионалӣ ва рафоқату хешутаборӣ гузашт.

Баробари оғози маҷлиси тантанавӣ гурӯҳи калони пионерон—мактаббачаҳо ба меҳмонони

шӯравӣ гулдастаҳо тақдим мекарданд, дар рафти маҷлиси дӯстӣ аз байни издиҳом нидоҳои «Поянда бод дӯстии халқҳои советию Булғория», «Шараф ба СССР – байрақбардори сулҳ» садо медоданд.

Аз эътибори фавқулодда баланди булғориён ба ин маърака боз як далели ҷолиб шаҳодат медиҳад. Ман ширкати фаъолонаи ходимони масъули КМ Партияи Коммунистии Булғория Вилчо Киров, Христо Консулов, Ганчо Гатев бо сардории котиби КМ ПКБ С. Михайлов, ходими масъули комитети умумихалқии дӯстии Булғорияю СССР Дмитрий Петров, Райна Тарзиева, Эмил Тсанов, Тошко Милчев, Валя Кринкина бо сардории раиси комитет Начо Пазанов, коргарони масъули комитети маданияти Булғория Любомир Павлов, Валентин Караманчев, Симион Игнатов, Стоян Стоименов, Васил Тредафилов, саркотиби комитети марказии ҷавонони Дмитревичи (комсомоли) Булғория Огнян Симеонов, Панка Бабукова – ҷонишини якуми вазири маорифи халқ ва намояндагони дигар ташкилотҳои давлативу эҷодиро дар назар дорам.

Дар ин маросимҳо ғайр аз аъзоёни ҳайати вакилони расмӣ, муовини сафири советӣ Л. Керестеджянтс, боз шоирони советӣ Лариса Василева, Владис Руя низ ширкат варзиданд.

Дар он шабнишинии дӯстӣ боз вакили вилояти Ровнои Украина В.П. Бойчук, шоирон – ходимони ҷамъиятӣ пайи ҳам сухан меронданд. Котиби комитети партиявии вилояти Видин Борис Матвеев – эстафетаи рамзӣ «Халтаи китоб»-ро ба гардани котиби комитети партиявии шаҳри София – Ганга Златинова меовезад. Ин чунин маънӣ дошт, ки соли 1985-ум корвони 36-уми иди китобҳои шӯравӣ дар пойтахти Булғория шаҳри София маскан гирад.

Қисми расмии он шабнишинӣ ба охир расид. Акнун навбат ба ҳунарпешаҳои касбӣ ва ҳаваскорони

Видин расид. Иштирокчиёни консертро чунон рӯҳияи баланди ғайриоддие фаро гирифта буд, ки гӯё бо сар шудани намоиш дар хонаи торик галачароғҳои пурнур фурӯзон шуда бошанд. Консерт на фақат маҳорати баланди бадеии артистони булғориро намоиш дод. Диққатангезии сурудҳо, рақсҳо, мусиқиҳо дар гуногуншаклии онҳо, равияи дӯстиву интернатсионалистии онҳо ҳар чӣ зиёдтар ифода мегардид. Қисми зиёди суруду рақсҳо аз репертуари ҳунарпеашагони шӯравӣ гирифта шуда буданд, ки онҳо дар солҳои панҷсолаҳои аввал, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, баъд аз ҷанг офарида шудаанд ва онҳоро мизбонон бо маҳорати баланд иҷро мекарданд. Ҳамин тавр, ҳар номераи консерти дӯстӣ моро ба вақд меовард, ки он дар хотирамон абадӣ нақш бастааст.

Булғориён ҳар манзил, ҳар гузаргоҳеро, ки бо амалу корнамоии мардуми советӣ алоқаманд аст, хеле азиз медоранд. Масалан, дар як канори шаҳри Видин қабристони бародарии аскарони советӣ мавҷуд аст. Дар он ҷо аз майдони ҷанг дар Югославия, соли 1944-ум ҷасадҳои аскарони ҳалокгаштаи шӯравиро, ки дар қисми фронти сеюми Украина меҷангиданд, оварда ботартиб ва сипосгузорона ба хок супориданд. Рӯйи қабри ҳар як аскари ҳалокгаштаи советӣ номҳои онҳо сабт шудааст, ки хешовандонашон мунтазам барои зиёрати онҳо меоянд, ба болои қабр хоки ватани марҳумҳоро мепошанд. Ҳангоми зиёрати ин қабристон ба мо ҳикояти ҳузноваре низ нақл карданд, ки ин фоҷиаи бемисли модар аст.

Дар ҳамин қабристон ҷасади аскарбачаи одессагӣ низ ба хок супорида шудааст. Модари ӯро аз ин ҳодиса огоҳ карданд ва даъват намуданд, ки барои зиёрати мадфани писараш ояд. Аммо 41 сол боз модар намеояд, гарчанде келинаш аллакай шавҳар кардааст. Пурсидаанд, ки чаро ба зиёрати қабри фарзандат

намеравӣ? Ӯ гуфтааст, ман дар сарам фикри марги писарамро роҳ дода наметавонам, баръакс, умедворам, ки имрӯз не фардо ба хонааш бармегардад. Ҳанӯз ҳам чашмҳои модар ба роҳи фарзандаш нигарон аст. Чунин аст даҳшати ҷанг ва фоҷиаи рӯҳии модарон. Охир кадом модар ба марги фарзандаш бовар карда метавонад...

Боз як ёдгорие аз осори аскарони советӣ. Ҳайкали ғайриоддӣ, ҳайкали «Катюша»-и мо, ки бар пояи баланде гузошта шудааст. «Катюша» дуртар аз шаҳрчаи сарҳадии Кулла, дар хати сарҳади Булғория ва Югославия воқеъ аст, ки дӯстони булғорӣ онро бо ҳисси ифтихор посбонӣ мекунанд ва ҳамчун рамзи иттиҳоди бародаронаи сиёсиву мудофиавӣ азиз медоранд, ки аз садоқати интернатсионалии онҳо шаҳодат медиҳад. Чунин ёдгориҳо дар хоки муқаддаси Булғористон хеле бисёранд.

Ғайр аз зиёрати ҷойҳои таърихӣ, инқилобӣ, маданӣ мо бо бисёр одамони наҷиби он ҷо низ мулоқотҳо доштем. Яке аз чунин мулоқотҳои фаромӯшнашавандаи мо бо шахси афсонавӣ Антонас Белчев дар зали бюрои комитети партиявии вилояти Видин баргузор шуд.

Беҳуда мо Антонас Белчевро шахси афсонавӣ нагуфтем. Ӯ яке аз фаъолтарин иштирокчиёни ҳаракати зиддифашистӣ буда, ба доми гитлерчиён меафтад. Фашистон ба вай ҳукми қатл мебароранд...

– Ман ҳанӯз кӯдак будам, – сар кард ҳикояти худро А. Белчев, – ки дар дилам муҳаббати Россияро мепарваридам. Ҳайрон нашавед. Ин ҳиссиётро ба қалби ҷавони ман китобҳо ҷой додаанд. Дар китобҳои бачагона, ки модаркалонам ба ман мехонд, нақл карда мешуд, ки рӯзе як Ивани баҳодур пайдо мешавад ва фақат ӯ метавонад булғориёнро аз юғи асорати аҷнабиён озод кунад. Худи ман аз овони ҷавонӣ ба китоб дил бохтам ва ба партизанҳо

китобкашонӣ мекардам. Бисёр вақт дар борхалтаҳои партизанҳо нон набуд, аммо китоб ёфт мешуд, ки бештари онҳо китобҳои шӯравӣ буданд.

Мо бо завқ гӯш мекардему А. Белчев нақли худро бо ҳаяҷон давом медод. Баъд ӯ андаке гулӯгир шуда илова кард, ки барои фаъолияти инқилобию зиддифашистиаш ба маҳкамаи гитлерчиён ҳам афтодааст. Вай дар он ҷо ҳам ором намеистод. Бо ҳар восита дар ҳабсхона ҳам китобҳои гуногун, зиёдтар инқилобӣ пайдо мешуданд, ки онҳоро А. Белчев меомӯхтааст.

- Дар байни китобҳо ман асарҳои таърихиро бо шавқу диққат мехондам ва ба дӯстонам мефаҳмондам. Мо дар ҳабсхона шабу рӯз «дуо» мекардем, ки ҳарчӣ тезтар Армияи Советӣ биёяду моро озод кунад. Чунин ҳам шуд. Мувофиқи фармони гитлерчиён маро мебоист субҳи 4-уми сентябри соли 1944-ум парронанд. Ҳамон шаб аскарони советӣ дарвозаҳои ҳабсхонаро пора карданд ва маро бо дӯстонам озод намуданд, вагарна ман имрӯз оё ба дидори шумоён мушарраф мешудам? – Антонас Белчев ашки чашмонашро бо рӯймолча пок намуд.

Вай дар хусуси дӯстии халқҳои булғору советӣ, миссияи озодкунандаи армияи шӯравӣ чанд асар навиштааст, ки якеаш «Один осъден на смерт разказва» («Ҳикояти шахси ба марг ҳукмшуда») ном дорад ва онро ба мо тӯҳфа кард.

А. Белчев борҳо ба Иттифоқи Советӣ сафар кардааст, ба мазорҳои бародаронаи қурбоншудагони Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Сталинград, Кавказ, Прибалтика саҷда кардааст.

– Беҳуда нест, ки, - мегӯяд ӯ, – болои қабри булғориён хоки замини шӯравиёнро пошидаанд, мо дӯсти оддӣ нестем, балки бародарони ҳамхунем... Қувваи мағлубнашавандаи мо низ дар ҳамин дӯстии абадист.

Баъд аз зиёрати шаҳри дар дили кӯҳ бунёдгаштаи Белогородчик ва ғори секилометраи зеризаминии Могура, ки ҳар яки онҳо мавзӯи ҳикояти дилписанданд, мо ба София баргаштем ва мулоқотҳоямон бо дӯстони булғор идома дошт. Дар комитети давлатии маданияти Булғория сӯҳбати мо бо рафиқон В. Караманчев, В. Василев хеле муфид буд. Аз таҷрибаи ғании интишори китоб, услуби баплангирию нашри адабиёт баҳраманд шудем. Ношironи советӣ ва булғорӣ дар хусуси ҳамкориҳои оянда аҳду паймонҳои муфид бастанд.

Нақли мо аз ин мусофират дар Булғорияи бародар пурра намешуд, агар мо сӯҳбатҳоямонро бо дӯстони деринаи шӯравиён нависандаи маъруф Йордан Милев ва профессор, доктори илми филология, санъатшинос, шоир Чавдар Добрев сарфи назар мекардем, зеро ки онҳо борҳо ба Тоҷикистон сафар кардаанд, чанд асарашонро ба ин кишвар бахшидаанд.

Яке аз мулоқотҳои тӯлонии мо бо И. Милев, Ч. Добрев дар зиёфатхонаи нависандагони Булғория (София) баргузор шуд. Йордан Милев аз таассуроти сафарҳояш ба Тоҷикистон, сӯҳбатҳояш бо адибони советӣ сухан карду бо таассуфи бародарона аз талафоти калони адабиёти тоҷик, марги бемаҳали устодони назми мо М. Турсунзода, Б. Раҳимзода ҳамдардӣ намуд.

– Мо, гуфт ӯ, – дар Булғористон хабари марги Турсунзодаро бо андӯҳи калон шунидем. Вай ҳамчун шоири ширинкалом, ҷорчию мунодии сулҳу амонӣ шӯҳрати калон дорад. Бесабаб нест, ки булғориён ба Турсунзода мукофоти байналхалқии Кирил ва Мефодийро сазовор донистаанд. Зиёда аз ин киштии ёдгории «Мирзо Турсунзода»-ро низ дар шаҳри Варнаи Булғория сохтаанд, ки ин бесабаб нест.

Ҳамин тавр, сӯҳбати дурударози мо аз риштаҳои

дӯстиву ҳамкории ду халқи бародар ҳокӣ буд. Мо низ хизматҳои Й. Милевро дар тарғиби адабиёти форсу тоҷик зикр намудем. Й. Милев соли 1974-ум бо Грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон тақдир шудааст. Бо ташаббуси вай асарҳои М. Турсунзода ва чанде аз нависандагони муосири мо ба забони булғорӣ тарҷума ва нашр гардидаанд. Й. Милев «Гулистон»-и безаволи Саъдии Шерозиро тарҷума намудааст, ки нашриёти булғории «Народна култура» нашр кардааст. Ҳозир ӯ машғули тарҷумаи асарҳои Абулқосим Фирдавсӣ аст.

– Дар ин кори мо, – таъкид кард Йордан Милев, – ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест. Агар барои эҷодкор кашиши ҳақиқии эҷодӣ бошад, дурии роҳ монеъ шуда наметавонад. Боварии комил дорам, ки ҳамкориамон бепоён аст. Ба наздикӣ шумо чанд асари булғориён, аз ҷумла китобҳои «Замини баландтар аз абрҳо», «Одамон ва даштҳо»-и маро нашр намудед, мо бошем, асарҳои адибони номии шуморо тарғиб мекунем.

Баъд Й. Милев дар ҳузури Чавдор Добрев, ки дар матбуоти Булғория оид ба Тоҷикистон чанд мақолаи калони публитсистӣ навиштааст, моро бо тарҷумони достони «Сурӯши Сталинград»-и Мӯъмин Қаноат – Захари Иванов муаррифӣ кард. Тарҷумаи ин асар ҳоло ба дасти чоп аст ва ба наздикӣ барои хонандагон омода мешавад.

– Акнун тарҷумаи назми ширадори шоирони нисбатан ҷавони шумо – Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева давом дорад. Азбаски ҳамаи мо, хусусан шоирҳо ба хонумҳо муносибати баланди илҳомӣ дорем, шояд намунаи ашъори Гулрухсор аввал ба забони мо нашр гардад. Пас ният дорем, ки «Антологияи назм»–и шӯҳратманди тоҷикро дар Булғория нашр намоем.

Мо бо адибони номбурдаи булғориамон, ки

пазироии самимии онҳоро мувофиқи табъ тасвир кардан имконнопазир аст, чанд сӯҳбати дигар доштем, ки онҳоро фаромӯш кардан нашояд. Гоҳи видоъ дӯстамон Йордан ду китоби ба забони русӣ нашршудаи худро ба ёдгор ҳадя намуд, ки нашриёти «Молодая гвардия» чоп кардааст ва шарҳ дод: якеаш ба Шумо, дигараш ба ҳамсояатон. Баъд дар варақаи аввали китоб номбахше навишт, ки бо сухани муқаддаси дӯст сар мешуд: «аз дӯст ба дӯст. Милев». Ҳамсояатон гуфта ӯ ва Мӯъминшо Қаноатовро дар назар дошт, ки шогирд ва давомдиҳандаи кори наҷиби Мирзо Турсунзода аст. Дар ҳамин ҳолатҳо одатан мисраъҳои тобдори устод чун насиҳати муқаддас вирди забон мегардад:

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.
Ҷони ширин, тоҷи сар кун дӯстро,
Ҷой дар мағзи ҷигар кун дӯстро…

Хулоса, дар ҳар куҷое, ки будем, бо ҳар касе, ки ҳамдаму ҳамсӯҳбат шудем – хоҳ бо ходимони намоёни партиявию давлатӣ, хоҳ бо коргарону деҳқонон, ба адибону олимони номвар будем, – беихтиёр сухан аз дӯстӣ оғоз меёфт ва бо ҳамин сухан ба итмом мерасид. Чунин ба назар менамуд, ки Булғорияи бародарӣ саросар гулбоғи дӯстист ва риштаҳои ин дӯстӣ бо ғояҳои олии интернатсионалӣ ҳар рӯзу ҳар соат қавитар хоҳад гашт. Ин гулбоғ ногузир ба қалъаи шикастнопазири бародарӣ табдил ёфтааст. Ин қувваи азим дар ҳолати ҳозираи тезутунд гардидани вазъияти байналхалқӣ, дар шароите, ки бо айби доираҳои ҷангҷӯи империалистӣ, хавфи фалокати ядроӣ ҳамаро таҳдид мекунад, қалъаи дастнораси сулҳу амонӣ мебошад. Амри қатъии айём, талаби қонунии кулли башарияти олам ҳамин аст, ки сайёраи мо ҳамеша гулбоғи зебо ва маъвои хушбахтон бошад.

ҚОСИДИ ХАЛҚҲО

Соли 1982 халқи советӣ шастсолагии Иттифоқи Советиро тантанавор ид карданд. Табиист, ки дар ин соли давлати шӯравӣ аз ҳамаи воситаҳои ахборот ва намоиш – газетаҳо, журналҳо, китобҳо, радио, телевизион, санъату адабиёт ва ғайраро барои тарғиб ва намоиши тараққиёти шастсолаи худ истифода бурд. Яке аз чунин воситаҳои тарғиб гузаронидани намоиши китобҳо буд. Ман дар яке аз онҳо, дар намоиши китоб, ки дар Республикаи Чехословакия гузашта буд, иштирок доштам.

Намоиши асарҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ–иқтисодӣ, илмӣ–техникӣ, бадеӣ, кӯдакона, тарҷумавӣ ва тасвирии советӣ (зиёда аз ду ҳазор номгӯй) дар маркази пойтахти Чехословакия – шаҳри Прага баргузор шуда буд. Ҳар китоб ҷаҳоне маънӣ дошт. Ду ҳазор китоб – ду ҳазор олами фикру андеша, ду ҳазор ҷилд таърихи халқ. Бояд махсус қайд кунам, ки намоиши китобҳои советиро аҳли Прага хеле самимона қабул кард. Он бешубҳа ба яке аз намоишҳои дӯстӣ ва иди маданияти халқҳои ду кишвар табдил ёфт.

Ба намоишгоҳи китобҳои советӣ ташриф овардани ходимони намоёни ҷамъиятӣ А. Якиш, Л. Сояк, ҷонишини раиси маҷлиси федеративии РСЧС, раиси КМ иттифоқи дӯстии СССР ва РСЧС В. Давид, вазири маданияти РСЧС М. Клусак ва дигар ходимони барҷастаи ҷамъиятию маданӣ аз эътибори баланду ҳурмати онҳо ба Иттифоқи Советӣ ва мардумони он шаҳодат медод.

Дар расми кушода шудани намоиши китобҳои советӣ, мулоқотҳо бо журналистон, ноширон, ходимони давлатии РСЧС барпо гардида, сухан аз

боби моҳияти таърихии ташкилёбии СССР, саҳми он дар прогресси иҷтимоии дунё, инкишофи ҳаракати миллӣ–озодихоҳӣ, ғалабаи халқҳои советӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ мерафт. Самараи чунин дӯстиву ҳамкориро мо дар инкишофи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқҳо, алалхусус дар мисоли нашри китобҳо ва дигар маҳсулоти чопӣ, дида метавонем. Танҳо дар солҳои баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Иттифоқи Советӣ 2387 номгӯй китобу брошураҳои РСЧС бо тиражи 113,2 миллион нусха тарҷума ва нашр гардиданд. Як қисми калони ин нашрияҳоро адабиёти сиёсӣ–оммавӣ ташкил медиҳад, ки адади умумии он ба 8 миллион нусха мерасад. Масалан, таҷрибаи бойи Чехословакия дар силсилаи китобҳои «Сотсиализм, таҷриба, проблемаҳо, перспективаҳо» ҷамъбаст гардида, бо иштироки ноширони ҳафт мамлакат анҷом мепазирад.

Бояд махсус қайд кунем, ки асарҳои муаллифони намоёни Чехословакия дар СССР на фақат дар нашриётҳои марказӣ чоп мешаванд, балки онҳо дар республикаҳои иттифоқӣ, аз он ҷумла дар Тоҷикистон низ пай дар пай нашр мегарданд. Масалан, дар солҳои гуногун нашриётҳои «Ирфон» ва «Маориф» китобҳои «Афсонаҳои чехӣ», Ю. Фучик «Гуфтор пеш аз қатл» ва «Қиссаи шаш писарбача», Ф. Ланге «Бачаҳо ва ханҷар», Я. Гашек «Ҳикояҳои ҳаҷвӣ». И. Олибрахт «Анна – пролетарка», М. Пуйманова «Новеллаҳо», К. Ярункова «Рӯзномаи махфии ман», Б. Немсова «Ҳикояҳои тиллоӣ», К. Чапек «Ҳикояҳо», Норберт Фрид «Ҷаллод ташнаи хун аст» ва ғайраҳоро ба забони тоҷикӣ интишор додаанд. Ба воситаи мутолиаи ин асарҳо тоҷикон бо таърихи пурифтихор, маишату табиати хос, урфу одат, орзую омол ва рӯҳияи халқҳои Чехословакия ошно шуданд. Ба наздикӣ хонандагони тоҷик боз бо асарҳои адибони маъруфи ин сарзамин Я. Гашек «Саргузашти сарбози

ҷасур Швейк», В. Ванчура «Маркета Лазарева» ва як қатор асарҳои дилпазири дигари адибони Чехословакия шинос шуданд. Хонандагони тоҷик ҳамчунин бисёр асарҳои муаллифони чех ва словакро ба забони русӣ мутолиа менамоянд.

Дар мулоқот бо дӯстони чехословакӣ аксар дар хусуси пайвандҳои дӯстии халқҳои советию чехословакӣ сухан мерафт. Албатта, қабл аз ҳама сафарҳои ба Осиёи Миёна, хусусан ба Тоҷикистон кардаи фарзанди вафодори чеху словак, ватандӯст ва интернатсионалисти матин, қаҳрамони номдори зиддифашистӣ Юлиус Фучик ёд карда мешуд. Ман дар бораи иштироки Юлиус Фучик дар тараққиёти Тоҷикистон, репортажу очеркҳои ӯ аз ҳаёти Тоҷикистони солҳои 30 ва дигаргуниҳои инқилобии он, ки дар матбуоти марказии Иттифоқи Советӣ чоп мешуданд, дӯстии самимонаи ӯ бо Садриддин Айнӣ ва одамони оддии кӯҳистони Помиру Дарвоз, дилбастагии халқи тоҷик ба Юлча, дар бораи он ки дар Тоҷикистон, дар баландкӯҳе колхозе номи Юлиус Фучикро дорад ва яке аз қуллаҳои баланди силсилакӯҳи Помир ба номи ӯ гузошта шудааст, ҳамчунин дар бораи он ки театри Боми Ҷаҳон аз зиндагии Фучик бо номи «Салом Юлча» намоишномаи алоҳида дорад, нақл карда гуфтам, ки худи ҳамин аз мустаҳкамии дӯстии халқҳои мо шаҳодат медиҳад. Дар ин мулоқотҳо мо дар хусуси хизмати калони академик Ян Рипка, доктор Иржи Бечка ва дигар олимону адибони Чехословакия, ки асарҳои тоҷикиро аз асл тарҷумон карда, дар кори тарғиби адабиёти тоҷик хизматҳои шоён кардаанд, ҳарф зада, ба онҳо миннатдориҳо изҳор намудем. Китоби таърихии олимони чех «Таърихи адабиёти форсу тоҷик» чоряк аср боз ба чандин забонҳои Ғарбу Шарқ гаштаю баргашта чоп мешавад. Дар он аввалин бор дар Европа таърихи адабиёти асрҳои XVI – XIX

ва советии тоҷик мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Воқеан ҳанӯз дар замони амири Бухоро духтури чех Аул дар Бухоро зиста, мардуми оддиро маҷҷонӣ табобат мекард. Он вақт ӯ бо Пайрав Сулаймонӣ ошно ва дӯст гардида, баъди ба Ватани худ баргаштан дар бораи Пайрав Сулаймонӣ хотираҳои худро навишта чоп кард.

Қайд кардан лозим аст, ки дар Чехословакия низ асарҳои олимону адибони маъруфи советӣ, аз ҷумла нависандагони тоҷикро бо забонҳои чехӣ, словакӣ ва немисию англисӣ чоп мекунанд ва аз комёбиҳои илму маданиятамон дарак доранд. Дар ин кишвар намунаҳои эҷодиёти асосгузори адабиёти советии тоҷик С. Айнӣ, адибони маъруфи мо А.Лоҳутӣ, П.Сулаймонӣ, М.Турсунзода, М.Миршакар, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил, С.Улуғзода, Ф.Ниёзӣ, Ф.Муҳаммадиев, М.Қаноат ва дигарон борҳо тарҷума ва чоп шудаанд. Хонандагони чех ва словак онҳоро бо муҳаббат мутолиа менамоянд. Яке аз ходимони куҳансол, сармуҳаррири журнали «Прага–Москва» Коллар Франтишек, ки ба Тоҷикистон сафар кардааст, аз таассуроти худ роҷеъ ба таърихи қадими маданияти тоҷик, дар бораи офаридаҳои Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар классикони адабиёти тоҷик, ҳамчунин аз табаддулотҳои куллии инқилобие, ки дар сарзамини мо ба вуҷуд омадаанд, батафсил нақл кард. Вай дар журнали номбурда ҳам дар ин хусус навиштааст.

Воқеан халқҳои Чехословакия бо бисёр намунаҳои осори бузургони адабиёти форсу тоҷик – Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Бӯалӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ беш аз дусад сол боз ошно ҳастанд ва олимони чех борҳо роҷеъ ба таърихи адабиёти форсу тоҷик, ҷараёнҳо ва шарҳи ҳоли намояндагони он мақолаю рисолаҳо навиштаанд. Маҷаллаҳои шарқшиносии

онҳо «Архив Ориент» ва «Ню Ориент», ки тадқиқотҳо оид ба адабиёти моро бисёр чоп мекунанд, таърихи бошарафе доранд. Боре вазири маданияти Чехословакия М.Клусак изҳор намуд, ки яке аз нашриётҳои Прага номи Авитсенна – Абӯалӣ ибни Синоро дорад. Вай таъкид кард, ки ин аз эҳтирому эътирофи халқҳои Чехословакия нисбат ба маданияти тоҷик шаҳодат медиҳад. Мутаассифона, дар як мақола дар хусуси ҳамаи он мулоқотҳои гуворо бо дӯстони чехословакӣ нақл кардан имконпазир нест.

Дӯстони чехословакӣ ҷойҳои тамошобобро ба мо нишон доданд. Яке аз чунин ҷойҳо, қасри боҳашаматеро, ки онро ёдгории миллии Озодӣ меномиданд, низ зиёрат кардем. Он дар баландии Витков сохта шудааст. Ин ҷо оромгоҳи ходимони барҷастаи ҳизбию давлатӣ ва фарзандони дигари содиқи халқҳои чеху словак будааст. Мо дар сари турбати Климент Готвалд, Антонин Якиш, Людвиг Свобода хомӯш истодем. Аз толори Армияи Советӣ дидан кардем. Дар як қисми ин ёдгории шараф муҷассамаҳо ба хотираи чунин фарзандони халқ – Юлиус Фучик, Ян Жижка ва дигар адибони номӣ мавқеъ гирифтаанд. Бояд хотирнишон намоям, ки дар шаҳри Прага хотираи аскарони советиро, ки дар озод намудани Чехословакия аз асорати Германияи гитлерӣ иштирок кардаанд, ба тарзҳои гуногун пос медоранд. Бехуда нест, ки дар яке аз майдонҳои васеи марказии Прага чун рамзи ҳайкали ёдгорӣ танки Т–34 советӣ гузошта шудааст.

Дар шаҳрчаи Лидитсе, ки дар байни шаҳрҳои Прага ва Кладно воқеъ аст, ба унвони аскарони советӣ хеле боэҳтиром ва бо ҳисси миннатдорӣ сухан мегӯянд. Гап дар сари он аст, ки ба сабаби аз марказҳои пурқуввати зиддигитлерӣ ва ҳаракати муқовамат будани Чехословакия фашистони гитлерӣ ваҳшонияти худро дар шакли қабеҳтарин дар ин

сарзамин нишон дода, ин шаҳрчаро низ ваҳшиёна ба хок яксон ва тамоми мардуми онро қир карда будаанд. Лидитсе яке аз ёдгориҳоест, ки мардонагию қаҳрамонии ҷанговарони советиро чун достон вирди забони мардуми олам кардааст ва шаҳодати ҳамқавми хунӣ будани одамони советӣ ва мардуми Чехословакияро тасдиқ менамояд. Албатта дар ин муҳорибаҳо фарзандони халқи тоҷик низ иштирок доштанд. Вақте дӯстони чехословакӣ аз ман пурсиданд, ки тоҷикон дар солҳои истилои гитлерӣ ҳамеша бо муборизони чехословакӣ ҳаммаром ва якдил буданд ва ҳанӯз соли 1938 шоири тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ, ки чанд рӯз пеш аз Ғалаба дар озод кардани Полша аз фашистони гитлерӣ ҳалок гардидааст, бахшида ба воқеаҳои Чехословакия шеъре навишта буд, аз зиндагию эҷодиёти ин шоири шаҳири шаҳид бештар пурсон шуданд. Ман бо камоли майл ба саволҳои онҳо ҷавоб додам.

Бо марҳамат ва меҳрубонии мизбонон мо як рӯзи дароз шаҳри Карлови–Вариро ҳам тамошо кардем. Ин шаҳри дар ҷангалзорҳо ғарқ дар тамоми олам ҳамчун табобатгоҳи беҳамто машҳур аст, ки ҳар сол бисёр одамони советӣ аз оби гарми чашмаҳои шифобахш, иқлими форам ва зиёратгоҳҳои зебои он баҳраманд мегарданд. Карлови–Вари дорои таърихи ғании деринаву овозадор аст, ки диққати машҳуртарин одамони Ватани моро мисли гузашта имрӯз ҳам ба худ ҷалб менамояд.

Карлови–Вари на фақат бо табобатгоҳҳои ҷаҳонии худ ва намаки карловиваригӣ машҳур аст, аз соли 1950 боз соле ду бор дар он ҷо кинофестивали байналхалқӣ гузаронида мешавад, дар он ҷо якчанд муассисаҳои саноатӣ низ ҳастанд, ки машҳуртарини онҳо заводи булӯрсозии «Мозер» мебошад, ки мо музеи маҳсулоти онро бо мароқи калон тамошо кардем. Аз қурби баланд доштани маҳсулоти ин завод

экспонатҳои бисёре, аз ҷумла қадаҳҳо ва зарфҳои булӯрини он шаҳодат медиҳанд.

Шиносоии мо хусусан бо шаҳри Прага, ки аз қадимтарин ва оростатарин шаҳрҳои Европа аст, хеле мароқовар буд. Мардумони Чехословакия боифтихор онро «модари шаҳрҳо» мегуфтанд. Он таърихи зиёда аз ёздаҳасра дорад. Дар ду канори дарёи Ватава, дар панҷ баландӣ ва ҳамворӣ онро сад манораи осмонбӯс, ҳазорҳо иморат ва иншооти зебо, қасру маъбадҳо, ки маҳсули услубҳои меъмории гуногун – замони Эҳё, сабкҳои готика, баракко, ҳозиразамон ва махлут мебошанд, оро дода, намоишгоҳҳо, музейҳо ва осорхонаҳои зиёд, инчунин майдонҳо ва гулгашту чорбоғҳои назаррабо касро мафтун мекунанд. Ҳолдонҳо беҳуда Прагаро ҳамчун «китоби зиндаи дарси меъморӣ» эътироф накардаанд. Фақат барои тамошою шиносии муфассал бо силсилаи ёдгориҳои меъмории Градчан ҳафтаҳо лозиманд. Иморатҳои Музеи миллӣ ва Театри миллӣ дар майдони Васлав, Театри ба номи Сметана, қасрҳои маданият ва спорт, кӯпрукҳои Готвалд ва Карл, муҷассамаҳои Ян Гус, Васлави муқаддас, Ян Жижка. Б. Немсова ва ғайра сазовори диққати махсусанд. Мизбонон онҳоро боифтихор ба меҳмонони худ нишон медиҳанд. 26 театр, китобхонаҳои бисёр, донишкадаҳои зиёд ва муассисаҳои илмӣ ҳар кадоме шарҳи хос доранд. Метрои зеризаминии Прага, ки бо ёрии СССР сохта шудааст, соли 1974 навбати аввали он ба истифода дода шуда буд, ба сайргоҳи аҷибе бадал гаштааст.

Бесабаб Прагаро якчанд ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ ҷои марказии худ интихоб накардаанд. Мо Федератсияи умумиҷаҳонии иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои умумиҷаҳонии журналистон, студентон ва ғайраро дар назар дорем. Дар ҳамин шаҳр фестивали байналхалқии мусиқии «Баҳори Прага», фестивали филмҳои телевизионӣ, симпозиумҳо ва

мусобиқаю конкурсҳои гуногун гузаронида мешаванд.

Боз як хусусияти ин шаҳри дилфиребро қайд карданиам. Сокинони он қаҳрамонҳои маъруфи адабиёти бадеӣ ва санъатро беҳад эҳтиром мекунанд ва дар хотир зинда нигоҳ медоранд. Қаҳрамони ҳаҷвии асари Я. Гашек – сарбоз Швейкро аз китоби «Саргузашти сарбози ҷасур – Швейк» қариб, ки ҳама медонанд. Прагагиҳо чанд ресторану буфет ва нуқтаҳои пивонӯширо – «Меҳмонхонаи Швейк» ном додаанд, ки ҳар кадомашон хусусияти худро дошта, бо образҳои қаҳрамони асар оро дода шудаанд. Дари буфет–ресторане, ки воқеаҳои асари номбурдаи Я. Гашек дар он ҷо сар мешаванд, ба рӯи ҳама боз аст. Инро дида ба сари мо чунин фикр омад, ки чаро мо ин таҷрибаро қабул накунем? Дар эҷодиёти халқамон, адабиёти тоҷик бисёр образҳои дилнишин – Хоҷа Насриддин, Мулло Мушфиқӣ ва ғайра ҳастанд, ки бешубҳа он образҳоро бо ин мақсад метавон истифода бурд.

Вақте ки сафарамон хотима меёфт, дӯстони чехословакӣ ба мо гарму ҷӯшон хайрбод гуфта, дар хусуси мулоқотҳо ва ҳамкориҳои ояндаамон сухан ронданд ва аҳамияти китобро ҳамчун қосиди халқҳо ва беҳтарин воситаи якдигарфаҳмӣ ва боз ҳам мустаҳкам сохтани дӯстии бародаронаи мардумони советӣ ва Чехословакия бо самимият қайд карданд. Албатта, он ҳама мулоҳизаҳо айни муддао мебошанд.

СУРУД ДАР ОСМОНИ АТЛАНТИКА

Вақте ки одамон ба сафар омода мешаванд, ҳатто ба мамлакати ошно, ба хонаи одамони шинос рафта истода ҳамчунин ҳиссиётро аз дил мегузаронанд, ки чӣ тавр рафтор кунанд, чӣ хел мақбул ва писанди мизбонон шаванд. Алалхусус ба мамлакати ношиноси ин қадар дурдаст, ба мамлакате, ки сатҳи илмӣ ва техникии мардумонаш хеле пеш рафтаасту санъаташ хусусиятҳои ба худ хосе дорад, завқи бадеӣ-эстетикии тамошобинонаш низ як андоза аз завқи халқи мо ва аз хусусиятҳои санъати мо фарқ мекунад, сафар карда, ҳар яке алоҳида ва ҳамагӣ якҷоя масъулияти ҷиддиеро ҳис мекардем ва дар пеши озмоиш ва имтиҳоне меистодам. Мо бояд ба хубӣ аз имтиҳон гузашта, комёбиҳоямонро ба онҳо нишон диҳем, исбот намоем, ки сохти нави ҷамъиятии ба дастовардаи мо ба зоҳир шудани қобилияти ҳар як фард чӣ гуна шароити хуб ва имкониятҳои васеъ фароҳам овардааст.

Айёме, ки артистони мо дар мамлакатҳои Шарқи ҳамсоя (ман пеш аз ҳама Афғонистону Эронро дар назар дорам) санъати худро нишон медоданд, ҳис мекарданд, ки назди мардуми ҳамзабон мераванд ва албатта санъаташон низ ба ҷиҳати қаробат доштанамон ба онҳо мақбул хоҳад шуд. Аммо ҳоло мо ба назди халқҳои ношинос, ба ҷойҳои ноозмуде мерафтем ва аз ин ваҷҳ ташвиш ва тараддуди ҳар яки мо табиӣ буд.

«Ту-114» дар аэровокзали Москва ба парвоз омода аст. Бо роҳнамоии Раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон рафиқ Абдулаҳад Қаҳҳоров дар уқоби фӯлодбол Президенти Академияи фанҳои республика Муҳаммад Осимов, академики АФ Тоҷикистон Акбар Махсумов, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ

Тоҷиддин Имомалиев, директори совхози Куйбишев Юрий Воронин нишастаанд. Самолёт ба парвоз меояд. Москва дар қафо мемонад, мо аз фазои республикаҳои соҳили Балтика, аз болои Рига ва давлатҳои нимҷазираи Скандинавия, ҷазираи Гренландия, аз болои уқёнуси Атлантика парвоз мекунем. Ҳаво дар беруни самолёт 45 дараҷа хунук, вале дар дохили он мӯътадил буд. Экипажи самолёт эътимоди комил дошт, ки пассажиронро бе ҳеҷ осебе ба манзил мерасонад. Вале аз рӯи зарбулмасали «эҳтиёт нисфи ҳаёт», амал карда, дар як гӯшаи самолёт навиштанд, ки агар нохост ҳодисае рӯй дода монад, ба худ анҷоми фурудоиро гиред ва рост ба уқёнус фуромада мувофиқи инструксия тадбирҳо андешед. То ба Монреал ёздаҳ соат бояд парвоз намуд.

Мусофирон бо ҳазлу шӯхиҳои латиф аз вуҷуди хеш кӯфти роҳро дур мекунанд. Хислатҳои хуби одамони мо меҳрубонӣ, самимият, ғамхорӣ дар ҳаққи якдигар дар чеҳраи ҳар яке зоҳир аст, аммо дилҳо ноором, бекарор метапанд. Ташвиши ба мамлакати бегона бе осебе рафта расида ва боз ба хонаи худ саломат баргаштанро дар дида ва чеҳраҳои ҳар кадомамон хондан мумкин буд.

Бастакор ва пианисти машҳури республика Михаил Муравин ба пиронсолиаш нигоҳ накарда, худро бардам нишон медиҳад. Дар омади гап бояд, гуфт ки вай пианинанавози соҳибистеъдод аст. Оҳангу навоҳои мусиқӣ ва сурудҳоеро, ки то ҳанӯз ягон бор нахонда ва нанавохтааст, бо як дидаи мувофиқи зарб менавозад ва ҳатто нағз пай мебарад, ки баъди чанд лаҳза аз клавишҳо кадомеро пахш мекунад. Ҳофизи ҷавони хушилҳон Ҷӯрабек Муродов ҳолати рӯҳии ӯро пай бурда, ҳазлу шӯхиҳо мекунад ва ба таври шӯхӣ ба ӯ мегӯяд: аз шумо нисфи тоҷик месозем, аз ман нисфи рус, минбаъд ба шумо Ҷӯрабек

Муравин ном медиҳем ва маро Михаил Муродов меномем.

Баъд Ҷӯрабек дар болои уқёнуси Атлантика мисраъҳои зерини Қассоби Кошониро ором ва форам мехонад:

Рӯзе ба ду зону бари дилро нишастам,
Гуфтам, ки тӯӣ қиблаи ман. Гуфт, ки ҳастам…

Хусусан дар бозгашт, дар болои Атлантика мо мафтуни тавоноии техникаи авиатсионии советӣ шудем. Пассажирҳо барои «кӯтоҳ» шудани роҳ илтимос карданд, ки артистони мо навозанду сароянд. Дар самолёт бо як овоз суруди шӯхи «Нарав – Нарав»-и рақсиро Шоиста, Ҳанифа, Аҳмадҷон, Ҷӯрабек бо кафзанӣ бардоштанду Гавҳару Музаффар ба рақс даромаданд. Ҳамин тавр дар фазо, баландии 9000 метр консерти дусоата барпо гардид. Қариб 200 кас тамошобин-пассажирҳо ҳам ба ҳунарпешагони мо, ҳам ба созандагони самолёти «Ту-114» аҳсанҳо мегуфтанд. Чунон ҳайратангез, ки дар афсонаҳо ҳам ин аҷоиботро пайдо кардан мушкил аст…

Самолёти мо дар аэропорти Монреал фуруд меояд. Одатан аз дари самолёт фуромадан ҳамоно ҳар як кас ба манзараҳои шаҳри ношинос назар меафканад. Монреал яке аз шаҳрҳои зебои Канада мебошад.

Канада аз ду калима: аз «ка» ва «нада» иборат будааст. Чӣ тавре ки ба мо роҳбалад ҳикоят кард, пайдоиши номи мамлакати «Канада» таърихи тааҷҷубовар доштааст. Дар замони худ Канада сокинони бисёре надоштааст. Ба ин кишвари номашҳур экспедитсияҳои бисёр фиристода мешуданд. Яке аз сардорҳои мамлакати аврупоӣ ба ин сарзамин экспедитсияе мефиристад, ки дар ҳайати он як итолёӣ ва як испанӣ буданд. Вақте ки ба ин ҷо

мерасанд, итолёӣ «ка» мегӯяд, маъноияш «ин чист?» Испанӣ дар ҷавоб «надо» мегӯяд, ки маъноияш «ҳеҷ чиз нест» ё «ҳеҷ гап нест» мебошад. Ҳамин тавр «Канада» аз «ка»-и итолёӣ ва «Надо»-и испанӣ пайдо шудааст, ки акнун номи мамлакати машҳуре гардидааст.

Дар ин ҷо навакак баҳор оғоз ёфта, дарахтон муғҷа мебароранд. Мо гӯё аз тобистон ба оғози баҳорон омадаем ё ин ки ба пуштаи дигари замин фуромадаем. Вақти Канада аз вақти Москва ҳафт соат фарқ доштааст. Агар ба ин фарқияти сесоати Москва ва Душанберо зам кунем, вақти Душанбе аз Канада 10 соат тафовут мекунад, яъне мо ба хоби роҳат сар ба болин монем, дар он ҷо мардум ба кор равон мешаванд ва баръакс.

Монреал дар соҳили дарёи Лаврентияи муқаддас воқеъ шудааст, ин дарё нисбат ба дарёҳои дигари Канада оромтар буда, аз шаҳр болотар бандаргоҳе доштааст. Бештарин дарёҳои ин мамлакат чор фасли сол серобанд ва дорои захираҳои бойи энергетикӣ мебошанд. Аҳолии Монреал аз ду миллион зиёдтар ва бо атрофи шаҳр тақрибан дуним миллион мебошад. Дар ин шаҳр саноати озуқаворӣ, саноати химиявӣ, нефткоркунӣ, полиграфӣ тараққӣ кардааст.

Монреал маркази молиявӣ ва мадании мамлакат буда, ду университет доштааст, яке франсузӣ, дигаре англисӣ мебошад. Монреал баъди Париж аз ҷиҳати миқдори аҳолии франсуз дар ҷаҳон шаҳри дуюмин будааст.

Ба мо дар кӯчаи Бадри аз иморати сеошёнае, ки интуристи советӣ иҷора гирифтааст, ҳар ҳуҷраро ба ду кас доданд. Кӯчаи Бадри нисбатан нообод буд. Иморатҳо бо тарзу услубҳои гуногун, аз афти кор мувофиқи завқу табъи соҳибони худ сохта шудаанд. Дар як кӯча чандин ранг биноҳо мавҷуданд ва якеро аз дигаре бо як назар фарқ карда метавонед...

Рӯзи 23 май ҳайати вакилони ҳукумати Тоҷикистон ба ҳузури раиси комитети иҷроияи Шӯрои мунитсипалии шаҳри Монреал ҷаноби Люсен Соне ташриф оварданд. Мо, ҳайати намояндагони маданияти тоҷикро чунон ки ба одамони ҳар шаҳру диёр расм шудааст, аввалан ба тамошои ҷойҳои ҷолиби диққати шаҳр бурданд. Моро, пеш аз ҳама, бо калисои ҷомеи Нотэрдам шинос карданд. Ин калисои ҷомеъ аз рӯи лоиҳаи меъмори франсавӣ Бурго аз чӯб сохта шуда, аз соли 1829 инҷониб вуҷуд доштааст. Калисоро дар вақташ бо орган – асбоби мусиқӣ таҷҳизонидаанд: дар як зал ибодат мекунанд, дар зали дигар маросими ақди никоҳ гузаронида мешавад, залҳоро бо мусаввараҳои Рафоэл ва дигар рассомони бузург оро додаанд.

Ҳоло ба мавқеъ аст бигӯем, ки дар ин шаҳр 1100 ибодатхона, калисоҳои доир ба динҳои гуногун ва 4100 банки мансуби капиталистони молиявӣ воқеъ буда, аммо театри доимие, ки мунтазам ба мардум спектаклҳо нишон диҳад, вуҷуд надорад.

Яке аз ин калисоҳо, маъбади калони калисои «Юсуфи муқаддас» 99 зинапоя дорад. Диндорон, то ин ки пок шаванд, дар ҳар зинапоя таҳорат карда, ибодат намуда, дар ҳамон зина якуним соат таваққуф менамудаанд ва пас аз ин ба зинаи дигар мебаромаданд ва ҳамчунон тоату ибодати худро то зинаи охирин давом медоданд.

Аз як тараф дар ибодатхонаю калисоҳо садҳо занони роҳгумкардаю кунҷи узлатнишастаро дидан мумкин аст, ки онҳо дар ҷаҳолат ва нодонии асримиёнагӣ мондаанд ва тарки дунё кардаанд, аз тарафи дигар занон бо пойҷомаҳои кӯтоҳу нимбараҳна дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар кӯчаҳову боғҳо мегарданд. Дар ҳамаи ҷойҳои серодам, дар кӯчаҳо, метроҳо, дар магазину ресторанҳо расмҳои бешумори занони бараҳна часпонида шудаанд, ки он як воситаи

тасфонидани бозори моли капиталистон шудааст. Ҳатто дар тасмаи гардани сагҳо низ сурати занҳои нимбараҳнаро мебинед. Зан дар ин шароит қадр ва шарафи модарию рафиқаи ҳаёти мард будани худро гум карда, ба чизу моли шахсии синфи сармоядор мубаддал гаштааст. Ин албатта ба назари мо хеле ва хеле ногувор мерасид.

Ин манзараҳо бештар дар хиёбонҳои Екатеринаи муқаддаси Монреал ва хиёбони «Ҷавонӣ»-и шаҳри Торонто, ки бо штати Ню-Йорк ҳамсарҳад мебошад, хеле аёнтар ба чашм мерасанд.

Муҳити зиндагонии буржуазӣ ба монахзанҳо низ таъсир накарда натавонистааст. Ҳазорҳо монахзанҳои калисоҳои бешумори Монреал расму одати анъанавии калисоро ба инобат нагирифта, худро оро медиҳанд, папирос мекашанд, ба консерту киноҳо мераванд ва аз сӯҳбату мулоқот кардан бо мардон «ҳазар» намекунанд.

Маҳаллаи калони ободи Монреал – маҳаллаи Вест-Мау мебошад, ки дар ин ҷо миллионеру миллиардерҳо дар котежҳо, хонаҳои алоҳидаи шахсӣ зиндагӣ мекунанд. Дар ин маҳалла одами бойтарини Канада ҷаноби Симантс умр ба сар мебарад, ки хонаи он 42 ҳуҷра дорад, шавҳару зан 22 хизматгор нигоҳ медоранд.

Пас аз ин ба мо қабристони зебоеро нишон доданд, ки дар сари ҳар марқад санги мармар гузошта шудааст ва ба боғе низ бурданд, ки дар он гиёҳҳои ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро мерӯёнанд.

Намуди зоҳирии он зебо буда, иморатҳои боҳашаммат, хиёбонҳо ва боғҳои бисёре дорад. Магазину дӯконҳояш бо хӯрду хӯрок ва хусусан маҳсулоти саноати химиявӣ пур мебошанд. Нархи онҳо ҳам нисбатан арзон аст. Ҳамаи ин зоҳиран ба бинанда чунин тасаввуроте мебахшад, ки гӯё дар ин ҷо фаровонӣ ва осудаҳолии комил ҷой дошта бошад.

Аммо вақте ки кас бодиққат назар мекунад, дар паси пардаи ин фаровонӣ зиддиятҳои калони иҷтимоиро мебинад. Агарчанде нарху навои либосворӣ, хусусан маҳсулоти саноати химиявӣ, арзон бошанд ҳам, вале воситаҳои асосии зиндагонӣ хӯрду хӯрок, манзилгоҳ, хизматрасонии тиббӣ, маълумот гирифтан ва амсоли инҳо ниҳоят қимматанд.

Чунончи, дар ин ҷо барои як операсия кардан аз 100 то 2 ҳазор доллар медиҳанд.

Монреал шаҳри озод мебошад. Мардуми меҳнаткаши Канада табобати бепулро ҳатто тасаввур карда наметавонанд. Занон барои таваллуди кӯдак ба таваллудхона пули бисёре медиҳанд. Ҳайратовар аст, ки бемор барои даъват кардани духтур 10 доллар ва фақат барои нависондани ретсепт бояд се доллар бидиҳад. Дар акси ҳол дору гирифта наметавонад. Агар барои шумо хондани ягон китоб зарур бошад, марҳамат аз китобхона гирифта метавонем, лекин барои китобро як бор хонданатон бояд пул диҳед. Ҳатто роҳҳои мошингард ҳам, пулакӣ мебошанд. Барои таҳсили илм бошад, талабагони синфҳои 8-11 аз ҳазор то ҳазору дусад доллар пул медиҳанд.

Натиҷаи чунин зиддиятҳои иҷтимоиест, ки мардуми меҳнаткаш барои беҳтар кардани шароити зиндагонии худ эътирозҳои ҷиддӣ баён мекунад ва муборизаи мебарад. Мо як лаҳзаи ин эътирозҳоро дар мисоли коргарони матбаи шаҳри Торонто ки рӯзи 29-уми май дар гарданашон талабномаҳои зиёд кардани музди меҳнат ва беҳтар намудани шароити зиндагониашонро овехта ба кӯча баромадаанд, равшан дидем.

Албатта дар чунин шароит ба меҳнаткаши оддӣ, ки нисбатан кам маош мегирад, хондани фарзанд дар мактабҳо, табобати бемор дар муассисаҳои тиббӣ, ҳатто мустақилона хондану таълим гирифтан низ, дар ҳолати пулӣ будани адабиёти китобхонаҳо, хеле ва

хеле гарон меафтад. Ба одамони советӣ, ки бепул аз ҳамаи ин имтиёзҳо як хел баҳра мебаранд, шунидану дидани чунин фактҳо тааҷҷубовар менамояд.

Дар нимаи якуми рӯзи 23 май дар кинозали павилони советӣ конференсияи матбуотии вакилони Тоҷикистон барпо шуд. Абдулаҳад Қаҳҳоров дар бораи иқтисодиёт ва маданияти шукуфони республика ба ҳозирон ахбори мукаммал доданд. Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳосилнокии пахта аз ҳар гектар замин на фақат дар Иттифоқи Советӣ пешсаф аст, балки аз мамлакатҳои пешқадамтарини капиталистӣ низ пеш гузаштааст. Дар республика саноати бофандагӣ, озуқаворӣ, электротехникӣ, машинасозӣ ва ғайра тараққӣ кардааст. Дар даҳҳо мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус фарзандони меҳнаткашон таҳсил мекунанд. Талабагону студентон барои таҳсили илм на ин ки пул намедиҳанд, балки стипендия мегиранд. Тоҷикистон Академияи фанҳои худро дорад, ки президенти он Муҳаммад Осимӣ дар ин вохурии мо иштирок доранд. Тоҷикзан Ибодат Раҳимова бо мисолҳои раднашаванда аз иқболи дурахшон, табаддулоти куллии иҷтимоӣ дар қисмати занони шӯравӣ муфассал сухан ронд, ки ҳозиронро ба ҳайрат оварда.

Нутқҳои рафиқон Қаҳҳоров, Раҳимова, Осимиро тоҷикдухтарон И.Рачабова ва А.Камолова, ки куртаҳои атлас дар бар, кокулҳои дарозашонро дар қафо партофта (онҳо чун тимсоли духтарони озоди тоҷик буданд) аз забони тоҷикӣ ба забони франсузӣ ва англисӣ тарҷумон мекарданд.

Тамошобинони кунҷкови Монреал дар бораи аҳолии республика, тарзи либоспӯшӣ, таомҳои тоҷикӣ, дар бораи забон, усули табобати беморон, одатҳои миллӣ ва барои таҳсил дар мактабҳои олӣ чандпулӣ медиҳанд ва ғайра саволҳо медоданду

ҷавобҳои ғайричашмдошт гирифта, бо ҳайрат китф меҷунбонданд.

Баъди анҷоми конференсияи матбуотӣ дар Монреал консерти аввалини мо барпо шуд. Воқеа ин тавр рӯй дод: ҳайати артистони тоҷик дар пресс-коктейл (зиёфати матбуотчиён) бо мизбонон хеле аз наздик шинос шуданд. Ана дар ҳамин ҷо дастаи навозандагонро бо Ҷӯрабек Муродов дафнавоз Рауф Азаматов, раққоса Гавҳар Мирҷумъаева вакили ширкати телевизионии Канада даъват кард, ки суруду рақсҳои дилнишини тоҷикро хонанд ва намоиш диҳанд. Он рӯз суруди ҳофизонамон ва ҳунари артистонамонро на фақат тамошобинони сар то сари Канада, балки тамоми Америка (сети телевизионии Канада ва Америка як будааст) шуниданд ва диданд.

Тифоқо марде аз байни тоифае ба ман рӯ оварда, кай омадани моро пурсид, ман аввал ҳайрон шудам ва гумон кардам, ки онҳо шояд аз Ӯзбекистони бародарӣ бошанд, чунки дар зал ҳар гуна туристон менишастанд.

– Шумоён кай омадетон, – пурсидам ман.

– Ҳамин рӯз, – гуфт яке аз онҳо.

– Самолёт дар як ҳафта як бор мешавад-ку?

– Не, мо аз Ню-Йорк омадем.

Баъди ин тафсилоти воқеа кушода шуд. Дар як маҳаллаи Ню-Йорк қариб ҳаштод оила форсизабонону туркзабонон зиндагӣ мекарданд, аз ҷумлаи онҳо ҳашт нафар ба машинаҳо савор шуда аз Ню-Йорк ба Монреал, ки масофаи ин ду шаҳр 1400 километр мебошад, меоянд. Инҳо Ғуломҷон Ясса, Аҳмадхоҷа М.Ҳусайн Икром, Маҳмудхон, Иброҳим Ойдагулов буданд. Онҳо, чунон ки гуфтем, консерти нахустини моро аз телевизор дида, нону фатир пухта ба роҳ ба пешвози мо баромадаанд. Оҳангҳои тоҷикӣ ба шеърҳои Рӯдакӣ, Ҳофиз, Қассоб, М.Турсунзода, А.Шукӯҳӣ дар иҷрои артистони машҳури мо дар зал

ҷарангос мезаданд. Ман бештар ба аҳли зал, махсусан ба он гурӯҳ эътибор медодам, медидам, ки аз ҳаяҷон аз чашмонашон ашк равон мегашт. Ашки ҳасрат, ашки дуриҳо мерехт. Яқин буд, ки дар ин солҳои наздик ин зайл барномаи консертиро бо забони ошно нашунида буданд. Онҳо консертҳои моро ба тартиб ба плёнка навишта мегирифтанд.

– Ин консерти номукаммал аст, – гуфтам ман. – Рӯзи 28 май консерти якунимсоата дорем.

– Мо то охир меистем, – мегуфтанд онҳо. Дар байни инҳо ӯзбекҳо низ буданд... Ҷӯрабек Муродов, Шоиста Муллоҷонова, Ҳанифа Мавлонова аз мақомҳои ӯзбекӣ сароиданд. Хурсандии тамошобинони ню-йоркӣ аз баромади ин артистон бениҳоят зиёд буд.

– Мо ба Ню-Йорк телефон кардем, ба ҳар як оила яктой ҳаштод лента навишта наоваред, барнагардед гуфтанд, – хабар медод аз байни онҳо Абдулло Куёш.

Студияи телевизионии Душанбе аз ҳаёту одатҳои халқи тоҷик ба тамошобинони Монреал чанд савол тайёр карда буд. Масалан, тоҷикон чӣ менӯшанд? Аз таомҳои миллӣ бештар паҳншудааш кадом аст? Аз каллапӯшҳо кадомаш расм аст ва ғайра.

Абдулло Куёш ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб гардонд. Барои ҷавобҳои саҳеҳаш тӯҳфаи пешакӣ муайяншударо мо ба ӯ супурдем. Ҳамаи ин воқеа ба воситаи телевизор намоиш дода мешуд. Дар вақти супурдани тӯҳфа вай ба аҳли зал рӯ оварда, гуфт:

– Ман фахр мекунам, ки аҷдодони ман ба ин қадар комёбиҳо ноил шудаанд. Шумо рафиқони тоҷикистонӣ дар ин чанд рӯз бо санъати худ шӯҳрати мамлакати моро (ӯ Осиёи Миёнаро дар назар дошт) то ба афлок бардоштед. Раҳмат ба шумо!

–Ҳама нарса етадӣ, фақат бир нарса етмайди. Ӯзингиз биласиз.

– Ватан етмайди, денг – пурсидам ба ӯзбекӣ.

– Бале, сизларни олдингизга келиб ватанимизга кенгайдак бўлдик, – гуфта ҳисси бародарӣ ва ҳамватании мо будани худро изҳор карданд, онҳо ба ёди ман турнаҳоеро меоварданд, ки бо сабабе аз селаи худ ҷудо гашта якумр дар ғарибӣ афтода мондаанд. Ин лаҳза беихтиёр мисраъҳои «Ғарибонро кӣ мепурсад, дар ин шоми ғарибона» -и Айнӣ ба хотир меомад.

Программаи намоишҳои мо дар Выставкаи умумиҷаҳонӣ гуногун буданд. Ғайр аз программаи консертии дусоатаи устодони санъатамон мо ҳамроҳи худ кинофилмҳои ҳуҷҷатию бадеӣ, асарҳои санъати тасвирӣ, ҳунари халқӣ, программаи махсуси радио ва телевизионро низ бурда будем.

Намоиши кинофилмҳои ҳуҷҷатию бадеии мо ба мардуми он ҷо симои кишвари тоҷикро тасвир кард. Филмҳои ҳуҷҷатии «Чор суруд дар васфи Тоҷикистон», «Ҳафт нозанин», «Республикаи ман», филми бадеии «Лайлӣ ва Маҷнун» аз пешравии санъатамон шаҳодат медоданд.

Намоиши маҳсулоти саноату хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, нақшаҳои ГЭС-и Норак, намоиши китобҳо, расму суратҳои санъати тасвирӣ, пероҳани зардӯзии занона, табақи гулдори сафол, обгинаи сафол, офтоба, лаълӣ, тоқиҳои мардонаю занонаи гулдӯзӣ ва ғайра бо нафосат ва назокати худ ҳамаро ҳайрон мекарданд. Хусусан ҳунари наққош Нуриддинов, ки дар чӯб сурати устод Абӯабдулло Рӯдакӣ ва Камолиддин Беҳзодро кандакорӣ кардааст, ҳамаро завқманд кард.

Барои он тамошобиноне, ки осори нақшу нигор ва санъати нафисаи моро кам дидаанд, дидани ашёҳои ороиши арӯс: қоши тилло, қасаба, зеби сина, гӯшвори заррин, каҷҷак, шаддаи марҷон, дастпона ва дигар овезаҳои қимматбаҳо хеле хуш омад.

Аммо бояд эътироф кард, ки аз ҳама ҳаяҷонбахштар ва таъсировартар намоишҳои зиндаи консертҳои устодони санъати тоҷик буд. Устодони санъати мо – аз консерти аввал, ки 23 май барпо шуда буд, бо ҳунари баланди худ таваҷҷӯҳи тамошобинони «Экспо-67» ва ҷамъияти Канадаро ба худ ҷалб карданд.

Матбуоти Канада ба ҳунари вакилони санъати тоҷик Аҳмад Бобоқулов, Шоиста Муллоҷонова, Ҳанифа Мавлонова, Гавҳар Мирҷумъаева, Маҳмуд Воҳидов, Ҷӯрабек Муродов ва Р.Азаматов баҳои баланд дод. Газетаи «Интертейнмент» 24 май даъват мекард: «Ҳеҷ кас аз ин программаи консертии аҷиб ғофил намонад».

Дар ҳақиқат ҳам программаҳои консертии мо хеле баландзавқона буданд. Тамошобинон як соат пеш аз саршавии консерт залро пур мекарданд, қисми зиёдашон дар зинапояҳо, қисми дигарашон рост истода тамошо мекарданд ва ҳар оҳангу суруду рақсро бо кафзаниҳои бардавом истиқбол мегирифтанд.

Тамошобинонро бо сурудҳои муосири тоҷик, оҳангҳои классикони ҷаҳонӣ А.Бобоқулов, Ш.Муллоҷонова, Ҳ.Мавлонова шинос мекарданд. Санъати баланди сарояндагии Аҳмад Бобоқулов, ки сурудҳои тоҷикӣ, русӣ, украинӣ, италиянӣ иҷро намуд, боиси кафкӯбиҳои гарму ҷӯшоне гардид. Ӯ суруди Саидро аз кинофилми «Ман бо духтаре вохӯрдам» ба забони тоҷикӣ, русӣ франсузӣ ва англисӣ иҷро намуд. Баромади ду артисткаи бомаҳорат Ш.Муллоҷонова ва Ҳанифа Мавлонова ба тамошобин завқи зиёде мебахшид, ки бо гуфти газетаи Канада «ба онҳо зал бо ваҷд кафкӯбӣ мекард».

Баромади санъаткорони ҷавон Гавҳар Мирҷумъаева, Ҷӯрабек Муродов аз камолоти эҷодии

онҳо гувоҳӣ медоданд. Махсусан раққосони балети мо Малика Собирова ва Музаффар Бурҳонов тамошобинони сахтгирро ба ваҷд оварданд. Газетаи Канада чунин нақл мекунад: «Ба мухлисони балет Малика Собирова – балеринаи ҷавону машҳур хеле писанд хоҳад шуд. Вай оддӣ ва рахшанда аст. Ӯ валси Шопенро бо ҳамроҳи худ моҳирона иҷро кард».

Барои бомуваффақият гузаштани консертҳо хизмати дастаи навозандагон дар ҳайати О.Назаров, М.Муравин, Д.Назаров ва Р.Азаматов хеле калон буд.

Устодони санъати тоҷик дар баромадҳои худ бо иҷро намудани асарҳои миллӣ маҳдуд нашуданд. Дар программаҳои консертии мо асарҳои классикии машҳури умумиҷаҳонӣ, асарҳои Шопен, Леонкавалло, Пучини ва Шекспир низ буданд.

Барандаи барномаҳои мо артисти боистеъдод Маҳмудҷон Воҳидов аз ашъори устод А.Рӯдакӣ, М.Турсунзода намунаҳо хонда, монологи Ҳамлети Шекспирро ба забони тоҷикӣ иҷро мекард.

Бояд эътироф кард, ки М.Воҳидов дар иҷрои монологи Ҳамлет, дар назди тамошобини ношинос (англисҳо, фаронсавиҳою италяниҳо) маҳорати баланди артистии худро намоиш дод. Вақто ки ӯ ба забони тоҷикӣ ин монологро мехонд, зал хомӯш «нафас накашида» гӯш мекард, ки агар пашша мепарид, шунида мешуд. Ин аз як тараф шаҳодати истеъдоди баланди М.Воҳидов бошад, аз тарафи дигар зебоӣ, образнокии забони қадими тоҷикии мо, забони Рӯдакию Ҳофиз, Камолу Айниро нишон медиҳад.

Ба ҳунари ӯ тамошобинони Монреал қоил шуда, бо нидоҳои шодмонӣ ва эътироф ӯро аҳсан мехонданд. Франсуздухтар Жанни Қастания ба ӯ қартаи пурранавишти песаи Шекспир «Ҳамлет»-ро тӯҳфа намуд.

Ин сафари мо басо масъулиятнок буд, зеро санъати моро намояндагони халқи дунё тамошо мекарданд, ки таваҷҷӯҳи онҳоро ҷалб кардан кори осон нест.

Дар натиҷаи меҳнати фидокоронаи ҳар як узви ҳайати мо дар Канада дӯстони бисёр пайдо кардем. Аз директори генералии «Экспо-67» ҷаноби Дюпон то тамошобинони оддие, ки аз муваффақиятҳои санъаткоронамон қаноатманд шуда моро дӯстона табрик мекарданд, хушамон меомад. Дар омади гап бояд қайд кард, ки баъзе коркунони матбуоту радиою телевизиони Канада дар бораи сафари ҳайати Тоҷикистон хеле хабарҳои хуб чоп карданд, ки эҳсосоти дӯстонаи онҳоро баръало мушоҳида мекардем. Дар ин кор хусусан хизмати газетаи Канада «Зи газета», ки ба рӯзи миллии Тоҷикистон саҳифаи махсус бахшида буд, калон мебошад. Мо аз онҳо хеле миннатдорем.

25 май дар Монреал рӯзи миллии ШМА буд. Ба расми кушоди рӯзи миллии ин мамлакат ҳашт коллективи ҷаз омад. Рӯзи миллии ин давлати империалистиро аз афташ тантананок кушоданӣ буданд. Ҳамин ки президенти онвақта Ҷонсон дар минбар намоён шуд, аз ҷумлаи донишҷӯёни мактабҳои олӣ зиёда аз 200 нафар ва занони бисёре ба тарафи ӯ санги маломат ғурронида, бо як овоз «одамкуш-одамкуш» гӯён фарёд мекарданд. Политсияи бисёре, ки тартиботро назорат карду ба ҳимояи сардори давлат омада буд, намоишчиёнро пароканда карда, чанде аз онҳоро дошта бурд. Чӣ тавре ки дар ин бора газетаҳои Канада навишта буданд, ҳолати Ҷонсон дар он дақиқаҳо хеле хандаовар буд... Вақте ки ӯ гап мезад, дар поён даҳони занеро, ки сиёсати ШМА-ро маҳкум мекард, ба зӯрӣ мепӯшиданд. Баъди ин, ҳангоме ки байрақи миллии Америкаро мебардоштанд, боз як бори дигар

бебақоӣ ва беобрӯгии сиёсати таҷовузкоронаи ШМА фош мегардид. Байракро дар иҳотаи политсия бо саросемагӣ мебардоштанд, ки то барафроштан бо он ягон кору ҳол рӯй надиҳад. Аммо баъди кушода шудани байрақ диданд, ки аз байн тамғаи давлатии Штатҳои Муттаҳидаи Америка сӯрох карда партофта шудааст. Ин ҳодисаро мо дар он дунё - дар қитъаи худи Америка медидем ва ба худ мегуфтем, ки управлениями марказии ҷосусӣ барои ноҳақ рехтани хуни ҳазорон муборизони роҳи озодӣ кор мебарад, лекин дар зери бинии президенти худ ба ҷорӣ кардани «тартибот» қодир нест.

Меъмори намоишгоҳи умумиҷаҳонӣ Экспо-67 хеле оқилона павилонҳои ду мамлакати бузургу тараққиёфтаи олам – СССР ва ШМА-ро дар як ҷой рӯ ба рӯ дар ду соҳили дарёи Лаврентияи муқаддас ҷой додааст. Шояд ӯ хоста бошад, ки ин ду мамлакати тараққиёфта комёбиҳои техникӣ, илмӣ ва иқтисодиашонро оянда барои таъмин намудани прогресси иқтисоди илмӣ, техникӣ ҳамкорӣ намояд ва ба мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмонда кӯмаки босамаре расонанд.

Павилони Штатҳои Муттаҳидаи Америка аз канор ба гунбази пурдабдабае монанд буд. Вале дохили онро ба ҳар гуна сурат ва диаграммаҳо ва ҳайкалҳои модернистӣ пур кардаанд. Аз ҳамин сабаб дар павилони онҳо одам нисбатан кам буд. Аммо дар павилонҳои Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои сотсиалистии Чехословакия, Куба, Югославия ва ғайра аз пагоҳ то бегоҳ одамон навбат меистоданд.

Дар як шишаи павилони Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ки «одам ва кашфиёти ӯ» ном дошт, роҳи пешрафти техникӣ аз чархи нахустини обӣ то агрегати ба куллӣ автоматӣ кунонидашуда нишон дода мешавад, ки бо ёрии ин агрегат мошини электронӣ-баҳисобгирӣ бе даст расонидани одам ҳар

гуна асбоби мураккабро ҳам месозад. Лекин ин пешрафти техникӣ барои чӣ дар он ҷо қашшоқиро барҳам надодааст, ташкилкунандагони намоиш ба ин чунин ҷавоб доданӣ мешаванд: «Одамҳои бой ҳам ҳастанду камбағал ҳам. Бойҳо мошин доранд, лекин қашшоқон онро надоранд. Қашшоқӣ қашшоқиро ба вуҷуд меоварад, бойигарӣ бойигариро». Бо ин суханон сармоягарон тасдиқ карданӣ мешаванд, қашшоқ бо қашшоқии худ мемонад, гарчанде ки ҷамъият ин қадар пеш рафтааст. Дар ҷои дигар дар назди конвейере навиштаанд, ки дар рӯи замин ду миллиард одами бесавод мавҷуд аст. Дар мамлакатҳои мутараққӣ то ин ки бо роҳи тараққӣ додани маориф ва таълими истеҳсолӣ проблемаи бесаводӣ ҳал карда нашавад, ба пешрафти техникӣ муваффақ шудан мумкин нест.

Аммо дар хусуси он ки ҳатто боре гирифтану хондани китоб пулӣ асту камбағалон ба додани музди таълими фарзанди худ имконият надоранд, дар ин хусус сухане нанавиштанд. Маънии фалсафии навиштаҷоти онҳо, албатта, маълум аст. Ба ин тариқа миллионҳо мардуми бенаворо дар ғафлат мононда, «мубориза набаред, барои ҳуқуқҳои худ талош накунед, баръакс, ба даст дафтару қалам гирифта, саводатонро бароред!» гуфтанӣ мешаванд.

Аммо аз оммаи меҳнаткашон ҳеҷ чизро пинҳон кардан мумкин нест. Инро мо дар худи павилони намоишгоҳи Штатҳои Муттаҳида ҳис мекардем. Президент Ҷонсон дар зери ҳимояи политсия павилони мамлакати худро фақат ҳашт дақиқа тамошо карда тавонист. Рӯзи дигар газетаҳо навиштаанд, ки политсия танҳо баъди аз Монреал баргаштани Ҷонсон бемалол нафас гирифтааст.

Расми кушоди рӯзи миллии Тоҷикистон ҳайати артистони мо одати анъанавии дар выставка ҷоришударо ба хубӣ андаке шикастанд. Вақте ки

байраки республика бардошта шуд, дойра, рубоб баланд садо медод, раққосон мерақсиданд, ҳофизон суруд мехонданд. Чунон ки ин ҳолат дар рӯзҳои иди худамон рӯй медиҳад. Мо дар Монреал низ одати миллиро риоя кардем, ҳарчанд ки ҳеҷ кадом халқ расми кушоди рӯзи худро бо ин гуна тантана ва шодиву хурсандӣ пешвоз нагирифтааст. Аз 23 то 28 май санъаткорони Тоҷикистон консерт доданд.

Бо баромадҳои баландмақоми худ устодони санъати тоҷик ба шӯҳрати ватани дӯстдоштаамон шӯҳрат зам карданд ва дар дили халқҳои он қитъаи дунё меҳру муҳаббати халқи тоҷикро ҷой кунониданд. Дар ин муддат консертҳои моро зиёда аз ҳафт ҳазор тамошобинон диданд ва ба воситаи телевизор дар Канадаву Америка тамошо карданд.

Мо супориши халқамонро ба хубӣ иҷро карда, манзараҳои хуби Канадаро тамошо кардем. Лекин ягон сония ҳам Ватани худ, халқи худро фаромӯш накардем, ки ин эҳсосоти моро сарвари мо Абдулаҳад Қаҳҳоров ба хубӣ ба ҳамели назм даровардааст:

«Ҳофизо, хон ту суруди Ватанам,
То ки осуда шавад ҷону танам.
Гарчи аз хоки азизаш дурам,
Дар назар ҷилвагар аст он чаманам»

МАШЪАЛИ ҚИТЪА

Тараддуди сафар ҳамеша ташвишҳо, давутозҳо, ҳаяҷонҳо дорад, хусусан чунин сафаре, ки бе муболиға афсонавист. Ман мусофирати худро ба ҷазираи Озодӣ – машъали қитъаи америкоӣ – Кубаи инқилобӣ ва оташбор дар назар дорам. Афсонавӣ гуфтанам ҷон дорад. Охир, барои анҷом додани ин мусофират фақат дар фазои нилгун дар киштии ҳавопаймои нуқрафоми ҳозиразамони тезпарвоз қариб чиҳил соат будан лозим меояд. Агар чоряк аср муқаддам ба бобоям Саидмурод мегуфтам, ки дар як шабонарӯз се қитъаи дунё – Осиё, Аврупо ва Америкаро тай намудан мумкин аст, ӯ маро каси аз ақл бегона мешумурд. Зеро, он вақтҳо ба худи ӯ фақат барои аз қишлоқи Рӯдакӣ то Самарқанд рафта омадан ҳамин қадар вақт камӣ мекард. Хушбахтона, анҷом додани чунин сайри афсонавӣ ҳақиқати замони мо гардидааст. Вақте ки мусофирон ба толори аэробуси дуқабатаи ИЛ–86 бо аробачаҳои кӯдаксавор медароянду чор қисмхонаҳои клубмонанди онро пур мекунанд, кас фаромӯш мекунад, ки дар дохили нақлиёти парвозӣ мебошад. Ин эҳсоси одам дар фазо, дар баландии 10–12 ҳазор метр дучанд мешавад. Аэробус якзайл ором аз болои абрҳои сафеди пахтамонанд, ки гӯё болои қуллаҳо густурда шудаанд, мавҷҳои назарраси беканори уқёнуси Атлантика парвоз мекунад. Мусиқии дилхурӯш, табассуми духтарони таннози пешхизмати Аэрофлот, муҳайё будани таомҳои лазизу нӯшокиҳои гуворои гуногун, воситаҳои спортии рӯимизӣ, рӯзномаҳову маҷаллаҳо ва ғайра бидуни ихтиёр саволеро воҷиб мегардонад, ки ба кадом шоҳу амири гузашта чунин кайфи сафар насиб шудааст? Ана дар чунин ҳолатҳо кас бори дигар

ба қуввату тавоноии инсон, дониши вай, қобилияти даркнамоиаш ихлос мебандад.

Ана дар чунин вазъият, аниқтараш дар ҳолати эҳсоси чунин кайфияти баланд, мо, мусофирони аэробуси шӯравӣ, аз пойтахти СССР – Москва ба сӯи пойтахти Куба – Гавана ҳаво мепаймудем. Роҳи осмонии мо аз болои шаҳрҳои Рига, Копенгаген (Дания), Шенон (Ирландия), Гандур (ҷазираи Нюфаунленди Канада), Ню–Йорк (ШМА), ҷазираҳои Сейбол, Багама, Бермуд мегузашт. Гӯё шоир ҳамин навъ парвозҳои одамизодро дар назар дошта навиштааст:

Гардун дар оташ аз ҳасади ҷавҳари ман аст,
Парвози ман баландтар аз ахтари ман аст.

Сафинаи ҳавоӣ билохир соати 0,15 вақти Москва ба аэропорти Хосе Мартии шаҳри Гавана фуруд омад. Ба гумони мо дар ин вақт мебоист, ки он ҷо торикии шабона ҳукмрон бошад. Аммо пиндори мо ғалат баромад ва ҳанӯз равшании нисфирӯзӣ оламро мунаввар мекард. Мо фаромӯш кардаем, ки ба он тарафи дунё омадему фарқи вақти Душанбеву Гавана қариб 12 соат будааст.

Дар фурудгоҳ ҳайати вакилони моро гурӯҳи коркунони вазорати маданияти Республикаи Куба бо сардории ҷонишини якуми вазир Рафаэл Алмейда самимона пазироӣ намуданд. Дар салони меҳмонони фахрӣ вакилони ахбороти оммавӣ – кормандони телевизион, радио ва матбуот сӯҳбати тӯлонӣ оростанд. Ногуфта намонад, ки сафари мо ба муносибати гузаронидани яке аз маъракаҳое, ки ба 40–солагии ғалаба бар Германияи гитлерӣ – намоиши китобҳо бахшида шудааст, сурат гирифта буд. Бинобар ҳамин, дар ин сӯҳбат саҳифаҳои шуҷоати халқи советӣ варақ зада шуданд.

Рӯзи дигар газетаи «Гранма» аз ваҷҳи ин сӯҳбат муфассал ахборот дода, махсус қайд намуд, ки сокинони шаҳри Гавана ба намоиши китобҳои шӯравӣ, ки ба чиҳилсолагии ғалабаи СССР ва иттифоқчиёни зиддигитлерии он дар Ҷанги дуюми ҷаҳон бахшида мешавад, мароқи калон зоҳир мекунанд.

Намоиши номбурда дар қасри таърихии Сегундо Каво баргузор шуд ва ду ҳафта давом кард. Дар якчанд ҳуҷраҳои махсуси қаср зиёда аз 500 номгӯй асарҳои гуногун, аз он ҷумла асарҳои В. И. Ленин, нашри сеюми таърихи «Ҷанги Бузурги Ватанӣ», «Энсиклопедияи Ҷанги Бузурги Ватанӣ», ёддоштҳои сарлашкарони номии советӣ Г.К.Жуков, А.М.Василевский, И.С.Конев, К.К.Рокоссовский, В.И.Чуйков, асарҳои бадеии ба ҷанг бахшидаи А.Фадеев, М.Шолохов, К.Симонов, Б.Полевой, Ю.Семёнов, албомҳои ранга, китобҳо доир ба илму маърифат, иқтисодиёт, табиат, тарзи зисту зиндагонии одамони советӣ ба маърази мушоҳида гузошта шуда буданд.

Дар маросими кушодани намоиш, ки басе серодам буд, аъзои Бюрои Сиёсии Комитети Марказии Партияи Коммунистии Куба Армандо Харт, вакилони меҳнаткашон, ноширон, дигар интеллигентсияи эҷодӣ, коркунони масъули сафоратхонаи советӣ, мамлакатҳои дигари сотсиалистӣ иштирок доштанд. Ҷонишини якуми вазири маданияти Республикаи Куба Рафаэл Алмейда бо нутқи батафсил ба ҳозирон муроҷиат намуда, намоиши китобҳоро чун қосиди ҳамкорӣ, рамзи ваҳдати мафкуравӣ ва солномаи ибратбахши қаҳрамонӣ маънидод кард.

Нотиқ ҳаққонӣ шарҳ дод, ки ҷашни 40–солагии ғалаба бар фашизм аз он ҷиҳат диққату эътибори одамонро ба худ бад–ин минвол ҷалб менамояд, ки

мардуми тараққипарвари дунё ин санаро ба ин васила қайд намуда, он мароми худро дар он бобат намоиш медиҳанд, ки дар олам қувваҳое ҳастанд, ки қодиранд ҷангҷӯёнро бори дигар лаҷом зананд, чӣ тавре ки чиҳил сол аз ин муқаддам муяссар шуда буд. Ҳамчунин оқибату натиҷаҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон халқҳоро огоҳ менамоянд, ки ҳушёриро аз даст надиҳанд, таҳдиди ҷанги хонумонсӯзи ядроиро амиқтар дарк намоянд. Зеро, агар чунин ҷанг сар занад, мавҷудияти тамаддуни одамизодро дар зери хатар мегузорад.

Дӯстони дигари кубагӣ махсус қайд намуданд, ки муддатҳои зиёд идеологҳо ва таърихчиёни буржуазӣ бошуурона таърихи Ҷанги дуюми ҷаҳонро ба мардум дар оинаи каҷ нишон дода, он ҳақиқати таърихиро пинҳон мекарданд, ки зарбаи ҳалокатоварро ба фашизми гитлерӣ СССР задааст.

«Намоиши китобҳои советӣ дар пойтахти Куба – Гавана бори дигар, бо санаду бурҳонҳои раднашаванда нишон медиҳад, ки, – гуфт Р. Алмейда, – халқи қаҳрамони шӯравӣ дар ҷанги номбурда ғалабаи оламшумул ба даст овард. Германияи фашистӣ ва иттифоқчиёни онро ба зону гузошт, озодиву истиқлол ва бехатарии ватани худро устувор гардонда, ба бисёр халқҳои Аврупо озодиву демократия овард, ки инро наслҳои оянда низ асрҳои аср фаромӯш нахоҳанд кард».

Аз номи вакилони шӯравӣ эроди нутқи ҷавобӣ ба зиммаи ман гузошта шуда буд. Мо паёму саломи халқи худ ва сипосгузории вакилонро изҳор намудем.

Дар асарҳое, ки ба диққати кубагиён пешниҳод шуда буданд, сухан дар хусуси бузургтарин ва хунинтарин ҷанг дар таърих мерафт. Аз китобҳо ва албомҳои ранга симои манфури душмани ғаддори инсоният, табиати ҳайвонию даррандаи фашизми гитлерӣ бараъло аён мегардид. Ин фашизми маккор,

ки парвардаи империализми чаҳонист, бо нерӯи мардуми тараққипарвари олам мағлуб гардид. Бехтарин интернатсионалистони дунё бо мардуми советӣ дар як саф буданд. Дар он сафи бузург гражданинҳои Куба – Энрико Вилар ва Алдо Виво низ мечангиданд. Онҳо ҳамроҳи сарбозони шӯравӣ дар хандақҳо хобида, бо фашизм мушт ба гиребон шудаанд ва бо орденҳои Ҳукумати Советӣ шарафманд гардидаанд.

Дӯстони кубагӣ рӯз аз рӯз ба фаъолияти вакилони шӯравӣ мароқи бештар зоҳир намуда, дар рӯзҳои минбаъда чанд мулоқоти муфид ороста, дар нашриётҳо сӯҳбатҳо ташкил намуда, конференсияи матбуотчиён ва ғайраро барпо карданд.

Дар конференсияи матбуот, ки васеъ интишор гардид, изҳор карда шуд, ки одамон сол аз сол дар Куба доир ба СССР ва дар СССР роҷеъ ба Куба ҳарчи зиёдтар маълумот мегиранд. Ба ин сабаб халқҳои ба ҳам дӯст бештар зиндагӣ, корубор, накшаҳо ва марому орзуи якдигарро медонанд, ниҳоду замири ҳамдигарро мефаҳманд. Дар ин кори начиб хизмати китобу ҳарфи чопӣ ниҳоят бузург аст. Бесабаб нест, ки КПСС ва ПКК ба ин масъала аҳамияти махсус медиҳанд. Ҳамкории КПСС ва ПКК дар яке аз соҳаҳои муҳими кори идеологӣ нашру тарғиби китоб торафт васеътар ва самарабахштар мегардад. Масалан, дар солҳои баъдичангӣ дар СССР зиёда аз 300 номгӯй китобҳои кубагӣ нашр гардиданд. Дар ин ҷо асарҳои Фидел Кастро Рус, Хосе Марти, Н.Гилен, А.Карпентер ва дигаронро бо ҳаваси бузург мутолиа менамоянд. Адабиёти Кубаи бародариро дар СССР бо 17 забони миллатҳои гуногуни советӣ мехонанд.

Солҳои охир ҳамкории байни вазорати маданияти Куба ва Комитети давлатии СССР оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб хеле равнақ ёфта, онҳо дар тайёр намудани мутахассисҳо,

гузаронидани намоиши китобҳо дар ярмаркаҳои байналхалкӣ, тачрибаивазкунӣ, созишномаҳои якҷоя бастаанд. Мувофиқи ҳамин созишномаҳои тарафайн ба муносибати чиҳилсолагии рӯзи Ғалаба бар фашизм нашриёти советии «Прогресс» ва нашриёти кубагии «Сиансиас сотсиалис» якҷоя ба забони русӣ ва испанӣ китоби «Шуҷоати Ленинград»-ро нашр карданд, ки дар он аз қаҳрамонии бемисли сокинони Ленинград сухан меравад. Ба наздикӣ боз як китоби нашри муштарак «Ҷанги дуюми ҷаҳон: афсона ва ҳақиқат» ба табъ мерасад.

Шахсони расмии кубагӣ бо камоли миннатдорӣ дар хусуси кӯмаки СССР доир ба нашри китобҳои дарсӣ сухан ронданд. Масалан, дар муддати 12 соли охир бо ёрии нашриётҳои советии «Прогресс», «Мир», «Русский язык», албатта, бо иштироки ноширони Куба, 364 номгӯй китобҳои дарсӣ бо тиражи 58 млн. адад ва дигар воситаҳои методиву аёнӣ чоп шудаанд, ки ин саҳми бузургест барои ғалабаи инқилоби мадании Куба.

Ғайр аз чорачӯиҳои расмӣ мо бо роҳбарони иттиҳодияи нашриётҳои «Илм ва маданият» (роҳбараш Пабло Пачеко), «Илмҳои ҷамъиятӣ» (роҳбараш Риккардо Гарсиа), «Маорифи халқӣ» (роҳбараш Каталина Лахуд), «Хосе Марти» (роҳбараш Фелекс Суаде) мулоқотҳои муфид ва дӯстона доштем. Ноширони кубагӣ аз тачрибаи кори нашриётҳо, муассаҳои полиграфӣ ва тарғиби китобҳои шӯравӣ ҳикоят мекарданд. Мо бошем наклҳои мизбононро бо марок гӯш мекардем ва дар кори онҳо ҳарчи бозёфт менамудем, ба лавҳи хотир мегирифтем. Масалан, чандин сол боз нашриёти «Маорифи халқ» роҳбарияти нашриёту матбааро муттаҳид кардааст, кори баплангирии тематикӣ, ҳавасманд гардондани моддии ҳам коргарони муассиса ва ҳам нашриётро самараноктар кардааст,

зеро ҳам коллективи эҷодӣ ва ҳам коллективи коргарон (полиграфистон) барои як мақсади охирини истеҳсолӣ мубориза мебаранд.

Ба назари мо, кори нашриёти адабиёти забонҳои хориҷии ба номи Хосе Марти хеле шавқангез намуд. Роҳбараш Ф. Суаде, ки дӯсти бовафои Иттифоқи Советист, бо ифтихор қайд мекард, ки додараш дар СССР хондааст ва қарзи интернатсионалистиашро дар сафи муборизони роҳи озодии Ангола бачо овардааст. Ӯ ҳикоят кард, ки ташкил намудани чунин нашриёт барои Куба лозим аст!

Мо пеш аз ҳама он ҳақиқати зиндагиро ба назар гирифтем, ки аҳолии 21 давлати дунё ба забони испанӣ ҳарф мезананд ва адабиёте, ки дар Куба нашр мешавад, албатта, диққати онҳоро ҷалб мекунад. Охир Куба дар қитъаи Америка байракбардори ҷаҳони нав ва тарзи зиндагониву тафаккури нав аст.

Ҳамин тавр, дар нашриёти Хосе Марти барои интишор додани адабиёти сотсиалистӣ маҳкам миён баста, фаъолона китобҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, илмӣ-оммавӣ, тадқиқотҳоро доир ба адабиёту санъат низ интишор менамояд. Фақат дар соли 1984-ум ин нашриёт 88 нусха, ба маблағи 350 ҳазор доллар фурӯхтааст.

Китобҳои нашркардаи Хосе Марти на фақат дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ, балки дар ШМА, Канада, Хитой, Корея, Япония ва, албатта, дар СССР, дигар мамлакатҳо ба худ роҳ кушодаанд.

Акнун нашриёти Хосе Марти кӯшиш дорад, ки бо забонҳои олмонӣ, форонсавӣ, арабӣ низ китоб нашр намояд. Дар ин ҷо ҳатто ба забони эсперанто китоб нашр мекунанд. Ин саъйашонро онҳо бо чӣ асоснок мекунанд? Бо он ҳақиқати зиндагӣ, ки зиёда аз 60 мамлакати олам бо ин забон низ гуфтугӯй доранд. Масалан, дар Япония 60 фоизи аҳолӣ бо ҳамин забон

ҳарф мезананд. Чунин аст дар Хитой ва бисёр мамлакатҳои аврупой.

Қуллаи ин забон дар он аст, ки доираи махсуси худро дорад ва ба дигар забонҳо адабиёти демократӣ сотсиалистиро интишор кардан мушкил аст. Ин адабиёт ҳатто дар Чили, Африқои Ҷанубӣ паҳн мешавад, ки моҳияти махсус дорад. Дӯстони мо шарҳ доданд, ки Куба диққати ҳам дӯстон ва ҳам душманонро ҷалб мекунад, зеро Куба ҳам сулҳу амонӣ, ҳам прогресс ва ҳам экзотика аст. Барои ҳамин ҳам китобҳои моро мехаранд. «Мо, мегуфтанд онҳо, дар ин кори начиб ба таҷрибаи Иттифоқи Советӣ такя мекунем». «Агар велосипед ихтироъ шуда бошад, чӣ ҳоҷат, ки вайро аз сари нав ихтироъ кунед», мегуфт Ф. Суаде. СССР роҳкушои ҷаҳони нав аст. Чӣ тавре ки офтобро бо доман пӯшондан номумкин аст, моҳияти таҷрибаи гаронбаҳои мамлакати моро дар кори инкишофи ҳарфи чопӣ, тараққиёти кори нашрӣ ва илму маърифат ҳам паст задану нисбат ба он беэътиноӣ кардан номумкин, ҳатто бевиҷдонист. Чунин аст ақидаи дӯстони кубагӣ.

Ҳамкории пурсамари мардумони шӯравӣ ва Кубаро мо нафақат дар соҳаи инкишофи нашрӣ, матбааҳо, тарғиботи китоб ва дигар маҳсулоти чопӣ дарк мекардем. Дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ ҳам мутахассисон, олимон, ташкилотҳои эҷодӣ даст ба даст шуда фаъолона кор мекунанд.

Вақто ки ба сарзамини Куба қадам ниҳодем, дар гӯшаи хаёл ҳам намеомад, ки бо фиристодагони Тоҷикистони дурдаст низ дучор мешавам. Куба куҷову Тоҷикистон? Аммо вокеият чизи дигарро собит намуд. Рӯзи дигар сафарамон ба ман аз шаҳри Олгин тоҷикписарон Наимҷон Юсуфов ва Алиҷон Бобоев телефон карданд, ки ба воситаи ахбороти оммавӣ аз омадани ман огоҳ шудаанд ва як нафарро барои боздид ва хабаррасонӣ вакил намуда

мефиристанд. Гарчанде шаҳри Олгин аз Гавана 800 километр дур аст, ҳамин тавр ҳам шуд. Рӯзи дигар тоҷикписар Наимҷон Юсуфов аз шаҳри номбурда ба Гавана парида омад, моро ҷустуҷӯ намуда ёфт.

Ман Наимҷонро дар умрам бори аввал медидам, аммо ҳисси ватану ватандорӣ чунон баланд будааст, ки ӯро чун фарзанди худ истиқбол кардам, аз корубори онҳо пурсону ҷӯён шудам ва аз корубор дар СССР, аз ҷумла дар Тоҷикистони офтобӣ ахборот додам.

Маълум гардид, ки фақат дар шаҳри Олгини Куба аз Тоҷикистони дурдасти мо зиёда аз сӣ мутахассисони гуногун – гидрологҳо, геологҳо, сейсмологҳо ва дигарон дар сохтмони бунгоҳи барқи атомӣ ду сол боз кор мекардаанд.

Дар байни онҳо ғайр аз Н. Юсуфов, А. Бобоев, боз сейсмологҳо, А. М. Лисков, Қурбонов И., геолог Неъматҷон Рачабов ва дигарон хизмат мекардаанд.

«Ҳамаи мо, фиристодагони Тоҷикистон, чи тоҷику чи рус, чи ӯзбек, – гуфт Наимҷон Юсуфов, супориши Ватанамон – СССР-ро фарзандона ичро мекунем, аз дӯстони кубагӣ раҳматномаю мукофотҳо дорем, умуман азму кӯшиш дорем, ки бо сари баланд ба назди хешу табор баргардем».

Дар ин сафари басе хотирнишин боз бо ду нафар фиристодагони Тоҷикистон – Николай Захарович Волошук ва Лариса Александровна Волошук мутахассисони соҳаи маорифи халқ дучор шудам. Онҳо ҳам маро чун фарзанди падари худ меҳрубонона истиқбол намуданд, борҳо ба хонаашон меҳмон карданд. Панҷ сол боз онҳо барои равнақи маърифати Куба бунёди мактабҳои нав, тайёр кардани мутахассисони соҳаи маорифи халқ ёрии бебаҳои амалӣ мерасонанд. Боз чандин нафари дигар дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ ва кишоварзӣ ба дӯстони кубагӣ мадад мерасонанд. Оре, бо

фарзандони халқамон сӯҳбат мекардаму беихтиёр гузаштаи кишварамон Тоҷикистони тоинқилобӣ ба лавҳаи хотирам меомад, ки номаш дар харитаҳои ҷуғрофӣ мавҷуд набуд.

Боз чунин саҳифаҳои таърих дар пеши назарам зинда шуданд, вақте халқи тоҷик аз зиндагии манҳуси асримиёнагӣ даст кашида, бебокона ба ҳаёти нав қадам мегузошт, баробари намояндагони халқи бузурги рус ва халқҳои бародарии кишвари азими мо, интернатсионалистони мамлакатҳои дигар ба мадади ӯ шитофтанд. Номи фарзанди халқи поляк – лашкаркаш Чеслав Путовский, якумин ҷонишин ва баъд нозири маорифи Тоҷикистон фарзанди Афғонистон Нисормуҳаммади Афғон, инқилобчии касбии эронӣ Абулқосими Лоҳутӣ, ки аз асосгузорони адабиёти советии тоҷик аст, дар таърихи созмони сотсиалистии Тоҷикистон бо ҳарфҳои заррин навишат шудааст. Аз ин номҳои шариф метавон боз чандин овард. Инак, навбати мадад расондан ба мо расидааст. Акнун халқе, ки ҳатто имкони истеҳсоли гулмехро надошту побанди ҷаҳолати амирону тарзи зисту зиндагонии асрҳои миёна буд, қодир аст, ки ба Куба барин кишвари дурдаст дар сохтмони мураккабтарин иншоотҳои замон кӯмаки амалии илмӣ техникӣ бирасонад. Фарзандони халқи тоҷик ҳоло дар бисёр кишварҳои Африқо, Эрон, Афғонистон, Муғулистон, Ироқ ва ғайра кор мекунанд. Мутахассисҳои мо дар Куба изҳор намуданд, ки аз ин сохибиқболии халқамон, дар оилаи миллатҳои ягонаи шӯравӣ фахр доранд ва кӯшиш мекунанд, ки ҳар як супоришҳои ояндаи Модар Ватанро бо камоли масъулият ба ичро расонанд, зеро Ватан, ки чун модар муқаддас аст, супоришаш ҳам муқаддас аст. Дар Кубаи дурдаст чун номи Ватан ба забон гузашт, бидуни ихтиёр ин байтҳо ба хотир омад:

Ватан ин гулшани хуснофаринам,
Тачаллигохи ишқи оташинам.
Чу чон дар пайкари андешаи ман,
Бувад мазмуни шеъри дилнишинам.

Дар ин сафар мизбонони меҳрубони кубагии мо кӯшиш карданд, ки мо, вакилони шӯравӣ, барномаи кориамонро бо омӯхтани тарзи зиндагӣ, урфу одат ва табиати беҳад бойи он зебокишвар мувофиқ намоем.

Беҳуда намегӯянд, ки агар феълу атвор ва хислатҳои миллатҳоро омӯхтанӣ бошӣ, ба адабиёту санъаташ назар андоз, суруду мусиқиашро гӯш кун. Дуруст будани ин пандро мо дар Куба низ дарк намудем. Як бегоҳӣ дӯстони кубагиамон моро ба тамошои барномаи консертии «Тропикана» дархостанд. Репертуари ансамбл аз асарҳои мусиқии халқҳои гуногун низ бой будааст. Вақте ки артистон суруди машҳури русии «Подмосковные вечера»-ро сароиданд, тамоми тамошобинон кафкӯбӣ карданд ва бо ансамбл ҳамовоз шуданд.

Боз як чиҳати хубии ин тамошогоҳ он буд, ки намоиш дар боғи истироҳат, дар зери осмони кушод мегузашт. Дар як вақт ҳам тамошо мекунед ва ҳам зиёфат мехӯред. Кайфияти суруду рақсу мусиқӣ бо лаззати таомҳо ва шарбатҳо васл шуда, моро беҳад хушҳол мегардонанд. Бемуболиға, тамошои ин барнома аз дақиқаҳои аввал инсонро ба худ тобеъ карда мафтун менамояд. Аз ҳар суруду мусиқӣ, рақсу сурудҳои эстрадӣ қалби оташбори Куба зиндадилӣ, кӯшишу ғайрат, зебоии ботиниву зоҳирии мардуми онро мушоҳида мекунед. Беҳуда нагуфтаанд, ки Куба заминест: мардҳояш мардвору занҳояш занвор аст. Ҳар якеро медидаму мегуфтам:

Имшаб гули хуршед ба домони нигоҳ аст,
Оинаи дил равшан аз он чашми сиёҳ аст.

Вақте ки шумо китобҳои Н. Гилен, А. Карпентерро варақ мезанед, ба ҳайкали Хосе Марти ва дигар муҷассамаҳо назар меандозед, сурудҳои аз омезиши оҳангҳои африқоӣ ва навоҳои аврупоӣ таркибёфтаи «Гуантаме», «Сибонеӣ» ро гӯш мекунед, шӯху шанг пару бол задани асосгузори балети Куба, прима-балерина Алиса Алонсою шогирдони ӯ ва раксҳои миллии «ча-ча-ча», «румбо», «аланча», карнавали барфиро тамошо мекунед, ё ба овози сарояндагони моҳир Силвио Родригес, Пабло Миланес, Елена Буркес, оҳангҳои мутрибони номӣ Висенте Рохас, Освалдо Родригес моил мешавед, ба офаридаҳои рассом Мариано Родригес ва дигар эҷодкорон назар меандозед, ба пеши назари шумо симои ранг ба ранги ҷазираи озодӣ — Кубаи инқилобӣ, ҷасорати халқи қаҳрамони он, дили бекарори Фидел Кастро Рус ва ворисони ӯ намудор мегарданд.

Дуруст будани чунин эҳсосро мо аз зиёрати хонамузеи Эрнест Хемингуэй, ки «Финка Вихия» (хонаи гумбаздор) ном дошта, дар наздикии Сан-Франсиско де Паула воқеъ аст, низ дарк намудем. Дар ин манзил нависандаи ҷаҳоншумул аз соли 1939 то соли 1960 зиндагӣ карда, асарҳои беҳтарини худ «Нокусҳо аз ғами кӣ дар фиғонанд», «Дар он сӯйи дарё, андар сояи дарахтон», «Пирамард ва баҳр», «Иде, ки ҳамеша ҳамроҳат аст» ва ғайраро навиштааст.

Маълум аст, ки Эрнест Хемингуэй ба Куба аз Америка омада, дар фурсати кӯтоҳ бо халқи меҳнатии он унс гирифта, эҷодиёту қисмати худро бо ин кишвари назаррабо пайваста буд. Худи ӯ чунин навиштааст: «Ман тамоми осори худро дар Куба дар иҳотаи сокинони манзилгоҳи Кохимар эҷод кардаам. Аз ин рӯ, худро гражданини он мешуморам. Дар ҳамаи тарҷумаҳои асарҳоям ин ватанам, ки маро

писар хондааст, ҳузур дорад. Ин ҷост хонаи ман, ин ҷост китобҳои ман». Албатта, беҳуда нест, ки чунин нависандаи номии ҳозиразамони китъаи Америка қисмати худро бо қисмати Куба ва мардуми дилтуғёни он васл менамояд.

Кас бо шавқу ҳаваси зиёде хона-музеи Хемингуэйро зиёрат мекунад. Аввалан, худи хона, ки дар ҷойи баланди сохили баҳри Кариб ҷойгир асту аз он ҷо манзараи мафтункунандаи Гавана баръало падидор мешавад, хеле дилкашу зебо сохта шудааст. Баъд, муҳимаш он ки дар хона-музей экспонатҳои бешумор аз услуби эҷодии нависанда, тарзи зиндагониву оиладорӣ, шуғлҳои шикоргириву моҳидорӣ, фаъолияти граждании ӯ маълумоти кофӣ медиҳанд.

Ғайр аз нишонаҳои моҳигириву шикорчигӣ, плакатҳои доир ба ҷанги барзаговҳо, дар ҳуҷраҳои махсус тамошобин қартаҳои бисёри мусиқии классикӣ, испанӣ, америкоӣ, лавозимотҳои иштироки ӯ дар ҷанги граждани, сафарҳо ба Африқо ва дигар мамлакатҳо ва ғайраҳоро мебинад. Дар рафҳои китобҳои ӯ, ки аз чӯбҳои пурқимати Куба сохта шудаанд, зиёда аз 8 ҳазор ҷилд китобҳои нодир гирд оварда шудаанд. Дар байни онҳо бехтарин намунаҳои асарҳои бадеии бузургон аз Оноре де Балзак то Марк Твен мавҷуданд.

Зиёрати ин музей урфу одати оила, завқу ҳаваси зиндагӣ ва паҳлӯҳои эҷодии нависандаро ба тавофкунанда аён мегардонад. Ҳама вақт дар ҳавлии Хемингуэй дах-понздах саг ва то панҷоҳ гурба нигоҳ дошта мешудааст, ки ҳар касро ба тааҷҷуб меовард. Дар як гӯшаи намоёни боғи калону зебои ҳавлии нависанда қабри сагони ӯ низ ҳастанд.

Максимо Гомес коргари эҷодии хона-музей нақл кард, ки аз марги гурбаҳояш Хемингуэй ғамгин шуда гиря мекардааст. Хулоса, касе ки вориди он боғу

хона-музей мешавад, ба худ як ҷаҳони нави афсонавиро кашф менамояд, хаёлан ҳамдаму ҳамқадами зиндагии ӯ мегардад, бо симои ҷовидонии қаҳрамонҳои асарҳояш бори дигар унс мегирад ва таваҷҷӯҳаш ба халқу сарзамини ӯ зиёдтар мегардад. Начандон дуртар аз хонаи гумбаздор дар деҳаи моҳидорон Кохимар бо пули онҳо ба Хемингуэй ҳайкали биринҷӣ гузошта шудааст.

Вақте ки аз табиати зебои он сарзамин сухан меравад, бешазорҳову боғотҳояшро сарфи назар кардан нашояд. Дар кӯчабоғҳои Гавана баъзе дарахтонеро бори аввал дидем, ки беихтиёр одамро ба ҳаячон меоваранд. Дар хусуси чандтои онҳо мухтасар гуфтаниям. Якеашро «Сейбо» ном додаанд, ки он дар ҳама растаҳо ва боғҳои хурду калон вуҷуд дорад. Одатан дарахтон фақат аз мараи рӯйи замин ба қаъри замин реша медавонанд. «Сейбо» бошад, аввал ба дохили замин реша ронда, баъд ҳар қадар, ки бузургчусса шавад, ҳамон қадар решаҳои иловагӣ бароварда, акнун аз баландии ду-чаҳор метр ва зиёдтар ба тарафи замин, худи аз бом ба замин ресмон партофтагӣ барин, решаҳои нав ба нав медавонад. Маълум шуд, ки ин воситаи қуллаи ба ҳамин дарахт хоси аз замин ғизои иловагӣ гирифтан будааст. Ҳамин тавр, сол аз сол решаҳои асосӣ аз ҳисоби решаҳои аз боло фуруд меомадагӣ зиёд шуда, хеле мӯҳташам мешаванд, шаклҳои зебои чоркунча ва ғайра пайдо мекунанд, ки аз тамошояшон чашм кандан маҳол аст.

Дарахти дуюме, ки таваҷҷӯҳи моро ба худаш беҳад ҷалб кард, ин «Фламбуаян» буд. Он чиз, ки яку якбора шуморо мутаассир мекунад, ин шоҳҳои парешони гулпӯши он аст. Тасаввур кунед, дарахти калончуссае ба ҳаҷми садаву зардолу саросар гулпӯш асту дар шоҳҳо гули суп-сурхи оташбор дорад. Чунон зебо қад афрохтааст, ки беихтиёр мафтунаш мешавед.

Боз як дарахте, ки бори аввал дидам – «Ягрума» ном доштааст. Онро баъзеҳо сафедори африқоӣ ҳам мегуфтаанд. Ватани ин дарахт Африқо будааст. Дар ҷойҳои тропикӣ он хуб сабзида, баргҳои паҳн-паҳни бо пашмаки сафед пӯшида дорад. Умуман дарахти сояафкан аст.

Кубаро ватани нахл (пальма) ҳам мегӯянд, ки асос дорад. Ин намуди дарахт раставу хиёбонҳои Гавана ва тамоми атрофии онро оро медиҳад. Пояи чун алиф рости он ва навдаву баргҳои чун марҷон баробар чидашудаи вай бо ҳусну таровати махсуси дилҷӯи худ ба кас шодмонӣ мебахшад.

Намунаҳои гуногун ва сершумори дарахтонро мо дар чорбоғи маданият ва истироҳати Гавана дидем, ки зиёда аз 100 гектар заминро ишғол мекунад. Дар ин чорбоғ тамошогоҳҳои бешумор, эстрадаҳо, ресторанҳо, қасрҳо, роҳи оҳан барои кӯдакон ва ғайра мавҷуд ҳаст.

Аз табиати бойи Куба сухан ронда, дар бораи ҳалқаи обии он гап назадан норавост, зеро баҳри Кариб ва уқёнуси Атлантика, ки ҷазираи Озодиро иҳота кардаанд, бойигарии бебаҳои вай аст. Аввалан роҳи обӣ бо «дунёи калон» васл менамояд. Сониян, баҳр манбаи ҳайвоноту ҷонварҳои қиммати обист. Мо хусусияти баҳри Карибро амиқтар дар аквариуми шаҳри Гавана мушоҳида намудем. Аз тамошои ин дунёи обӣ кас дар ҳайрат мемонад. Дар дохили оби баҳр чӣ навъ ҷонварҳое, ки нестанд: беҳтарин навъҳои моҳиҳо барои саноати хӯрокворӣ, сангпуштҳои обӣ, сагобиҳои қимматбаҳо ва дигар сарватҳои обӣ, ки ифтихори мамлакат аст. Мо дар аквариуми номбурда зиёда аз 500 намуди ҷонварҳои обиро тамошо кардем.

Сарвати бузурги миллӣ будани баҳр бо нақли болоӣ тамом намешавад. Ғайр аз ин баҳр воситаи бебаҳои истироҳат аст. Мизбонони кубагии мо меҳрубонона истироҳатгоҳҳои атрофи Гаванаро ба мо

тамошо доданд ва як рӯзи истироҳатро мо дар пляжи «Санто-Мария дел Мар» гузаронидем. Ин пляж дар соҳили регпӯши оби бахрии ширгарми мусаффо доман густурда буд. Реги сафеди мулоим баъди аз об баромадан ва дар болояш дароз кашидан мисли парниён фораму роҳатафзо буда, аз навозиши он танатон чунон ҳузур мекунад, ки дар як он хастагиатонро фаромӯш мекунед. Аз ин сабаб он ҷо доимо серодам аст. Хусусан пляжи «Санто-Мария дел Мар» ҷойи дӯстдоштаи дамгирии сокинон ва меҳмонони Гавана будааст. Ин манзараи дилраборо медидаму худ ба худ мегуфтам:

Агар фирдавс дар рӯйи замин аст,
Ҳамин асту ҳамин асту ҳамин аст.

Дӯстони мо самимона кӯшиш мекарданд, ки дар он як ҳафтае, ки дар сарзаминашон будем, на фақат самаранок кор кунем, балки вақтамонро ҳам хуш гузаронем. Дар вақтҳои холӣ онҳо моро ҳамчунин ба қасрҳои қадимаи «Моро», «Сегундо Сабо», Капитолия, Майдони аслиҳаҳои ҳарбӣ, музейҳо, гулӯгоҳҳои (бухта) бахрӣ бурда, ҷойҳои дигари таърихиро бо камоли меҳмоннавозӣ тамошо медоданд. Гаванаи қадима ҳеле зебову иморатҳои мӯҳташами таърихӣ, маданӣ ва меъморӣ дорад, онҳо бо қарори ЮНЕСКО аз нав таъмир карда мешаванд, то ки аз ин мероси қиммат, маҳсули хираду заҳмати халқи Куба наслҳои оянда бенасиб нашаванд.

Ба мо муяссар шуд, ки ёдгориҳои меъмории Гаванаро на фақат зиёрат кунем, балки дар яке аз онҳо зиёфат ҳам хӯрем. Чунин ҳаловат дар ресторани «1830»-и Гавана моро насиб шуд. Ин иморати қадима аз соли 1830 боз ҳамчун ресторан истифода мешудааст. Кубагиён кӯшиш кардаанд, ки ҳамон ороиши аввалаи қадима нигоҳ дошта шавад ва

мичозони ресторан чанд фурсат худро қариб ду аср «чавонтар» хис кунанд. Меарзад махсус қайд кунем, ки пазандахои Гавана хеле бомахоратанд ва таомхои бомазза пухта, дар ороиши дастархон бениҳоят хунарманданд. Дар як зиёфат онхо шаш-хафт намуд таомхои гуногун тайёр мекунанд, баъзеи он таомхоро номбар карданиам: ароскон фиколас (асосан биринчу лӯбиё), лечон асадо (хукбачаи бо услуби махсус бирёншуда), конгри (таом аз биринчи сиёхи кубагӣ). Онхо аз он биринч, ки сиёхранг аст, ба тарзи худашон палав хам мепухтаанд. Пазандахои Гавана устоди қобили газак ва шарбаттайёркунӣ хам хастанд. Онхоро аз мевахои манго, ананас, банан, лимӯ, афлесун ва ғайра тайёр мекунанд, ки хар кадоми онхоро бо ҳаловати том истеъмол кардан гуворост.

Боз як мушоҳидаамро накл кардани хастам. Кубагихо ватанашонро хеле азизу табаррук мепиндоранд, тайёр хастанд, ки барои хифзи он ва нашъу намояш беибо чон нисор кунанд.

Дар тӯли таърихи панчсадсолаи охир, аз он вакте ки соли 1442 онро дар Вест Индия Христофор Колумб кашф намуд ва соли 1510 испаниҳо онро истило намуда, ба мустамликаи худ табдил доданд, халқи Куба барои озодӣ ва истиқлолияти хеш мубориза бурда, ниҳоят соли 1898 дар ҷазираи зебои худ байраки истиқлолро афрохт. Вале он истиқлолият нисбӣ буд, зеро амалан он ба зери назорати ШМА гузошта шуда буд. Аз ин ҷиҳат, халқи Куба бо ин вазъият муросо накарда, муборизаро давом дод. ШМА мачбур шуд, ки дар Куба интихоботи президентӣ гузаронида, расман онро Республикаи Куба эълон намояд (20 майи с. 1902). Вале вазъияти ниммустамликавии он боқӣ монд. Халқ низ аз мубориза ва набарди озодичӯёна даст намекашид. Ниҳоят 1 январи соли 1959 бо роҳбарии доҳиёни варзидаи худ халқи меҳнаткаши Куба диктатураи

манфуру хунини Батистаро сарнагун намуда, дар ҷазираи озодӣ сохти нав барпо намуд. Имрӯз халқ Ватани худро аз рӯйи ҳикмати Фирдавсӣ, ки:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он бех, ки кишвар ба душман диҳем, -

гуфтааст, муҳофизат менамояд. Ба дӯғу пӯписа, иғвою дасиса, аслиҳаи тавоно, блокадаҳои иқтисодӣ ва вайронкориҳои дигари ҷанобони Америка Кубаи инқилобӣ ва халқи он иттиҳод, шуҷоат, номусу ҳамият ва азму иродаи халқи худро муқобил гузошта, аз дӯстӣ ва мадади ёрони ҳаммаслакашон нерӯ мегиранд.

Нақли мо аз ин сафар ҳеҷ гоҳ пурра намебуд, агар сипосгузории одамони зебову далери ин кишварро нисбат ба халқи советӣ сарфи назар мекардем. Бо ҳар касе, ки мо дар он сарзамин дучор меомадем – хоҳ вазир ё ронандаи оддӣ, хоҳ сардори ташкилоти калони эҷодӣ ё пазандазани сиёҳпайкар ё ки роҳбалади қаторӣ, бо як маром, бо дилу дидаю чеҳраи кушод моро пазироӣ мекарданд. Изҳор ҳам мекарданд, ки ба одамони шӯравӣ эътиқоду эҳтироми махсуси бародарӣ доранд. Ва аз сафари мо беҳад сарфарозанд. Пазандаҳо Розарио ва Умберто ҳар бор ғамхорона мепурсиданд: шояд таомҳои мо хуш наоянд, шарм накунед, фармоед, ки боз кадом таомҳоро дилатон мечӯяд, пухта медиҳем. Ронандаи мошини сабукрав Феликс ҳар саҳар рӯзномаҳои навро меовард ва самимона пурсон мешуд, ки оё хобамон бароҳат буд ё на, боз ба кучоҳо рафтан мехоҳед, фармоед, мебарам, мехоҳам, ки сафаратон хуш гузарад. Фаррош Вилма бошад, ҳар рӯз борҳо ҳучраи хобамонро покиза мекунад ва изҳор мекунад, ки тайёр аст ҳар илтимоси моро ба ичро расонад, «хоҳед либосҳоятонро мешӯям», - мегуфт вай ҳалимона.

Тарҷумон Умберто Пичел, роҳбалад Мигел нигоҳбинони ғамхору серташвиши ҳаррӯзаи мо буданд, ки бо дилкашолии дӯстона бо мо видоъ карданд.

Маросими хушбошӣ дар аэропорти Хосе Мартии Гавана барпо шуд, ки дар он ходимони намоёни маданияти Куба Р.Алмейда, М.Пандавинес, Ф.Крус Бужо, Ф.Гонсалес, М.Куэ ва коркунони масъули сафоратхонаи шӯравӣ ҳузур доштанд. Дар салони меҳмонони фахрӣ сӯҳбати видоии самимона авҷ мегирифт. Мо аз таассуроти сафарамон дар Куба мегуфтем, барои сипосгузории дӯстона миннатдориҳо изҳор менамудем. Ҳам аз тарафи вакилони шӯравӣ ва ҳам аз кубагиён азму хоҳиш карда шуд, ки ноширони ду мамлакат якҷоя барои наслҳои оянда изи «пои» худро аз ҳамкории пурсамарашон боқӣ гузоранд. Ин кори начибро ба воситаи нашри китобҳо анҷом додан мумкин аст, зеро китоб пайғомбари бебаҳоест, ки чун қосид аз халқҳо ба халқҳо, аз наслҳо ба наслҳо паёму маром мерасонад.

Ҳангоми видоъ ҳар як дӯсти кубагиамон мехост ба мо ҳарфҳои мехрубононае гӯяд, ки аз қаъри дил мебаромаданд. Онҳо ба мо роҳи сафеду сафари бехатар орзу мекарданд. Мо ҳам бо дӯстони сахтпаймон ва ҷонаҳди худ оғӯш ба оғӯш шуда, «Хуш бош, Кампанеро» гуфтем.

КИШВАРИ САПЕДАИ ЧОСОН

Роххо... роххои дур. Роххое, ки касро ба кишварҳои нав ба нав мебаранд... Агар гӯем, ки ҳар сафаре ба инсон махзани мушоҳидаҳо ва кашфиётҳост, хато намешавад. Ғайр аз ин агар сафари кас ба кишваре сурат гирад, ки таъриху маданияташро аз рӯи китоб, кино ва санъати тасвиридонию ба худ тасаввуроти хаёлие дошта бошӣ ва рӯзе муяссар шавад, то чунин кишварро бубинӣ, ҳандаю шунидаҳоро бо вокеият муқоиса намоӣ, аҷоиботе дар назарат кашф мегардад, ки худ дар тааҷҷуб мемонӣ ва ба ҳикмати халқ «шунидан кай бувад монанди дидан» боз як бори дигар мутмаин мегардӣ. Агар кишвар ноошно, аз чиҳати чуғрофӣ дур ва аз рӯи урфу одат, одобу русум ва маишат тамоман дигар бошад, мавҷи эҳсосот, чашмандози мушоҳида ва дарки рӯйдодҳоро фаро гирифтану таҳлил кардан бисёр душвор мегардад. Дар ин маврид падидаҳо, ҳодисаҳо, ашё ва манзараҳое, ки барои одамони махаллӣ чун як чизи оддӣ ва муқаррарӣ буда, аҷоиботе надоранд, барои мусофир ҳайратангез ва нотакрор менамояд. Вокеан, дар асл низ ҳамин тавр аст: Помир ва аҷоиботи онро фақат дар Бадахшон дидан мумкин аст, шаршараи Ниагарро дар Канада метавон тамошо кард, барои мушоҳидаи саҳрои Кабир бояд ба Африқо рафт, кӯли Байкалро онҳое дар зеҳн таҷассум мекунанд, ки назораи он насибашон шуда бошад. Алҳақ, сафар кардан на фақат, ҷаҳон дидан, балки ҷаҳон дарк намудан ва ҳусни оламорои сайёраи мо – Заминро шинохтан аст.

Барои нависандаи ин сатрҳо сафари Республикаи Демократии Халқии Корея вокеан кашфиёт буд. Ман ҳангоми ин сафар гӯё хоби гувороеро бо вокеияти

нимхаёлӣ ва ҳақиқии аз он ҳам гуворотар муқоиса мекардам ва ҳамеша мушоҳидаҳоям бар пиндорам ғолиб омада, дар сари ҳар қадам шавқи маро ба муҳаббат табдил медод. Даставвал мо аз фурудгоҳ роҳӣ шуда, ба шаҳри ором, озода, зебо ва сабзу хуррами Пхенян ворид гардидем, ки он бо як миллион нуфус дар соҳили рӯди Тедонгам ҷой гирифтааст. Атрофи онро мӯъҷизаи обанбори Намхом, манзарахои кӯҳсори канори баҳри Камчансан (кӯҳҳои Ҷавоҳир), ки бо печутоби дилрабои худ ҷодаи автомобилгарди Пхенян-Кесонро асорангез ҷилва медод, печонда гирифта буданд. Дар ин манзара, албатта, қабл аз ҳама худи халқи соҳибистеъдоду меҳнатдӯст ва қаҳрамони Корея, ки дорои таърихи бойи қадимӣ, маданияту фарҳанги хос ва урфу одати мушаххас мебошад, бинандаро беш аз ҳама мафтун мегардонад.

Аз дақиқаҳои нахустине, ки ба РДХК қадам гузоштем, хоксорӣ, самимият, шукуфтарӯӣ ва ҷаззобияти кореягиҳо ба мо таассуроти гуворо мебахшид. Инро ман бидуни ҳеҷ як тафриқа ҳам ба одамоне мансуб медонам, ки бо онҳо мулоқот кардем. Он самимияте, ки рафиқони кореягӣ аз комитети робитаҳои маданӣ – Ли Хён Сик ва Пак Гван Чхоп, аз раёсати матбуот ва нашриёт – Ли Бон Су ва Ван Хон Нян, корманди Хонаи модару кӯдак, духтур Сой Чхон Сим, ходимаи Нигористони Пхенян – Ким Ран Енг, директори матбаа – Ким Ман Зу нисбат ба мо иброз доштанд, ҳеҷ гоҳ аз лавҳи хотирам фаромӯш намешавад. Камина ҳаргиз наметавонам, агар аз вохӯрӣ ва сӯҳбатҳои лутфангезу завқбахши сардорони раёсатҳои алоқаҳои хориҷии комитетҳои маъмурию иқтисодии шаҳрҳои машҳуртарини РДХК – Наммхо ва Кэсон – рафиқон Ли Хон Сон ва Ю Син Бэ ёд накунам. Аз рӯйи адолат мебуд, агар доир ба сӯҳбатҳои ҳар кадоме муфассал қисса мекардам.

Аммо афсӯс, ки ҳаҷми сафарномаи мухтасар ба ин имконият намедиҳад. Бо вуҷуди ин воҷиб медонам, ки чанде аз он сӯҳбатҳо ва нақлҳоро барои хонандагони арҷманд пешниҳод намоям. Қабл аз ҳама ҳикояти Ю Син Бэ аз шаҳри Кэсон – пойтахти қадими Корея арзандаи шунидан аст. Ю Син Бэ шахси нисбатан ором, миёнақад, сабзина ва солхӯрда буда, ба Иттифоқи Советӣ сафар карда, дар Москва, Озарбойҷон, Гурҷистон ва Арманистон меҳмон шудааст. Вай марди сӯҳбаторо ва хушмуҳоварае буда, аз дидаю шунидаҳо ва мушоҳидаю таҷрибаҳое, ки аз зиндагӣ андӯхтааст, бо камоли майл нақл мекунад. Ба ман чунин намуд, ки тақдири ӯ саргузашту қисмати бисёре аз кореягиҳои ҳамнаслашро ба тарзи таҷаммӯъ ифода менамояд. Аз ин ҷиҳат лозим медонам, ки баъзе лаҳзаҳои гуфтори ӯро ин ҷо нақл кунам.

– Дувоздаҳ сол бори ҳокимияти мустамликадории япониро ба дӯши худ бардоштам, заҳри тамоми қабоҳат ва худсариҳои ҷонфарсои режими Ли Син Ман ҳастиамро абгор кард, – ба қиссаи худ оғоз намуд Ю Син Бэ, – Япониҳо, – гуфт ӯ, – коргарон ва деҳқононро бераҳмона истисмор менамуданд, мехостанд, ки саросари Кореяро ба тариқи японӣ тағйир диҳанд, бо зӯрӣ ва ситам фамилияҳои кореягиро ба японӣ мегардонданд, талаб мекарданд, ки кореягиҳо фақат ба японӣ гап зананд ва намегузоштанд, ки касе ба забони модариаш лаб кушояд...

Сипас Ю Син Бэ роҷеъ ба шаклҳои дигари беадолатиҳои иҷтимоӣ ва таҳқирҳои истилогарони японӣ, ки бе ҳеҷ гуна шарму ҳаё номус ва шарафи занҳои кореягиро поймол мекарданд, бо сӯзу гудоз нақл намуд. – Онҳо, – гуфт ӯ, – бо қайчӣ юбкаҳои занҳои маҳаллиро бурида кӯтоҳ мекарданд. Ба шарафи занони кореягӣ таҷовуз менамуданд, онҳоро

аз оддитарин ҳуқуқҳои инсонӣ ва озодӣ маҳрум мекарданд.

Ҳамсӯҳбати мо нақли талхи худро бо ҳасрат идома медод:

– Соли 1945 кишвари Кэсони мо аз тарафи империализми Америка тасарруф гардид. Аҳволи мо баъд аз ин боз вазнинтар шуд. Аз ҷиҳати табиати гургона америкоиҳо аз япониҳо мондани надоштанд. Онҳо дар сари ҳокимияти Кореяи Ҷанубӣ хӯсаи худ Ли Син Манро гузошта, ғорат ва истисмори халқи моро давом медоданд. Бо сарватмандони хоини маҳаллӣ забон як карда, хуни мардуми меҳнаткашро мемакиданд.

Баъд Ю Син Бэ бо ҳисси нафрат қисса кард, ки чӣ навъ ҷавонмардони ҳамсинну соли ӯро маҷбур месохтанд, ки дар кӯҳи Сон Ок Сан ҷангал бибуранд ва ба иншооти ҳарбӣ бибаранд. Ба ин минвол бар зидди бародарони ҳамхуну ҳаммиллати худ манбаъҳои аҷал созанд. Зеро он вақт бо миёнравии ҳукумати лӯхтаки он сӯи укёнус Ли Син Ман барои ҷанг ба муқобили Кореяи демократӣ ҷавонон бо найрангу фиреб киро мешуданд. – Ин ҷангро, – гуфт Ю Син Бэ, – ман равшан дар хотир дорам. Америкоиҳо бидуни эълони ҷанг аҳдшиканона ҳамлавар шуданд. Он рӯзҳои хунрезӣ мисли хоби даҳшатоваре, чун саҳифаҳои сиёҳи таърихи халқи мо ва монанди як нишонаи амалиёти манҳуси ҷаҳонхорони америкоӣ дар лавҳи хаёлам нақш бастааст. Дар ин рӯзҳо Ли Син Ман ваҳшониятро аз ҳад гузаронд. Аммо қабеҳтарин кирдори вай он буд, ки дар тамоми деҳоту шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишин Ли Син Ман фақат пиронро гузошта, ҷавонони моро бо зӯрӣ ба ҷануб ҳай карда бурд. То ҳол бисёр падарону модарон, занон ва кӯдаконро доғи ҷудоӣ аз писарон, шавҳарон ва падарон азият медиҳад. Даро кишвари Кэсон 60 фоиз оилаҳо дар

Шимолу Ҷануб зӯран таксим шудаанд. Ин худ тимсолест, ки мамлакату халқи ягонаи моро ба тарзи сунъӣ ба «Шимол» ва «Ҷануб» таксим мекунад. Ин ҷароҳати хунчакони қалби халқи Корея мебошад...

Подполковник Кан Хон Сок ва капитан Ли Хон Сок низ вақте ки дар мадори 38^0 ин сарҳади сунъиро дар мавзеъҳои Аханмунчжом ва деҳаи Кукхваи ноҳияи Чанхунчун мушоҳида мекардем ва лаблаби марзи он мегаштем, маҳз роҷеъ ба ҳамин ҷудоандозии сунъӣ бисёртар сухан меронданд ва гуфтаҳои Ю Син Бэро бо далелҳои нав тақвият медоданд. Дар Пхенмунчжом капитан Ли Хон Сок, ки ҷавони 25-30 солаи серғайратест, ҳикоят кард, ки ҳати ҳарбии ҷудокунандаи «Шимол» ва «Ҷануб», ки бо айби доираҳои иртиҷоии ШМА пайдо шудааст, маҳз аз ҳамин ҷо мегузарад. Аммо ин ҷо айнан ҳамон мавзеест, ки Кореяро истило кардани империализм аз назари аҳли олам нопадид гардидааст.

Аз нақли капитани ҷавон Ли Хон Сок маълум шуд, ки империалистони ШМА солҳои 1950-1953 ба мукобили Корея ҷангида, билохира шикасти сахте хӯрданд. Онҳо маҳз дар ҳамин мавзеъ шармандавор мағбур шуданд, ки ба оташбас ва мусолиҳа рафта, шартномаи ба ҳама маълумро имзо намоянд. Ли Хон Сок бо камоли майл биноҳо ва утоқҳоеро ба мо нишон дод, ки соли 1953 байни комиссияҳои РДХК ва ШМА шартнома ба имзо расида буд.

Ҳоло ҳам, мегӯяд Ли Хон Сок, Пхенмунчжом ҷои гуфтугӯ, мубодилаи афкор ва робитаи байни Шимол ва Ҷанубии Корея мебошад. Мо ҳеҷ аз хотир намебарорем, ки миллати Корея ягона аст. Барои ҳамаи мо нафратовар аст, ки ШМА беш аз 40 сол боз Кореяи Ҷанубиро забт карда, сиёсати «ду Корея»-ро бешармона давом медиҳад ва ба сари миллати мо кулфатҳои бепоён меорад.

Роҳбалади мо роҷеъ ба дасисабозиҳо ва вайронкориҳои тарафи мукобил бо нафрат сухан ба миён овард.

Ана дурусттар нигоҳ кунед, дурбинро ба сӯи мо дароз кард Ли Хон Сок, аз он тарафи сарҳади сунъӣ ба чониби ҳар кадоми шумо автоматҳои аскарони кироя равона шудааст. То вақте ки дурбин аз чашм набардоред, шуморо нишон гирифта меистанд.

Воқеан, вазъият дар хате, ки «ғайрирасмӣ», «хати оштӣ» ва хати демаркатсионӣ номида мешавад, хеле тезу тунд буда, мисли ду сими ҷараёни барқ бо бархӯрде метавонад оташи фитна барангезад. Дар ин бора мисолхое, ки подполковники армияи РДХК Кан Хон Кон меовард, гӯётар буданд. Дар деҳаи Хукква, ки 27 километр дуртар аз шаҳри машҳури Кэсон воқеъ гардидааст, мо аслиҳаю истеҳкомҳои бешумори ҳарбиро мушоҳида кардем. Дар хама чо техникаи ҳарбии ҳавоӣ ва заминӣ мехобид ва омодаи амалиёт буд, аскарони лаганбардори америкоӣ дар ҳаракат буданд, машқ мекарданд, зӯриашонро намоиш медоданд, аз сангар ба сангар мегузаштанд.

Хати фосила бояд чаҳор километр чун хати бетарафи байни сарҳадҳои «Ҷануб» ва «Шимол» риоя шавад, шарҳ дод подполковник, аммо ин шартро ҷанубиҳо ба ҷо намеоранд, онҳо хати фосиларо тангтар карда, тартиботи сарҳадиро дағалона вайрон менамоянд. Онҳо ба василаи радио, дастгоҳҳои овозпаҳнкунанда, асбобҳои дигари таблиғотӣ ва асбобҳои маълуму номаълуми радиотехникӣ таблиғоти ошкоронаи иғвогарона мебаранд ва хамаи инро чун «бозие» вонамуд мекунанд. Бингаред, гуфт бо нафрат подполковник, - онҳо сурати занаку мошинро бо чӣ ҳашамати намоишкоронае кашида рӯ ба ин тараф овехта мондаанд? Дар зери мусаввараи кабех навишта шудааст: «Ба тарафи мо гузар, туро

мошину зан интизор аст». Онҳо барои фасоди ахлоқ, тарғиби разолату фосиқӣ ва талқини бадахлоқӣ аз ҳеҷ гуна қабоҳату ҷиноят ҳазар намекунанд.

Ташвишовар он аст, ки интиҳои ин вазъияти номатлуби пурхатар маълум нест.

Тӯдаи лӯхтакҳои Кореяи Ҷанубӣ ба ҳавои доираи хӯҷаинҳои америкоии худ раксида, ба ҷои он ки ба ҳам пайвастани ватану миллатро тезонад, бо тамоми ҳастӣ чорабиниҳое мебинад, ки ин ҷудоиро абадӣ гардонад. Яке аз сиёҳкориҳо ва бадниятҳои ин тӯдаи нахс он аст, ки байни Шимолу Ҷануб ба тӯли 257 километр деворе сохтаанд, ки 6 метр иртифоъ ва 10 метр ғафсӣ дорад, – гуфт бо алам Кан Хон Сок.

Империалистони ШМА аз минбарҳо чизи дигар мегӯянду дар амал фаъолияти ғайриинсонию зиддиҳалқӣ мебаранд.

Ин сафар барои ҳайати вакилони мо аз ҳар ҷиҳат бисёр муҳим буд. Ҳам барои иҷрои вазифаи дар ӯҳда доштаамон шароит муҳайё буд, ҳам сӯҳбатҳо ва мубодилаи афкор дӯстонаю ошкоро сурат мегирифт. Инчунин тамоми чорабиниҳое, ки ба ҷашнгирии Ҳокимияти шӯравӣ марбут буд, амалӣ мегардид. Ҳатто обу ҳавои форам бо файзи махсусе моро кайфияти идонае илқо менамуд. Аз аввал то охири сафар моро дар саёҳати шаҳрҳо, водиҳою кӯҳҳо ва ҷойҳои муқаддасу тамошобоби Корея рафиқи хеле дӯстрӯ, хушсухан, ботавозӯъ ва меҳрубон Пак Гван Чхоп роҳнамоӣ мекард. Ин марди фозил на фақат аъҷубаҳои ватани худро ба мо нишон медод, балки бо камоли майл аз огоҳӣ аз таърих, урфу расм, кешу мазҳаб, манишу сиришт ва тинати халқи худ нақлу ривоятҳо меовард, вокеаҳои таърихиро баён менамуд. Вай дар хусуси ҳар макону ҳар бино ва ҳар ашёе, ки онро тамошо мекардем, чандин нақлу ривоят ва афсонаҳои халқиро оварда, барои дарки ҳувияту махсусияти он ба мо мадад мерасонд. Аз ҳама

аҷоибаш он ки ӯ ҳамаи инро хеле самимона ва фозилона иброз медошт. Дар бораи кӯҳи Ҷавоҳир Пак Гван Чхоп чунин маколҳои кореягиро овард: «Кӯҳи Ҷавоҳир (Кимгансан)-ро надида бошӣ, дар бораи зебоӣ доварӣ макун», «Ҳусни Ҷавоҳирро на бо килк тасвир кардан метавон, на бо мӯқалам», «Ҳар касе, ки кӯҳи Ҷавоҳирро надидааст, Кореяро надидааст»... Дар воқеъ ин мӯъҷизаи беназири табиат бо ҳусни дилрабои худ наметавонад, ки бинандаро моту мабҳут нагардонад. Кас наметавонад, ки аз манзараҳои дилфиреби рассоми мӯъҷизаофарини табиат хорокӯҳҳои Квиман ва Рип, қуллаи Чхонсан, шаршараҳои Курён ва Пибон, дараи Онню, кӯҳпораи Чхонсокчжон, кӯли Самир, ҳамчунин маҳсули дасти ҳунарманди инсон - маъбади Подок, ки дар асри якуми қабл аз мелод бунёд гардидааст, чашм барканад.

Шаршараи Курёнро мардуми маҳаллӣ шаршараи Нӯҳ аждаҳо мегуфтаанд. Роҳбалади мо ривояти дилангезеро нақл кард, ки аз қаъри асрҳо то ба имрӯз омада расидааст.

Кӯҳи Ҷавоҳир, гуфт Пак Гван Чхоп, ҳашт кӯл дорад, ки оби онҳо ба поён хурӯшон ҷорӣ шуда, аз шаршараи Нӯҳ аждаҳо фурӯ мерезад, ки баландии он 90 метр буда, мелаи об ба посутуни азамати нукрагин, қатароташ ба резаҳои ҷавоҳир, баргашти об аз жарфои резиш ба шири дамида ва маҷрои минбаъда ба булӯри сайёл шабоҳат дошта, алҳақ манзараи ниҳоят шоиронаеро ба назар ҷилва медиҳад. Худи ҳамин ҳолат манбаи ривоятҳост. Бино ба ривояте ин ҷо замоне ҷавондеҳқоне зиндагӣ мекардааст. Боре ӯ пуштаи азамати хору хошоке ҷамъ карда, мехостааст, ки онро ба манзили худ кашонад. Дар ҳамин асно гавазни маҷрӯҳе, ки аз пояш тир хӯрда буд, давида ба сӯи ӯ меояд. Онро сайёди ташнаи хун таъқиб мекард. Ҷавондеҳқон зуд аз асли воқеа пай бурда, гавазнро байни хору хошок пинҳон мекунад. Вақте ки сайёд

расида меояд, деҳқон ба пурсиши ӯ посух медиҳад, ки ҳеҷ гуна гавазнеро надидааст. Таъкибгари гавазн ба гуфтаи деҳқон бовар карда, роҳи ҳудро давом медиҳад. Баъди аз чашм ғоиб шудани сайёд деҳқон ба гавазн чашмакӣ мезанад, ки «хавф бартараф шуд, баро, ҳудатро ба ягон ҷойи бехатар бирасон...» Гавазн ба ивази некии ҷавондеҳқон хабар медиҳад, ки болотар аз шаршараи Нӯҳ аждаҳо дар рӯзҳои муайян ҳашт фариштa-ҳашт нозанин фуромада, дар кӯлҳо оббозӣ мекунанд. Дидбонӣ кун, кадоме аз онҳо маъқулат шавад, либосашро гирифта пинҳон соз, сипас вай парвоз карда наметавонад. Баъди ин ту ба ақди никоҳи ҳуд даровардан метавонӣ. Ҷавон аз рӯи маслиҳати гавазн ба муроду максад мерасад. Аз ин чиҳат мардум эътикод доранд, ки Кӯҳи Ҷавоҳир на фақат макони зебоист, балки кишвари муҳаббати соф низ мебошад.

Ҳамон роҳбалад Гван Чхоп ҳангоми сафару саёҳати мо дар Корея боз чунин наклу ривоят, анъанаҳои мардумӣ, латифаю тамсил, зарбулмасалу маколҳоро ҳикоя намуд. Барои вай гуворо буд, ки наклу ҳикоятҳои самимонаи ӯро мо бо шавқу мамнуният гӯш мекардем. Баъзе ҳикматҳои овардаи ӯ хеле асил ва хоси кореягиҳо буданд, мисли: «Агар обид маззаи гӯштро чашад, дар маъбад кайк ҳам нахоҳӣ ёфт», «Қаъри дарёро он вакт медонӣ, ки ғаввос бошӣ, кадри одамро вакте медонӣ, ки бо ӯ сӯҳбат кунӣ», «Агар рӯи об ифлос бошад, каъраш покиза буда наметавонад», «Се кафшдӯз аз як хирадманд оқилтаранд» ва ғайра, ки оҳанги ибратомӯз ва мантики устувори онҳоро пай бурдан душвор нест.

Дар фурудгоҳи ҳавоии Пхенян Пак вокеаи ачиберо накл кард.

Дар ҳамин ҷо тақрибан се сол пеш, гуфт ӯ, мо вакилони рӯҳониёни Эрон ва Покистонро пешвоз

мегирифтем. Муллоҳои мусулмон ҳама дар сар дасторҳои сафеди боҳашамат доштанд. Имомҳою хатибон бисёр чиддӣ менамуданд. Духтарони мо дар либосҳои ҳарир бо гулдастаҳои зебо ба истиқболи онҳо рафтанд. Гулдастаҳоро ба сӯи онҳо дароз карданд. Аммо ҳодисаи аҷоиби ғайричашмдошт рух дод. Касе аз меҳмонон гулдастаҳоро нагирифт. Баръакс, ҳама муллоҳои босалобат аз духтарон ва гулдастаҳои онҳо рӯй гардонданд.

Шумо баъди ин чӣ кор кардед?

Чӣ кор кардем? Дигар ба дасти духтарҳо гул надодем.

Минбаъд вазифаи тақдими гул ба дӯши чавонписарон вогузошта шуд. Меҳмонон дигар аз гулдастаҳо ва гултақдимкунандагон рӯй натофтанд.

Роҳбалади мо Пак ҳамеша «ҳамдиёрон» гуфта мурочиат менамуд.

Аз он сабаб ӯ моро «ҳамдиёрон» мегуфт, ки ба Тоҷикистон омада будааст, бо тоҷикону ӯзбекҳо ва русҳо мулоқот доштааст ва аз рӯи эътирофи худаш ба кишвари мо меҳр баста, онро дӯст доштааст.

Дар Пхенян бо мо кореягии асил, коргари оддӣ Мо Кан Су вохӯрд, ки ба русӣ озодона гап мезад. Дар сӯҳбату муомила хеле самимӣ, чеҳракушод ва меҳрубон буд.

Ман солҳои зиёд дар Иттифоқи Советӣ кор кардам, дар ноҳияҳои наздики сарҳади РДХК, – гуфт Мо Кан Су, – мо ҷангалҳоро бурида чӯбу тахта тайёр мекардем. На фақат ман, боз дӯстони зиёдам ҳам русиро хуб медонанд.

Оё метавонед, ки дар хусуси солҳое, ки дар СССР будед, чизе бигӯед?

Балки воқеаҳои аҷоиб ҳам дар хотиратон мондагист? – пурсидем мо.

Албатта, бо камоли майл хотираҳоямро нақл мекунам. Ману дӯстони ҳамкорам дар Шарқи Дур

ҳамроҳи одамони советӣ чангалбурӣ мекардем. Меҳнати шарикӣ, муомилаи доимӣ ва бурду бохтҳои якҷоя сабаб шуд, ки мо на фақат забони русӣ, балки урфу одат, расму анъана ва тинати онҳоро омӯзем. Охир мо ҳамроҳ кору истироҳат мекардем, якҷоя ба меҳмонӣ мерафтем. Дӯстони советӣ саъй мекарданд, ки худро ғариб ҳис накунем, хафа намонем. Онҳо моро ҳамеша ба клубҳо мебурданд, консерту кино намоиш медоданд, ба рақсҳои якҷоя даъват мекарданд.

Дар арзи як моҳ мо рақсҳои «Тангои занона», «Амвоҷи Амур», «Валси Севастопол», «Рақси Краков»-ро озодона иҷро мекардагӣ шудем.

Ҳангоме ки сухан аз ҳамкории одамони советӣ ва кореягиҳо дар ноҳияҳои назди сарҳадӣ мерафт, ба сӯҳбат аъзои ҳайати вакилони мо, гражданини СССР Геннадий Василевич Ли ҳамроҳ мешуд.

Ин дар ҳақиқат ҳамин тавр аст, – гуфт Ли, – дӯстии одамони шӯравӣ ва кореягиҳо решаҳои чуқури таърихӣ дорад. Ман аз ҷониби худ суханҳои Мо Кан Суро пурра тасдиқ менамоям. Вай ҳодисаҳои зиёдеро ба хотир овард, ки чӣ хел кореягиҳои озодфикр дар чоряки аввали асри мо аз таъқиби истилогарони японӣ гурехта, дар мавзеъҳои ҳамсарҳади Россия паноҳанда шудаанд.

Бобои Г.В. Ли, ки Тсой ном доштааст, баъди ғусли таъмид ва қабули оини масеҳӣ ба Иван Иванович Тсой мавсум гардида, дар Хабаровску Сучан (Николаевск) ба ҳаракати инқилобӣ ҳамроҳ шудааст. Он вақтҳо ҳам бисёр инқилобчиёни кореягӣ мӯътақид будаанд, ки тақдири халқи Корея ба инқилоби рус вобастааст. Онҳо аз гурӯҳи калони муҳоҷирону паноҳандагони кореягӣ отряди партизанӣ ташкил карда, ба қисмҳои ҳарбии Республикаи Шарқи Дур ҳамроҳ мешаванд. Японҳо ба ивази Тсой, ки сардори он отряд буд, пули калоне

ваъда медиҳанд, вале ӯро дастгир карда наметавонанд.

Баъди озод шудани шаҳри Сучан, ки акнун шаҳри Партизанск ном дорад, бобои ман, гуфт Г. В. Ли, дар он чо нахустин раиси Ҳукумати Советӣ буд. Вай соли 1925 аз олам гузашт... Аммо баъд, тавзеҳ дод Г. В. Ли, аниқаш соли 1937 аз чӣ сабаб бошад, ки моро ба Осиёи Миёна кӯчонданд. Эҳтимол роҳбарони онвақта ба кореягиҳо, ки дар назди сарҳад мезистанд, бовар надоштанд. Чун дусола шудам, моро ба Қазоқистон кӯчонданд... Модарам ҳанӯз ҳам азобу маҳрумиятҳо, қаҳтию касалиҳо ва сахтиҳои он солҳо, хусусан душвориҳои замони ҷангро бо сӯзу гудоз нақл мекунад. Аммо Давлати советӣ ба муҳоҷирони кореягӣ имконият дод, ки ба по хезанду қоматашонро рост бикунанд. Онҳо дар Ӯзбекистон «Политотдел» барин колхозҳои машҳур ташкил карданд. Дар оилаи ягонаи халқҳои советӣ кореягиҳо низ Ватани худро ёфта, чун гражданинҳои комил ба меҳнат, маълумоту маърифат ва истироҳат ҳуқуқ пайдо карданд. Аз байни кореягиҳо бисёр олимони машҳур, духтурон, ташкилотчиёни истеҳсолоти саноатию аграрӣ ба воя расиданд. Аз рӯйи нақли Г. В. Ли маълум шуд, ки падари ӯро соли 1947 ҳамчун одами босаводи донандаи забони русӣ бо оилааш ба Москва барои кори доимӣ даъват кардаанд. Вай бо супориши Ҳукумат ба нашри адабиёт барои Кореяи озод машғул мешавад. Худи Геннадий Василевич бошад Университети давлатии ба номи М.В.Ломоносовро бомуваффақият хатм намуда, чун як рӯзноманигори варзидаи кореяшинос ба камол мерасад ва инак вазифаи муҳаррири маҷаллаи «Библиограф» ро бар ӯҳда дорад. Ӯ дар ҳамаи сӯҳбатҳо бо муҳаббати бепоён ва ифтихор роҷеъ ба кишвари Советҳо, табиати интернатсионалистии СССР, ки дар он бо ибораи устоди равоншод Турсунзода ҳама «шӯълаи офтоби

як саҳарем» ва ин офтоб аз саҳари Октябр тулӯъ кардааст, сухан мегуфт. Дарвоқеъ ҳам Г.В.Ли ҳақиқати маҳзро иброз медошт.

Дар Тоҷикистон низ бародарону хоҳарони кореягии зиёде чун аъзоёни баробарҳуқуқи як оила зиндагӣ ва меҳнат мекунанд. Онҳоро дар ҳайати органҳои роҳбарикунанда, муассисаҳои илму фарҳанг, мактабҳои олӣ, идораҳои суду прокуратура, маъмурияти колхозу совхозҳо, корхонаҳои саноатӣ ва бемористонҳо дидан мумкин аст. Дар бораи меҳнатдӯстӣ ва муҳаббати деҳқони кореягӣ ба замин ҷойи бахс ҳам нест.

Роҳбаладони мо Пак Чхоп, Ми Кёнг ва Ми Сук сайъ карданд, ки ҷойҳои асосии диданию шоёни таваччӯҳи пойтахти РДХК Пхенянро ба мо нишон диҳанд.

Пхенян, гуфт бонуи малеҳчеҳра Ми Кёнг, маънои замини пахноварро дорад ва аз қадимулайём ин сарзамин чун кишвари табиатан зебо маълум аст. Дарёи дилрабои Тедон, силмилаи кӯҳҳои сабзу хуррами атрофии он, ки манзараҳои нотакрори назарраборо доранд, ба он ҳусни хос мебахшанд. Дар солҳои ҳокимияти халқӣ Пхенян гӯё аз нав бунёд гардида, нашъунамо ёфт ва ободу зебо шуд, ҳол он ки ин шаҳри бостонӣ таърихи беш аз духазорсола дорад. Аксари ёдгориҳои қадимии онро мақбараҳо, деворҳои гилин ва маъбадҳое ташкил мекунанд, ки борҳо аз тарафи истилогарон ба хок яксон шудаанд. Пхенян яке аз марказҳои машҳури давлати муқтадири қадимии Чосон буд...

Ми Кёнг рочеъ ба шоири замонҳои қадим Ким Хван ривоятеро нақл кард, ки аз очизии қаламаш дар тасвири ҳусни бемисоли ҳавзаи Пхенян ба танг омада, онро шикастааст. Вале дар ҳофиза ва хотираи халқ сатрҳои нотамоми ӯ боқӣ мондааст:

Зери қасри бошукӯҳи ҷовидон,
Лочавардӣ об мавҷе мезанад.
Офтоби бомдодӣ ҳар замон,
Бар сарири кӯҳ фавҷе мезанад.
Медурахшад обу санги нилфом,
Нур мерезад ба волӣ субҳу шом...

Ҳангоми тамошои атрофу акнофи Пхенян мо пай бурдем, ки кореягиҳо, хоса аҳолии РДХК шаҳри худро беандоза дӯст медоранд, бо гузашта ва имрӯзи он ифтихор доранд. Ҳанггоми зиёрати қасрҳои Пхенян Тесонсан, оромгоҳи инқилобчиён дар Тесонсан, ҳайкали Озодӣ ва дигар ёдгориҳо ин боварии мо дучанд гардид. Махсусан, зиёрати ду мавзеи мукаддаси охирин ба мо таассуроти амиқ гузошт.

Мо дар кӯҳи Тесонсан бо андеша ва эҳсосот 110 ҳайкали биринҷии ватандӯстони ҷасуру қаҳрамони кореягиро зиёрат кардем, ки онҳо дар муборизаи маргбори зидди истилогарони японӣ ва ҷангҷӯёни америкоӣ қурбон шуда, дар қабристони домони кӯхи Тесонсан мадфун гардидаанд. Ин қабристони инқилобчиёни шаҳид соли 1945 ташкил шуда, дар вурудгоҳи он мувофиқи суннати меъмории халқӣ дарвозаи мӯҳташаме бунёд гардидааст. Ин қабристон, ки зери парчами рамзӣ ва мармари сурх дар бағали кӯҳ насб шудааст, ҷой гирифта, дар ҳақиқат ҳам зиёратгоҳи аҳолии Пхенян буда, ҳамеша ғарқи гул аст, зеро зоириши бешумор дар пояи ҳайкалҳо пайи ҳам гулҳои тару тоза мегузоранд.

Дар канори Пхенян дар баландии кӯхи Моранбон ҳайкали боҳашамати Озодӣ қад афрохтааст, онро мизбонони кореягӣ бо ифтихори махсус ба мо нишон доданд. Мо аз тамошои он шавқу фараҳмандии тамоме ёфтем. Дар дили санги хоро чунин суханҳо ҳаккокӣ шудаанд: «Халқи бузурги советӣ

империалистони япониро торумор карда, халқи Кореяро озод намуд. Бо хуне, ки ҷанговарони советӣ хангоми озод кардани Корея рехтанд, торҳои дӯстии байни халқҳои Корея ва советӣ боз ҳам мустаҳкамтар шуд. Ба рамзи миннатдории умумихалқӣ ин ёдгорӣ устувор гардид. 15 августи соли 1945».

Рочеъ ба қаҳрамонии беназир ва ҷасорати сарбозони советӣ суханони зиёде гуфта шудааст. Вале ҳангоми зиёрати ин ҳайкали мукаддас дӯсти мо Пак Гван Чхол боз як лаҳзаи аҷоиберо нақл намуд:

1 марти соли 1946 буд. Ҳангоми намоишхои тантанавии халқ хиёнаткоре ба тарафи минбар, ки роҳбарони ҳокимияти халқӣ меистоданд, граната партофт. Сонияе нагузашта ҷанговари советӣ лейтенанти хурд Я. Т. Новиченко бо пайкари худ ҳадафи граната шуда, чун сипар моро муҳофизат кард ва худаш... Магар инро фаромӯш кардан мумкин аст? гуфт бо ҳаячон ӯ.

Ин хел қабристонҳои бародарӣ ва ҳайкалҳои ёдгорие, ки ба шарафи аскарони советӣ бунёд гардидаанд, на фақат дар Корея, балки дар мамлакатҳои дигар низ бисёранд, гуфтем мо ба дӯстони кореягии худ, он сарбозоне, ки дар роҳи озодии халқҳои дигар ҷони худро дареғ надошта, фидокорона қурбон шудаанд, имрӯз ҳам ба мукобили ҷанг муборизa мебаранд. Ҳар яке аз чунин қабри бародарӣ ва ҳайкали ёдгорӣ одамонро огоҳ мекунад, ки ҳушёр бошанд, то фоҷиаи ҷангҳо ва истилоҳои собиқ такрор нашавад...

Пхенянро аз баландии манораи Чунхан бехтар ба мушоҳида гирифтан қулайтар аст, гуфтанд дӯстони кореягӣ.

Ба дурустии ин даъво мо вакте бовар ҳосил кардем, ки аз он баландии 150 метраи илҳомбахш шаҳрро назора кардем. Пак Гван Чхол ба нақли худ давом дод:

Шумо манзараи зебои дарёро мебинед, қисми марказии шаҳри Пхенян ҳамин аст, ин тарафаш ноҳияи шаркии он.

Азбаски ҳаво софу беғубор буд, аз он баландӣ тарҳи кӯчаю хиёбонҳо ва гулгашти майдонҳое, ки ҳусни дилрабою нотакрор доштанд, бинандаро ба шигифт меоварданд. Хусусан хиёбони Чхолим, кӯчаҳои Пин, Чхангван, ансамбли меъмории Театри бадеии Мансуде, Кохи таълими халқ, Қасри халқии маданият, Қасри спортии Пхенян, комплекси шиноварии Чхангвангон, Қасри мактабиёни Пхенян хеле зебо менамуданд. Аз ҳамон баландӣ манзараҳои дилрабо ва нотакрори шаҳр, боғи истироҳати Моранбан, шаҳрчаҳои атраксионии Мангендэ ва Тэсонсан, стадиони ба номи Ким Ир Сен, Қасри спортии Пхенян, ғеҷакҳои Рӯпӯшида, сирк, меҳмонмароҳо ва амсоли ин дидаҳо бинандаро навозиш мекарданд.

Мизбонон бо ифтихори арзанда ва бурҳонҳои возеҳ ҳикоят мекарданд, ки Пхенян дар муддати кӯтоҳи таърихӣ, ба туфайли ҳокимияти халқӣ аз шаҳри валангори чиркини савдогарону ҳаннотони собиқ, ки дар он муассаҳою дӯконҳои японӣ аз ҳама бештар буд, ба шаҳри озодаи ҳозиразамон, ба пойтахти давлати мустақил, ки соҳиби иқтисодиёту илм ва маданияти мутараққии ҳозиразамон аст, табдил гардидааст.

Пхенян комилан аз нав бунёд гардид. Ҳаман иморатҳои назаррасе, ки бинандаро мафтун мекунанд, дар солҳои ҳокимияти халқӣ эъмор шудаанд. Дар ҳамин давар Пхенян ба шаҳри саноатӣ табдил ёфт, дар ин ҷо соҳаҳои мошинсозӣ ва риштаҳои дигари саноат ба вуҷуд омаданд, илму фарҳанги шаҳр тараққӣ кард.

Ба мо муяссар шуд, ки на танҳо аз баландии мазкур инро мушоҳида намоем, балки ҳангоми

мустақиман дидани иншооти гуногун, шиносоӣ бо кору бори коллективҳои онҳо ва сӯҳбатҳо бо истеҳсолкунандагон худ онро ба таҳқиқ гирифта, ба ҳақиқати гуфтаҳои роҳбаладон итминони комил ҳосил намоем. Ин ҷо мехоҳам, ки баъзе мушоҳида ва хулосаҳои худро иброз дорам.

Нахустин иншооте, ки мо аз «замин» онро дидем, Кохи таълими халқ буд. Он ҳамагӣ дар муддати як солу нӯҳ моҳ бунёд ёфта, моҳи апрели соли 1982 ба истифода дода шудааст. Он дар соҳили рӯди Тэдан, дар рӯбарӯи муҷассамаи ёдгории ғояҳо Чучха бунёд гардидааст. Тарҳи меъмории ин кох фавқулодда ҳайратовар буда, паррандаи азимеро ба хотир меорад, ки болҳои худро кушода ба сӯи осмон омодаи парвоз аст. Посутунҳои мӯҳташами он аз мармари шаффофи сафед тарошида шудаанд. Онҳо эҳсосоти махсуси эстетикӣ илқо мекунанд. Масоҳати судманди ин кохи мӯъҷизавӣ зиёдтар аз 100 ҳазор метри мураббаъ буда, имконият дорад, ки рӯзе 12 ҳазор хонандаро қабул намояд. Он ба 30 миллион нусха китоб ғунҷоиш дорад. Дар ин кох барои муҳофизату ба хизмати хонанда гузоштани китоб тамоми шароитҳо муҳайёст. Кохи мазкур толорҳои қироат, утоқҳои таълимӣ, ҳуҷраҳои сабти овоз, хонаҳои махсус барои мубоҳисаю корҳои илмӣ, маслиҳату машварат ва иттилоот дорад, ки бо тачҳизоти навтарини техникӣ ҷиҳозонида шудаанд. Даҳҳо маслиҳатчиёну мушовирон ва мададгорон барои кӯмак расондан ба ҳоҷатмандони соҳаи маърифат тайёранд. Ҷамъи утоқҳое, ки барои шавқмандон пешбинӣ шудааст, бештар аз 600 адад мебошад. Аз ҳама муҳимаш он ки дар ин ҷо хонандаҳо метавонанд китобу нашрияи даркориашонро зуд пайдо кунанд, ҳар вақте хоҳанд, овознавиштаҳои магнитофониро шунаванд, кинокадрҳою ахбори телевизиониро тамошо кунанд.

Фаъолияти иншооти дигари ба ҳамин монанди халқӣ – Қасри халқии маданият низ барои қонеъ гардонидани ниёзи маънавӣ ва эҳтиёҷоти мадании меҳнаткашон нигаронда шудааст. Ин қаср ҳам қисмати рӯизаминӣ дорад ва ҳам бахши тагизаминӣ. Масоҳати судманди он 60 ҳазор метри мураббаъ аст. Дар ин ҷо бештар аз 500 ҳуҷраю утоқҳои хурду калон ва толору маҷлисгоҳҳо ба хизмати мардум омода буда, дар онҳо на фақат маҷлису чорабиниҳои мухталифи маданӣ-эстетикӣ гузаронда мешаванд, балки хоҳишмандон метавонанд, ки дар он ҷо бо ҳам маслиҳату машварат кунанд, мулоқот ороянд, истироҳат намоянд. Гуфтушуниди мо бо рафиқ Ли Бон Су, ки роҷеъ ба он андак баъдтар таваққуф хоҳам кард, низ дар ҳамин ҷо баргузор гардид.

Эътироф кардан лозим аст, ки тамоми иншооти маданию маърифатии Пхенян хеле мӯҳташам буда, якчанд ҳазор хоҳишмандонро пазируфта метавонад. Масалан, толору тамошогоҳҳои театри калони Пхенян якбора метавонанд, ки 2200 хоҳишмандонро ҷой диҳанд. Хонаи маданияти «8 феврал» 6000 ҷойи нишаст дорад, фақат саҳнаи чархзанандаи театри бадеии Мансудэ 2000 метри мураббаъро фаро мегирад. Қасри анҷуманҳои Мансудэ, фақат толори асосии маҷлисгоҳаш шомили 2000 курсии нишаст аст. Қасри мактабиёни Пхенянро намегӯед? Ин қаср низ бинандаро бо азамат ва тарҳи хоси меъмории худ ба ҳайрат наоварда наметавонад. Дар бештар аз 500 ҳуҷра ва 200 кабинети гуногуни он метавонанд, ки якбора бештар аз 10 ҳазор нафар писарону духтарон ба машғулият фаро гирифта шаванд. Дар он ҷо машғулият аз рӯи тамоми фанҳои таълимӣ – адабиёт, забон, физкултура, спорт, саноат, зироат ва риштаҳои дигари улуми ҷамъиятӣ ва табиӣ гузаронда мешавад. Дар ин қаср театри бачагона мавҷуд аст, ки 1100 ҷойи нишаст дорад, дар он аудиторияҳои гуногуни мусиқӣ,

устохонаҳои мухталифи ҳунарҳои нафиса ва толорҳои ҳарҳелаи варзиш амал мекунанд. Дар яке аз ҳуҷраҳои ин қасри азим кореядухтари мактабхони сиёҳчашми чозибчеҳра, ки Ким Сун Ен ном дошт, чун донист, ки мо аз Иттифоқи Советӣ ҳастем, бо ишора моро нигоҳ дошт ва фавран бо ҳарфҳои калон-калони зебои чопӣ дар вараки сафеде навишт: «Зинда бод дӯстии байни халқҳои РДХК ва СССР». Ӯ аз ҷои худ барҳоста ин тӯҳфаи арзандаро ба мо бахшид. Мо онро бо чанбара оро дода, барои наслҳои оянда ба ёдгор гузоштем.

Дар ин қаср беш аз ҳама моро худи бачаҳо мафтун намуданд. Онҳо бо саъю кӯшиши зиёд ва ҷидду ҷаҳд ба фаро гирифтани соҳаҳои гуногуни донишу ҳунар машғул буданд, дар рафтору кирдори онҳо намоишкорӣ ва ҳунарнамоие мушоҳида намешуд, бо камоли майл, табассуми латиф ва самимият бо мо мулоқот мекарданд. Консерти яксоатае, ки онҳо ба хотири вакилони советӣ доданд, гӯё дар лаҳзае гузашт, зеро он бо камоли завқ, шавқовар, дилангез шуд ва мазмуни баланди интернатсионалӣ дошта, дӯстии байни халқҳои моро тараннум намуд. Инчунин бо унсурҳои хоси маданияти бадеии халқи соҳибистеъдоди Корея оро ёфта буд.

Дидани мактаби миёнаи духтаронаи Пхенян низ ба мо таассуроти гуворо гузошт. Худи духтарон моро аз даст гирифта ба синфхонаҳо мебурданд, ҳуҷраҳои гуногунеро нишон медоданд, ки дар онҳо машғулиятҳои физика, ҷуғрофия, равсмкашию нақшакашӣ, дарси меҳнат, машқи мусиқӣ ва ғайра гузаронда мешаванд. Сипас директори ин мактаб рафиқ Ким Ман Зуб бо даъвати худи духтарон моро ба маҷлисгоҳи начандон калоне бурд, ки он ҷо толибаҳо консерти ҳаяҷонбахше намоиш доданд. Ташаббускорони консерт ба барномаи он таронаи «Шомгоҳони канорҳои Москва»-и Соловёв-Седой,

дигар сурудҳои советӣ, оҳангу нақшҳои шӯхи халқии русӣ, аз қабили «Калинка», «Коробейники», ҳамчунин раксҳоро дохил карда буданд. Ин ҳолат бидуни ихтиёр ва ғайричашмдошт моро ба иҷрокунандагони ин навъ раксу сурудҳо шарик гардонд. Дар ин ҷо ва бисёр муассисаҳои дигар ба хотири истиқболи гарму ҷӯшон, меҳрубонӣ ва самимияти мизбонон мо ба онҳо тӯҳфаҳои ёдгорие медодем, ки аз албомҳои суратдоре иборат буданд, ки зиндагӣ ва фаъолияти В.И.Ленинро инъикос мекарданд, буклетҳое буданд, ки дар бораи Тоҷикистону республикаҳои дигари бародарӣ ҳикоя менамуданд.

Ҳайати вакилони мо аз тамошои сирки Пхенян, ки дар сохили рӯди ороми Потхон сохта шудааст, бо як ҷаҳон таассуроти гуворо баргаштанд. Ба мо гуфтанд, ки масоҳати сирк зиёда за 5 гектар буда, тамошогоҳаш 1800 ҷойи нишаст ва толори калоне барои машқу тамрин дорад. Диққати бинандаро на фақат ансамбли зебои хоси иморати сирк, гунбази оличаноби сабз, 72 посутуни хушнамуд ва нақшу нигори деворҳои он, балки пеш аз ҳама ҳунари ҷаззоб, чолокӣ, маҳорат ва сабки нотакрори артистон ба худ ҷалб менамояд. Барои ман бо сухан тасвир кардани «Ҷаҳиданҳои зери гунбаз», «Бо силиндрҳо ғеҷидан» барин нумурҳо бисёр душвор аст. Онҳоро фақат дида тасаввур кардан мумкин аст. Рочеъ ба маҳорати ҳунарпеша Ким Сен Хи, ки парвози акробатӣ мекунад, истеъдоди сеҳргар – артисти шоистаи РДХК Ким Чюл ва ҳунари бисёр санъаткорони дигари сирки Пхенян бе ҳисси эҳтирос, таҳсину офарин ва изҳори ташаккуру мамнуният наметавон сухан ронд.

Вокеан, маҳорати баланди санъаткорони РДХК на фақат дар сирк мушоҳида мешавад. Ҳунару истеъдоди халқи Кореяро дар навъҳои дигари маданияти бадеии ин мардуми соҳибзавқ дидан

мумкин аст. Ҳангоми тамошои барномаи рангини ансамбли занонаи Мансуд, дастаҳои хореографию раксӣ, кинофилмҳои «Ситораи Корея», «Суруди муҳаббат», «Фармони 0,27», «Гуфтор андар васфи Чхун Хан», ҳамчунин мусаввараҳои ба маърази тамошо гузоштаи Нигористони шаҳри Пхенян, ки он чо беҳтарин намунаҳои маданияти бадеии халқи Корея ҷамъ оварда шудааст, кас мехоҳад, ки ба эҷодкорону офарандагони онҳо аз таҳти дил таҳсин гӯяд. Хусусан намунаҳои ҳунари тасвирие, ки дар нигористон мавҷуданд, касро бо он ҷиҳати хос мафтун мекунанд, ки дар тӯли асрҳо анъана, равиши хос, мактабҳои рассомӣ, тарзи муайяни мувофиқи мутазод истифода бурдани рангҳои сарду гарм, рамзу атрибутҳои доимӣ, суннатҳои жанрӣ барои тасвирҳои манзаравӣ, маишӣ ва хаёлӣ олами нотакрори муназзами пиндори зебописандӣ ва ҷаҳонфаҳмии халкро ба вуҷуд овардаанд. Аз ҷумла, мусаввараҳои «Аждаҳо» (асри XV), «Гурбачаю сагча» (XVI), «Манзараи рӯзгори деҳқон», «Пӯсти паланг», «Коҷ ва укоб», «Каппае дар тобистон дар бағали кӯҳ» (асри XVIII) ва ғайра фармӯшношуданианд.

Дар ин нигористон санъати тасвирии муосири кореягӣ мақоми шоистаро ишғол менамояд. Аз ҷумла, мусаввараҳои «Партизандухтарони дӯзанда», «Занони деҳаи Намган», «Дарахти моҳи май», сӯзании «Парӣ» ва амсоли инҳо чун намунаҳои аълои ҳунари тасвирӣ тамошобинро бо зиндагӣ, лавҳаҳои таърихӣ, маишат ва тахайюли бадеии халқи бародарии Корея ошно менамоянд. Аслан ба кадом иншооти мадании Пхенян ворид шавед ва ё иморати онро аз берун нигаред, аз табъи солим ва завқи баланди дӯстони ҳуд огоҳ мегардед. Ҳини тамошои раги шарёни зеризаминии пойтахти РДХК, метрои Пхенян низ ба ин итминон пайдо менамоед. Дар истгоҳи «Бухи» бидуни ихтиёр диққати шуморо паннои секабатаи азими зери гунбаз

ба худ ҷалб месозад. Дар он ҷо бо забону василаҳои санъати тасвирӣ се омили инкишофи ҷамъият сабт шудааст: ғоя, техника, маданият. Аз рӯйи тавваччӯҳи худи мизбонҳо ин се болест, ки Корея ва ҷомеаи кунунии онро ба парвоз меоварад.

Аз нақлҳои болоии мо ба хонандаи мӯҳтарам ақидае пайдо нашавад, ки дар РДХК гӯё ҳама мушиклиҳои зиндагӣ осон шудаанду он ҷо фаровонист. Ба мо гуфтанд, ки даромади миёнаи ҳармоҳаи коргари кореягӣ 60 66 сӯми советиро ташкил мекунад, ки ин ҳамаи эҳтиёҷҳоро раво намекунад. Ҳанӯз ҳам услуби аз речаи норма ба аҳолӣ тақсим намудани озуқаворӣ ҷой дорад ва кай барҳам мехӯрад, маълум нест. Тарзи рӯзгузаронии коркуни оддии кореягиро чунин шарҳ доданд: дар як шабонарӯз ҳашт соат кор мекунад, ҳашт соат меомӯзад, мехонад ва ҳашт соат истироҳат мекунад. Услуби либоспӯшӣ ва таомпазиву таомхӯриашон низ хеле хоксорона аст.

Чунон ки дар боло ишора рафт, сафари ҳайати вакилони мо ба РДХК бо иди саиди 70-умин солгарди Ҳокимияти шӯравӣ иртибот дошт. Дар арафаи ид Госкомиздати СССР ҳайати вакилонро ташкил намуд ва нависандаи ин сатрҳоро роҳбари он таъин кард. Вазифаи мо ташкили намоиши китобҳои советӣ буд.

Намоишгоҳи мазкур дар Пхенян 29 октябри соли 1987 дар вазъияти тантанавӣ ифтитоҳ шуд. Дар он китобҳо, албомҳо, плакатҳо ва маҳсулоти зиёди дигари чопие гузошта шуда буданд, ки аз маҳсусияти бунёди ҷомеаи нав дар мамлакати мо, набарди пурталоши халқи советӣ барои ҳаёти нав, роҷеъ ба индустриализатсияю саноатӣ кунонидани кишвар, коллективонидани деҳот, амалӣ гардондани инқилоби маданӣ, мардонагии бемисл, фидокорӣ ва қаҳрамонии одамони советӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз баркарор намудани хоҷагии халқ дар солҳои ҷанг,

зисту кору бор ва орзую омоли имрӯзаи халқи советӣ нақл мекарданд. Ҳамчунин дар намоишгоҳ китобҳои Тоҷикистони Советӣ гузошта шуда буданд. Аз ҷумла албоми мусаввари «Тоҷикистони Советӣ», «Қомуси насри форсу тоҷик», маҷмӯаҳои ашъори Рӯдакию Хайём ва ғайра.

Санъати тасвирӣ ба василаи осори махфузаи музеи тасвирии ба номи А.С.Пушкин, маҷмӯаҳои оличаноби Эрмитаж, мусаввараҳои дилангези Нигористони Третяков, китобхое, ки ба шаҳрҳои қадимӣ Ярославл, Киев, Новгород бахшида шудаанд, нашрияҳои мунъакисаи «Репин», «Тропинин», «Федотов», «Брюллов» ва «Ҷавоҳироти Шарқ» намоиш дода шуданд.

Бахши калони ин намоишро адабиёти бадеии бисёрмиллати советӣ офаридаҳои А.М.Горкий, В.В.Маяковский, А.А.Фадеев, М.А.Шолохов, намунаҳои беҳтарини адабиёти бадеии халқҳои украин, белорус, қазоқ, гурҷӣ, озарбойҷон, халқҳои канори Балтика, мардумони Осиёи Миёна, халқиятҳои Шимолу Шарқи Дур ташкил мекард.

Махсусан ба он ҷиҳати намоиш диққат дода шуд, ки он зиндагии имрӯз ва омоли ҷории халқи советиро бо тамоми бурду бохтҳо, муваффақияту карахтиҳо, хулласи калом бо тамоми ҳақиқаташ равшан месохт. Мақсад ин буд, ки тамошобинон аз рӯйдодҳои имрӯзаи мамлакати мо маълумоту маърифати каноатбахш пайдо намоянд.

Ифтитоҳу кори ин намоиш, мулоқотҳои ҳайати вакилони мо дар як қатор донишкадаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳо ба намоишҳои ҳақиқии дӯстии байни халқҳои советӣ ва кореӣ табдил ёфт. Масалан, ҳангоми дар толори васеи қасри мӯҳташами Хонаи халқии таълим кушода шудани намоиши китобҳои мо, ки ниҳоят серодам буд, дӯстони кореягии мо, аз ҷумла ҷонишини раиси комитети дӯстӣ ва робитаҳои

маданӣ бо мамлакатҳои хориҷии РДХК Ли Хён Сик, ҷонишини раиси ҷамъияти дӯстии кореягию советӣ рафиқ Ким Юн Гил рочеъ ба дӯстии анъанавии собиқадор ва хамкории халқҳои мо, саҳми ҳалкунандаи лашкари советӣ дар озод кардани халқ сухан ронданд.

КИШВАРИ АФСОНАВӢ

Маро сафаре дар пеш аст... Ба Вахш не, ба Кӯлоб не, ба Бадахшону Зарафшон ҳам не, ба Африқо... Ба қитъае, ки онро ягон аҷдоду бобою бобокалонам дар хоби шабаш ҳам надидааст. Чил-панҷоҳ сол муқаддам барои ман барин фарзанди як камбағали кӯҳистонӣ ба ягон шаҳри наздик, ақалан ба Самарқанд сафар кардан вокеаи калон ба шумор мерафт. Ёд дорам, тағоям Хурсандмурод барои аз кишлоқамон Кулолӣ то ба Панҷакент рафта бозорӣ кардан пешакӣ се рӯз тараддуд медид. Мӯкиҳояшро паллагӣ мезад, либосҳояшро дарбеҳ мекунонд, хари ҳамсояро киро мекард... акнун ман, чияни ӯ, қодир ҳастам, ки ба кишварҳои дурдасти дунё сафар кунам...

Дар ҳамин як вокеаи дар назари аввал хеле оддӣ ман табаддулоти бузургеро дар қисмати худам ва халқи точик мебинам. Дар замони мо, ба мамлакатҳои гуногун тез-тез сафар кардан, аз аҳволи якдигар хабардор шудан, бо таҷрибаи зисту зиндагии онҳо шинос шудан, дар ҳалли масъалаҳои зиндагӣ ҳамфикр шудан яке аз чиҳатҳои меъёри зиндагии асри мо гардидааст, зеро асри бист дар назди башарият проблемаҳои бузургтарини прогресси таърихиро гузоштааст, ки бархам додани системаи мустамликадорӣ, қонунҳои нажодпарастӣ ва таъмини озодии миллӣ ва амсоли инҳо аз он проблемаҳои муҳимтарин мебошанд. Ин мақсади олии таърихиро халқҳо чудо-чудою бе мадади якдигар ба даст оварда наметавонистанд. Ана дар заминаи ҳамин мақсад солҳои 50-60-уми асри мо дар мамлакатҳои Осиёву Африқо як ҷараёни бонуфузи байналхалқӣ бо номи ҳаракати якдилии халқҳои Осиё ва Африқо тавлид ёфт ва қомат афрохт, ки дар пайдоиш ва камолу

рушди он хизмати басе арзандаи Ҷ.Нехру, Ҷ.Абдуносир, Кваме Нкрума, П.Лумумба ва дигарон ба аҳли олам маълум аст. Ин ҳаракат дар Тоҷикистони мо низ бо саъю кӯшиш ва ғайрати фарзандони сазовори халқамон М.Турсунзода ва Б.Ғафуров вусъати сазовор пайдо кард. Ҷолиби қайд аст, ки М.Турсунзода зиёда аз 20 сол ба Комитети Советии якдилии халқҳои Осиё ва Африқо сарварӣ мекард. Ҳамин ҳаракат маро низ ба ҷараёни худ кашида, борҳо ба кишварҳои дуру наздик бурдааст. Инак, ба Африқо низ бори дуюм аст, ки бо супориши ҳамин комитет ба сифати сардори ҳайати вакилони советӣ сафар кардам. Дафъаи аввал соли 1973 ба Республикаи Малӣ рафта будам, бори дуюм соли 1984 ба Республикаи Бенин. Таассуроти ҳамин сафари дуюмам маро водошт, ки хомаро ба даст гирифта, баъзе мулоҳизаю мушоҳидаҳоямро рӯи коғаз орам.

Бешубҳа ҳар як сафар касро ба хаёлот мебарад ва ба ҳаяҷон меандозад. Гарчанде пеш аз ин сафарҳои зиёде карда, қитъаҳои Аврупо, Африқо ва Осиёро дидаам, ин сафар бароям хеле асорангез ва шавқовар менамуд. Хаёлам ба ҳар тараф парвоз мекард. Охир ман ба қитъае меравам, ки дар ҳақиқат афсонавист. Магар ҳайратовар нест, ки мардумони он кишварҳо барфро фақат дар экрани кинофилмҳо мебинанд ва дар бораи зимистон тасаввуроти казоӣ надоранд. Худи хати роҳ то ба Бенину Малӣ инсонро бе ҳаяҷон намегузорад. Мо се нафар аъзоёни ҳайати вакилони Комитети Советии якдилии халқҳои Осиё ва Африқо – ман ва рафиқон Корагансев В.А. – журналисти маъруф, мудири шӯъбаи ТАСС, Косухин Н.Д. – доктори илм, корманди Институти Африқои АФ СССР соати 01 шаби 26-уми июни соли 1984 аз аэродроми байналхалқии Шереметевои Москва роҳи осмониро пеш гирифтем. Ҳавопаймои ТУ-154 дар як лаҳза аллакай аз хоки Украинаи шӯравӣ берун шуд.

Як вақт ходимадухтар Галина Ивановна эълон кард, ки ҳоло киштии ҳавоии мо дар болои шаҳри зебои Палермои Италия мебошад. Баҳри Миёназамин, мамлакатҳои Тунис, Ливия, Саҳрои Кабир, Нигер, Гвинеяи Экваториалӣ паси ҳам зери боли мурғи фӯлодини мо мемонданд. Истгоҳи охирини мо фурудгоҳи шаҳри Котонуи Бенин буд.

Мо як шабу як рӯз парвоз кардем, то ки ба нуқтаи охирин бирасем. Ҳавопаймои мо дар роҳ барои фуровардани мусофирон ва пур кардани сӯзишворӣ ба аэродромҳои муқаррарӣ мефуромад. Истгоҳи аввалини мо дар хорича шаҳри Триполи пойтахти Ливия буд. Он ҷо мо нимишабӣ фуруд омадем. Баробари аз самолёт фуруд омадан боди гарме, ки гӯё аз танӯр мебаромада бошад, аз ҷониби Саҳрои Кабир ба димоғамон зад. Гарчанде шабона буд, гармии ҳаво 43 дараҷа будааст, аммо аэропорти байналхалқӣ бо ҷӯшу хурӯш кор мекард. Мусофирони зиёде дар интизори навбаташон барои паридан буданд. Ҳам дар рафт, ҳам дар бозгашт дар ҳамин аэропорт як чиз ба назар мерасид, ки арабҳои зиёде дар тараддуди сафари ҳаҷ буданд, аммо барои сари вақт бурдани онҳо тайёра намерасид. Мардуми рӯҳонӣ, ки ба ин сафар эътиқоди махсус доштанд, бо сабру токати зиёде ба умеди он ки сафар онҳоро аз қисмати ночорию нодорӣ ва аз норасоиҳои рӯзгор шояд начот диҳад, рӯз мепоиданд ва дар интизори ҳавопаймо буданд.

Аз Триполи, ки хестем, роҳи мо аз болои Саҳрои Кабир мегузашт. Аз хусуси ин дашт ва асрори сеҳрноки табиати он сайёҳон нақлҳои зиёде карданд ва ман чизе ба он илова карданӣ нестам. Фақат ҳамин қадарашро қайд карданиам, ки агар як бор назари Шумо ба ин дашти мавҷу алангадор афтад, онро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунед. Яке аз ҳароҳонамон дар самолёт Антанас ном як геолог, ки марди хушчақчаке

буд, диққати моро ба амалиёти «регбозии» тамоми Саҳрои Кабир ҷалб намуд. Ӯ ба ман гуфт: «Ба он теппаи баланд нигоҳ кунед, бисёр чизро мефаҳмед». Дар ҳақиқат дар пеши назарамон воқеаи аҷибе рӯй дод... Дар як муддати кӯтоҳ, дар як он, аз он кӯҳчаи баланд ҳеҷ чизе боқӣ намонд, боди зилзилаовари Саҳрои Кабир он баландиро ба ҷои дигар кӯчонд ва ҷояшро ҳамвор кард. Ҳамин тавр, тамоми он дашти беканор ба монанди он, ки сагҳо дар боғот давутозу бозӣ мекунанд, бо рег бозӣ мекард, дар ҳар дақиқа кӯҳ месохт, кӯҳ ҳамвор мекард.

Гаштҳои пешин «аспи» ҳавоӣ моро ба маркази штати Канои Республикаи Федеративии Нигерия, шаҳри Кано фуровард. Вакили аэрофлот моро истиқбол намуд ва дар вақти дамгирӣ ба мо аз хусусиятҳои ин мамлакат нақли кӯтоҳе кард: Штати Кано, ки тақрибан 7 миллион аҳолӣ дорад, яке аз 19 штати Республики Федеративии Нигерия буда, худи шаҳри Кано қариб 400 000 аҳолӣ дорад. Кано шаҳрест, ки хатҳои рохи оҳанро ба ҳам мепайвандад, аэропорти байналхалқӣ дорад, маркази илму ҳунар ва саноат аст. То асри XIX он шаҳр пойтахти давлати халқи Хауса будааст.

Аз Кано мо ба шаҳри Малобо – маркази Гвинеяи Экваториалӣ раҳсипор шудем ва баъд аз ду соат ба он ҷо фуруд омадем. Ин ҷо ба назарамон манзараҳои бешазорҳои типи тропикии африқоӣ паҳн гардиданд, атроф ҳама ҷой кабуд, кӯҳу дарахтони қоматбаланд падидор буданд. Дар байни издиҳом аъзои вакилони мо Н.Д.Косухин, сафири Иттифоқи Советӣ Б.А.Красиковро шинохт, ки ӯ моро хеле самимона пазироӣ кард ва зиёфати хубе дод. Красиков собиқ котиби Комитети вилояти Андиҷони РСС Ӯзбекистон будааст. Вай гуфт, ки якумин шахсе, ки аз СССР дар ин ҷо сафир шудааст, фарзанди халқи тоҷик марҳум Расулов Ҷаббор Расулович буд. Маълум шуд, ки ӯ

Ҷ.Р.Расуловро хуб медонистааст. Бинобар ҳамин ӯро ба хуби ёдоварӣ кард. Сафири советӣ аз қисмати мардуми он кишвар, сиёсати тороҷгаронаи мустамликадорони испанӣ ба ҳозирон нақли муфиде кард.

Республикаи Гвинея Экваториалӣ кишвари хурде дар хати устувор буда, бештар аз 28 ҳазор километри мураббаъ сатҳ ва наздик ба ним миллион аҳолӣ дошта, дар Малабо наздик ба 50 ҳазор аҳолӣ иқомат мекунад. Иқтисодиёти мамлакатро хоҷагии қишлоқ, ки асосан барои экспорт маҳсулот истеҳсол менамояд, ташкил мекунад. Мамлакат ба хориҷа бештар какао ва қаҳва, равғани хурмо, банан ва тамоку мефурӯшад. Қариб 80 фоизи онро Испания мехарад. Испания ин мамлакатро соли 1778 ба мустамликаи худ табдил дода буд. Асри XX асри муборизаи халқҳои Осиёю Африко тақдири халқҳои ин мамлакатро низ чунбонд. Он 12-уми октябри соли 1968 истиқлол ба даст овард...

Инак, мо баъди 19 соати парвоз ба нуқтаи охирини сафарамон – шаҳри Котону, қароргоҳи ҳукуматии Республикаи Бенин расидем. Ҳангоми фуруди мо атрофи шаҳрро пардаи сиёҳи шом фаро гирифта буд.

Бояд махсус қайд кунем, ки ҳайати вакилони моро дар ин шаҳр мизбонон бо ҳисси қадршиносии баланд истиқбол намуданд. Вакилони Комитети Марказии партияи революътсионии Бенин – аъзоёни комиссияҳои доимии КМ партия М.Дагиа, Г.Амусу, Т.Вору, ки ҳар кадоми онҳо мансабҳои баланди давлатӣ низ доранд, ҳамроҳи коргарони сафоратхонаи советӣ моро самимона қабул карданд. Баъд аз пурсупоси роҳ мизбонон моро ба толори меҳмонони фахрии аэродромашон хонданд. Вакилони газетаҳо, телевизиону радиои маҳаллӣ ба мо барои гирифтани изҳорот мурочиат намуданд ва изҳороту расмҳои

аъзои ҳайати вакилонро бо телевизион нишон дода, дар газетаи «Эузу» (инқилоб) органи КМ ПРБ чоп намуданд.

Бенинҳо ба фиристодагони халқи советӣ ва кори ҳайати вакилони мо аҳамияти махсус медоданд. Ҳайати вакилонро дар қароргоҳи хос, ки он ҷо сардорони давлатҳо қарор мегиранд, ҷой карданд. Дар ҳама сафарҳои дохили мамлакат моро экскорти махсуси мотосиклистҳо раҳнамоӣ мекард. Дар ҳама ҷой моро ҳамчун меҳмонони азиз мепазируфтанд. Албатта, ҳар яки мо ин пазироии дӯстонаю самимонаро на ба унвони шахсии худ, балки ба унвони Ватани бузургамон, бо ифтихори ҳаққонӣ қабул мекардем.

Акнун биёед, хонандагони мӯҳтарам, дар хусуси мақсади сафари ҳайати вакилон ва фаъолияти он дар ин сафар нақли мухтасаре шунавед. Ҳайати вакилони мо чун фиристодагони Комитети советии якдилӣ бо мамлакатҳои Осиё ва Африқо ба даъвати КМ Партияи ҳукмрони халқии Бенин ба он ҷо рафта буд. Азбаски ҳанӯз дар Бенин комитет ташкил нашуда буд, шояд бо нияти омӯхтани таҷрибаи бойи Комитети Советии якдилӣ моро ба он ҷо даъват карда бошанд. Ин гумон ба ман аз он ҷо пайдо шуд, ки дар ҳама ҷое, ки мо будем, ба ин масъала аҳамияти махсус медоданд ва дар ҳама мулоқотҳо моро аз ин хусус саволборон мекарданд.

Ба зиммаи фиристодашудаҳо вазифаҳои муҳим гузошта шуда буд, ки дар мулоқотҳо бо ходимони ҳизбию давлатӣ, дар вохӯриҳо бо вакилони меҳнаткашон, дар гуфтугузорҳои расмӣ ҳуҷҷатҳои Давлати Советиро оид ба масъалаҳои мубориза барои сулҳ, барои солҳои 80-ум паст намудани шиддати низоъҳои байни давлатҳо, ярокпартоии умумӣ, ташаббусҳои сулҳҷӯёнаи Иттифоқи Советӣ, ки дар баромадҳо ва изҳоротҳои роҳбарони ҳизбӣ, давлатӣ

ва муроҷиатномаи Сесияи Совети Олии СССР ба парламенту халқҳои олам инъикос шуда буданд, васеъ тарғиб намоем ва изҳор кунем, Ҳукумати Советӣ, халқҳои СССР доимо муборизаи озодихоҳии мардуми Африқоро дастгирӣ мекарданд ва дар оянда ҳам суботкорона пуштибони онҳо мебошанд.

Бояд таъкид намоем, ки мо ба ин мақсад расидем. Худи рафиқони бенинӣ ба ин кори муҳими мо кӯмакҳо расониданд. Программаи кори моро онҳо чунон пурмазмун ва муфид сохта буданд, ки мо тавонистем чаҳор вилоят – вилоятҳои Зу, Уэме, Атлантик, Моно, шаҳрҳои Котону, Порто-наво, Абомеяро бинем ва бо мардумонаш мулоқотҳои дӯстона гузаронем.

Дар шаҳрҳои Абомея, Порто-наво, Уэме, Локоссо моро аъзоёни комичроияи миллӣ (ҳукумат), президентҳо, комитетҳои давлатии вилоятҳо рафиқон Алӣ Худу, Ф.Озодогбеху, Ж.Д.Алаво, Б.Синжалум дар ҳузури фаъолони ҳизбӣ ва давлатӣ самимона қабул карданд, ба унвони Давлати советӣ ва халқи қаҳрамони он суханҳои сазовор ва офаринҳо гуфтанд.

Мулоқоти аввалини мо бо вакилҳои меҳнаткашон – фаъолони партиявӣ, иттифоқҳои касаба, ҷавонон, занон ва ғайра дар маркази вилояти Зу шаҳри Абомея барпо шуд. Пас аз гуфтушунидҳои тӯлонӣ ва саволу ҷавобҳо, раиси комитети давлатии шӯрои вилоят, аъзои ҳукумати марказӣ Алӣ Худу ба сухан баромад ва махсус изҳор намуд, ки дар шароити тезутунд шудани муносибатҳои байналхалқӣ, мустаҳкамтар кардани робитаҳои дӯстиву якдилии СССР ва Бенин дар ин минтақаи Африқо аҳамияти хос дорад. «Халқи мо, – гуфт ӯ, – масъалаи ҳаётан муҳим будани муборизаро барои бехатарӣ, сулҳу амонӣ, бас кардани мусаллаҳшавии мамлакатҳоро амиқ мефаҳмад ва дастгирӣ мекунад».

Мехоҳам, ки таваҷҷӯҳи хонандагонро боз ба як ҷиҳати дигари сафарамон дар ин мамлакат алоҳида ҷалб намоям. Аз як вохӯрӣ то ба вохӯрии дигар мароқи мизбонон ба сӯҳбатҳою баромадҳои мо меафзуд ва бо ташаббуси худи бениниҳо доираи иштирокчиёну шунавандагони сӯҳбатҳову баромадҳои мо ҳар дафъа васеътар мешуд. Масалан, агар дар Абомея дар мулоқоти аввалин 20 кас ширкат варзида бошад, пас 29-уми июн дар Котону (хонаи халқ) – зиёда аз 200, 30-юми июн дар Порто-наво – 300 ва 1-уми июл дар Локоссо, ки дар сарҳади Того ҷойгир аст – 500 кас дар сӯҳбатҳо иштирок намуданд. Дар ҳама ҷо вакилони ҳизбӣ давлатӣ, аъзоёни комитетҳои ҳизби (мудофиаи) инқилоб, занон, ҷавонон, зиёиён, яъне вакилони ташкилотҳои ҷамъиятии меҳнаткашон дар мулоқотҳо ҳозир мешуданд.

Аксари ин ҷамъомадҳо характери митингҳои сиёсиро пайдо мекарданд, ки равияи зиддиимпериалистиашон ҳарчи аёнтар ва бошиддаттар мегардид.

Бениниҳо дар айни ҳол кӯшиш мекарданд, ки ҷойҳою толорҳои барои мулоқотҳо муайяншударо махсус оро диҳанд. Масалан, дар даромадгоҳи шаҳри Абомея шиори «Зинда бод дӯстии Советӣ ва Бенин», дар Котону дар майдони хонаи халқ шиори «Зинда бод якдилӣ ва дӯстии Иттифоқи Советӣ ва Бенин» ва ғайра навишта шуда буданд. Дар толорҳо суратҳои роҳбарони СССР ва Мате Керреку – Президенти Бенин низ овехта шуда буданд. Дар Котону бениниҳо ба мо чандин ёдгориҳои инқилобиро нишон дода, моро ба майдоне бурданд, ки дар маркази маҳаллаҳои коргарии шаҳр воқеъ гардидааст.

Дар зери таъсири натиҷаҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, хусусан дар солҳои 50-60-уми асри XX бедоршавии Африқо, ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ хеле авҷ гирифт.

Дар мулоқотҳо борҳо мисол оварда мешуд, ки дар бист соли охир харитаи сиёсии Африқо батамом тағйир ёфт. Африқоиҳо бо ифтихор мегуфтанд, ки соли 1960 «Соли Африқо» ном гирифта буд, чунки худи ҳамон сол дар он қитъаи сиёҳ якбора 17 мамлакат аз юғи мустамликавӣ озод гардида, чун давлатҳои мустакил парчам афрохта буданд. Соли 1980 бошад, Республикаи Зимбабве ҳамчун панҷоҳумин мамлакати озодагардида ва аъзои комилҳуқуқи Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида эътироф гардид, ки ҳамаи ин ғалабаи якҷояи қувваҳои озодипарвару ватандӯст ва инқилобии дунёст.

Дар сӯҳбатҳову маҷлисҳои дӯстӣ фиристодагони кишвари шӯравӣ ғайр аз масъалаҳои байналхалқӣ, чиҳатҳои ҳаракати якдилии Осиёву Африқо, ба масъалаиҳои тарғиби тарзи зиндагонии советӣ аҳамият дода, дар бораи корубор ва зиндагию саъю кӯшишҳои халқҳои мамлакатамон низ наклҳои муфассал мекарданд. Аз таҷрибаи бунёд намудани ҷамъияти нав дар республикаҳои миллӣ, хусусан дар Тоҷикистон наклҳо шунида, барои пурратар шудани тасаввуроти худ ба мо саволҳои гуногун медоданд. Онҳо мехостанд, ки дар бораи таҷрибаи муҳофизати ҳокимият, барҳам додани маҳви бесаводӣ, таъмини озодию баробарҳуқуқии занҳо, созмони ташкилотҳои илмию маданӣ ҳарчӣ зиёдтар маълумот дошта бошанд. Майли онҳо барои донистани зиндагонии халқи советӣ, сиёсати дохиливу берунии Давлати Советӣ чунон зиёд буд, ки ҳар дафъа сӯҳбатҳою маҷлисҳои мо се-чор соат давом мекард. Сомеъон баъзе саволҳоро, хусусан дар бораи озодии занҳо, маҳви бесаводӣ гаштаю баргашта медоданд.

Ғайр аз вохӯриҳои оммавӣ ва баромадҳои дар назди ҷамоатҳои серодам ҳайати вакилони мо ду маҷлиси расмии корӣ бо вакилони Ҳукуматӣ баргузор намуд, ки онҳо пурра ба проблемаҳои гуногуни

ҳаракати якдилии Осиё ва Африқо бахшида шуда буданд. Нақшаҳои ояндаи кори ду мамлакатро дар бобати боз ҳам инкишоф додани ҳаракати якдилии халқҳо муайян намудем.

Дар гуфтугузорҳою мулоқотҳо рафиқони бенинӣ махсус қайд мекарданд, ин таҷрибаи ғании шӯравӣ дар ҳаракати инқилобӣ, дар сохтмони давлатӣ, дар кори бунёд намудани иқтисодиёти нав, маданияти нав барои Бенин арзиши бузург дорад.

Барои мо, мегуфтанд бенинҳо, васеъ шудани робитаҳо бо СССР ва дигар мамлакатҳои тараққипарвар боз як аҳамияти дигар дорад. Халқи мо мебинад, ки дар муборизаи мушкили худ танҳо нест ва дӯстони вафодор дорад ва ба таҷрибаву кӯмаки онҳо такя намуда, ғалаба мекунад. Масалан, вазири инкишофи хоҷагии қишлоқ ва кооператсияи Бенин Ф.Озодогбеху махсус таъкид кард, ки мустаҳкашавии ҳамкории ҳукумати Бенин бо СССР яке аз омилҳои муҳими ғалабаи инқилоби халқӣ-демократии Бенин мебошад.

Ин фикрро ба мо дар вохӯриҳоямон бо коркунони саноати ҷавони Бенин дар фабрикаи бофандагии «Собетекс», муассисаҳои истеҳсоли обҳои маъданӣ ва пиво «Поссотом», заводи собунпазии «Гбоку» низ хотирнишон намуданд. Масалан, директори заводи дар шаҳри Порто-наво будаи собунпазӣ Обеде Аҷинжа фактҳои диверсияи иқтисодии мамлакатҳои капиталистӣ, хусусан Франсияро оварда, қайд кард, ки мустамликапарстон бошуурона барои вайрон кардани набзи кори муассиса дар вақташ фиристонидани масолеҳи заруриро «фаромӯш» мекунанд.

Мулоқоти хотимавии мо бо дӯстони бенинӣ дар ҳузури раиси Комиссияи КМ ПНРБ Григусу Гадо гузашт, ки вай бо таваҷҷӯҳи зиёде ба унвони халқи советӣ сухан ронд. Байни ӯ ва вакилони советӣ

сӯҳбати муфиде барпо гардид. Григусу Гадо аз номи худаш ва Президенти Бенин М.Керреку ба халқи бунёдкори советӣ салому эҳтиром савғо кард.

Ба мо муяссар шуд, ки бо одамони советӣ, ки бо амри Ватан дар Бенин кор ва зиндагӣ мекунанд, вохӯрем ва дар наздашон баромадҳо карда, аз гирумони ҳамватанони азизашон наклҳо кунем. Чунин вохӯриҳои ҳаячоновар бо фиристодагони СССР – дар сафоратхонаи советӣ, маркази мадании советӣ дар Котону ва идораи мухбири ТАСС барпо шуд. Фақат дар сафоратхонаи советӣ зиёда аз 250 дипломатҳо, мутахассисони гуногуни шӯравӣ – инженерҳо, геологҳо, лётчику мутарҷимон гирд омада буданд, ки байни ҳайати вакилонву ҳозирон сӯҳбати шавқоваре гузашт. Сомеъон чун донистанд, ки ман аз Тоҷикистон ҳастам, саволҳои зиёде дода, аз табаддулотҳое, ки дар қисмати халқи мо ба амал омадааст, ҳамчунин аз таърихи бойи қадимии он пурсуҷӯй карданд.

Дар урфият мегӯянд, ки бузургии кӯҳро ҳар қадаре ки аз он дуртар равӣ, ҳамон қадар аёнтар ҳис мекунӣ. Ана дар ҳамин кишварҳои дур, дар мулоқотҳои зиёд бо одамоне, ки дар хориҷа қарзи граждании худро диловарона адо мекунанд, кас ба худ болида, қадру қимати Ватану ватанпарвариро ҳамон қадар барҷастатар дарк менамояд ва фахр мекунад, ки ӯ ҳам гражданини Ватани бузург – СССР мебошад.

Ҳар як мутахассиси советӣ, ки мо бо онҳо вохӯрдем, бо вазифашиносии баланди граждани дар хориҷа хизмат мекунад. Ин сатрҳоро менависаму мулоқотам бо як ҷавонзани рус, муаллимаи забони русӣ, ки дар вилояти Сегуни Республикаи Малӣ соли 1973 иттифоқ афтода буд, ба ёдам омад. Ин бесабаб нест, зеро ӯро ҳама зангиҳо «наша Маша» мегуфтанд. Бе муболиға қайд кардан зарур аст, ки ҳар рӯзи дар он

ҷо гузаронидаи Маша шуҷоат буд. Русдухтарро танҳо ба як вилояти мамлакати дурдасти Африқои Ғарбӣ мефиристанд. Вай бо ифтихор ин супоришро қабул мекунад ва дар муддати 6 моҳ шӯҳрати ҳаққонӣ пайдо мекунад. Дар мактабе, ки ӯ ташкил кардааст, зиёда аз 150 зангиҳои пиру ҷавон мехонданд... Маша ғайр аз фаъолияти муаллимӣ дар байни аҳолии он ҷо кори зиёди маданӣ-равшаннамоӣ мебурдааст. Зангиҳои маҳаллӣ бо миннатдорӣ эътироф менамуданд, ки ба воситаи ҳамин ҷавонзан онҳо аз парвози якуми инсон ба фазо, яъне парвози Юрий Гагарин огоҳ шудаанд. Маша бо ташаббуси худаш ба сокинони вилояти Сегу филмҳои ҳуҷҷатиро аз зисту зиндагонии мардумони Ватанаш нишон медодааст ва дар байни занҳои зангии хонанишин ташвиқотҳои санитарӣ-гигиенӣ низ мебурдааст. «Ёдат ба хайр» гуфтем мо ба Маша, дар вақти видоъ ва дар хусуси фаъолияти фидокоронааш дар сафоратхонаи советӣ вақти вохӯрӣ бо ҳамватанон нақл кардем. Вақте ки шахс дар ватанаш аст ва саргарми корубори осоиштаи худ мебошад, на ҳама вақт пурра тасаввур карда метавонад, ки ҳазорҳо Машаҳову Иванҳову Аҳмаду Юлдошҳо дар нуқтаҳои гуногуни Сайёра, дар гӯшаҳои дурдасти кишварҳои бегона ба шӯҳрати Ватанашон шӯҳрат зам мекунанд, хизмати халқашонро бо камоли ифтихор фидокорона ба ҷо меоваранд.

Мо дар мулоқот бо коргарони сафоратхонаи советӣ қайд кардем, ки ҳамаи халқҳои СССР, аз ҷумла мардумони Тоҷикистон дар кори наҷиби мустаҳкам кардани дӯстии халқҳо, тарғиб намудани комёбиҳои Ватанашон саҳми сазовор мегузоранд. Масалан, дар Бенини дурдаст гузаронидани рӯзҳои советӣ дар мисоли Тоҷикистон дар бисёр мамлакатҳои Осиёву Европа – Афғонистон, Эрон, Ироқ, Туркия, Италия, Белгия, Франсия, Юнон, Австрия, Канада, робитаҳои

пойтахти Тоҷикистон – Душанбе бо шаҳрҳои бародаргаштаи африқоӣ – Лусака (Замбия), Сано (Яман), Монастир (Тунис) ва ғайра робитаҳои вусъатёбандаи мадании Тоҷикистон ба мамлакатҳои ҳамаи қитъаҳои дунё низ мисоли раднашавандаи ин фикр аст.

Акнун ҷоиз аст, ки дар бораи Бенин, қисмати таърихии он, корубори имрӯза ва нақшаҳои фардои ӯ низ мухтасар даҳолат кунем. Сафар кардан - дунё дидан аст, мегӯянд. Ба воситаи сафар, мулоқотҳои дӯстӣ кашфи кишвари нав ба амал меояд. Дар ин мусофиратам, ман барои худам ва шумо хонандагони азиз боз як ҷаҳони нав, ҷаҳони хусусиятҳои нодиру нотакрори Африкоро кушодам, ки онро низ хотирнишон карданӣ ҳастам.

Бенин – мустамликаи собиқи Франсия – Дагомея мебошад, ки дар қисми Африқои Ғарбӣ, зонаи тропикии соҳили Уқёнуси Атлантика ҷойгир аст. Он баъди ба сари ҳокимият омадани афсарони прогрессивӣ ва дар соли 1972 ташкил шудани Ҳукумати инқилобии Ҳарбӣ роҳи тараққиёти ғайрикапиталистиро интихоб кард. Шаш сол аз ин пеш барои республика номи Бенин интихоб шуд, ки ин номи як давлати қадимии африқоие будааст, ки мустамликадорон онро барбод додаанд.

Қисмати таърихии ин мамлакат чунин будааст, ки асрҳои XV португалиҳо дар ин соҳили Атлантикӣ, ки «соҳили беҳуқуқ» ном гирифта будааст, бозори ғуломфурӯшӣ мекушоянд ва то соли 1958 онро ба колонияи худ табдил медиҳанд. Баъди ба даст овардани истиқлолият ҳам аз соли 1958 то соли 1972 Дагомеяро гурӯҳҳои иртиҷоии хориҷӣ ором нагузоштанд. Масалан, аз соли 1958 то соли 1969 дар он ҷо ҳашт табаддулоти давлатӣ ба амал омада, бист ҳукумат иваз карда шудааст.

Баъди соли 1972 ба сари ҳокимият омадани Шӯрои ҳарбии инқилобии халқӣ бо сардории Президенти он Мате Керреку таърихи нави Бенин сар мешавад. Дар ин хусус дар поёнтар боз сухан хоҳем ронд...

«Азхудкунии» Бенин аз тарафи мо аз аввалин соатҳои ба хоки он фуруд омадан ва бо роҳи аэропорт вориди шаҳри Котону шудан сар шуд. Растаҳои соҳилӣ моро аз укёнуси Атлантика ҳамагӣ 150-200 метр ҷудо мекарданд ва ба назар пляжҳои қумину боғоти нахлҳои кокосӣ намудор шуданд. Мизбони мо М.Дагиа шарҳ дод, ки ин ҷо мавзеи дӯстодоштаю сайргоҳи сокинон ва меҳмонони Котону мебошад. Гарчанде расман пойтахти давлат Порто-наво бошад ҳам, тамоми ташкилотҳои марказии давлатӣ ва қароргоҳи Президент дар Котону ҷойгир шудаанд.

Пас ба мо муҷассамаи 15-метраи азимеро нишон доданд, ки ба хотираи муборизони қурбоншуда қомат оростааст. Дар муҷассама ҳайкали сарбози қуввахои мусаллаҳи халқӣ, дар як дасташ автомати маркаи «Калашников», дар дасти дигараш байроқи ғалаба, ҷуссаи деҳқони бенинӣ ва амазонка – ҷангидухтар, ки шамшерро аз ғилоф мекашад, ба хотираи он ҷанге, ки духтарон дар набардҳои зиддимустамликадорӣ ҷасурона иштирок кардаанд, таҷассум ёфтаанд. Дар зери он мемориал-музеи махсус бунёд шудааст, ки экспонатҳои ғайриоддӣ дорад: ҳуҷҷатҳо, яроқҳои таҷовузкорони ачнабӣ, ки 16-уми январи соли 1977 аз зарбаи аскарон ва меҳнаткашони Бенин онҳоро партофта гурехтаанд. Ин ҳуҷуми сӯиқасди ногаҳонӣ барои сарнагун кардани ҳукумати М.Керреку саҳарии 16 январи соли 1977 дар зери роҳбарии зархаридҳои УМР-и ШМА ба амал оварда шуда буд ва шикасти шармандавор хӯрда, чун як саҳифаи сиёҳкориву душманонаи ашаддии гурӯҳҳои хунмасти америкоӣ дар таърих сабт гардидааст. Ҳар кассе, ки ин

муҷассамаро зиёрат мекунад, беихтиёр ба хашм омада, ба зулму мустамликадорӣ ва бандагию истисмор лаънат мехонад.

Рӯзи дигар шиносоии амики мо бо Бенин дар вилояти Абомея давом кард, ки ин маънои махсусе доштааст. Гап дар сари он аст, ки дар он ҷо Похо ном майдони таърихӣ ҷойгир буда, оғози муборизаи қахрамононаи мардуми он кишвар аз ҳамин майдон сар задааст. «Дар охири асри гузашта, - гуфт роҳбалади мо, узви комиссияи доимии КМ ПНРБ таърихчӣ Т.Амусу, қахрамони миллии Бенин, шоҳ Беҳанзин дар ҳамин майдон зарбаи ҳалокатоваре ба мустамликадорони франсуз задаст ва нидо кардааст, ки «Ғуломӣ бас аст, ба ачнабиҳо сар фуруд овардан бас аст». Ба хотираи қахрамониҳои вай дар майдони Гохо муҷассамаи хубе сохтаанд, ки моён, ҳайати вакилони шӯравӣ, онро бо завқ зиёрат кардем ва гулчанбар гузоштем.

Бесабаб нест, ки давом дод нақлашро Т.Амусу, – баъди ба сари ҳокимият омадан 30 ноябри соли 1972 Президенти ҳозираи Бенин М.Керреку дар ҳамин майдон нутқи программавии худро эрод намуд, ки дар он моҳияти сиёсати зиддиимпериалистии давлати нав ва озодии миллат аз юғи истисмори мустамликадорон зикр ёфтааст. Аз ҳамон рӯзи таърихӣ ин ҷониб Бенин роҳи тараққиёти дигарро барои худ интихоб кардааст.

Ҳукумати нави инқилобии Бенин ба проблемаҳои ба куллӣ тағйир додани роҳбарӣ ба ҷамъияту сохтмони иқтисодӣ ва маданӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, принсипи бо план тараққӣ додани хоҷагии халқро ҷорӣ кардааст. Фаъолон нақл карданд, ки баъди ба даст овардани истиқлолият ҳукумати нав се маротиба кӯшиш кард, ки плани тараққиёти хоҷагии халқро тартиб диҳад. Азбаски ин корро мутахассисони хориҷӣ бидуни ба ҳисоб гирифтани хусусияти мамлакат ва ба нафъи мустамликадорони пешин, қабл

аз ҳама Франсия тартиб дода буданд, он бенатича ва бебақо баромад. Хушбахтона, гуфтанд дӯстони бенинӣ, плани сесолаи тараққиёти мамлакат барои солҳои 1977-1980 боэътимод баромад, зеро он дар мадди аввал масъалаи ҳарчи зудтар баланд бардоштани дараҷаи зисту зиндагонии халқро пеш гирифта, ба проблемаҳои васеъ инкишоф додани истеҳсоли хоҷагии қишлоқ ва саноат диққати махсус дод. Чунин тарзи плании корбарӣ дар иқтисодиёт ба бениниҳо шароити аз нав бунёд кардани тарзи роҳбарӣ, ба таври ратсионалӣ тақсим намудани захираҳои моддию молиявии мамлакатро фароҳам овард.

Тағйиротҳои чашмрасро мо дар хоҷагии қишлоқ низ мушоҳида кардем. М. Дагиа қайд намуд, ки аз панҷяки аҳолӣ дар қишлоқ зиндагӣ мекунад ва дар он ҷо маҳсулнокии меҳнат беҳад паст буда, ҳанӯз муносибатҳои феодалӣ пуркувватанд ва хоҷагиҳои хурд-хурдак хеле зиёданд. Аз ин сабаб ҳукумат роҳи ҳарчи зудтар гузаронидани ислоҳоти аграрӣ, барҳам додани муносибатҳои феодалӣ, ташкили шакли кооперативии меҳнату хоҷагидорӣ, ҷорӣ кардани нарху навоҳои мӯътадилро барои маҳсулотсупории деҳқонони камбағал пеш гирифтааст.

Дар айни замон ба масъалаи ташкил кардани ширкатҳои истеҳсолии деҳқонон аҳамияти махсус дода мешавад, чунон ки дар мамлакати мо буд ТОЗ-ҳо (товаришская обработка земли). Ҳозир зиёда аз 500-то чунин ширкатҳо кор мекунанд.

Шакли дигари баландтари хоҷагидорӣ дар Бенин кооперативҳо будааст, ки ҳар кадоме 30-50 оилаҳои деҳқононро муттаҳид мекунанд. Онҳо на фақат якҷоя дар замин кор мекунанд, балки якҷоя соҳиби олоти меҳнатӣ ва замин мебошанд. Ба онҳо давлат низ кӯмаки зарурӣ мерасонад, лавозимоти хоҷагӣ

медиҳад, онҳоро бо порухои маъданӣ, материалҳои сохтмон ва ғайра таъмин менамояд.

Ҳозир ташкилотҳои давлатию саноатӣ низ барои худашонро бо маҳсулоти хоҷагии қишлоқ таъмин намудан хоҷагиҳои кооперативӣ доранд. Масалан, муассисаи бофандагии «Собетекс» 60 гектар замин дорад. Дар он ҳамаи аъзоёни коллектив дар вақтҳои муайян кор мекунанд, маҳсулотро бо нархи арзиши аслиаш гирифта, барои эҳтиёҷи коргарони коллектив, оилаҳои онҳо истифода мебаранд, ки ин кор дар зери роҳбариву назорати ташкилоти касаба гузаронида мешавад.

Масъалаи дигари инқилобӣ барои Бенин ин масъалаи ҳарчи зудтар барҳам додани бесаводӣ мебошад. Зеро зиёда аз 80 фоизи аҳолӣ бесавод буда, аз хондану навиштан дарак надорад. Дӯстони мо Т.Вору ва Г.Амусу диққати моро ба он ҷалб намуданд, ки дар ин кор мушкилиҳои зиёде ҳастанд, ки пеш аз ҳама набудани кадрҳои педагогиро метавон зикр кард. Аз ин сабаб дар курсҳо бо суръати тез муаллим тайёр мекунем, гуфтанд онҳо. Дар чунин вазъият талабаи дирӯза, нафақат ба мардум савод ёд медиҳад, балки кори зиёди оммавию маданӣ-равшаннамоиро низ ба ӯҳда мегирад. Шиори мактаби нави имрӯзаи Бенин чунин аст: «Таълимоту истеҳсолот яканд». Ин ҷо мақсади бо тачриба зич алоқа доштани таълиму тарбия ифода шудааст. Бо ин мақсад саршавии кори мактабро аз 15-уми феврал ва таътилро ба 27-уми октябр овардаанд, ки талабаҳо дар устохонаҳо, фермаҳо, саҳроҳо низ кор кунанд.

Хулоса, масъалаҳое, ки инқилоби Бенин бояд ҳал намояд, бешуморанд ва мо имконият надорем, ки дар як нақл ҳамаи онҳоро дар бар гирем.

Акнун мехоҳам, ки таваҷҷӯҳи хонандагонро ба таасуротҳоям аз ҷойҳои дигари диданӣ, иқлим ва расму оини мардуми он кишварҳо ҷалб намоям.

Баъди мулокотҳо бо ходимони давлатӣ, фаъолони ташкилотҳои иттифоқи касаба, ҷавонон ва занон дар вилояти Зу рафиқ Г.Амусу даъват намуд, ки мо музеи кишваршиносии он ҷоро тамошо кунем. Дар музей ба мо муяссар шуд, ки экспонатҳоеро, ки аз таъриху тарзи зиндагии бенинихо маълумоти пурра медиҳанд, аз назар гузаронем ва нақли ходими илмии музейро бо мароқи том гӯш кунем. Роҳбалад бо нозукбаёнӣ аз саргузашти халқашу ватанаш ҳикоя мекард ва бо дили пур ва умеди саршор аз ояндаи кишвари худ сухан меронд.

Дар хотимаи экскурсия ба мо толори лавозимоту ҳарамхонаҳои шоҳони Бенинро нишон доданд. Вақте, ки сухан аз ҳарам рафт, узви ҳайати вакилони мо доктори илмҳои таърих Н.Д.Косухин ҳазломез гуфт, ки «Роҳбари ҳайати вакилони мо дар хусуси ҳарамхонаи амири Бухоро ахбороти ҷолиби диққат дода метавонад». Вақте ки ман ишора кардам: «Чиро дар назар доред», вай хандида гуфт: «Он чиро, ки амири Бухоро 170 зан дошт». Дар ин маврид, дӯсти бениниамон Г.Амусу хандида илова кард, ки «ин нақл моро ба ҳайрат оварда наметавонад, зеро Гезо ном шоҳи Бенин зиёда аз чор ҳазор зан дошт, ки 360 хоҷасаро ба нигоҳубини онҳо овора буданд, шояд, гуфт ӯ, дар ин масъала ҳеҷ шоҳу амир аз шоҳи мо нагузашта бошад. Пас, ӯ заҳрхандае карду илова намуд: «Ин фактҳо боз аз саҳифаҳои дигари бадбахтии халқҳоямон шаҳодат медиҳад».

Ин ҷо ки сухан аз урфу одатҳо рафт, лозим донистем боз чанд хусусиятҳои халқи он кишварҳоро гӯшраси хонандаи азиз кунем. Ҳар куҷое мерафтем, дар бораи морҳои афъиву келасҳо нақлҳои таваҷҷӯҳангез мешунидам.

Ман сабаби «парастиши» морро аниқ кардани шудам... мизбонони мо ин хислати миллаташонро чунин шарҳ доданд. Масалан, М.Дагиа аниқ кард:

«Ин ба мафкураи мо вобаста аст. Аз аҷдод ба авлод акидае мерос мондааст, ки гӯё инсон, ки мурд, ба мору келас табдил меёбад. Аз ин сабаб, мо ба онҳо чун ба бобокалону бибикалонҳои худ муносибат мекунем».

Дар ин хусус яке аз дӯстони дигари бенинӣ чунин нақлӣ хайратангезе намуд. Ӯ гуфт, ки бисёр анъанаҳои морпарастӣ, гарчанде бо мурури замон аз миён рафтаанд, ҳанӯз ҳам дар баъзе қабилаҳои дурдаст як расми нотакрор бокӣ мондааст, ки духтари одамизодро ба мор ба шавҳар медиҳанд. Яке аз навъи морҳои афъӣ «ассала» ном доштааст, аз аҷдод ба аҷдод ҳамчун нигоҳбони (Худои) замину киштзор, савдо, қишлоқ, ҳатто ҷанг низ овоза пайдо кардааст. Маросими ғайриоддии морзандиҳӣ чунин будааст: ҳар сол дар ҷамъомади мардону занони қишлоқ, бо розигии сардори қабилаҳои рӯҳониҳо бехтарину зеботарин духтари деха барои «никоҳ» кардан бо ассала (мори афъӣ) интихоб карда мешудааст. Дар ин бора розигии духтарро аз рӯи одат ҳатто намепурсиданд, зеро духтаронро аз хурдӣ дар рӯҳи бечунучаро сар фуровардан ба амри калонсолон тарбия мекунанд ва духтарро барои ин русумат низ тайёр менамоянд. Илова бар ин, хислати мутаасибии африқоиҳо, садоқати онҳо ба урфу одатҳои бобоёнашон намегузорад, ки онҳо дар ин хусус шубҳа кунанд. Ин «никоҳи» ғайриоддиро духтар бо ифтихори зиёде қабул мекардааст, зеро вай ин русумотро ба ҷо оварда, ба шахси муқаддас табдил меёфтааст.

Чунин маросим бо садои тантананоки тамтами африқоӣ, сурудхониҳои гуногуновози сокинони қишлоқ, рақсҳои оммавӣ мегузарад, ки дар натиҷа духтарро бо мори муқаддаси афъӣ «никоҳ» мекунанд. Келинро барои бо «шавҳараш» вохӯрдан махсус тайёр мекунанд: мӯи сарашро метарошанд, хондани

сурудхои идонаро ёд медиҳанд, танашро бо нақшу нигори «сеҳрнок» тамғаву рангубор мекунанд ва ба баданаш маҳлулхои хушбӯй мемоланд. Баъд ба ӯ асрори бо мор мулоқот намуданро «мекушоянд», вайро бовар мекунонанд, ки ҳамдамӣ бо мор бехатар аст. Дар айни ҳол ба «авҷи аъло» расидани тӯю сур, вақте ки нақорачиҳо, сурудхонон, раққосон аз забону пову даст мемонанд, аз ҳуш мераванд, рӯҳониҳо духтарро ба манзили зеризаминии торик медароранд. Духтар чанд рӯзе дар он ҷо як ба як бо мор танҳо мемонад ва тақрибан баъд аз як ҳафта ба қишлоқаш бо эҳтирому ҳурмати зиёде бармегардад, зеро вай акнун зани асили ассалаи муқаддас аст. Вай «зани асила», аммо ҳуқуқ надорад, ки дар хусуси асроре, ки рӯҳониҳо пеш аз мулоқоташ бо мор гуфтаанд ва он чизе, ки бо вай дар зери замин рӯй додааст, ба касе даҳон кушояд. Агар ӯ дар ин хусус чизе бигӯяд. фавран мекушандаш. Дар айни ҳол ба вай ҳуқуқ дода мешавад, ки аз сари нав ба фарзанди одамизод ба шавҳар барояд ва касеро «Зани мор» интихоб кунад, барои шавҳари ӯ шарафи калоне будааст, ки чунин зани табаррук дорад. Ҳам мард ва ҳам зан дар ин бора набояд ба касе чизе бигӯяд, вагарна оқибаташ бад аст. Ман ба чунин накли дӯсти бениниамон, ки онро ҳамсафаронам В.А.Корочансев, Н.Д.Косухин тасдиқ карданд, бовар намудам, зеро тафаккури инсон, шуури вай яку якбора инкишоф наёфтааст. Фарзанди одамизодро, ки аз овони синамакӣ ба ин рӯхия тарбия карданд, ба гӯшаш ин ақидаро курғошим барин рехтанд, беихтиёр эътиқод пайдо мекунад.

Дар мавзеъҳои гуногуни Африқо ба мор хислатхову унвонҳои фахрии гуногун медодаанд. Дар ақидаи қабилаи ҷануби Того – мори афъӣ Худои барқ, дар Бенин – Худои тақассумкунандаи на фақат зиндагӣ, балки ягонагии олам ва одамон аст. Чунин

пиндор хеле зиёд аст, ки гӯё инсон дӯст доштану зурётдор шуданро аз мор ёд гирифтааст. Дар яке аз қиссаҳои ашантӣ ном қабила гуфта мешавад, ки аз қадимулайём, вақте ки инсоният ба кӯдаки навзод монанд буд, ҳанӯз, ки садои аввалини вай пасанда шуда буд, аз осмон мори афъӣ фуруд меояд, аввал дар ҷӯйборҳо, баъд дар деҳаҳо рафтори инсонро назорат мекунад ва мушоҳида мекунад, ки занҳову мардҳо ҷудо-ҷудо зиндагӣ мекунанд, аз ишқбозӣ ва муҳаббату оиладорӣ бехабаранд. Мор амр кардааст, ки дигар ин тавр шуданаш мумкин нест. Вақте ки одамон бо ҳайрат ба вай гӯш андохтанд, мор пурсидааст, ки дар хусуси ҳисси муҳаббат магар хабар надоранд? Баъд мор мегӯяд, ки агар одамон чӣ будани муҳаббатро надонанд, безурёт зиндагӣ мекунанд, зоташон қир мешавад. Сипас бо маслиҳати мор мардҳою занҳо рӯ ба рӯи якдигар саф оростаанд, ки мор даҳонашро аз дарё об пур карда ба онҳо пошидаасту ҳарфи сеҳрноки «кас, касро» талаффуз намуда, онҳоро ҷуфт-ҷуфт ба гӯшаҳои гуногун гусел кардааст. Мувофиқи тасаввуроти африқоиҳо таърихи пайдоиши зоти инсон ва оиладориву насладавомдиҳии он чунин аст.

Бесабаб нест, ки дар Африко ба шарафи морҳои афъӣ қасрҳо сохтаанд, ба он муҷассамаҳои тиллоӣ ва ниқобҳои беҳтарини худро бахшидаанд. Дар Африко қиссаи мор нотамом аст, шояд барои мо ҳаминаш кифоя бошад.

Африқоиҳо русуму одатҳои зиёде доранд, ҳамаи онҳоро тасвир қардан имкон надорад. Баъзе қабилаҳое ҳастанд, ки бошуурона рӯяшонро чок мекунанд, то ки дигарон фаҳманд, ки онҳо ба кадом халқият мансубанд. Як қабилаи малигиҳо мурдаи аҷдодҳояшонро дар ҷои гармтарини кулбаашон, зери оташдон мегӯронанд ва нияти ақидае доранд, ки онҳо оилаашонро аз қувваҳои бади фавқуттабиӣ посбонӣ

мекунанд... Як қабила дороии худро бо пул, қабилаи дигар бо адади занҳо, саршумори ҳайвонҳо, шутуру хаймаҳо муайян мекунанд. Аз рӯи одаташон, дар қабилан Бамумӣ, агар шахсе аз гуруснагӣ мурад ҳам, моҳиро ба даҳон намегирад.

Африқоиҳо зарбулмасалу ҳикматҳои ба худ хос доранд, ки онҳо сиришти африқоии онҳоро ошкор менамоянд. Чанд намунаашро хотирнишон карданиям: «Ба тарафи дарахте, ки бесамар аст, пайраҳа ҳам пайдо намешавад», «Сир ба касе тааллуқ дорад, ки даҳони пӯшида дорад», «Банан ширин аст, аммо он пӯст ҳам дорад» ва ғайра. Ҳар кадоми ин ҳикматҳо маънои махсусу шарҳе доранд, ки дар мавридҳои хос тавлид шудаанд.

Ҳамин тавр, иқлиму боду ҳаво, урфу одатҳо, хатто меваву дарахтони он кишвар фақат барои ҳамон мамлакат хос буда, манго, чормағзи кокосу нахл, ананасу банан, папай ва ғайра фақат дар он сарзамин мерӯяд. Мо арз кардем, ки Бенин дар соҳили уқёнус ҷойгир аст. Рӯзе ҳамсафаронам хоҳиш карданд, ки дар Атлантика барои хотира оббозӣ кунем. Аз мизбонон М.Дагиа гуфт, ки маслиҳат намедиҳам. Мо тааҷҷуб кардем. Вай гуфт: – Об хунук шудааст. «Чанд дараҷа? пурсидем. Вай бо ҳарос ҷавоб дод: – Медонед – 26 дараҷа». Ана бинед, дар тасаввуроти африқоӣ 26 дараҷа гармӣ хунук будааст. Одатан оби Атлантика, дар соҳили Бенин 30-34 дараҷа гарм мешудааст.

Африқо бо ҳамаи тазодҳояш пеш меравад. Он дар ҳар гӯшааш зинаҳои гуногуни прогресси таърихиро аз сар мегузаронад. Акнун аз «Африқои ба хоби ғафлат рафта» осоре намондааст. Дар Бенин, ки мамлакати «классикии» африқоист, ҳаво тафсон буд, гармии офтобашро хоҷати шарҳ додан нест. Вале суханро бо тасвири зуҳури ҳарорати бошандагони он ба поён расондан мехоҳам. Ҳар бор, ки мулоқотҳоямон бо

вакилони меҳнаткашон сар мешуд, як анъанаи аҷиберо мушоҳида мекардем: якбора садоҳои «Инқилоб», «Ҳама тағйир меёбад» борҳо баланд садо медоданд, сурудҳои нави инқилобӣ сароида мешуданд, шиорҳои «Лаънат ба империализм», «Зинда бод дӯстию якдилии меҳнаткашон» ва амсоли ин садоҳои дигари мардуми меҳнаткаш ғулғула мекард. Аниқ буд, ки тасфи зоҳирии иқлими он ҷо бо алангаи инқилобии халқаш омехта шудааст ва африқоиҳо акнун туғёни рӯҳии худро бар зидди мустамликадорон, нажодпарастон, душманҳои ашадии синфии худ бе ибо баён мекунанд. Тасфи замини муқаддаси он дучанд аст. Вақте ки мо аз хоки он берун шудем, дар хотири мо нақши як кишвари абадӣ фурӯзон бокӣ монд. Ҷовидон барқарор бимон, Бенин!

БОБИ ДУВУМ

БАДАХШОН ЧАТРИ СИМИНИ ЗАМИН АСТ

Бемухобот, Бадахшон кишвари афсонавист, ки ҳазорон ҷазмандон орзую хаваси аққалан як бор дидани он кӯҳистони сарбафалакро, ки «Боми ҷаҳон»-аш ҳам мегӯянд, доранду аз садҳо якеро ин шодмонӣ насиб мегардад. Камина худро хушбахт мешуморад, ки як бор не даҳҳо маротиба аз ҳаловати зиёрати гӯшаҳои дилорои он «диёри зери пояи офтоб» Хоруғ, Шуғнон, Ишкошиму Мурғоб, Рошткалъаву Рӯшон ва Ванҷу Дарвоз ҳузур карда аз он сафарҳо таассуроти фаромӯшнашуданӣ дорад. Ақли кас бовар намекард, ки Бадахшон бо табиати нотакрори худ сохиртарин гӯяндаро фақат ба нусхабардории он водор мекунад.

Чарогони ба зери гунбази мах
Ачаб анвартабистон аст Помир!

Сафари охиринам, ки илоҳо охирин набошад, моҳи октябри соли 1995 сурат гирифт.

Дар фурудгоҳ маро дӯстони кадрдонам Абдулмачид Абдурозиқов ва Хушқадам Хушқадамов гарм истиқбол намуданд. Мо ба маркази вилоят шаҳри Хоруғ шитобидем.

Шаҳри Хоруғ, зоҳиран аз он дидаҳои пештараам зеботару ободтар менамуд, иншоотҳои навбунёд сарои бозори шаҳрӣ, қасри Донишгоҳи вилоятӣ, иморати бисёрошёнаи ҳукуматӣ ва амсоли инҳо маркази вилояти мухтори кӯҳиро боҳашаматтар вонамуд мекарданд.

Рӯзи дигар, баъд аз машварату мулоқотҳо бо шахсони масъул ва ёру дӯстони дерина ба ноҳияи Ванҷ азми сафар намудам. То соатҳои чаҳор чархбол поидем, ки нашуд, зеро ҳаво мусоидат накард. Ноилоҷ бо наклиёти заминӣ ба роҳ баромадем.

Ронандаамон – марди гирову кордида, ки Меҳмон ном доштааст, дастаи мошинаи «хизматнишондодааш»-ро тоб дода-тоб дода, ба азобе даргиронду равон карда гуфт:

– Худо хоҳад, дар роҳ наемонем.

– Кошки, кошки Меҳмончон, акнун тақдири мо дар дасти шумо – гуфтаму фурсате ба хаёл рафтам ва дарҳол таассуроти сафарҳои бори аввал дар ин роҳ пайдо кардаам ба ёд меомаданд – иҳотаи дилангези кӯҳсорон, мавҷҳои пуртобишу пуртуғёни дарёи Панҷ, чаҳ-чаҳу қаҳ-қаҳи паррандаҳо, ҷавлонзаниҳои укобон, истиқболҳои гарму ҷӯшони дӯстони ҳамсабақ... хоҳ шаб мегаштӣ хоҳ рӯз, дилҳо беҳарос, роҳҳо кушода буд, ҳамвору обод, касеро ба ту коре набуд, чӣ тавре, ки борҳо аз Акашариф шунидаам, – «биҳишт онҷост, ки озораш набошад, – касеро ба касе кораш набошад». Чунин биҳишт дар хотирам нақш баста буд Бадахшони озод ва Помири биҳиштосо бо он роҳҳову манзилгоҳо.

Акнун чӣ? Гӯё ба як ҷаҳони дигар афтодаем:... Ҳамин, ки аз Хоруғ баромада ба хамиҳои Поршнев расидем, ҷавонмардони силоҳбадаст мошини моро нигоҳ доштанд, худамонро фуроварда ҳуҷҷатҳо ва мошинаро бодиққат тафтиш намуданд, пурсиданд, ки ба кучо ва барои чӣ меравед?

Ҳамсафарам, Хушкадам Хушкадамов, ҷавонмарди ботамкину хушфеъл ва дилогоҳ ба гумонам изтиробу хиҷолати маро мушоҳида кард, ки зарофатгӯёна ба забон омад:

– Муаллим, ин «аз нӯги хамир, фатир» чунин фаромадану баромаданҳои зиёд моро дар пешанд,

акнун бо чашмони худ мебинед, ки Бадахшони имрӯза дар чӣ ҳолат аст.Ҷои пинҳон кардан нест, дар ин ҷо ҳар лаҳза хатар таҳдид менамояд, барои ҳамин ҳам бисёриҳо ҷуръати ба Помир омадан надоранд, — гуфт вай, ки дар гуфтораш оҳанги таассуф бештар ҳувайдо буд.

Боке надорад, азизам, тан ба тақдир медиҳем, ҷони мо аз ҷони ин чавонписарони сарҳадбон, ки аз оғӯши ҷонфазон завқаҳояшон, меҳрубониҳои гарми модаронашон маҳрум гашта, дар ин сарҳадзамин зери тундбодҳои сарди барфу борон, сина сипар адои хизмат менамоянд, азизтар нест, ҳар бало, ки аз осмон фурояд, замин бояд қабул кунад, мову Шумо дар заминем, — гуфтам ба ҳамсафаронам, шӯхиомезона.

Ҳамин тавр, мо бо ронанда чаҳор тан, аз манзил то манзили дигар мерафтему аз рӯйдодҳои замона аз кору бору зиндагии мардуми кӯҳсорон, мушкилиҳои ба сари ҳама омада изҳори ақида менамудем, ки он гаҳ ба ҷуз азияти рӯҳӣ дигар «кайфияте» надошт. Ронандаамон Меҳмон дар қишлоқи Сохчар ногаҳон мошинро нигоҳ дошту гуфт бо лаҳни лутфангезе: «ин ҷо зодгоҳи ман ва олимони номӣ Баҳодур Искандарову Раҳим Додхудоев аст, каме нону мева мегирам, Худо накунад, ки имшаб дар роҳ монем, бе озуқа азоб мекашем. Ҳамин ки ба маркази ноҳияи Рӯшон расидем, ҳамсафари дигарамон Зиёратшо, ки ба мардуми маҳаллӣ шахси дардошно буд, ба ҷараёни сӯҳбат ҳамроҳ гашта ҷонсӯзона гуфт:

Мардуми ин ҷоро дард болои дард аст, ягон соҳаи зиндагӣ бе мушкилӣ нест, масалан азоби роҳро мегирем. Аз Рӯшон то Хоруғ ҳафтод километр роҳ аст, мардум аз ноилоҷӣ он ҷо пиёда рафта меоянд, инчунин ишкошимиҳо ҳам. Зеро, ки сӯзишворӣ нест, нақлиёт кор намекунад, худи ман чанд моҳ аст, ки аз падараму оилаам, ки дар Ванҷанд, хабар гирифта

наметавонам, хайрият имрӯз ба туфайли Шумо мераваму мефаҳмам, ки онҳо чӣ ҳол доранд.

То баргаштани Меҳмон Хушкадам ҳамраъйиашро бо Зиёратшо изҳор намуда дар хусуси Рӯшону рӯшониҳо нақле кард, маркази Рӯшон зодгоҳи артисти Халқии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Ғуломҳайдар Ғуломалиев, поёнтар, деҳаи Дерзуд зодгоҳи ҳодими намоёни давлатии Тоҷикистон Назаршо Додхудоев, боз пасттар кишлоки Шидз, он ҷо собиқ ҳамкоратон, профессор Меҳрубон Назаров таваллуд шудааст, ҳамсабақатон Хушкадам Давлатқадамов ҳам дар ҳамин ноҳия, дар деҳаи Емс ба олам чашм кушодааст, гуфт ӯ.

Яъне, Рӯшон макони инсонҳои шарифу соҳибистеъдод аст, агар хато накунам, худатон ҳам аз ҳамин ноҳия гуфтам суханҳои Хушкадамро қувват дода.

Агар бо лаҳҷаи Зиёратшо гӯем, ҳаминзайл «чақ-чаққунон» мо ҳамсафарон аз як пости сарҳадӣ то ба постҳои дигар, аз гардишҳои кӯҳӣ то ба гардиши качу килеби оянда «рох кӯтоҳ» мекардем. Аз корҳои муҳиме, ки дар рох анҷом додем он буд, ки фурсатҳои муносиб ёфта бо ҷавонмардони сарҳадбон сӯҳбатҳои дӯстона намудем. Дар постҳои Бунӣ, Пасхуф, Шидз, Язғулом ҷавонмардони россиягӣ ва тоҷикистонӣ аз Конибодом, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Исфара, Ӯротеппа Евгений (Женя), Петро, Иван, Ойбек, Самад, Сайфулло ва дигарон бо майли тамом бо мо сӯҳбат намуданд, аз хизмати сарбозӣ калтаю кӯтоҳ ҳикоят намуда, аз вазъияти пойтахти ҷумҳурӣ Душанбе пурсон мешуданд, фақат аз он шикоят доштанд, ки мактубҳо дер мерасанд.

Аз гуфтугӯйҳо вонамуд мегардид, ки рӯҳияи сарҳадбонон солиму қавист, онҳо бо дили гарм ва бо ҳисси масъулиятшиносӣ адои хизмат менамоянд.

Аз сарҳадчиён пурсидем, ки дар чунин «нуктаи гарму баланди дурдаст» хизмат кардан мушкил нест? Женяи кемеровӣ гуфт, ки чаро мушкил набошад, албатта мушкил, аммо мо амик дарк менамоем, ки барои сайр ё ба курорту тамошо наомадаем, ба ин минтақа моро эҳтиёҷи хифзу химоят овардааст, яъне мо барои хизмати ҳарбӣ омадаем. Ҷавонписарон Тоҷикистонӣ низ дар чунин акидаанд, «аз мо хавотир набошед, сафаратон бехатар бошад», - мегуфтанд дилсӯзона онҳо. Ба ҳаман онҳо ахсан гуфта дуои нек мекардем, ки «Ҷонашон аз хатар эмин ва сарашон аз санг бошад». Дар он лаҳза беихтиёр сатрҳои зерини Сайидо ба забон меомаданд:

Ҳамчу осиё ба ман нест оромӣ,
Баҳри рӯзии мардум рӯзу шаб ҷалал дорам.

Ба монанди он, ки ин шеър махсус ба заҳмату ташвишҳои беисти он ҷавонмардон бахшида шуда бошад.

Аз ҳамсафарон Меҳмон кам гап мезад, ӯ хомӯш сӯҳбатҳои моро гӯш мекарду бо диққати том роҳу атрофро нигоҳ мекард, кӯшиш ба ҳарҷ медод, ки сиҳату саломат ба Ванҷ расем, ӯ эҳтиёткорона мошин меронду чанд печутобҳои пасту баландро паси сар карда моро ба маркази ноҳия расонд.

Бевакт шуда буд. Дар идораи ҳукумат касеро наёфтем ва Зиёратшо бепурсишу гапу гузор, барои мо дар ҳавлии қиблагоҳаш - амаки Пиримшоҳи ҳафтоду панҷсола сарпаноҳи гарму нарм ёфт.

Он мӯйсафеди нуронӣ, гарчанде моро бори аввал медид, падарвор ба оғӯш кашида, гарм истиқболамон намуд, зуд дастархони пур аз нозу неъмат орост. Ба ман бештар тутпиставу чормағзи ванҷӣ хуш омад.

Байни мову амаки Пирумшоҳ то бевақтии шаб ҳамнишини хушу боҳаловат сурат гирфт. Пири

кордидаю ҳаётдӯст, аз умри гузаштааш ойину анъана ва русумоти ванчиён наклҳои дилангезе намуд. Албатта ман суханҳои пандомез ва ҳакки нону намаки ӯро ҳеч гох фаромӯш нахоҳам кард. Аз фазилатҳои амаки Пирумшоҳ, тарзи пухту пази таомҳо дастархонорой, муомилаи кушодачеҳраи писарон, духтарон, келину набераҳо дарк кардам, ки хонадони амак – дар пояи баланди одобу тамизи оиладорӣ мебошад, зеро ки дар он оила эҳтирому ҳурмати инсон, хусусан меҳмон муқаддас пиндошта мешавад.

Субҳи рӯзи дигар, бо раиси ноҳия Ҳимматшо Карамшоев гуфту гузори муфиди корӣ доштем. Ӯ каноатмандона ҳикоят кард, ки зиндагӣ ба беҳбудӣ хоҳад расид, – имсол хоҷагиҳои давлатӣ зиёда аз ҳафтсад тонна ғалла ҷамъоварӣ намуданд, баъзе оилаҳо худашон то ҳафтод-навад халтагӣ гандуму ҷав тайёр карданд. Барои барқарор кардани саршумори чорвои ҷамъиятӣ низ корҳои назаррас карда шудааст, аллакай яксаду панҷоҳ моли калони шохдор ҷамъ оварда шудааст. Тамокукориро ҳамчун соҳаи сердаромад тараққӣ доданӣ ҳастем, – мегуфт раиси ноҳия. Ба наздикӣ истгоҳи барқии Техарв ба кор медарояд, хонадонҳои зиёд чароғон мешаванд, ки дар ин кори хайр дасти мадади Ҳукумати ҷумҳурӣ аён аст.

Дар ҳузури Ҳимматшо Карамшоев бо коргари совхози «50-солагии СССР» Гулғунча Фамбулова, духтури касалхонаи Марказии ноҳия Субадоров Зариф, сарагрономи ноҳия Кӯҳканов Давлат, корманди шӯъбаи кадрҳои ҷамъиятии матлубот Васила Шакаршоева, мудири шӯъбаи ҳукумати Ванҷ Додихудо Эркаев ва дигарон сӯҳбатҳои судбахш доштам. Дӯстони ванҷиам Неъматулло Раҳматулло, Иммат Мирзоев, Тулфор Қадамов ва дигарон маро басе хуш пазируфтанд. Афсӯс хӯрдам, ки дӯсти қадрдони деринаам Раҳматулло Абдуллоев дар табобат будасту дида натавонистам.

Дар Ванҷ ҳамроҳи Карамшоев бо нозирони СММ (Созмони Милали Муттаҳид) низ дучор шудем. Афсарон – Тоир Обидат (Ӯрдун), Сорока Ян Феликс (Полша), боз низомие (Бангладеш), ки дар он гӯшаи дурдаст адои хизмат мекунанд, моро шодона истиқбол карданд ва аз кору бору ҳолу аҳволашон нақл карданд. Ян Сорока изҳор кард, ки вазъият оромтар шуда истодааст.

Баъд аз сӯҳбати хушу қаҳванӯшӣ ба нозирон осоишу бурдбориҳо хоста хайрбод кардем. Пас ба раиси ноҳия ҳам барои нону намак ва иззату қадрдонии дӯстона изҳори миннатдорӣ карда роҳи Хоруғро пеш гирифтем.

Аз мулоқот ва сӯҳбатҳои рафиқона, ки бо ҳар касе доштем як ҳолати муҳимро дарк намудам. Аксари мардуми Бадахшон – хурду калон – харчи зудтар бехбудиро мехоҳанд, ҳатто онҳое, ки ҳам аз паси «демократ»-ҳо рафта буданд, аз карда пушаймон шудаанд.

Дар бозгашт аз Ванҷ, дар постгоҳи сарҳадии Қалот (ноҳияи Рӯшон) аскарбачаҳое, ки ҳангоми рафтанамон моро пешвоз гирифта буданд, акнун чун шиносҳо моро истиқбол карда ҳазломезона гуфтанд, – «то як пиёла чои сарбозии моро нанӯшед, ба Шумо рухсати рафтан нест».

Дар хобгоҳи сарбозҳо, ки чанд кати дуқабата дошт, дастархони аскарӣ ороста моро бо кашаю (шавла) нону чой зиёфат карданд, ки дар он лаҳзаҳои сардиву гуруснагӣ хеле болаззату бомаврид буд.

Яке аз ҳамсафаронам ҳарбиёнро ба мо шинос кард, – гуфт, ки инҳо аз қисмҳои ихтиёрии ҳарбии бадахшонианд. Аз ин сухан командир – лейтенанти калон Панҷшанбе Фарҳодов ва сарбоз Шералӣ баробар шӯриданд: «Чаро қисмҳои бадахшонӣ?! қисмҳои тоҷикистонӣ гӯед».

Дар он мулоқот огоҳ гаштем, ки ҳайати қисми ҳарбӣ, аз ҳайати худмухофизони Бадахшон бо сарварии Холбаш якумин шуда ба тарзи ихтиёрӣ ба ҳимояи сарҳади Тоҷикистон гузаштаасту содиқона хизмат мекунад.

Шавлаю қандчойи аскарӣ болаззат буду наклҳои аз хизмати сарҳадӣ шавковар:

Таъминоти моддии хизматчиёни он постгоҳ ба зиммаи совхози «Шидз» ва чанд хоҷагиҳои дигар гузошта шуда будааст. Сарҳадбонҳои ҷавон дар вақтҳои холӣ, сурудхонӣ менамуданд. Касе нимшӯхию нимҷиддӣ гуфт: Дар замонҳои гузашта ба сарбозон киною консертҳо нишон медоданд, акнун ба ҳаминаш ҳам шукр. Сӯҳбат чунин ошкоро, самимӣ ва дӯстона буд, ки худдорӣ накарда китобамро «Зов памяти» («Нақши хотир») ном дораду барои тӯҳфа ба дӯстам Алимамад Ниёзмамедов бурда будам, ба сарбозони сарҳадӣ бахшидам. Онҳо миннатдорӣ намуда гуфтанд, мо ин китобро ҳамчун ёдгорӣ нигоҳ медорем ва ҳамаамон онро бо навбат мехонем. Шояд ин оғози кори неки ташкили китобхонаҳо дар қисмҳои ҳарбии хурди сарҳадӣ шавад.

Бадахшон кӯҳсори пурфайз аст. Беҳуда намегӯянд:

Бадахшон чатри симини замин аст,
Табиатро дар ангуштар нигин аст.

Яке аз дӯстони вафодори бадахшиам Гулбек Ҷумъаев низ дар чунин ақида аст, ки иброз дошт:

Беҳуда заминҳоро бадном менамоянд, ки камҳосил аст. Соли гузашта аз порчаи замини наздиҳавлигиам бисту ду сентнер картошка гирифтам, хоҷагиҳоиеро медонам, ки меҳнати хуб карда, аз гандуми тухмии покистонӣ шаст сентнерӣ ҳосил гирифтанд.

Дар чараёни сафар бо сарвари бахши кишоварзии вилоят, шиноси дерина, мўхтарам Холиқдод Ҷонбобоев низ мулоқот доштам. Ў нақли ачибе намуд: Дар баҳорон, дар айёми киштани зироатҳо дар сари замин аз панҷ-шаш кас зиёдтар одам намебинед, аммо тирамоҳ, вақти ҳосилғундорию тақсимкунӣ одамони гуногун гурўҳ-гурўҳ меоянду ҳар кадом «ҳақ» талаб мекунанд, ки дар байнашон силоҳбадастон кам нестанд. Акнун ин амали бешарафона тадричан тағйир меёбад, яъне баъзеҳоро ба сар фикре меояд, ки меҳнат ҳам кардан лозим аст. Зеро аз гапфурўшиву демократбозии бесамар суде нест. Аз гуфтаҳои болоӣ чунин бармеояд, ки қонуни зиндагиро ҳеҷ кас бекор карда наметавонад. Дар шоҳроҳи ҳаёт инсон мелағжад, меғалтад, ҳам мешавад, рост мешавад ва билохир роҳи дурустро меёбад. Оқилон беҳуда нагуфтанд, ки роҳи рост якто, роҳи кач садто. Роҳи кач осон менамояд, роҳи рост мушкил аст, вале касро ба мақсад мерасонад, ки исботи онро дар муташаккилона ва дар дарачаи баланди худшиносӣ гузаштани интихоботи вакилони халқ ба мақомотҳои намояндагии мардумии ноҳияҳо, вилояту ҷумҳурӣ, ки 26 феврали соли 1995 баргузор шуд, низ метавон дид.

Касе аз хамсўҳбатон пурсон шуд: «Бадахшон дар интихоботи охирин чӣ мавкеъ дошт?»

Хушбахтона, мардуми Бадахшон дар ин маъракаи мухими сиёсӣ фаъол буд, ки ин фоли нек аст, дар овоздиҳӣ бештар аз 95 фоизи интихобкунандагони вилоят ширкат варзиданд ва дар натичаи он аз Бадахшон ба Мачлиси Олӣ Қоимдодов Қ., Шабдолов Ш.Д., Илолов М., Ниёзмамадов А., Шочонов М., Атобоев А., Ёриев А., Замиров Б., Лоиқов Р., барин вакилон интихоб гардидаанд, ки фаъолияти босамар менамоянд, чавоб додам.

Сабаби гардиши ҷиддии сиёсиро, ки дар интихобот сурат гирифт дар чӣ буд, ки онро фоли нек гуфтед? – боз пурсид ҳамон шахс, ки ба гумонам рӯзноманигор буд.

Сабабаш – дар боло гирифтани ақли солим ва фоли некаш он аст, ки дар натиҷаи интихобот, дар ҳамаи зинаҳои давлатӣ инсонҳои дар асл халқдӯсту масъулиятшинос ва соҳиби қобилияти баланди ташкилотчигӣ омадаанд. – гуфтаму афзудам. – ана ҳамин тоифа сиёсатмадорони нав (пеш аз ҳама вакилони навинтихобшудаи мардумиро дар назар дорам), тавонистанд, ки ба аҳолӣ ҳақиқати талхи зиндагиро бигӯянд, дар онҳо ҳисси баланди худогоҳиро бедор намоянд.

Чӣ тавре ки бадахшониҳо махсус қайд намуданд, дар ҳалли масъалаҳои муҳими коркарду қабули қонунҳои муфид барои халқ саҳми роҳбарияти Маҷлиси Олӣ низ назаррас аст. Масалан, бо сарварии Раиси Маҷлиси Олӣ Раҷабов С.Р.вакилони мардумӣ, ки дар ҳайати Раёсату кумитаҳои Маҷлиси Олӣ шомиланд, аз ҷумла Қоимдодов Қ., Мӯсоева Р., Илолов М., Шоҷонов М. ба Хоруғ омада дар муҳокимаи Қонун «Дар бораи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» бевосита иштирок намуданд, ки вай дар иҷлосияи дуюми Маҷлиси Олӣ қабул гардид.

– Магар пештара ин корро намекарданд? – боз пурсид аз ман.

– Мекарданд, аммо на ба амри дили худ ва на аз мавқеи мардуми заҳматкаш, – гуфтам ва фикрамро давом додам, – бехтарин нотиқон суханварони варзида, аксар вақт ҳарфҳои зебову бопардоз мегуфтанд, аммо он суханҳо бештар носанҷидаву шӯрангез буданд. Намунаи онҳоро дар Душанбе ҳам шунидаем. Ҳол он ки инсон, хусусан ашхоси сиёсатмадор ҳар ҳарфашро дар мизони виҷдону имон

баркашида гӯяд, фазилатфурӯшӣ накарда, ба нафъи мардум, баҳри давои ӯ тадбир ҷӯяд, чӣ тавре ки бузургон фармудаанд, – он чӣ бо тадбир тавон кард, ба зӯру зар муяссар намешавад.

Дар шаҳри Хоруғ ҳам мулоқоту сӯҳбатҳои самимии зиёде доштам.

Дӯстони қадрдонам, ки аз омаданам огаҳ шуда буданд, маро лаҳзае танҳо намегузоштанд. Хусусан бегоҳиҳо дар меҳмонхона дар сари дастархон, вақто ки Боймаҳмади Алибахш, Хушқадам Хушқадамов, Гулбек Ҷумъаев, Тӯтиёр Азизмамадов, Карим Қадамов меомаданд, сӯҳбатҳои дилангез рух медод. Мо то дергоҳ бо ҳам менишастему аз рӯзҳои хуби гузашта ёд мекардему ояндаи беҳтарро орзу менамудем.

Баъзе лаҳзаҳои он мулоқотҳои фаромӯшнашуданиро ба хонандаи азиз расониданиям. Азбаски он гуфторҳо гуфторҳои дӯстонаву ошкоро буданд, ҳар чизе ки дар дил буд, ба забон меомад. Табиист ки суханҳо зиёдтар аз рӯзгори имрӯза, воқеаҳо ва рӯйдодҳое мерафт, ки тамоми ҳаёти ҷамъиятиро ноором кард, Тоҷикистон ягонаро ба тарзи сунъӣ ва номатлуб ба водиҳо ҷудо карданӣ мешуд, дӯстро душману душманро дӯст вонамуд кард. Ин ҷудоиандозиҳо мардуми заҳматкашро ба рӯзгори сангин рӯ ба рӯ кард.

Ба хотирам меояд, ки корафтодае дар ҳузури корманди ҳукумати вилоят Азизмамадов Тӯтиёр худ ба худ мепурсид: – моро ношукрӣ ба ҳамин ҳолат оварда, ҳар нақорае ки аз боло мезаданд, мо зуд ба ҳавои он ба рақс медаромадему лаббайгӯён сар мечунбондем.

– «Карахтӣ» гуфтанд, зуд бовар кардем, «бозсозӣ» гуфтанд, кафкӯбӣ намудем, филфавр шӯридему ҳамовоз шудем, «озодӣ» гуфтанд, кабквор хиромидем. Оқубаташ чӣ шуд, ҳоҷати шарҳу эзоҳ нест, – мегуфт вай оҳи аламнок кашида.

Дӯстам Боймаҳмади Алибахш, ки табиату мизоҷи пурҳарорат дорад, борҳо мечӯшид, ки шарм накарда бехтарин айёми зиндагиамонро «карахтӣ» гуфтем, дар замони ба ном карахтӣ аз ҳозира ҳазор бор бехтар зиндагӣ доштем, хунукиҳо наомада, ба Бадахшони Шӯравӣ, ки чизи қазоӣ истеҳсолу тавлид намекард, маводи хӯрокиву пӯшокӣ ва сӯзишвориро мекашониданд, дар анбору айвонҳои мағозаҳо халтаҳои орду биринҷ, шакару қанд, зарфҳои пури равған, тойҳои пахтаву либосворӣ, масолеҳи сохтмон ва ғайра ғарам-ғарам мехобиданд. Касеро мӯхточӣ таҳдид намекард. Он вақтҳо бе кӯмаки фондҳои хориҷиён ҳам рӯзҳоямон мегузаштанд. Аммо чӣ илоҷ, ки имрӯз дастнигари ёрдамҳои беруна гаштаем. Аз Президентамон Э.Ш.Раҳмонов, Қозидавлат Қоимдодов ва дигар бародарони дилсӯзамон беҳад миннатдор ҳастам, ки диққати Имоми Замон Оғохони IV – Шоҳкарим Ал-Ҳусейниро ба рӯзгори абгору нобуди бадахшониён ҷалб намуданд ва ӯ тавонист кӯмаки фаровоне намояд, ки дар сахттарин рӯзҳои парешонию дармондагӣ айни муддаост. Мулоқотҳою сӯҳбатҳо гӯё охир надоштанд. Гузаштани вақт ноаён мемонд. Ҳар бор худ ба худ мегуфтам:

Агар кӯхи Бадахшон лаъл дорад,
Ба дидори бадахшонӣ наарзад.

Афсӯс, ки ҳамаи он чизҳоеро, ки шунидаму дидам, ба қалам дода наметавонам, ҳар касеро намедидам, дарди диле дошт, ҳасрате мекард. Дӯсти қадрдонам инсони шарифу зарофатгӯй, шоири соҳибистеъдоди баркамол Ширин Бунёд, ки сарвари шӯъбаи Бадахшонии Иттифоқи нависандагонро ба ӯҳда дорад, ба ҳолпурсии ман чунин посух дод:

Моҳҳост, ки моҳона намегирем, бо сабаби надодани муздпулӣ хатҳои телефонҳоямонро

буриданд, дӯстон аққалан бо телефон ҳолпурсӣ мекарданд, аз ин ҳам маҳрум гаштем. Он лаҳза санъаткори номии чумҳурӣ Маъруфи Мазҳабшо ҳам бо мо буд гуфт:

– Вазъияти кормандони театр боз вазнинтар, барои шоириву шеърнависӣ сафар кардан он қадар зарур нест, аммо мо ба назди халқ нарафта наметавонем, ду рӯз қабл як гурӯҳ артистон аз сафари ҳунарӣ аз Бартанг баргаштанд, азобу шиканҷаҳои онҳоро тавир кардан имкон надорад.

Бадтарини рӯйдоди зиндагии имрӯзаи мо он аст, ки – мегуфт Ширин Бунёд, фикрашро давом дода – заҳмати ҷигархуни нависанда, олим, муаллиму артист, меҳнати рӯзноманигору духтурҳо, хулоса, тамоми зиёиён бекадр гаштааст, ки оқибати ин ба фалокати чашмнодида ва харобии ҳаёти маънавӣ мебарад, ки зуҳуроти онро дар ҳар қадам дида истодаем.

Гулбек Ҷумъаев ба Ширин Бунёд ҳамовоз шуда дарди дил кард:

– Он чизҳое, ки ин замон дар ҳаёти мо рух медиҳад, ба гуфтанашон забони кас намегардад. Чанд сол пеш, мо бадахшониҳо, дар бораи қулфу калид тасаввур ҳам надоштем, гӯем, хато намекунем, зеро дарҳои хонаҳоямон ба мисли дилҳоямон доимо кушода буданд, дуздию ғоратгарӣ барои мардуми ин диёр бегона буд. Дирӯз даҳ литр бензин қарз карда, бо мошин барои аёдати падараму модарам ба деҳаи Шохдара рафтам. Саҳарӣ маълум шуд, ки шабона бензинро дуздиданд. Ана то ба кадом дараҷа ахлоқу тамизи хешовандони мо костааст.

Хулоса, касеро надидам, ки дарде, аламе, ҳасрате надошта бошад. Гумон доштам бори гарони даргириҳо, зиндагӣ асосан дар дӯши мардон аст ва табиист, ки онҳо бештар дарди дил менамоянд. Ин ақидаам шояд аз он сабаб бошад, ки ҳар пагоҳ нону

намакро аз дасти бонухои зебои бадахшонӣ – Назира ва Ҳавобегим мехӯрадам, онҳо маро бо табассуми ширин пешвоз мегирифтанд ва бо лабҳои хандон гусел менамуданд. Он лаҳзаҳо, беихтиёр сатрҳои «Ба оташ афканад лаъли лабат, лаъли бадахшонро» вирди забон мешуданд. Акида доштам, ки шояд онҳо аз ғам озоданду шодком ва дар зиндагӣ осудаанд. Як рӯз пеш аз баргаштанам ба Душанбе Назира ва Ҳавобегим ба ман «роҳи сафед, боз биёед» гуфтанд ва ҳар кадомашон, алоҳида-алоҳида узр пурсида бо алами бисёр дарди дил карданд, ки чӣ сон акаю додарҳои бедаракшудаашонро ҷустуҷӯй намоянд, аз роҳпоиву интизорӣ модарону хоҳарону хешони ҷигархун рӯҳафтода шудаанд...

Хушқадам ҳам, дар ҳамсафариамон фочиаи занеро аз ноҳияи Ишкошим нақл кард, ки ҳини аз водии Вахш фирор карданаш писарчаи чорпанҷсолаашро ё аз талвосаи чон ё аз саросемагӣ гум карда омадааст. Соли сеюм аст, ки он модар ба мисли шахси моргазида мепечаду менолад, аммо ба дарди дилаш даво намеёбад. Ҳоло кадом модару зану хоҳари тоҷик бе дарду ҳасрат бошад? Рост гуфтаанд:

Ханда мебинӣ, вале аз гиряи дил гофилӣ,
Хонаи мо андарун абр аст, берун офтоб.

Рӯзи истироҳат бо дӯстам Хушқадам ҷойҳои диданибоби Хоруғро зиёрат менамудем. Аз роҳбаладам хоҳиш намудам, ки маро ба мағозаи китобфурӯшӣ бубарад. Вай дилу нодилон розӣ шуд. Пурсидам, ки чаро ин хоҳиши маро бераҳбат пазируфтӣ? Гуфт, ки кас он ҷо рафта хиҷолат мекашад...

Ҳақ ба ҷониби Хушқадам буд, зеро аз он мағозаи китобе, ки ман медонистаму борҳо дида будам ва аз он китобҳо харида будам, фақат номаш, деворҳояшу

рафҳояш бокӣ мондаасту бас. Дар рафхо ғайр аз брошураю китобчаҳо ва тақвимҳои чангзеркарда, дигар чизе ба назар намерасид. Дар анборҳои захиравии мағоза каламушҳо шабу рӯз базм меороянд.

Панҷ сол пеш дар он мағоза дар қатори ганҷинаҳои адабиёти бадеӣ, илмӣ ва оммавии олам китобҳои дарсӣ, маводӣ таълиму тарбия, асарҳои муаллифони бадахшонӣ — Мирсаиди Миршакар, Тиллои Пӯлодӣ, Нодири Шанбезода, Басири Расо, Салим Ҳалимшо ва дигаронро харида метавонистед.

Пас аз «тамошои» мағозаи китоб растаҳову иморатҳои навбунёдро дида ба маркази шаҳр расидем, ки онҷо иншооти ҳозиразамони боҳашамате ба чашм мерасид. Хушқадам гуфт, — ин иморатро шумо бояд донед, пештар хонаи маорифи сиёсӣ буд, ҳозир дар ин ҷо Донишгоҳи ба номи Назаршоев фаъолият менамояд.

Номи Моёншоро шунида андаке карахт гаштам. Хушқадам пурсид, ки муаллим чаро ба андеша афтодед?

— Чаро ба андеша наравам — гуфтаму афзудам. Моёншо Назаршоев дӯсти ҳамкорам, ходими намоёни ҷамъияти давлатӣ, олими номии миллати тоҷик буд, ӯро ба мисли дигар соҳибдилони бадахшонӣ Баҳодур Искандаров, Рустамбек Юсуфбеков, Худоёр Юсуфбеков, Меҳрубон Назаров, Мамадшо Илолов, Раҳим Додхудоев, Мамдиёр Мамадназарбеков ва даҳҳо дигарон, ки дар инкишофи илму маорифамон саҳми назаррасе доранд, азизаш медонистам, зиёдтар аз он, бо Моёншо ҳамкорӣ намудаем, нисбат ба якдигар унсу рафоқату бародарӣ пайдо карда будем.

Аввали солҳои шастум ба Помир бо меҳмони москвагӣ омада будам. Он вақт Моёншо сарвари ҳамин вилоят буд. Ӯ маро самимона қабул намуд, дар хонааш меҳмондории хубе ороста ва ҳамроҳамон ба

ноҳияҳои Шуғнон, Ишкошим ва Мурғоб то ба Булункӯл ҳамсафарӣ намуд. Он лутфу марҳамат, зарофатгӯиҳо ва мехрубониҳое, ки шодравон Моёншо ба мо раво дид, ҳеҷ гоҳ фаромӯш карда наметавонам, – гуфтам ба Хушқадам.

Фардои он рӯз ҳафопаймо моро аз болои қуллаҳои осмонбӯс гузаронда, ба Душанбе расонд. Ёди Бадахшони дурахшон ва чеҳраҳои башшоши мардуми шарифи он дар хотир монд. Кошки аламҳо ва дил раваду садои шодмонӣ ва фарах аз қаъри ин қуллаҳо то ба афлок танин биандозад!

МОҲИ БЕАЙБ
(сатре чанд аз рӯзгори Майсара Дилдорова)

Солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар кишвари биҳиштии мо – Тоҷикистон Даҳаи адабиёт ва санъати Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар ҳайати вакилони расмӣ дӯсти ҳамсабақам, олим, файласуф, собиқ вазири фарҳанги Ӯзбекистон Ғанӣ Наҷимов ҳам буд.

Дар фурудгоҳ, вақти пазироӣ Наҷимов хоҳиш кард, ки ӯро ҳатман ба гурӯҳе, ки ба Бадахшон меравад, ҳамроҳӣ намоем, чунки зиёрати Помир орзуи ширини деринаи ӯст ва ӯ боз мехоҳад, ки як бор аҳли байти ҳамсабақамон Хушкадам Давлатқадамовро ҳам хабар гирад.

Хоҳиши меҳмони иззатманд ба инобат гирифта шуд ва дӯстамон Ғанӣ Наҷимов баъди чанд рӯзе аз сафари Бадахшон бо як ҷаҳон таассуроти дилангез баргашт. Дӯстам бо ҳаячон сухан оғоз намуд, – Азизам, бидон, ин сафар бароям саёҳат не, ин як навъ хобеву хаёли ширине буд. Чунин кӯҳҳои осмонбӯс, дараю шаршараҳои бетаку бебар, пиряхҳои беандоза, набототи рангоранги худрӯ ва қутосҳои барзангиро дар кучо мебинӣ? Бештар ба мардуми заҳматқарини он ҷо қоил гаштам, ки дар ҳамон иқлими кӯҳистони сангин хушу хурсанд зиндагӣ мекунанд.

Яъне зиёрати Бадахшон ба Шумо завковар буд, ба мақсадатон расидед? – пурсон шудам.

Ист, ист. Ҳоло сабр кун, бародар, ман чизи аз ҳама муҳимро ҳанӯз ба ту нагуфтаам, – гуфт Наҷимов ва бо табъи шукуфон қазоват намуд, – ман дар ин сафарам як кашфиёти тасхиркунандаи аҷоиб намудам.

Чӣ кашфиёте, ки боз тасхиркунанда будааст? – пурсон шудам.

– Ин кашфиёти камина, ҳунарпешаи ҷавони бадахшӣ Майсара Дилдорова мебошад, – гуфт Ғанӣ Наҷимов бо рӯҳбаландӣ.

– Ана, гап дар кучо? Духтарони паричеҳраи бадахшӣ Шуморо асири ҳусн карданд гӯед?

– Гапро ба шӯхӣ набаред, азизам, Холмурод, ман басо ҷиддӣ мегӯям. Камина оламро гаштаам, аммо то ҳанӯз ҳунарпешаеро надидам, ки ба мисли Майсараи шумо ҳам дар ҳусну малоҳат, ҳам дар қаду басту саҳнаороӣ якзайл бошад, – гуфту яку якбора аз ӯзбекӣ ба русӣ гузашт, – словом, бог дал ей все – ангельский облик, звонкий как хрустал голос, завораживаюший талант.

Ҳамин тавр, Майсарабону бо ҳунари мафтункунанда ва ҷамоли пириваши худ, ҳайати вакилони Ӯзбекистонро шайдо менамояд, ки ба гуфти Ғанӣ Наҷимов, яке аз аъзои ҳайати расмӣ, ихтиёр аз даст дода, гулдаста наёфта, ба ҳунарпеша соати тиллоияшро тақдим менамояд.

Бемуҳобот, фақат барои дидани санъати Майсара Дилдорова ба Бадахшон махсус сафар намоӣ, меарзидааст, – хулоса кард Наҷимов. Камина ҳар бор ки сурудҳои Майсараро аз радио ё телевизион шунавам, ҳамон ҳикояти рӯҳнавози дӯсти қиёматиям шодравон Ғанӣ Наҷимов ба хотирам меояд ва меандешам, ки ҳунари асили сеҳрнок метавонистааст дар замири инсон маскан гузорад.

Тақрибан соли ду ҳазору дуюм бо бародарам Сироҷиддин барои табобат ба осоишгоҳи «Зумрад»-и шаҳри Исфара рафтем. Бегоҳие дар курсии саҳни ҳавлии осоишгоҳ фароғат доштам, ки марде пешопеш, хонуме аз қафо сӯи мо омаданд. «Ман Маҳмадазизов, саррежиссёри (саркоргардони) театри шаҳри Хоруғ ба номи Меҳрубон Назаров, Шумо Шарифов Холмурод нестед? – пурсид мард. Боз илова намуд, – Шумо

Майсарабонуро мешинохтагистед? Мо роҳҳат ёфта ин ҷо барои табобат омадем».

– Бале, бале, Мирзоҷон, ман шуморо ва ҳам Майсарабонуро шинохтам. Дар хотир доштагистед, вақтҳое ки дар Вазорати фарҳанг ва Кумитаи марказии ҳизб фаъолият доштам, борҳо ба Хоруғ рафта бо ҳайати эҷодии театри шумо мулоқотҳои хотирмон доштам. Аз сӯҳбати устодон Н.Карамхудоев, Н.Қурбонҳусайнов, Қадамшо Халилов, Савсан Бандишоева як ҷаҳон маъно бардошта будам. Бо директори театр Ашӯрмамадов Ёрмамад робитаи дӯстӣ пайдо кардам. Гузоришҳои шумо кардагӣ, Мирзоҷон, доир ба ҳолати драматургия, сафарҳои ҳунарии театр, такмили касбии ҳунарварон, доир ба унвонҳои фахрӣ дар Вазорати фарҳанг муҳокима шуданд. Бисёр масъалаҳо ҳалли худро ёфта буданд. Аз наздик бори аввал суруди Майсарабонуро дар анҷумани бистуми ҳизби коммунист шунида будам.

Дар авҷи сӯҳбати самимӣ, ки байни мо – камина, Маҳмадазизов, Майсарабону сурат гирифта буд, бонуи дигаре, ки ҳамхонаи Майсара будааст, назди мо омад. Майсара ӯро бо мо шинос карданӣ буд, ки гуфтам, – Метавонед ин касро шинос накунед, зеро ки ин нозанин Дилбар ном дорад, духтари хурдии Наим Одина, ки дар водии Қаротегин хизматҳои шоён кардааст ва мавриди таҳсини аллома Бобоҷон Ғафуров қарор гирифта буд. Дилбарҷон маро дидан ҳамоно «чӣ хуш ки дӯсти падарамро ёфтам», гуфта ва бо одати қаротегинӣ, аз китфам бӯсид.

Фурсати қабули таоми шом, ки расида буд, мо панҷ нафар ба сӯи ошхона рафтем. Мизҳои хӯрокхӯриамон ҳам дар як гӯшаи ошхона бари ҳам будааст. Ҳамин тавр, бо амри қисмат, гурӯҳи мо бо ҳунарпешаи соҳибэъҷоз, Ҳунарманди халқии

Тоҷикистон Майсара Дилдорова бештар аз як ҳафта аз як дастархон ғизо мехӯрдагӣ шудем.

Илова бар он, ки мо ҳар рӯз се маротиба дар ошхона мулокотҳои дилпазир доштем, боз нақшаҳои ҳаррӯзаи фароғатии сайру саёҳатиро низ бо маслиҳат тартиб медодем.

Майсара табиатан хушфеъл, бачозиба, хоксор, ботамиз будааст. Вай ба мисли баъзе ҳунарварони унвондор, гирифтори кибр, ғурур, худнамоӣ, олуфтагӣ набудааст. Бисёр дидаем тарзи зишти гуфтугузор, рафтору кирдор, либоспӯшиҳои баъзе ҳунармандонро дар осоишгоҳҳо. Онҳо намоишкорона рӯзе чандин ранг либос иваз менамоянд ва тарзи муомилаву гуфторашон ҳам чандон форам нест. Чӣ хуб гуфтааст Носири Хусрав:

Машав худбин, ки он бошад ҳалокат,
Ва-з-он тира бимонат чони покат!

Баъзе рӯзҳо мо якчоя ба тамошои осорхона, боғи фарҳанг, бозор, дигар гӯшаҳои диданибоби Исфараи биҳиштосо мерафтем. Байни мо муносибати неки бародарона ва хоҳарона бунёд гардида буд. Агар бо кадом сабабе, касе аз шарикон ба хӯрокхӯрӣ, табобат ё тамошо наояд, ҳатман суроғаш менамудем, агар лозим шавад, ба ӯ ёрӣ мерасонидем. Дар чунин мавридҳо Майсарабону ва Дилбарчон намунаи ибрат буданд.

Ҳавои тобистон гарм, ки буд, бо маслиҳати хоҳаронамон Майсарабону ва Дилбарчон бегоҳиҳо, (баъд аз қабули давоҳои тиббӣ) дар соҳили дарёчаи бари осоишгоҳ, аксаран дар сари мизҳои чойхонаҳои зебо сайру сӯҳбатҳо мекардем. Ширинкорӣ, зарофатгӯӣ, латифагӯӣ, маталгӯӣ, суруду ракс ва бозиҳои урфии халқӣ нуқли сӯҳбатҳоямон буд.

Рӯзе, ки ҳамин сатрҳоро менавиштам, бо язнаи Майсара, дӯсти деринаам Борон Меробов, сардирижери театри С.Айнӣ, вохӯрдаму пурсон шудам, «Хоҳарарӯси Шуморо дар байни мардум, дар осоишгоҳ, беҳад ҳалиму баодоб шинохтам. Гӯед, ки ӯ дар оилааш низ ҳамин зайл аст?»

Вай дар хонааш моку барин мечунбад, ҳеҷ ором нест, тамоми кори хона, нигоҳубини фарзандҳо дар зиммааш, гарчанде ҳамсараш Бовар инсони ғамхору меҳрубон аст. Агар коми Майсарароро бо заҳмат бардоштаанд, гӯем хато намешавад. Хонаи онҳо дар сари роҳ аст ва мисли чойхона доим меҳмон қабул мекунанду меҳмон гусел менамоянд, гӯям муҳобот намешавад. Онҳо беҳад меҳмондӯстанд, гуфт язнаи Майсара Меробов.

Дар аксар шабнишиниҳоямон дар осоишгоҳ сарпарасти маҳфил Дилбарҷони шӯхтабиати ташаббускор метавонист ҷараёни онро таври дилхоҳ тағйир диҳад, ки ҳар кас дар давра саҳми худро бигузорад. Дилбар Одинаева кӯшиш мекард, ки дар маҳфил рӯҳияи ҳаётбахши инсондӯстӣ илқо шаваду аҷалан дар осоишгоҳ аз ғаму ғуссаву кулфати зиндагӣ озод бошем. Аҳсант ба шоире, ки гуфтааст:

Ба шодӣ дор дилро, то тавонӣ,
Ки афзояд зи шодӣ зиндагонӣ.

Бемуҳобот гули сари сабади маҳфилҳои фароғатии мо Майсарабону буд. Нақлҳои вай аз сафарҳои эҷодиаш дар мамолики хориҷӣ, дохили кишвар, аз урфу одати халқҳои мухталиф шавқовар буданд.

Дилбари ширинкор баъзан ҳазломез лукма мепартофт, «чӣ, Шумо ба курорт барои гунгакбозӣ омадед? Чӣ ҳунаре, ки доред, нишон диҳед». Ҳазлу шӯхиҳои ширинаш ба худаш мезебид ва ӯ метавонист

шариконашро дар бунёди рӯҳияи солими шавқангез фаъол намояд.

Дар яке аз рӯзҳои истироҳатӣ эълон гардид, ки дар қасри фарҳанги осоишгоҳ намоиши ҳунарии санъаткорони шаҳри Исфара бо иштироки ҳунарпешаи ҷавони хушсалиқа Бахтиёр Иброҳимов баргузор мешавад. Бо маслиҳати Майсарабону ба тамошои консерт рафтем. Бемуҳобот, ҳунарнамоии ҳаваскорони Исфара, хусусан сурудҳое, ки дар жанри эстрада Бахтиёр Иброҳимов пешкаши тамошобинон намуд, ба сомеъон хуш омад ва басо гарм пазируфта шуд.

Дар хотимаи консерт барандаи намоиш эълон намуд, ки дар толор меҳмони гиромиқадр аз Бадахшон, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Майсарабону Дилдорова ҳузур доранд, аввалан ҳузури он касро хайрамақдам мегӯем, сониян, талаботи ҳозиринро ба эътибор гирифта, мӯҳтарам Майсара Дилдороваро ба саҳна даъват менамоем.

Майсарабону ба саҳна баромад, ҳозирон ӯро бо кафкӯбиҳои пурмавҷ истиқбол гирифтанд. Майсарабону хоҳиши мухлисонро бо тамоми эҳтирому шавқмандӣ ба ҷо овард. Вай бо маҳорати нотакрору овози ҷарангосии бемонандаш чунон суруд замзама намуд, ки толор ба ҷунбиш омад гӯем, мешавад. Касе «аҳсант», дигаре «қоил кардӣ» мегуфт. Майсараи булбулово бо санъати ҷонбахшаш маҳфилро ба тантанаи бошукӯҳи рӯҳафзо табдил дод. Он истиқболи меҳрангези одамони аз тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон омада, ифодаи равшани эҳсосоти инсонии «Дилро ба дил раҳест» буд, гӯем сахв намешавад.

Майсарабону хам аз чунин истиқболи рӯҳнавозу самимӣ табъболида гардид, ки гуфт:

– Азизон, бемуболиға аз ин пазироии шумо имрӯз дар ҳамин ҷо амиқтар фаҳмидам, ки ҳамаи мо дар асл

як миллат будаем. Боз дарк кардам, ки ин пазирои мехрубонона фақат барои сурудҳои ман нест. Ҳис мекунам, ки ин зуҳуроти эҳтирому садоқати шумо ба мардуми Бадахшон аст ва боз исботи он аст, ки кашиши дилҳои мо аз як сарчашма об мехӯрад ва он ваҳдати миллӣ ном дорад, ки аз якқавлию якдилии ману шумо тавлид ёфтааст. Бовар кунед, азизон, ман дар ҳамин ҷо, дар бари Шумо аниқтар эҳсос кардам, ки барҳақ ҳунарманди халқӣ будаам, зеро сурудахоямро фиристодагони водиҳои Вахш, Хатлон, Ҳисор, Зарафшон, Суғду Фарғона ҷазбмандона пазируфтанд.

Пас аз консерти номбурда Майсара Дилдороваю Дилбар Одинаева ба хобгоҳ рафтанду мо мардон – ман, Маҳмадазизов ва Сироҷиддин, ихтиёри гардиши гулбоғи осоишгоҳ намудем. Шояд аз таассуроти консерт буд, ки додарам Сироҷиддин аз Мирзо Маҳмадазизов пурсон шуд:

– Акаи Мирзо, ҳамин ҳунарпешаи шумо фақат ашӯла мехонад ё дигар ҳунар ҳам дорад?

– Шумо Майсараро дар назар доред? – пурсид Мирзо.

– Ҳа, ҳамин хоҳарам, Майсараро, – гуфт ӯ бо лаҳҷаи худаш.

– Майсара хоҳаратон, Сироҷиддинҷон, кони ҳунар аст, гӯем саҳв намешавад. Вай чӣ андоза устоди суруд бошад, ҳамон андоза устоди театр ҳам ҳаст. Дар драмаҳои машҳур бештар аз сӣ накш офаридааст. Дар рақс ҳам моҳир аст, – гуфт Мирзо Маҳмадазизову каме аз роҳи ба ҷаҳони ҳунар ворид шудани Майсара қисса намуд.

– Майсара мактаби олии махсуси сарояндагиро нахондааст. Вай асосан дар маҳфилҳои худомӯзии мактаб ширкат карда, қобилияташро сайқал додааст. Майсара ҳанӯз толибаи синфи ҳафтум буд, ки дар намоиши ҳунарҳои халқӣ иштирок намуда, аз ҷониби

Савсан Бандишоева ва Бахтулҷамол Карамхудоев баҳои баланд гирифта буд, – гуфт Маҳмадазизов.

Майсараи хуштолеъ, ки ба ӯ Офаридгор чунин овозу зеҳни расоро муносиб дидааст, иқболи худро дар ҳунар, дар саҳна дида, тамоми нерӯ ва ғайраташро ба омӯхтану машқ намудан сарф карда, дар фурсати кӯтоҳ дар доираи ҳунармандони номӣ мақоми хоса пайдо мекунад. Ба бахти Майсараи ҷӯянда ҷавонмарди соҳибдил Қиматшо Шоискандаров ном бастакоре ба майдони ҳунар ворид мешавад, ки истеъдоди фавқулода нодири Майсараро дарк намуда, барои вай, ба овози худододи ӯ мувофиқ чунон сурудҳои тоза ба тоза меофарад, ки онҳо садои чашмасорон, мавҷҳои дарёҳои пуртуғён, навои булбулони кӯҳистонро таҷассум бинамоянд.

Аз ин гуфтаҳо хулоса нашавад, ки Майсара фақат оҳангҳои Шоискандаровро месарояд. Ӯ ба эҷодиёти бастакорон А.Солиев, Бободӯстов, Қурбонҳусайнов ва дигарон низ таваҷҷӯҳи зиёд дораду бар оҳангҳои онҳо низ сурудҳои ҷолиб адо мекунад.

Чӣ тавре ки ишора кардем, паҳлӯи дигари санъати Майсара бо намоишномаҳо иртибот дорад, – гуфт Мирзо Маҳмадазизов. Вай гарчанде ба ин шуғл дер ворид шуд, аммо тавонист дар ин ҷода муваффақ шавад. Майсара нақшҳоро дар спектаклҳои саҳнавӣ низ бо ҳамон маҳорату кӯшиши сароянда гиаш меофарад ва тамошобинро мафтун менамояд. Нақшҳои офаридаи Майсарабону дар песаи «Тошбек ва Гулқурбон»-и М.Миршакар, «Рустам ва Сӯҳроб»-и Ғ.Абдулло, «Чанори гӯё»-и Б.Раҳимзода, «Райҳона»-и Урдубодӣ ва ғайра аз истеъдоди баланди ӯ дар ин ҷода гувоҳӣ медиҳанд.

Бемуҳобот касе, ки толеаш баландӣ карда, боре садои афсунгари Майсараро (бо мисли Ғанӣ Начимов) шунавад, мафтуни якумра мегардад. Шоир

Маҳмадалишоҳ Ҳайдаршоҳ иқрор шудааст, суруди Майсара он қадар таъсирбахш буд, ки ба ман илҳоми тоза бахшид ва кӯшишу амали ман ба эҷоди шеър куллан дигар шуд.

Дӯсти деринаам Алиризо Раҳмонқулов ба маврид қайд намудааст, ки Майсара ба осонӣ ва зуд ба куллаи мурод нарасидааст. Вай аввал дар шаҳри Хоруғ, дар навоҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, баъд тадричан дар гӯшаҳои дигари Тоҷикистон шӯҳрат пайдо кард. Пасон ҳунарнамоии ӯ ба дараҷае такомул ёфт, ки ӯро ба масъулиятноктарин сафарҳои эҷодӣ ба хориҷи кишвар, аз ҷумла ба Амрико, Афғонистон, Ҷопон, Канада ва ғайра мефиристониданд, ки ба шӯҳрати фарҳанги Тоҷикистон шӯҳрат зам мекард.

Майсара Дилдорова ҳоло дар авҷи камолоти эҷодист ва шону шӯҳрати санъати миллии тоҷикро ба ҳафт иқлими дунё расонида метавонад, зеро ки сурудҳои машҳури дигар миллатҳо, аз ҷумла русӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, озарӣ ва ғайраро бо лаҳни зебои ба худаш хос месарояд.

Беҳуда нест, ки бисёр шоирони ба садои сеҳрангези Майсара волаву шайдогашта ба мисли Ҳақназар Ғоиб, Маҳмадалишоҳ Ҳайдаршоҳ, Ҳайрат Шанбезода, С.Шоҳзода, Л.Мирзоҳасан, М.Шоҳинбод ва дигарон сатрҳои барояш дилангез бахшидаанд. Ҳамраъям ба дӯсти қадрдонам Ширин Бунёд, ки хуб гуфтааст:

Дар пардаи нози ту дусад рози ниҳон,
Дар гулшани розҳо гули ноз ниҳон.
Бар талхии гиряҳои мо ханда задӣ,
Дар хандаи ту хазор эъҷоз ниҳон.

Ё шоири ширингуфтор Ҳайрат Шанбезода як ғазали ба Майсара бахшидаашро чунин хулоса карда:

Ҳайрат, агар зи килки ту меҳри сухан дамад,
Шояд расад ба пояи эъҷози Майсара!

Аҳли хонаводаи Майсара ҳама фарҳангианд. Шавҳараш Бовар Хусравов ҳунарпешаи машҳур, Артисти хизматнишондодаи ҷумҳурист. Писараш Хусрав актёри бомаҳорат аст ва сарфи назар аз ҷавон буданаш дар намоишномаҳои мушкиле чун «Подшоҳ Носир», «Калила ва Димна» ва ғайра нақшҳои асосӣ офарида обрӯву мартаба пайдо кардааст.

Мӯҳлати истироҳати Майсара Дилдорова ва Мирзо Маҳмадазизов дар осоишгоҳи «Зумрад» ба охир расид ва мо бо онҳо бо лутфу марҳамати бародарона хушбошӣ намудем. Он лаҳза додарам Сироҷиддин бо меҳр гуфт.

– Ака, ман ба ҳамин хоҳарам Майсара бисёр назар кардам, гӯш кардам, ҳеҷ айбе наёфтам. Шумо чӣ мегӯед?

– Назари ман дигар аст! Латофати ин бону дар беайбии ӯст, табиаташ покист, яъне Майсараи мо моҳи беайб аст.

«Ӯротеппа» – дармонгоҳи дил

Бояд махсус қайд намояд, ки Тоҷикистони азизи мо осоишгоҳҳову табобатгоҳҳои зиёде дорад. Ба ақидаи камина, ҳар яки онҳо бояд чун бунёдгоҳҳои боэътимоди парвариши шуури миллӣ, худшиносии миллӣ, ваҳдати миллӣ ва илқои муносибати дилангези ҳамдиёрӣ, дӯстиву рафоқат амал намоянд. Мо дар мисоли осоишгоҳи «Ӯротеппа» хуб дидем, ки барои амалӣ гардонидани чунин нияти неку мақсади ҳаётбахш имконияти фаровон вуҷуд доштааст.

Имсол камина як муддати тобистонро дар осоишгоҳи «Ӯротеппа» гузаронидам, ки басо хуш гузашт ва таассуротамро ба хонандаи азиз пешкаш менамоям.

Ҳар субҳгоҳон аввалин садое, ки ба гӯш мерасид, ин чаҳ-чаҳи синахурӯши булбулон буд, ки гӯё мегуфтанд: эй мусофир, аз хоби ғафлат бархез, субҳи содиқ дамидааст, аз файзу сафои саҳарии ин мавзеи биҳиштосо баҳра бигир, бархезу сайри гулгашту боғоти сабзу хуррам бинамо, аз нақҳати атрангези рӯҳнавозаш баҳра бардор, бархез, бархез офтоби оламафрӯзро истиқбол гир!

Ана, дар чунин рӯҳияи дилнавоз ману бародарам Сироҷиддин аз бистари хоб бархеста, шустушӯ намуда, ба саҳни ҳавлии рӯҳафзо мебароем ва аввалин шахсе, ки рӯ ба рӯ мешавем, боғбон – бобои Абдусамад аст. Ӯ нахустин шуда дар осоишгоҳ ба хизмат мепардозад, барои тозаю салқин нигоҳ доштани саҳни ҳавлии боҳашаммат, барои шукуфон будани гулзорҳо, дарахтон об равон мекунад, ки дар ин амали накӯкорӣ бештари умрашро сарф кардааст. Бобои Абдусамад моро хуш пазируфта, бо ду дасти дуо моро ба гардишгоҳи шифобахш гусел менамояд.

Бо гардишгоҳи асосие, ки ба он табибон рақам гузоштаанд, ҳар субҳгоҳон муштариёни бешумор рафту омад мекунанд. Қадам гузоштан ба ин гардишгоҳе, ки аз байни гулгаштҳо, чӯйборҳои обшор, боғҳои мевадору сояафкан мегузарад, чӣ кайфияти рӯҳафзое дорад. Анбӯҳи одамон аз дур чашм дар роҳ намудор мешуданд. Ва мо ҳам бо ҳамон рохи шифобахш қадам болои қадам мегузоштем...

Як хусусияти роҳпаймоӣ чунин будааст, ки ҳар чизи назаррас, ҳар касе, ҳар чонваре, ки пеш меояд, ба он назар меафкандаед. Дар гардише медидем, ки муштариён тоқа-тоқа, чуфт-чуфт, гурӯҳ-гурӯҳ қадам «мешуморанд» ва аксари онҳо саргарми сӯҳбат мебошанд. Дар нимароҳи гардишгоҳ бо гурӯҳе барҳӯрдем, ки пирамарди шиносе, дар ихотаи ҳафт-ҳашт чавонзанони дӯстрӯю нозанин, шояд нақли завқовар менамуд, ки ҳама якзайл механдиданд. Ин манзараро дида шавқи ширингӯиам боло гирифту баъд аз саломуалейк, баланд луқма партофтам.

Маъзарат мепурсам, амакчон, о, барои як худи Шумо, ки солатон аз ҳаштод болост, хизматрасонӣ ба ин селаи духтарон мушкилӣ надорад?

Ҳа, азизам, ҳасад мебаред! Магар, Шумо ҳикмати «ба худодагон систеза макун»-ро нашунидаед? гуфт пирамарди шердил ва мо ҳама бо шавку завқи зиёд қоҳ-қоҳ задем. Дар роҳрави номбурда, чунин зарофатгӯиҳову ширинкориҳо зуд-зуд рух медоданд.

Ана, дар чунин рӯҳияву хушнудӣ мо ба сӯи обанбори «Каттасой» қадам мезадем, ки дар гардише чашмонам ба чавонзани бехад хушрӯе дӯхта шуд, ки дастаи яккачини гули садбарг дар сари сина танҳо бармегардад.

Парвардигор аз кучое ба ман чуръат ато кард, ки ба чавонзан беихтиёр «истед» гуфтам.

Чавонзани ҳайратзада карор гирифт.

Гуфтам:

Мехоҳед, ба нозанини ношинос гул тақдим кардани шоир Пайравро бароятон қисса намоям?

Ҷавонзан сар ҷунбонду ихтиёри шунидан кард. Гуфтамаш: Саҳарии фасли баҳорон Пайрави ғарқи хаёлот ба сӯи коргоҳаш равон будааст, ки дар сари роҳаш атргули навшукуфтаро мебинад, хам шуда онро канда рост мешавад ва ногаҳон дар сари роҳаш духтари қадраси фариштасиморо мебинад, мебинаду бадоҳатан илҳомаш ҷӯш зада шеър қироат мекунад:

Гуле бикандаму гуфтам, ки гул ба гул шояд,
Ки чои гул сари синаи ту мебояд.
Туро дидаму ба тақдим пешкаш кардам,
Ки нури ҳусни ту бо ранги гул биафзояд.
Баҳору фасли ҷавониву гул ғанимат дон,
Гули шукуфтаи ҳудро мадеҳ ба доми хазон.

Духтари хаёпахшнамуда тақдими шоирро «ташаккур» гӯён қабул карда ихтиёри рафтан мекунад, ки Пайрави аз накҳати гули баҳориву мулоқот бо фариштаи аз ғайб пайдошуда, аз нав ба илҳом омада ба қомати нозанинаш чашм дӯхта, ба ӯ шеъри нав ирсол менамояд:

Хуш он ламе, ки гуле зи баҳори ҷамоли ту чинам,
Соате дар сояи қади ороста биншинам.

Он ҷавонзани ду рухсорааш гулгунгашта чашмони баркосояшро як ба сӯям дӯхту гулдастаи бағалашро ба ман дароз намуд ва чун кабки дар ба сӯи осоишгоҳ хиромид. Баъд фаҳмидам, ки он ҷавонзан хам дар осоишгоҳи «Ӯротеппа» дам мегирифтааст. Ӯ ба камина меҳри фарзандӣ изҳор кард ва ҳар вакт ки медид, хоҳиш менамуд, ки барояш шеър қироат намоям.

Он париваш, ки Ҳанифа ном доштааст, баъзан ин хоҳишашро дар ҳузури дугонаҳои хуҷандиаш Муҳайё, Мунавварой ва Дилрабо изҳор менамуд. Он лаҳзаҳо гулхани ширингӯӣ аланга мезад...

Ин сарахбори лирикие, ки ба накли мо аз истироҳати духафтаина дар осоишгоҳи «Ӯротеппа» беихтиёр иншо гардид, шаҳодати он аст, ки истироҳат ва табобати мо дар ин дармонгоҳи зебоманзар, ки на фақат иқлими ҷонбахшу мардуми ҷонсӯз доштааст, басо дилангез буд, ки бениҳоят зуд ба итмом расид, чӣ соне, ки Ҳофизи лисонулғайб басо ҷаззоб изҳор кардааст:

Ба як чашм задан сӯҳбати ёр охир шуд,
Рӯи гул сер надидему баҳор охир шуд.

Чаро камина аз хусуси зуд ба охир расидани истироҳатамон дар «Ӯротеппа» афсӯс хӯрдам.

Чаро, ки сарварони осоишгоҳ Иномҷон Муҳаммадиев, Зафарҷон Шодиев, Миршариф Обидов ва дигарон бародарвор кӯшиданд, ки истироҳат ва табобати мо хуш гузарад, мо дар ин муддати кӯтоҳ бардаму саломат шудем, бо бисёриҳо унси дӯстиву рафоқат пайдо кардем. Бемуҳобот, барои барқароршавии тандурустӣ, баровардани заъфи хастагии муштариён, на он кадар таъсири омилҳои табобатӣ, балки муҳайё намудани муҳити дилпазири инсонӣ, муносибати дилсӯзона, муомилаи рӯҳафзо таъсирбахштар менамуд. Камина инро дар ҳар як қабули навбатии табибон, муоличаи гуногун, шабнишиниҳои фароғатӣ-фарҳангӣ мушоҳида менамудам. Эҳсос намудем, ки роҳбарияти ноҳия ҳам, шахсан раиси нави Истаравшан Муним Холиқов ба фаъолияти осоишгоҳҳо диққати махсус зоҳир менамояд. Ӯ бо муовини аввалаш Дӯстмуҳаммад Сабуров бо мо мулоқотҳои тӯлонии рафиқона дошт

ва изҳор намуд, ки барои боз ҳам самаранокгар хизмат расонидани осоишгоҳҳо Ҳукумати ноҳия тадбирҳои зарурӣ меандешад, ки яке аз масъалаҳои зудҳалталаб кам кардани андозситонӣ аз осоишгоҳҳо мебошад.

Роҳбарияти бахусус бахши фарҳанги осоишгоҳ барои хуш гузаштани вақти муштариён тадбирҳои муфид меандешиданд, ба монанди сайри шаҳри бостонии Истаравшан, зиёрати иншоотҳои таърихӣ ва навбунёдшуда, ба мисли бозори ҳаитовҳо, намоиши филмҳои нав ва дигар барномаҳои фарҳангии дилпазир.

Ёд дорам, ҳафтуми июни соли равон дар толори фарҳангии осоишгоҳ намоиши ҳунарии ансамбли оилавии Саидовҳо аз ноҳияи Ғончӣ баргузор шуд, ки бо бародарам Сирочиддин дилу нодилон ба он ҷо рафтем. Сомеъон пиру ҷавон аз ноҳияҳои гуногун паси ҳам ба толор ворид мешуданд. Роҳбари ансамбл ҳофиз Мирусмон Саидов намоишро аз сурудаҳои Маъруфхоҷа Баҳодуров, Ҷӯрабек Муродов, Боймуҳаммад Ниёзов оғоз намуд. Ҳар қадар, ки намоиши консертӣ ба авҷ медаромад, ҳамон қадар курсиҳои нишасти клуб аз сомеъон пур мегардад. Аммо аз чӣ аз сабабе ману бародарам аз курсиҳо хеста барои гардиш ба берун рафтанӣ шудем, ки мудири бахши фарҳанги осоишгоҳ, шахси дилбохтаи касби худ, Қурбоналӣ Гурезов «муаллим, ин корро накунед, пушаймон мешавед» гуфту афзуд, ки ҳоло саҳнаҳоеро мебинед, ки бароятон як умр хотирмон мешаванд. Мо даъвати Қурбоналиро қабул намудем ва дар ҳақиқат хато накардем.

Вақте, ки аъзоёни ҷавонтари ансамбл – Фаридун ва Дилшод ба хондани сурудҳои пуравҷи рақсӣ пардохтанд, толор оҳиста-оҳиста ба ҷунбиш даромад. Гарчанде ки оғози саҳнаҳои рақсӣ аз ҷавонзанону ҷавонмардон сурат гирифт, вале пирони рӯзгордида

ба тадриҷ ба навои рақс санъати баланди ичрокунандагирро нишон доданд.

Дар ин намоиши ҳунарӣ як чиз бори дигар собит гардид, ки сухани адиб, навои мутриб, овози хофиз барҳақ ҳамчун мўъҷиза одамонро муттаҳид менамуддааст. Дар он шабнишинӣ баръало шуд ки мардуми касбу кори гуногуни бо ҳамдигар ношиноси аз нохияҳои дур даст омада, ки синну солашон ҳам фарқияти бузург дошт, чун узви як оила бо ҳам унс гирифта буданду бо эҳтиром номи якдигарро мегирифтанд ё бо эҳтиром «бобо», «муаллим», «устод», «амакӣ», «таға», «бибӣ», «додар», «хоҳар» гуфта мурочиат менамуданд. Боз аниқтар эҳсос намудам, ки мардуми меҳнаткўфта, дар ташвишҳову носозиҳои зиндагӣ ҳаста гашта ва амсоли онҳо дар мулоқотҳои пазирой, маҳфилҳои фарҳангӣ «даме меосоянд», «зангҳои дилашонро тоза мекунанд», мегуфтанд, ки ин аз доруҳои табибон камтар нест.

Шомгохи дигар дар рўи ҳавлии осоишгоҳ менишастем, ки аз баландгўяк хофизи номии истаравшанӣ Наимҷон Маҳкамов суруди Ҷўрабек Муродовро бо шеъри Нақибхони Туғрал ба ҳавои мусиқии танавор сароид. Дидем, ки Дадобоева Мукаддас ном холаи 80-сола дар як он гўё болу пар баровард, ки ба рўйи ҳавлӣ ҷавлон мезанад ва баъд аз фурсате боз дидем, ки мардони солхўрдаи 70-80-сола ҳам ба хола пайравӣ карданд, ки онҳо касби ронандаю деҳқонӣ доштанд.

Ана, чӣ сон қувваи бузурги таъсирбахше доштааст, ҳунари бадеҳсанъату мусиқии тоҷикӣ, ки аз фарҳанги мардумӣ об хўрдааст:

Ҳарки бошад қарини аҳли ҳунар,
Зуд ёбад ба ҳар мурод зафар.

(«Калила ва Димна»)

Истирохати мо, ки дар арафаи чашни дахсолагии вахдати миллии Тоҷикистон мегузашт, бо ташаббуси роҳбарияти осоишгоҳ ва тадбирҳои муфиди мудири шӯъбаи фарҳанг Қурбоналӣ Гурезов ду шабнишинии фарҳангӣ ба вахдати миллӣ бахшида шуд, ки дар он фиристодагони тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ширкат варзиданд. Фахмиданд, ки камина узви Шӯрои куҳансолони Ҳаракати вахдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ҳастам, сухан доданд. Аз моҳияти таърихии иҷлосияи 16-уми Хуҷанд, кӯшишу талошҳои сарвари давлат Э.Раҳмон, аз дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ-фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол сухан ронда афзудам: «Азизон, имрӯз, ки мо дар ин осоишгоҳи ободу зебо, ҳамчун узви як хонадон, як оила, аз як дастархон нону намак мехӯрем, оҳанги миллии худро якҷоя замзама менамоем ва дар ҳавои як оҳанг ҷавлон зада шодмонӣ мекунем, ин ширинтарин меваи вахдати миллии Тоҷикистон аст... Бубинед, мо чӣ сон бо ҳамдигар меҳрубону мӯнис гаштаем, бубинед, давоҳову нону намаки ин осоишгоҳ моро бо ҳам чӣ андоза қарин намудааст. «Бубинед, дӯстон, ин осоишгоҳ чӣ омилҳову муҳити сеҳрнок доштааст, ки муштариёнро дар як фурсати кӯтоҳ ба хешу табор табдил медиҳад. Бисёр шудааст, ки одамон дӯстони ҷонӣ ва ҳамсарони вафодори худро дар осоишгоҳҳо ёфтаанд. Ба ақидаи камина, ин хусусияти нек аз дили поки беолоиши ватандӯстии ҳар тоҷику тоҷикистонист, ки аз аҷдодони мо бокӣ мондааст»...

Дар осоишгоҳи «Ӯротеппа» зиёҳои машҳури миллати мо, ба мисли шоирон Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, олимон Аҳрор Мухторов, Ҳабибулло Саидмуродов, Хуршеда Отахонова, ҳунармандон Марям Исоева, Рачабгул Қосимова, Ато Муҳаммадҷонов ва бисёр дигарон табобат ёфтаанд

аз мулокотҳои худ бо муштариён таасуроти амиқе гузоштаанд.

Камина дар ҳамин осоишгоҳ бо бисёр инсонҳои наҷиби ватанпарвар вохӯрда бо онҳо дӯстии бародарона пайдо кардам, ки дар байни онҳо генерал Латиф Файзиев ва ветерани Ҷанги Бузурги Ватанӣ Салоҳиддин Азизов мақоми хоса доранд...

Аз гуфтаҳои болоӣ бар меояд, ки агар осоишгоҳҳои кишварамон боз ҳам ободтару зеботар гарданд ва ҳарчи бештар муштариёнро аз мавзеъҳои гуногун қабул намоянд, ҳамон қадар мулоқотҳову дидорбиниҳо байни онҳо фаровон гашта, муҳимтарин омилҳои баҳамоӣ, ҳамдигарфаҳмӣ якдилию дӯстии бародарона табдил меёбанд.

Бемуҳобот, осоишгоҳи «Ӯротеппа» барои осоиши хуби муштариён, беҳшавии саломатии онҳо, фароҳам овардани рӯҳияи ҳамраъӣ дӯстиву рафоқати мардум тадбирҳои муфидро андешидааст.

Дар сӯҳбате, ки сухан аз фаъолияти осоишгоҳ мерафт, Абдулатиф ном табиб гуфт: Корҳои мо се моҳ пештар табъи дил набуд, мардум ба ин ҷо дилу нодилон меомаданд. Чаро? пурсидам. Ҳамин тавр, ки осоишгоҳ қобилияти хуби хизматрасониро надошт, гӯшаҳои табобатӣ ва фароғатӣ таъмирталаб буданд. Ба муштариён таъоми хуб намедодем ва мӯътадил фаъолият карда наметавонистем. Раҳимов Баҳрулло, табиби собиқадор, ки ҳузур дошт, гуфтаҳои Абдулатифро ҷонибдорӣ карда, илова намуд: Фаъолони осоишгоҳро ҷустанду онро ёфтанд. Осоишгоҳро ба ҷамъияти саҳҳомии шакли пӯшида табдил додаанд. Муҳимаш он буд, ки ба ҳайати роҳбарияти Осоишгоҳ шахси кордони назари замонавӣ дошта ва ташкилотчӣ Иномҷон Муҳаммадиевро даъват намуданд ва хато накарданд. Иномҷон Муҳаммадиев дар кӯтоҳтарин муддат

тадбирҳои таъчилӣ андешид, маблағи заруриро ҳам ёфту ҳам соишгоҳро обод кард.

Он гоҳ гуфтугӯйро хотима дода хестанӣ будем, ки мӯйсафеди нуроние омаду гарм пурсупос намуда, Иномҷон Муҳаммадиевро пурсон шуд.

Ба Иномҷон кори зарур доштед, амак, – гуфта касе пурсид.

Кори зарурам, ҳамин ки ман аз коргарони дар сохтмони ҳамин курорт иштирок кардагӣ, дар бунёди боғҳо ҳам ширкат доштам. Омадам, ки ба ҳамин ҷавонмард раҳмат гӯям, – ҷавоб дод мӯйсафед.

Иномҷон ба шумо чӣ некӣ кард, ки махсус омадед, то ба ӯ миннатдорӣ кунед? – пурсидам.

Номи ман Тоҷибой Ҳаитов, синам ба 75 расидагӣ. Гуфтам-ку дар сохтмони ҳамин иншоотҳо, боғу роғ иштирок доштам. Вақтҳои охир медидам, ки намуди курорт бенур , андоваҳояш рехтагӣ, аз беобия гулҳову дарахтҳо хазон гаштаанд... Шунидам, ки Иномҳон ном ҷавонмард ин ҷо омада, корро сахт гирифтааст ва мебинам, ки гирду атрофи курорт барвақт рӯфтагиву об задагӣ, дарахтону гулҳо об додагӣ, ҳар шаб аз ин ҷо садои суруду мусиқӣ шунида мешавад... Барои ҳамин мақсус кофта омадам, ки ба он ҷавонмард аз таҳти дил ташаккур гӯям, ки кори савоберо кардааст, – гуфт муйсафед бо лаҳҷаи худаш.

Рӯзи дигар, ки бо Иномҷон Муҳаммадиев мулоқот доштам, аз гуфтаҳои пирамард Тоҷибой Ҳаитов ёдовар шудам. Иномҷон Муҳаммадиев нимтабассуме намуду гуфт:

– Муаллими азиз, кошки ҳама мардуми мо ба мисли Тоҷибой амак мебуданд, ӯ ба дараҷае дилаш ба меҳнати кардагии худаш ва ҳамсафонаш месӯхтааст, ки оби дида равон карда гуфт..

Охир, дарахти нав нашинонем, ақаллан нагузорем, ки дарахтони дигарон сабзондагӣ хушк нашаванд, вагарна ба касофатии сахт дучор мешавем.

Хайрият дар олам чунин одамхо ҳам ҳастанд, ки зиндагӣ давом дорад, ба қадри он пирамард расед. гуфтаму аз Иномҷон пурсон шудам: Хотири дӯстон баландӣ кард магар, ки ба ин вазифаи ноозмуда омадед? Ё ягон омили дигаре ҳаст?

Росташро гӯям ҳам хотири дӯстон баландӣ карду ҳам қарзи шаҳрвандӣ, гуфт Муҳаммадиев ва афзуд: агар суханҳои ман ба назаратон баландпардозӣ нанамояд, муаллими азиз, ошкоро мегӯям, ки маро даъватҳои сардори давлатамон Э.Раҳмон ба ҳамин хулоса овард. Ӯ борҳо ба чавонмардони миллат мурочиат мекунад, ки ба умеди дигарон нашавем, худамон мулкамонро, акаллан маҳаллаи зистамонро обод кунем. Ин суханон дар қалби ман маскан ёфтаанд. То ҳастам, то метавонам, ба халқам ҳалол меҳнат мекунам, як гӯшаи ноободро обод хоҳам кард.

гуфт Иномҷон. Ин суханон чунон самимӣ гуфта шуданд, ки бе ягон шубҳа бовар кардаму боз пурсон шудам..

Иномҷон, аз ин осишгоҳ пештар чӣ шуғл доштед.

Тааҷҷуб накунед, устод, шуғлам касби падарӣ деҳқонӣ буд. Ба заминҳои бекорхобида ду километр чӯй кофта об оварда, хоҷагии деҳқонии «Бобочон»-ро ташкил кардам. Корҳо натиҷа доданд, фоида хуб ҳам гирифтем. Аз таҷрибаи кори хоҷагии мо журналист Бобо Бекмуродов ду маротиба аз телевизиони ҷумҳурӣ ахбороти батафсил додааст. Акнун он хоҷагиро ба бародарам супоридаму ба муассиса ба кор омадам, гуфт Имомҷон Муҳаммадиев.

Дар осоишгоҳи «Ӯротеппа» корро аз чӣ сар кардед? пурсидам.

Аз ободонӣ, ҳамроҳам ба ин ҷо, ки шаҳраки «Дилшод» ном дорад, бештар аз 100 нафар ихтиёриҳоро оварда, аввал гирду атрофи осоишгоҳро тоза кардем, боғҳоро ба тартиб даровардем. Баъд

тамоми хуҷраҳои истироҳатиро таъмир намудем, дахтои онҳоро ба хобгоҳи шакли «люкс» (бо оби гарму ташноб) табдил додем, ҳафтсад метр кубурҳои обгузар иваз карда шуданд, бештар аз ҳафтод ҳунармандонро оварда дар муддати кӯтоҳ иморатҳои чоркабатаро таъмиру обод намудем, кӯтоҳакак накл кард Иномҷон.

Аз мулоқотҳо бо муштариён ва кормандони осоишгоҳ аён гардид, ки акнун ин муассисаи табобатӣ мӯътадил фаъолият менамояд.

Агар рӯзи ба осоишгоҳ омадани мо, дуюми моҳи июн дар ин ҷо факат чиҳил кас дам мегирифт, ҳоло (пондаҳуми июн) ин миқдор ба яксаду панҷоҳ нафар расидааст. Муҳим он аст, ки агар муштариён пештар ба ин ҷо дилу нодилон меомаданду ҷойҳои холӣ беҳисоб буданд, акнун, мегӯяд муҳосиб Муродбек, муштариён як моҳ ду моҳ пештар омада путёвка (роҳҳат) мехаранд, навбат мепоянд, ки ин ба осонӣ ба даст наомадааст.

Аз самаранок фаъолият намудани осоишгоҳи «Ӯротеппа» бисёриҳо изҳори қаноатмандӣ мекарданд.

Дар осоишгоҳи «Ӯротеппа» ҳам чӣ соне ки дар осоишгоҳҳои пешқадами собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд, роҳбарияти муассиса, табибон бо муштариён сӯҳбатҳои батафсил гузаронида, аз таъриху хусусиятҳои табобатии осоишгоҳ накл мекунанд. Дар яке аз чунин сӯҳбатҳо табиби варзида, муовини сардухтур Миршариф Обидов батафсил чунин накл кард:

Ин осоишгоҳ баъди ба истифода додани обанбори «Каттасой» соли 1976 ба кор шурӯъ намуд, ки бинои онро созмони бақудрати «Средазголовстепстрой» сохтааст, ки солҳои сол ба мардум хизмат мерасонад. Осоишгоҳ дар мавзеи дилангези табиат, иқлими шифобахш, боғҳо, гулзорҳо, чашмаҳои шифобахш фаъолият менамояд.

Беҳуда нест, ки иқлими «Ӯротеппа»-ро бо фазои осоишгоҳи машҳури Кисловодски Россия баробар мекунанд. Аз ин сабаб ба ин ҷо мардум, асосан, барои табобати қалб, рагҳои хунгузар, баландшавии фишори хун, сактаи дил, амрози мушакҳо, буғумҳо, устухондард (остеохандроз), радикулит, ревматизм, бемориҳои асаб, касалиҳои занона меоянду шифо мегиранд.

Миршариф Обидов боз шарҳ дод, ки дар осоишгоҳ обҳои шифобахш (бо йодобром, хвой омехташуда) дар ваннаҳо ва дастгоҳҳои табобати обӣ душҳои серкулярӣ, шарко ва ғайра муҳайёанд. Ғайр аз лой, азекерит, боз барои табобати муштариён, усулҳои физиотерапея, дерсанвализатсия, токи Бернар, УВЧ, масҳ, табобати иқлимӣ-тобишҳо дар ҳавою офтоб, гардишҳои табобатии қалб ва ғайра истифода мешаванд.

Чунон ки маълум аст, ҳам иқлим, боду ҳаво, мавзеи дилрабо, чаманзорҳову боғотҳои мевадору сояафкан, ҳам обҳои шифобахш, шаклҳои физиотерапевтӣ, баркӣ ва ғайра барои табобати инсон муфиданд. Онҳо барои табобати дил ва дигар узвҳои маризон таъсирбахшанду натиҷаҳои хуб медиҳанд. Аммо кормандони осоишгоҳи «Ӯротеппа» бо сарварии Иномҷон Муҳаммадиев ҳаминро дарк кардаанд, ки дил мӯъҷизаи илоҳист, ки вай фақат бо дорую дармон шифо намеёбад, дил пеш аз ҳама ба навозиш, лутфу марҳамат ва меҳрубонӣ эҳтиёҷ дорад. Аз ин лиҳоз ҳамаи кормандон – табибон, хизматпешаҳо, аз посбон то боғбон ба ҳар яки мо бо навозиш ва меҳрубонӣ муомила менамуданд. Тавре хизмат мерасонанд, ки кас дарду ғамашро фаромӯш мекунад. Ҳанӯз ҳам суханони пешхизмате, ки гуфта буд: «Дилро дил даво менамояд» дар лавҳи хотирам ҳаст. Дар ин бора Ҷомии бузургвор фармудаст.

Ҳарчи зарур асту чӣ ҳосил кунӣ.
Бех, ки имораттарии дил кунӣ.

Рӯзҳои дар осоишгоҳ будан хеле тез паси сар шуданд. Аммо чеҳраҳои азизу ошнои кормандону табибони ин маъвои писандида дар хотирам абадӣ накш бастанд. Ва ҳаёлам то ҳанӯз овози ошнои азизонро мешунавам, ки аз сарзамини бостонии Истаравшан ба атроф паҳн гардида, дӯстонро ба ин диёри афсонавӣ даъват менамояд.

ЧИНГИЗИ АСРИ МО

Шиносоии нахустини камина бо устоди бузурги сухан Чингиз Айтматов дар сохили дарёи пуфтуғёни Зарафшон аввали солҳои шастуми асри гузашта ба вуқӯъ пайваста буд.

Он айём дар наздикии маркази ноҳияи Айнӣ Варзи Манор, пораи калонҳачми кӯҳ канда шуда, мачрои дарёи Зарафшонро баста буд. Ҳаёти миллионҳо сокинони водии Зарафшон, аз ҷумла шаҳрҳои қадими Панҷакент, Самарқанд, Бухороро хатари марговар таҳдид мекард. Аз ин сабаб барои тоза намудани мачрои дарё аз Россия, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо мутахассисони зиёд омада буданд. Барои аз ҷои вокеа пайдо намудани ахборот вакилони бисёре аз расонаҳои дохиливу хориҷӣ низ омада буданд, ки мухбири махсуси «Правда» Чингиз Айтматов ҳам он ҷо буд.

Бо супориши сарвари Тоҷикистон Ҷаббор Расулов камина ба ҷои ҳодиса омадам. Ба зимман ман вазифаи махсус огоҳӣ аз шароити кору зиндагии меҳмонон, аз ҷумла Чингиз Айтматов гузошта шуда буд.

Аз лаҳзаҳои аввали ошноӣ бо Чингиз Айтматов, эҳсос намудам, ки вай шахсияти нодир буда аз дигарон бо хоксории хос ва фазилати баланди муомила фарк менамояд. Аён буд, ки вай аз вокеаи рухдода дар изтиробу ташвиш аст.

Аён буд, ки ҳам фикру ҳам зикри нависандаи бузург барои ҳарчи зудтар пайдо намудани роҳи халосӣ аз офати табиӣ буда, дар ҳар ҷо бо мутахассисон банд буд.

Баъзе меҳмонҳои аз хориҷаомада норозигӣ изҳор менамуданд, ки ҷои зист, хӯрокашон табъи дил нест.

Дар чунин ҳолатҳо Айтматов ба ғазаб омада мегуфт, шарм намедоред, ки дар чунин вазъияти носоз кӯҳсори дурдаст ба худатон «комфорт» (шароити хуби маишатосо) металабед намебинед, мегуфт ӯ мардум дар пеши хати размгоҳ мебошанд. Нигаред, чӣ сон муҳандисон ва дигар мутахассисон хобу ҳаловатро фаромӯш карда, шабу рӯз чонбозӣ мекунанд, ки мардумро аз хавфи бузург начот диҳанд.

Ҳаман он рӯзҳое, ки Чингиз Айтматов дар он чо буд, дақиқае оромӣ надошт. Нависанда дар навбати аввал бо олимони ирригатор, муҳандисон, таркишгарон сӯҳбат дошт, алоҳида вай бо роҳбарон, аз чумла Новиков муовини раиси Ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ, А.Қаххоров раиси Ҳукумати Тоҷикистон ва бо дигар шахсони масъул гуфтугӯи зарурӣ ороста буд. Онҳо, яъне роҳбарон, ҳароси нависандаи машҳури замонро эҳсос менамуданд ва ӯро таскин медоданд, ки мушкили ҳалнашаванда вучуд надорад. Фақат баъд аз он ки олимон роҳу услуби ҳалли мушкилотро бе талафоти чонӣ ёбанд, мачрои Зарафшонро мекушоянд, Айтматов, каме ба худ омада гуфт:

Хиради инсон қодир аст, дар мушкилтарин ҳолатҳо роҳи халосӣ ҷӯяд. Роҳи ёфтаи олимон, ки услуби таркондани ҷараёни об ном гирифтааст, метавонад миллионҳо куболитр оби ҷамъшударо, на як бор, балки қисм-қисм чорӣ намояд...

Аз натиҷаи он кори бузурги Чингиз Айтматов дар рӯзномаи «Правда» репортажи ачиб «Таслим шав, таслим шав, Зарафшон»-ро интишор намуд, ки беҳтарин ахборот аз матонату қаҳрамонии мардуми шӯравӣ дар соҳили Зарафшон буд.

Дар давоми он чанд рӯз, ки бо Чингиз Айтматов ҳамроҳӣ менамудам, аз инсонпарастӣ, маданияти хосаи муомила, дониши беканори ӯ, хусусан оиди

классикони адабиётамон ба завқ меомадаму ҳаловат мебурдам.

Вақте ки сафари хизматии Чингиз Айтматов дар он соҳили Зарафшон хотима ёфт, вай гуфт: қисматам созгор будааст, ки бо паҳлавонҳои замонамон мулоқот намояму аз наздик бо ҳаёти мардуми сарзамини қадима ошно гардам ва агар боз таваллудгоҳи Рӯдакиро бузургро медидам, худамро хушбахттарин инсон мешуморидам. Ман гуфтам: тайёрам ин орзуи шуморо амалӣ гардонам, ӯ беҳад рӯҳбаланд гардиду чашмонаш дурахшиданд.

... Дар ноҳияи Панҷакент роҳбарони онвақта Сиддиқ Зарифов, Очабурӣ Музминова, дӯстони ҷавонии ман Мирбобо Қиёмов, Ҳошим Бобоҳоҷиев, Шарифҷон Бозоров, Зайниддин Насриддинов бо иззати эҳтироми зиёд истиқбол гирифтанд. Баъд аз ба ҷо овардани оини меҳмоннавозӣ соҳибони шаҳр меҳмони азизро ба ёдгориҳои таърихӣ, ҷойҳои тамошобоб шинос карданд, ки аз он Айтматов беҳад миннатдору завқманд шуд. Меҳмон таассуроти бузург аз диданҳои ҷойҳои султони назми форсу тоҷик Абӯабдуллои Рӯдакӣ бардошт...

Муаллифи ин сатрҳо басо хушбахт ва рӯҳбаланд аст, ки дар оянда, бо меҳмони гиромиқадр Чингиз Айтматов борҳо мулоқотҳои дилпазиру дӯстона доштам – ҳам дар Москва, ҳам дар Ӯзбекистону Қирғизистон.

Дар аввалҳои солҳои 70-уми асри гузашта дар Қирғизистони ҳамсоя Даҳаи адабиёту санъати Тоҷикистон баргузор шуда буд. Дар он рӯзҳо дар ҳама мулоқотҳои эҷодӣ Чингиз Айтматов ба мо буд, аз ҳама муҳимаш вай акнун бо камина ҳамчун бо дӯсти дерина муомила менамуд. Дар маҳфили хотимавии даҳа Чингиз Тӯрақулзода Айтматов, аз роҳбарон Усубалиев (роҳбари Қирғизистон) ва

Расулов (роҳбари Тоҷикистон) махсус узр пурсида омада ҳамроҳи ман нишаст.

Дар баромадҳояш Айтматов аз истеъдоди баланди Мирзо Турсунзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ Мӯъмин Қаноат, Малика Собирова, Аҳмад Бобоқулов, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҷӯрабек Муродов ба вачд омада, гуфта буд: «Берегите их, они мастера мировой значимости».

Бояд алоҳида қайд кунам, ки устод Мирзо Турсунзода ба истеъдоди ҳаётбахш ва шахсияти нотакрори Айтматов диққати махсус медод. Суханҳои Мирзо Турсунзода, ки дар расми кушоди рӯзҳои адабиёти Қирғизистон дар Тоҷикистон гуфта буд, ба лавҳаи хотир меоянд: «Дар таърих ман ду Чингизро медонам, яке аз онҳо истилогар, ғоратгар, Чингизи дигар Чингиз Айтматов – нависанда, бунёдгар. Онҳо аз ҳамдигар бо он фарқ мекунанд, ки Чингизхон бо лашкари бешумораш Ватани моро аз худ карда натавонист, Чингизи дигар, ҳамзамони мо, бародари азизи ман Чингиз Айтматов бо эҷодиёти бебаҳою сухани сеҳрангезаш тавонист мамлакати дили моро таслиму аз худ намояд – нафақат Тоҷикистонро балки тамоми оламро».

ДАР ПАНҶАКЕНТИ БОСТОНӢ

Туӣ буду набудам, миллати ман,
Туӣ самти суҷудам, миллати ман.
Суруди умри ман поён пазирад,
Ту мехонӣ сурудам, миллати ман.

– Устод, ҷашни рӯзи забонро бароятон муборакбод мегӯям.

– Ташаккур.

– Дар ин рӯз пардабардорӣ аз мучассамаи устод Лоиқро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– Амри президенти кишвар ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон аз 27 марти соли 2001 дар бораи таҷлили ҷашни 60-солагии Лоиқ Шералӣ ба бунёди мучассама ва абадӣ сохтани хотираи ӯ ва дар рӯзи забон баргузории ин маъракаи фарҳангӣ амри табиӣ буд. Лоиқ Шералӣ вуҷуди пуршӯру нотакрори хешро баҳри равнақи адабиёти миллӣ бахшид. Хизматҳои ӯ дар густариши забони тоҷикӣ беназир аст. Ҳамчун раиси Бунёди байналмиллалии забони тоҷикӣ (форсӣ) ӯ тӯли 11 соли фаъолияташ дар ин ташкилот, дар равнақу ривоҷ ва тарғиби забони тоҷикӣ хизматҳои беназир кардааст:

Сухан вирди забонҳо буд, имрӯз аз даҳан мондаст.
Забони ноби тоҷикӣ бурун аз анҷуман мондаст.

Беҳуда нест, ки сарвари кишвар Э. Раҳмон дар муроҷиаташ ба зиёиёни мамлакат гуфта буд: «Дар ин миён лозим медонам хизматҳои пурарзиши шодравон Лоиқ Шералиро дар талқини шуҷоати адабӣ, рӯҳи миллӣ ва ватандорӣ, ситоиши модар ва забони

модарӣ, эҳёи бисёр суннатҳои шеъри оламгири мо бо сипосу эҳтироми хоса ёдовар шавам».

Саҳми Ҳукумати ноҳияи Панҷакент дар ин чорабинӣ чӣ гуна буд?

Саҳми Ҳукумати ноҳия ва шахсан раиси шаҳри Панҷакент Ш.Самадов дар баргузории ин маъракаи фарҳангӣ хеле бузург аст. Аммо бояд бигӯем, ки пас аз Амри президент Э. Раҳмон хишти аввалро ба пояи муҷассама 20 майи соли 2001 раиси вилояти Суғд, узви маҷлиси Миллии Маҷлиси Олӣ Қ.Р.Қосимов ниҳода буд. Сипас барои сохтани муҷассама озмун эълон шуд. Барои интихоби майдон, баргузидани нусхаи беҳтарини муҷассама, маблағгузории ин муҷассамаи меъморӣ фурсат хеле кӯтоҳ буд. Раиси шаҳри Панҷакент Ш.Самадов тавонист дар ин муддати начандон зиёд сарварони корхонаву идораҳо, ҳаводорони ашъори Лоиқ Шералиро мутаваҷҷеҳ созад.

Ба кумитаи ҳайати доварон намунаҳои зиёди тарҳи муҷассамаи шоир пешниҳод гардиданд. Нусхаи беҳтарин аз ҷониби доварон интихоб карда шуд.

Бо ибтикори Ҳукумати шаҳри Панҷакент ва гурӯҳҳои меҳнатии корхонаву муассисаҳо қарор дода шуд, ки муҷассама ва майдоне, ки дар оянда номи Лоиқро мегирад, бо саҳми ҳаводорони ашъори шоир, шахсони алоҳида ва корхонаву ташкилотҳо ободу зебо карда шавад.

Барои муҷассамаи Лоиқ Шералӣ Ҳукумати вилояти Суғд, корхонаи муштараки «Раҳш», заводи арзизи Тоҷикистон, биржаи молу мулки ҷумҳурӣ, Вазорати энергетика, корхонаи «Нур», Тоҷикпромбонки ҷумҳурӣ, ширкатҳои кишоварзӣ, Кумитаи назорати молиявии назди президенти мамлакат, КМ «Зарафшон», хоҷагии ба номи Навоӣ, хоҷагии Ҳ.Хӯҷамуродов ва дигар корхонаҳову

хоҷагиҳои ноҳия ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузоштанд.

Аҳамияти поягузории мучассамаи устод Лоиқро Шумо чӣ гуна шарҳ медиҳед?

Ба ин гуна ҳодисаи фарҳангӣ таваҷҷӯҳ ва назари неки мақомоти баланди давлатӣ, зиёён, ташкилотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ ва ҳаводорони шеъру адаб аз аҳамият холӣ нест. Ва ин гуна муносибати Ҳукумат ва миллати тоҷик ба шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ, бафарҳангу маънавиёт, ба илму ҳунар аз асолат миллии бостонӣ ва фарҳангу тамаддуни ҷаҳонии мо гувоҳ аст. Шумо бубинед, ки дар кам аз кишварҳои ҷаҳон ҳайкалгузорӣ барои шахсиятҳои фарҳангӣ собиқа дорад. Аммо дар хиёбону кӯчаҳои Тоҷикистони кӯчаки мо ва хоса шаҳри Душанбе мучассамаву пайкарахои абармардони фарҳанги ҷаҳонгир – Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Айнӣ, Турсунзода оро медиҳанд. Ва имрӯз ман шодам, ки дар баробари ин бузургон мучассамаи зебои Лоиқ Шералӣ дар шаҳри Панҷакент, ки бо истеъдоди нотакрораш дар таърихи адабу фарҳанги тоҷик ҷовидонӣ бимонд, рӯ ба хуршед комат афрохтааст. Дар ҷашнвора киҳо ширкат карданд ва таомули пазироиву гусел, ки аз суннатҳои миллии мост, чӣ гуна сурат гирифт?

Ман хеле хушнудам, ки Иди забон, пайкарагузории Лоиқ Шералӣ ва 70-солагии Убайд Раҷаб дар шаҳри бостонии Панҷакент бо ин шукӯҳу ҷамол таҷлил гардид. Меҳмонон аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ ва берун аз он ташриф оварданд. Ба даъвати Ҳукумати шаҳр дар ин чорабинии идона намояндагии расмии дастгоҳи Ичроияи Президенти Тоҷикистон, Вазорати фарҳанг, Иттифоқи нависандагон, олимон, адибон, санъаткорон, меҳмонони арҷманд аз шаҳри Душанбе, Хуҷанд, минтақаҳои гуногуни мамлакат ва кишварҳои хориҷӣ

иштирок карданд. Дар даромадгоҳи ноҳияи Айнӣ бо ташаббуси раиси ноҳия Бобоева М мехмононро бо нону намак ва дастархони сипосу ихлос пешвоз гирифтанд.

Рӯзи 21-юми июл тибқи нақша чашни 70-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Убайд Раҷаб дар зодгоҳаш, деҳаи Некнот ва низ дар шаҳри Панҷакент бо шукӯҳ таҷлил гардид. 22 июл баъди ҳайкалгузорӣ бегоҳ, дар майдони марказии шаҳр барномаи мусиқӣ-фароғатии ҳунарманди Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷӯрабек Муродов, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Афзалшоҳи Шодӣ ба ин чашнворахо шукӯҳу шаҳомати фарамӯшношуданӣ бахшид.

ОБИ ҶОНБАХШ

Бо тавсияи табибон роҳи мошингарди осоишгоҳи «Ҳавотаг»-ро пеш гирифтем. Вақте ки ба соҳили дарёи Майхӯра мерасидем, беихтиёр ба додарам Сироҷиддин гуфтам:

Фармони мошинро ба сӯи нақби Анзоб гардон, чӣ тавр ба ин ҷо омада ин иншооти таърихиро, ки таҷассумгари беназири хираду тавоногии инсон аст, зиёрат накарда мегузарем. Ҳар қадар, ки ба воридгоҳи нақб (тунел) наздиктар мегаштем, ҳамон қадар дар тасаввуротам «навори» муҳорибаҳои қаҳрамононаи муҳандисон, нақбканон, хизматчиён ба риштаи хаёл шадда мегардиданд ва талошҳои пайгиронаи Сарвари Тоҷикистони соҳибистиқлол Э.Ш.Раҳмонов доир ба нақшаҳои азими инкишофи кишварамон ба лавҳаи хотир меомаданд, ки дилҳоро ба хурӯш оварда, инсонро ба амали созандагӣ ба меҳнати фидокорона даъват менамоянд.

Вақте ки ба воридгоҳи нақби Анзоб расидем, дидем, ки ҳама дар ҷунбишанд: муҳандиси эронӣ ба воситаи алоқаи радиоӣ бо коргарон аз боби равиши корҳои аввалиндараҷа гуфтугӯй дошт, чанд тан техникаеро ба кор омода месохтанд, дигаре ба мошина масолеҳ бор мекунад ва иддае саргарми тайёр намудани озуқа барои нақбканон буданд...

Дар даст, ки рухсатнома доштем, аз масъулине пурсидем, ки имкони бо мошина аз туннел гузаштан ҳаст? Масъули эронӣ бо лафзи гӯёи ба худаш хос гуфт:

– Оқоҷон, бидонед, ки дар асари боришҳои пайдарпайи рӯзҳои пасин дохили нақб пуроб шудааст, гузаштани он бо мошин имкон надорад, ҷони худро ба хатар нагузоред... Ин маслиҳати муҳандисро корманди нақб, сокини деҳаи Анзоби ноҳияи Айнӣ

Ҷалолиддин ҷонибдорӣ карда гуфт, агар мошинатон ба чукурие бархӯрад, имкони онро кашида баровардан нест. Дарк мекунам, ки шумо мехоҳед, ҳарчи зудтар мӯъҷизакориҳои накбканонро бубинед, аммо курбонии беҳуда чӣ лозим?! – гуфт бо изтироб Ҷалолиддин.

Мо маслиҳати накбканонро қабул намуда баргаштем ва бо роҳи кӯҳна сӯйи Ҳавотаг партохтем ҳар вақто, ки шаҳри бостонии Истаравшанро убур мекардем, иншоотҳои дилангези таърихӣ намудор мешуданд, ки онҳоро дӯсти азизам муаррихи барҷаста, академик Аҳрор Мухторов солҳои зиёд омӯхтаасту моҳирона ба қалам додааст. Олимони дигар Раҷаб Амонов, Ҳабибулло Саидмуродов, Ӯлмас Мирсаидов, Собит Неъматуллоев, Рауф Муродов, Карокатулло Олимов ба шӯҳрати Ӯротеппа шӯҳрат зам кардаанд.

Ҳамон рӯз, шомгоҳӣ аз шафати деҳаҳои Ругунд ва Ниҷонии ноҳияи Истаравшан гузашта, ба осоишгоҳи «Ҳавотаг» расидем. Дар қабулгоҳ моро навбатдори осоишгоҳ шахси хушмуомилаи дустрӯй, корманди хизматнишондодаи тандурустии Тоҷикистон Қулӣ Маҳкамов хуш пазируфт ва зуд ба мо дафтарчаҳои истроҳаткунандагиро пур карда супорид. Дере нагузашта ба истиқболи мо ҷавонмарди чеҳрагарм омад, ки ӯро навбатдор ба мо муаррифӣ намуд:

– Шинос шавед, муаллим, ин кас директори осоишгоҳи Ҳавотаг Ҳусниддин, фамилияшон Қутбиддинов гуфт Маҳкамов. Азбаски сухан аз ному насаб рафт, ҳазломез ба навбатдор гуфтам, – номи шумо ба номи шоири классики туркманҳо махдумқулӣ ҳамқофия будааст, биёед номи шуморо Маҳкамқулӣ гуфта, ном гирем. Ҳама бо завқ хандидем ва байни мо зарофатгӯиҳои дилангезе сурат гирифт.

Сарвари осоишгоҳи Ҳавотаг Ҳусниддин Қутбиддинов зуд қарогоҳи моро муайян намуд, ки барои истироҳат мусоид буд, ҳамаи лавозимоти зарурии истироҳат, чойхои хоб, дамгирӣ, ошхона, яхдон, телевизор дошт.

Аз лаҳзаҳои аввали истироҳат дар он осоишгох мушоҳида гардид, ки кормандонаш аз сарвар то хизматчиҳои қаторӣ мардуми одампечи меҳрубон ҳастанд, ба муштариён дилсӯзона муносибат мекунанду хизмат мерасонанд. Ғайр аз ғамхории дилгармонаи кормандони осоишгох мо диққату меҳрубонии роҳбарони ноҳияро ҳис мекардем. Корманди дастгоҳи ҳукумат Муҳаббатхон, ки бо мо табобат мегирифт, аз раиси ноҳия Ҷумъа Зокиров салому паём мерасонд, муовини аввали раиси ноҳия Дӯстмаҳмад Сабуров бошад, бо майли садоқати шогирдӣ бо дӯстонаш як рӯзи истироҳаташро бо мо гузаронид. Дигар дӯстон аз Истаравшану Зафаробод, аз ҷумла, яке аз шахсиятҳои маъруф Қурбон Тӯраев ва ҳуқуқшинос Сулаймон Қосимов бо аҳли хонаводаашон ғамхориҳои бародарона намуданд.

Ғамхориҳои дӯстонаи марди соҳибфарҳанг, саҳнаю минбарзеб, суханвар Воҳидхоҷа Ҳомидовро, ки корманди профсоюзи Истаравшан будааст, алоҳида қайд накарда наметавонам. Вай марди фидоии касби худ будаасту бехад дилсӯзу ширинсухан.

Дар яке аз рӯзҳои истироҳатӣ, дар утоқи мо, дар атрофи табақи палови Ӯротеппагӣ, ки онро табиби ҳозиқ Камолиддин Қулиев бо ҳавасу маҳорати хоса тайёр карда буд, сӯҳбати дилпазире сурат гирифт. Хоҳиш кардам, ки ҳозирон аз таърихи бунёди осоишгоҳи Ҳавотаг нақл намоянд. Ҳусниддин Қутбидинов гуфт, ки дар байни мо акои Қулӣ Маҳкамов собиқаи корӣ бештар аз бистсола дорад,

хуб мешуд, агар эшон тадриҷ намоянд. «Маҳкамқулӣ» ба тадриҷ қисса намуд:

Аввалҳои солҳои панҷоҳуми асри гузашта геологхо барои дарёфт намудани нефт дар ин мавзеъ кофтукобҳо гузарониданд. Аз ҷукурии 1500 метр оби маъдан фаввора зада баромад, ки 55 дарача гармӣ доштааст. Мардуми атроф бахусус чӯпонҳо аввалин шуда, ин обро шифобахш пиндошта худро табобат менамуданд. Аввалин, табиби касбие, ки ба ин об аҳамияти ҷиддӣ дод Ҳомидҷон Умаров буд, ки солҳои 1958-1959 оби Ҳавотагро омӯхт, ӯ дар лабораторияҳои шаҳрҳои Тошканд, Москва рафта санҷиши махсус гузаронд ва муайян намуд, ки оби минералии Ҳавотаг, оби дорои «Ёдабром» буда ба бисёр касалиҳо давобахш аст.

Табиб Камолиддин Кулиев гуфтахои Маҳкамовро қувват дода, илова кард, ки ин об маъданҳои дигари шифобахш дорад, ки ба амрози дил, мушакҳо, асаб, меъда, беморихои генекологӣ ва ғайра даво мебахшад. Агар буғи Хоҷаобигарм, обҳои Баржомӣ, Эсантукӣ, Кисловодск, Гармчашма, Обигарм, Лои Саакӣ ба як ду амроз даво бошад, оби Ҳавотаг ба маҷмӯи касалиҳо даво мебахшад.

Барои ҳамин ҳам дар ин ҷо иморатҳои истиқоматӣ ва табобатӣ сохта шуд ва дар оғози фаъолияташ осоишгох ҳамчун шӯъбаи физиотерапевтии бемористони марказии шаҳри Ӯротеппа барои қабули 50 бемор фаъолият менамуд.

Қулӣ Маҳкамов боз ба ҷараёни сӯҳбат ворид гашта иброз намуд:

Дар ободию инкишофи фаъолияти ин осоишгох хизмати собиқ «Сардухтур Умаркулов Иномҷон бузург аст, ки аз соли 1966 ба кор шурӯъ кардааст. То ба кор омадани Умаркулов хизматрасонӣ дар Ҳавотаг мавсимӣ (фаслӣ) буд. Бо ташаббуси ӯ бинохои нави табобатӣ сохта шуданд, утоқҳои табобатӣ, дастгоҳҳои

физиотерапевтӣ пайдо гардиданд, ки дар натиҷа доираи хизматрасонӣ барои муштариён хеле васеъ гардид. Муҳимтараш он буд, ки акнун тамоми фаслҳои сол осоишгоҳ маризонро қабул ва табобат намуда метавонист... Касе аз ҳамсӯҳбатон, шояд ки Қутбиддинов Ҳусниддин буд, гуфт, ки дар ободию пешрафти фаъолияти осоишгоҳи Ҳавотаг хизматҳои духтур Аббосов Абдуллоҷонро, ки аз соли 1985 фаъолият оғоз намудааст, бениҳоят назаррас аст, зеро ки бо талошҳои ӯ ёздаҳ бинои истиқоматӣ, аз ҷумла иншооти дуошёнагӣ сохта шуданд, ки дар осоишгоҳ барои муштариён миқдори катҳои истироҳатӣ ба 155 расид, адади кормандони хизматрасон аз 25 нафар, то ба 90 кас расид. Ҳамин тавр, осоишгоҳи Ҳавотаг ба яке аз беҳтарин табобатгоҳҳо, дар ҳайати Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон табдил ёфт ва босамар фаъолият намуда, ба ҳазорон эҳтиёҷмандон хизмати бебаҳо расонид ва мерасонад.

Афсӯс, ки гуфт Камолиддин Қулиев, дар асари нобасомониҳои аввали солҳои навадум Ҳавотаг ҳам ба мисли дигар осоишгоҳҳои дурдаст хароб гардид, дастгоҳҳои табобатӣ тороҷ гардиданд, биноҳои мавҷуда фарсуда шуданд.

Ман ва бародарам Сироҷиддин фақат дувоздаҳ рӯз дар Ҳавотаг табобат гирифтем, аммо ҳамин фурсат кифоя буд, бифаҳмем, ки дар он ҷо мардуми соҳибдил, соҳибкасб, меҳнатдӯст, бо сарварии шахси масъулиятшинос Ҳусниддин Қутбиддинов фаъолият менамояд. Кормандони осоишгоҳ дар ҳуҷраҳои табобатӣ, ваннаҳо, душҳо, гӯшаҳои электрофизиотерапевтӣ, массаж, ошхона ва ғайра дар вақташ омодаи кор шуда, бо муомилаи хубу дилхушӣ хизмат мерасонанд, кори аз дасташон меомадагиро дареғ намедоранд.

Дар доираи кормандони осоишгоҳ номҳои табибон Камолиддин Қулиев, Ҳусниддин Абдуллоев,

ҳамшираҳои шавқат Хидирова Фотимахон, Пӯлодова Муҳаббат, ошпаз Иброҳимов Икромҷон ва боғбон Бердиқулов Азимҷонро бо эҳтироми хоса ба забон меоранд. Ба назарам, бонуи собиқадор, фидоии касби худ Фотимахон Хидирова дар муомила ва қабулу гусели табобатгирандаҳо фарқ мекард, ки рӯзе гуфт, ба ҳафт авлоди Президентамон Э.Ш.Раҳмонов аҳсан мехонам, ки бо шарофати вай ин табобатгоҳ аз нав фаъолият кард, ба нафъи мардум хизмат мекунад ва мо соҳиби нону намак гардидаем.

Маънидор ба рӯи Фотимаапа нигоҳ кардам, ки гуфт:

– Шумо, муаллим, ба он сӯи девори осоишхонаи мо нигоҳ кунед. Он иморатҳои харобгаштаю валангоршуда осоишгоҳи мансуби Ӯзбекистон буданду ҳастанд. Онҳо фаъолияти хуб доштанд, ҳар сол ҳазорон касон табобат мегирифтанд. Аз чӣ сабаб, ки он осоишгоҳ хароба шуду фаъолият намекунад, дар осоишгоҳи мо бошад, ҳаёт ҷӯш мезанад. Ҳар сари вақт барои хизматрасонӣ ба Ҳавотағи мо дастаи ҳунармандон меоянд дар ин ҷо мусиқӣ, суруд, ракс, дар деҳаи ба мо ҳамсоя бошад, хомӯшӣ ба мисли мотамсарост, гӯё ки ҳаёт ях бастааст... Касе аз ҳамкорон гуфтаҳои Фотимахонро гӯш мекард, илова намуд: меҳмони азиз, бинед, муносибати ҳамсоягии Ӯзбекистони асрҳои аср бо мо ёру бародар дар чӣ ҳол аст? Сарҳадчиён аз ду ҷониб, шабу рӯз сарҳадбонӣ мекунанд, мо одамони як деҳа, як қавм ҳастем, аммо ба маъракаҳои ҳамдигар рафта наметавонем. Дар ягон аср, ягон ҷоҳил байни макони тоҷикону ӯзбекҳо мина нагузошта буд, чунин аст сиёсату роҳбарияти Ӯзбекистон.

Рӯзи дигар, ки дар чойхонаи рӯ ба рӯи хобгоҳамон фароғат доштем, пирамарди нуронӣ, аз деҳаи Ниҷонии ноҳияи Истаравшан Турдимуродов, дар ҳаққи осоишгоҳ ва кормандонаш хушгӯӣ карда

гуфт, ки хар сол бо завчааш барои табобат факат ба хамин чо меояд ва хис мекунад, ки осоишгох ба ӯ давою дармони казой медихад. Дар хотима мӯйсафед ба хобе рафту иброз намуд, мо сиёсати сарвари Ӯзбекистонро намефахмем.

Чаро? Пурсидам аз мӯйсафед

Барои он, ки Ислом Каримов сарҳадро басо сахт кардааст, деҳаҳои мо мардуми хамхун хастанд, рафту омадро баъд аз пайдо кардани рухсатномаи махсус, 70-100 км роҳро тай карда, мегирем, ба аёдати хешовандонамон меравем.

Ба Ислом Каримов мурочиат накардед, ки ин корро осон намоянд?

Як не, чандин бор мурочиат намудем, боре чаҳор-панҷ кас шуда, ба Тошканд ба қабули Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов рафтем, ӯ баъд аз чанд рӯз моро қабул карда ваъда дод, ки мушкили моро осон менамояд.

Мушкилатон осон гардид? Пурсидам.

Аз кучо? – ба шӯр омад Турдимуродов, баръакс, низоми сарҳадӣ боз сахттар шуд. Гумон дорам, ки бар хилофи ваъдааш, Ислом Каримов фармон додаст, ки аз сарҳади точикон ба Ӯзбекистон пашша ҳам нагузарад. Шояд бебарориҳои кори мо аз он бошад, ки баъзе роҳбарон дар минбар якранганду дар амал ранги дигаре доранд, – гуфт Турдимуродов.

Мо ки Ҳавотаг барои табобат рафта будем, аз хамаи омилҳои мавчуда оби шифобахш, лойҳо, давоҳои электрофизиотерапевтӣ, массаж ва ғайра мӯътадал истифода намудем ва аз иқлими босафою мусоиди мавзеи Ҳавотаг бахраманд будем. Бемуҳобот, табиаташ мӯътадил, на гарми гарму на сарди сард, ҳама вакт аз кӯҳпораҳо ва дашти беканори он чо шамолаки форам вазида меистад. Азбаски мавзеи осоишгоҳ «Ҳавотаг» ном гирифтааст, баъзеҳо доир ба ин ном бахсҳо ҳам менамоянд. Яке

«Ҳавотог» мегӯяд, ки маънояш "ҳавои кӯҳӣ". Дигаре «Ҳавотағ» мегӯяд, ки маънояш "ҳавои таг" аст. Дар ин бора дӯсти деринаам, инсони ҳаётдида, корварзида ва ходими намоёни ҷамъиятву давлатӣ Қурбон Тӯраев, ки барои аёдати мо ба осоишгоҳ омада буд, махсус нақли ҷолибе намуд:

Дар ин даштаке, дар ҳудуди муайяни атрофи осоишгоҳ, ки дар заминаи оби шифобахш фаъолият дорад, шамолҳои аз ду ҷониб – ҷониби кӯҳ ва ҷониби дашт ба ҳам барҳӯрда дар ҳудуди муайяни шафати осоишгоҳ микроклимати форам бунёд менамоянд, ки онро "ҳавои таг" номиданд ва мавзеи осоишгоҳ аз ҳамин боис номи Ҳавотагро гирифтааст, – гуфт дӯстам Қурбон Тӯраев, ки ақидааш боварибахш аст.

Хулоса, осоишгоҳи Ҳавотаг ҳам бо иқлими мӯътадилаш ва ҳам оби шифобахшаш диққати мардумро ба худ ҷалб менамояд. Дар мавриди истироҳат дар ин бобат бисёриҳо иброз намуданд. Суман ном соҳибхоназане аз шаҳри Кӯлоб гуфтанд, ки бемуҳобот ман ба дардам, дар ҳамин ҷой даво ёфтам. Вақте ки бо хонума Суман сӯҳбат доштам, ду ҷавонзане, аз Хуҷанд – якеро ном Шафоат Аминҷонова дигареро Онаой Зокирова ҳузур доштанд. Аз онҳо пурсон шудам: шумоён ҳам барои табобат омадед? Посух доданд: – не тағоҷон, мо сиҳату саломатем!

– Пас, чаро ин ҷо омадед?

– Аз ноилоҷӣ?

– Чӣ сон ноилоҷӣ?

– Ноилоҷӣ ҳамин, ки модари мо бемори вазнин аст, дарди ӯ фақат, дар ҳамин осоишгоҳ таскин меёбад. Мо ҳар сол модарамонро ин ҷо оварда ба навбат ба ӯ нигоҳубин мекунем, – гуфтанд онҳо. Чунин мисолҳои дар хусуси таъсирбахш будани омилҳои табобатӣ дар осоишгоҳи Ҳавотаг

беҳисобанд ва ин омил водор менамояд, ки ташкилотҳои дахлдори нохиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳурӣ доир ба боз ҳам обод гардонидани осоишгоҳи Ҳавотаг ва пурра самаранок истифода бурдани манбаъи табобатии он ба нафъи ҳазорон эҳтиёҷмандон тадбирҳои муфид андешанд. Боварии комил дорем, ки Ҳавотаг бо манбаъ ва омилҳои шифобахшаш дар оянда ба мисли Карловие води, курортҳои Қафқоз, Исентуки, Железноводск шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо мекунад.

Вақто ки мӯҳлати табобати мо хотима ёфту бо табибон ва сарвари осоишгоҳ видоъ мекардем, пурсон шудам, ки ба Душанбе, ба хусус сарвари Федератсияи Профсоюзҳои Тоҷикистон Муродалӣ Солиҳов чӣ хабар расонам?

Қутбиддинов Ҳусниддин гуфт:

Аввало, салому эҳтироми моро ба душанбегиҳо расонед ва агар ҷоиз бошад гӯед, ки осоишгоҳи ҷавони мо алъон рӯй дар тараққист, ҳама софдилона меҳнат мекунанд, аммо мушкилиҳо ҳам кам нестанд. Барои бартараф намудани мушкилиҳо ва ба зудӣ ҳомат оростани табобатгоҳ хуб мебуд, муваққатан ҳаҷми андозситонӣ кам гардад ва созмонҳои дахлдор барои самаранок фаъолият намудани он тадбирҳои заруриро андешанд. Дару дарвозаи осоишгоҳи Ҳавотаг ба мисли дари дилҳои мо барои қабули муштариёни мӯҳтарам аз тамоми гӯшаю канорҳои Тоҷикистони азизамон кушода аст, мегуфтанд кормандони осоишгоҳи Ҳавотаг.

ТАОМУЛИ ДЕҲҚОНӢ

Ба карибӣ як шабонарӯзи тирамоҳи тиллорангро бо дӯсти деринаам Ӯрун Кӯҳзод, писарам Орзумурод, дар осоишгоҳи «Шарифобод»-и соҳили дарёи Кофарниҳон гузаронидем. Саҳаргоҳӣ майли тамошои доманаи кӯҳ кардем.

Сарвари осоишгоҳ, ҷавонмарди одампеч, Махмадсаид маслиҳат дод, ки ба самти боғотҳои болои деҳаи Чӯянгарон равем, ки хеле ҷойҳои тамошобоб дорад. Баъд чор тараф кушод аст, кариб ҳамаи водии Кофарниҳон намоён.

Мо се нафар «сайёҳ» либосҳои варзишӣ дар тан, кулоҳҳои латтагии офтобпӯшак дар сар роҳи мошингарди Душанбе – Ромитро убур намуда, рӯ ба полезҳои доманакӯҳ раҳсипор шудем.

Ду тарафи роҳ ҷӯйу дарахту кишт – беду арари наврас ва тутҳои мутта ва палаки бодирингу ниҳолҳои помидор, картошкаву пиёзу офтобпарасту ҷуворимакка, ки нашъунамояшон ба як зайл нестанд, чое тару тоза, чое хушку пажмурда...

Ҳар кадар, ки ба киштзорҳо наздик мешудем, дикқати моро пали тарафи чапи роҳ бештар ҷалб мекард – сар то сар ороста ва панҷ-шаш марду зан машғули кор.

Ба ин манзара нигаред, – гуфт Кӯҳзод, – ниҳолҳо яксон баробару зич рӯйдаанд. Рангашон тоза, аз обу ғизо сер. Дар ҷӯякҳо ягон алафи бегонаро намебинед.

Бале, азизам, дуруст мушоҳида намудаед, – гуфтаму афзудам, – ин аз ҳунар ва боҳавасала кор кардани соҳиби замин, деҳқон вобаста аст. Маълум, ки соҳиби замин марди ҳалолкор асту аз нозукиҳои касби деҳқонӣ огоҳ будааст. Ҳалолаш бод.

Вакте ки дар гардише ин суханҳоро мегуфтем, писарам Орзумурод шӯхиомез гуфт: ин чо боғи ангур будааст, биёед, каме тамошо кунем ва маззаашро бичашем.

Мо ба суханҳои вай аҳамият надода, қад-қади канал роҳро давом додем ва дар ин ҳангом садои мардеро шунидем.

Баргашта назар кардем, чавонмарде кавичусса аз даруни полез баромад ва чониби мо гуфт:

Рост равед, токзор хаст. Дароед, ангур дуздед. Ин чӣ рахгузарест, ки ба боғ надарояду мева надуздад!?

Мо таваққуф кардем: шӯхӣ мекунед ё ҷанг? Ҷавонмард назди мо омад. Бо рӯи кушод ва лабу дахони хандон. Даст дода вохӯрӣ кард ва дарвозаи ҳавлии якка ва калонеро нишон дод:

Марҳамат меҳмон шаветон.

Гарчанде на ӯ моро мешинохту, на мо ӯро, чунон як муомила кард, ки гӯё мо ошнои садсола бошем.

Мо ба ангори ангузор даромадем ва боғи ангури зич ҳосилбастаро бо ҳавас тамошо мекардем. Хӯшаҳои калон-калони ангури пухтагӣ, бо шуои офтоб булӯрвор медурахшиданд. Пас аз сайру гашти кӯтоҳе ҳар кадоми мо як хӯшагӣ канда, бармегаштем, ки дар сари боз ҳамон ҷавонмарди деҳқонзода моро истиқбол намуд ва бо самимият ҷазбмандона гуфт:

Акаҳои азиз, шитоб накунед, имрӯз рӯзи истироҳат аст, як пиёла чою як тика нони деқонии моро хӯрда равед...

Чӣ кор кунем? гуфта ба Ӯрун Кӯҳзод нигаристам.

Ҳама ранҷад, деҳқон наранҷад, гуфт ӯ ва мо пасопаси деҳқон вориди ҳавлии калони дилнишин гаштем.

Дар як он дар таги сояи ғафси чанорҳо мизи деҳқонӣ ороста шуд. Ба ҷои қанду конфет – ангур,

ноку себ ва помидор, бодиринг, чормағзу нон ва ғайра... Ҳамкорони деҳқон Маҳмадшариф ва Саидвалӣ машғули чойрезиву ноншиканӣ шуданд. Мо аз деҳқон ному насаб пурсидем, ҷавоб дод, ки номи ман Нурбой, насабам Изатулло. Ҷои таваллудам Данғара, охири солҳои ҳаштодум донишгоҳро хатм намудам ва маро ба ҳамин ноҳия ба муассисаи баплангирӣ (нақшакашӣ) ба кор фиристоданд. Бо ҳамин мардум унси хешу таборӣ пайдо кардам.

Бисёр хуб, агар малол нашавед, ба Шумо Нурмуҳаммад ҳам гуфта муроҷиат менамоем, гуфтам шӯхиомез.

– Ман ба ҳамааш розӣ, фақат Нурашро аз хотир набароред, мешавад.

– Камина ин ноҳияро хуб медонам, ба киҳо ҳамкорӣ кардаед, аз киҳо таҷриба омӯхтед, бародар Нурмуҳаммад?

– Аз бисёриҳо, пеш аз ҳама аз Маҳмадмурод Каримов, Карим Исмоилов, Қурбоналӣ Азимов, Аввалмурод Кенҷаев, Бозорбой Бурунов ва дигарон. Котиби аввали райком Василий Ермолаевич Захватов ҳам бо халқ наздик буд, ӯ ҳам ба ман ҳукми устодӣ дорад.

– Чӣ тавр ба кори деҳқонӣ пардохтед, мебинем, ки сатҳи корбарии Шумо аз дигарон фарқ мекунад, – пурсон шуд Кӯҳзод.

– Ҳамин тавр, ки ака, реформаи иқтисодӣ, азнавсозиҳои истеҳсолот ба миён омад, даъвати сарвари давлатро қабул намудаму дар қатори дигар ҷавонмардон ба бунёди хоҷагии деҳқонӣ миён бастам. Ана мебинед, хоҷагӣ амал мекунад, кор мекунад, – гуфт Нурбой.

–Корро аз чӣ сар кардед? – пурсон шудам аз Нурбой.

– Аз омӯхтани адабиёт ва таҷрибаи пешқадамони ҳамин соҳа, – гуфт ӯву суханашро давом дод. – Асоси

кори деҳқонӣ, фиреб надодани замин аст. Агар заминро қадр бикунед, дар вақташ чуфт кунед, ҳамаи талаботи агротехникиро риоя намоед, натиҷаи дилхоҳро ба даст мебиёред.

– Нурбой, гуфта метавонед, чаро зироатҳои полезии атрофи полези шумо будагӣ сустамалу камҳосиланд, – пурсидам боз аз деҳқон.

Нурбой нимтабассуме карду посух дод:

– Ман ба Шумо гуфтам-ку, асоси кор муносибат ба замин аст. Ин чунин маъно дорад, ки чуфтро дар вақташ кунед, аммо ин ҳоло фақат нисфи ҳалли масъала аст, вақтро нагузаронида ба замин тухми босифат коридан зарур. Агар хушкӣ бошад, онро об дода, баробар сабзонидан лозим. Ниҳолҳо, ки сар кашиданд, аз алафи бегона тоза ва бехашонро каланд кардан лозим. Пору рехтан зарур. Ҳашароте пайдо шавад, дору задан даркор.

– Мушкилҳои касби деҳқониро Шумо дар чӣ мебинед? – пурсидам аз Нурбой.

– Акаҳои азиз, – суханашро давом дод Нурбой, – мушкили аз ҳама сангин, ин рӯйдодҳои ғайри чашмдоштанд.

– Чиҳоро дар назар доред?

– Ҳашаротҳои гуногуну бешуморро, ки агар дар ғафлат монӣ, дар фурсате зироатро торумор мекунанд. Боз офати аз ҳама бадтарин, ин жолаю селу боронҳои фаровон, ки маҳсули заҳмати яксолаатонро то чашм кушодан барбод медиҳанд. Борҳо дар чунин ҳолатҳо дидаам, ки деҳқон дар сари замин нишаста, баробари борони сел ашк мерезаду маҷоли сухан гуфтан надорад, – гуфт бо эҳсосоти таассуфомез Нурбой. Баъзан мешавад, ки хусусан дар мавриди ҳосилпазӣ, абру шамол аз дурӣ гардиш кунад, дили деҳқон тах мекашад, бесаранҷон мешавад...

Чунин буд асосан мавзӯи гуфтугӯи мо бо соҳибкори навтоҷик Нурбой Изатуллоев. Чанд фурсате, бемуҳобот, аз мулоқоти сариҳӣ бо Нурбой ҳаловате доштам, зеро ки худам дар деҳа ба воя расидаам ва ҳамчун раиси ноҳия бо соҳаи кишоварзӣ ва бевосита бо деҳқонҳо сару кори доимӣ доштам.

Аз ҳамнишастӣ бо Изатуллоев Нурбой ҳувайдо буд, ки ӯ шахсияти дақиқназар аст, муҳимтарин ҷиҳатҳои касби деҳқониро дарк кардааст, вай медонад, ки кадом ҳашаротро бо кадом заҳрдору нобуд мекунанд, агар ба лаҳҷаи халқӣ гӯем, ӯ забони замину зироатро бетарҷумон мефаҳмад. Нурбой ба замин дилбастагии фарзандона дорад, дар ҷараёни мулоқот борҳо шунидам, ки мегуфт, замин нондиҳандаи мост, ба мисли падару модар муносибат кардан лозим.

Гарчанде Нурбой Изатуллоев дар ҷодаи соҳибкории деҳқонӣ навкор аст, аммо вай аллакай натиҷаҳои хуб ба даст овардааст, дар аввали соли фаъолияташ аз дуюним гектар замини полезӣ сӣ ҳазор сомонӣ фоидаи соф гардидааст.

Вақто ки вориди ҳавлии Нурбой шудем, дидем, ки ягон вақаби замини рӯйи ҳавлӣ холӣ нест, дар ҳар гӯша пиёз, гашнич, шалғамча, қаламфури булғорӣ, райҳон ва ғайра коридагӣ, дар як гӯшаи ҳавлӣ ҳавзчаҳои махсус барои моҳипарварӣ (гулмоҳӣ) бунёд шудаанд. Гулҳои рангоранг ба хусни ҳавлии дилнишин ҳусн зам менамуданд...

Диққати моро хонаҳои дуошёнаи бо ҳунармандии хоса сохта шуда ҷалб намуд, ки дар зебоӣ ба меҳмонхонаҳои «панҷситорагӣ» шабоҳат доранд. Сӯҳбати мо бо Нурбой ва ҳамкоронаш бо завқи дил давом мекард, ҳар кас чизе, ки мехост, мепурсид, мо ҳам ба пурсишҳои онҳо ҷавоб

мегуфтем. Дар хотима яке аз пурсишҳои мо ба Нурбой чунин буд:

– Шумо, ки ин қадар заҳмати зиёд мекашед, шабу рӯз меҳнат мекунед, чӣ зайл дам мегиреду нерӯ барқарор менамоед, чӣ гуна ҳаловати меҳнататонро дарк менамоед?

– Агар суханпардозӣ нашуморед, мегӯям: ҳар боре ки дар сари замин неш задани донаро бинам, гул кардани палаку дарахтонро тамошо кунам, тамоми ҳастагиҳоям аз ниҳодам бадар мешаванд. Ба гулҳои шукуфтаи полезҳо ва дарахтон дуру дароз чашм медӯзам, чунин эҳсос ҳам менамоям, ки онҳо низ бо ман розгӯӣ доранд, – «омадӣ, омадӣ, бубин, ки меҳнатҳоят барабас нарафтанд? Бубину шодмонӣ намо, деҳқон!».

– Тарзи дигари истироҳати ман ҳам дар катҳои мулоим дароз кашида хобидан нест, – гуфт Нурбой. Ба шикору моҳидорӣ завқи зиёд дорам, ба қарибӣ як хуки ёбоӣ ва ҷайраро сайд намудам. Гӯшти ҷайраро ба бисёр маризҳо даво мегӯянд, ман худам маризи дарди гулӯ, зиқи нафас (астма) будам, гӯшти ҷайра батамом маро сиҳат кард.

Ҳар қадар ки бо Нурбой сӯҳбат мекардем, нақлҳои вай ба мо ҳаловат мебахшид. Дар он ҳамнишастӣ диққати устод Кӯҳзодро девори ҳавлӣ, ки аз сангҳо сохта шуда буд, ҷалб намуд, ӯ аз соҳибхона пурсид: – устоҳоро аз куҷо даъват намудед?

– Аз ҳеҷ куҷо, ин деворҳои аз санги маҳаллӣ оростаро ҷавонмардони маҳаллии худамон сохтанд. Онҳоро аз қишлоқҳо ҷустем, ёфтем ва дидем, ки хато накардем. Онҳо сангҳоро аз ҷойҳои худамон пайдо карда оварданд ва бо маҳорати баланд омода намуда ба девор гузоштанд, ки мебинед, сифаташон аз сифати деворҳои сангини пойтахтамон паст нест.

Агар дар ҳама соҳа ба ақлу хираду тавоногии худамон такя намоем, ба комёбиҳои азим ноил мешавем, – гуфт бо кайфияти хоса Нурбой Изатуллоев. Ҳақ бар ҷониби ӯст.

Ободии хона, ободии рӯзғор ва ободии мулк ба маърифат ва масъулияти деҳқон вобаста аст, ба хусус деҳқонҳое ба монанди Нуробой.

БО ДУОИ БУЗУРГОН

Гуфтугӯи адиб ва пажӯҳанда М. Шукурзода бо нависанда ва публитсист Холмурод Шарифов

– Мӯҳтарам Холмурод Шарифович!

Шумо саодати ҳамсафарӣ, ҳамсӯҳбатӣ ва диду боздидҳои зиёдеро бо устодон Садриддин Айнӣ, Бобочон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ва дигарон доштед.

Дар ибтидо хоҳишмандем, аз дидор бо ин бузургон ва наҳустин қадамҳои хеш дар олами фазл, дар матбуот ва адабиёти тоҷик барои мо хикоят кунед. Бузургоне, ки аз онҳо дар боло ёд шуд, ҳатман Шуморо шафоат кардаанд ва дар сарнавишти Шумо нақше бозидаанд. Биёед, рӯи хамин мавзӯъ низ сӯҳбат кунем.

Шумо ба зимаи камина вазифаи мушкил гузоштед. Зеро доир ба бузургони миллат ба тарзи сатҳӣ сухан гуфтан гуноҳи азим аст. Аммо кӯшиш мекунам, ки ба саволатон ҷавоб гӯям. Аввал доир ба хамсафарӣ ва мулоқот бо устод Садриддин Айнӣ: устодро аз дур дар маҷлисҳо, баъдан соли 1950 дар мулоқот бо ҷавонон дида будам, аз сӯҳбатхояш рӯҳбаланд мешудам, илҳом мегирифтам, маънӣ мебардоштам. Баъд бахтам хандиду бо эшон ҳамсафар шудам. Ман ва Маҳмуд Нарзибеков аз ҷаласаи КМ ВЛКСМ баргаштем. Маҳмуд Нарзибеков сарвари комсомолони Тоҷикистон гуфт: Биё, ба вагон-ресторан рафта, таоми гарм мехӯрем.

Рафтем ва дидем, ки он ҷо устодон Айнӣ, Турсунзода ва Нурматов (ношир) нишастаанд. Моро Турсунзода гарм истиқбол намудаанд.

Устод Айнӣ чун фаҳмидаанд, ки ман ҳамдеҳаи Рӯдакиям, аз шиносҳояшон Шароф Муҳамадиев, Бараказода рочеъ ба чою макони қабри Рӯдакӣ пурсон шуданд. Ҳарчи медонистам, накл кардам.

Эҳсос кардам, ки хӯроки ресторан ба устод Айнӣ писанд наомадааст. Эшон табақчаро қафотар тела доданд.

– Домулло, иштиҳо надоред ё таом хуш наомад, пурсиданд устод Турсунзода.

– Ба фикрам ҳар ду.

– Ин хел намешавад, гурусна гаштани шумо мумкин нест, – гуфтанд Турсунзода ва афзуданд: Шумо моро бояд зиёфат диҳед. Имрӯз рӯзи одӣ нест, рӯзи таваллудатон аст!

– Ман ба зиёфат тайёрам, заказ кунед харочот аз ман, – гуфтанд устод Айнӣ буруташонро тофта. Аммо дар ин дашти беканор палаву кабобро аз кучо меёбем, ки таъби дил бошад?

Ин чо комсомолҳо ҳастанд, – гуфтанд Турсунзода ва ба М.Нарзибеков мурочиат карда: – Агар директори ресторан масолеҳи ош ёфта диҳад, ин шогирдатон пухта метавонад?

- Метавонад, - гуфт Нарзибеков аз ман чизе напурсида.

Пас фурсате устодон Айниву Турсунзода ба купеи махсуси «международний» рафтанд. Турсунзода қабл аз рафтан таъкид карданд:

– Мо он чо газак тайёр мекунем, домулло шароби хуби панчакатӣ ҳам овардагӣ. Оша пӯхта биёред, ин дашти қазокро тафсонем.

«Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам,» – аз дил гузаронидаму сӯи вагони ресторан шитобидам. Сардори ресторанро баъд аз туюманҳои зиёд розӣ кунондам. Гуфтамаш, ки рӯзи таваллуди устод Айнист, вагарна пеши шумо сар хам намекардам.

Сардор сар ҷунбонд, китф ҷунбонду «Мебинем, дар каструлка чӣ тавр ош мепазӣ? – гуфту ба қазоқзан Марямхон фармуд, ки ба ман масолеҳи паловро диҳаду пулашро гирад.

Хушбахтона, қазоқзан инсони асил будааст: дид, ки ҳунари ошпазӣ надорам, зуд равғанро доғ, пиёзу сабзиро реза карда, ба дег андохту ба ман фармуд, ки сангҳои биринҷро бичинам.

– Пас аз андак вақт ошат тайёр мешавад, – гуфт Марям-апа, – Айниро аз номи ман табрик кун, агар бошад, ягон китобашро бароям биёр.

Вагони устодон Айниву Турсунзода дар қатора баъди ресторану шаш вагони дигар чой гирифта буд. Он вақтҳо поездҳо дар роҳ тез-тез қарор мегирифтанд. Ман каструли оши тафсон дар бағал аз ресторан баромадам. Поезд ҳанӯз истода буд. Барои тезтар расидан аз вагон ба перрон фаромадаму ба сӯи вагони рақами ҳафтум давидам. Ба вагони «международнороний» расида будам, ки поезд наърае кашида, ба ҳаракат даромад, дарҳои вагон пӯшида шуданд. Ба фикр кардан фурсат набуд. Ҷаҳида ба дари яке аз вагонҳо якдаста часпидам...

Поезд суръат мегирифт. Аҳволи маро акнун худатон тасаввур кунед. Аз як тараф, гоҳи алвончи поезд қариб, ки аз вагон канда шуда меафтидам, аз тарафи дигар, тафси каструли ош дасту сари синаамро месӯзонд. Андешидам, ки ошро ҳавола диҳам. Аммо ору номус ғалаба кард.

Ниҳоят илочи ҷойгардони каструлро ёфтам. Онро аз сари синаам ба мобайни пойҳоям ғечонидан гирифтам, баъд бо пошнаи ботинкаҳоям онро ба дари вагон пахш карда истодам.

Акнун дасти дуюмам ҳам озод шуду дудаста ба вагон часпидам. Сардии ҳаво бо шамоли чанголуду дуди ғализи поезд гулӯгирам мекард. Телпаку палто дар вагон буд. Бо як пичак сахт меларзидам. Аввалин

орзуву андешаам то истгоҳи оянда зинда мондан буд...

Тақрибан як соат роҳ паймудем, поезд дар истгоҳи ноободи Жусалӣ қарор гирифт. Дастонамро бо азобе раҳо карда, ба як ҳоле ба вагон даромадаму купеи устод Айниро ёфтам ва каструлро рӯи миз гузоштам.

– Шумо аз кучо пайдо шудед? – бо шубҳа аз ман пурсиданд устод Айнӣ.

Забонам ба гап намепечид.

– Аҷиб, мо тамоми поездро кофтем, ду маротиба ба ресторан рафтем. Гуфтанд, ки «кайҳо рафта буд». Охир як соат боз кучо будед? – пурсид Нурматов.

Устод Айнӣ шояд ҳолати маро фаҳмиданд, ки дилсӯзона «Шинед, шинед, писарам!» гуфта, аз паҳлӯяшон чой доданд. М.Турсунзода, М.Нарзибеков бо шубҳа чизи латтапечро кушода диданд, ки каструл пур аз ош аст. Онҳо бо тааҷҷуб китф дар ҳам кашиданд.

Чанд муддат касе ба ман гап назад. Нурматов ошро ба табақчаҳо кашид. Мирзо Турсунзода пиёлае сари даст ба устод Айнӣ муроҷиат карданд.

– Дарвоқеъ, мо медонем, ки имрӯз зодрӯзи мубораки Шумост, барои дили бузургу истеъдоди ғании Шумо, устоди азиз!

– Рости гапро гӯям, Мирзоҷон, ман ҳеҷ гумон надоштам, ки имрӯз палов мехӯрем... Мани мӯйсафедро хурсанд кардед... Аввало ба ошпаз раҳмат, офарин. Писарам, шумо чӣ ном доред? – гуфта пурсиданд устод Айнӣ ва афзуданд: Ман Панҷекантро нағз мебинам. Хусусан қишлоқи Кулолӣ ва Панҷрӯдро. Мо бо рафиқ Ғафуров он ҷо сафар кардаем, зодгоҳи Рӯдакиро ҷустуҷӯ кардаем. Ман аз Панҷекант гӯед? Яъне Шумо Шароф Муҳаммадиеву Бараказодаро мешиносед?

Бале, домулло, Бараказода ҳамсояамон буданд. Шароф-амак дӯсти наздики падарам.

Устод Айнӣ аз Панҷакат депутат буданашонро, сафарҳояшон ва корезҳои Панҷакент ёдгориҳову одамони ин диёрро ёдовар шуданд.

Бо Бобоҷон Ғафуров мулокотҳои зиёд доштем. Фақат яке аз онҳоро хотирнишон мекунам:

Ба Озарбойҷон сафар мекардем. Б.Ғафуров шомили гурӯҳи мо буданд. Бо устод М.Турсунзода ва дигарон ба Боку барои таҷлили ҷашни бистсолагии Кумитаи ҳаракати якдилии халқҳои Осиё ва Африко мерафтем. Саломатии М.Турсунзода чандон хуб набуд (табиби махсус ҳамсафараш буд) устод пеш аз парвоз ба наздашон даъват карда гуфтанд:

– Мулло Холмурод, коре кунед, ки Бобоҷон Ғафуров дилгир нашаванд, агар лозим шавад, духтур, дорухои заруриро дорем, – гуфтанд М.Турсунзода.

Тамоми роҳ бо устод атрофи бозёфтҳои эҷодии адибон, санъати театрӣ, синамо, мусиқӣ, эҷодиёти мардумӣ сӯҳбат доштем.

Камина ҳам аз устод Бобоҷон Ғафуров доир ба бунёди илму фарҳанги навин, ба воя расонидани истеъдодҳои ҷавон ҷавобҳои батафсил гирифтам, ки дар ин бора дар ҳикояти «Хиштҳои тиллоии Бобоҷон Ғафуров» қазоват намудаам.

Бо устод Мирзо Турсунзода аз ҳама бештар сафар кардаам, ҳам дар дохили Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷи он. Дар назар дорам мусофиратҳои якҷояамонро ба Амрико, (ба «Экспо-67», Канада), ба Маскав (анҷуманҳои нависандаҳои СССР, ҷашнҳо), ба Ӯзбекистон, Қирғизистон (даҳаҳои маданият). Чанд маротиба бо ҳам аз меҳмонҳо – Юсуф ас-Сибоӣ, аз Миср, Олес Гончар, Максим Танк, Чингиз Айтматов, Бердӣ Карбобоев, Қайсин Қулиев, Мустай Карим ва дигарон пазироӣ намудем.

Сафари ман бо устод Турсунзода соли 1958, соле, ки 1100-солагии кофиласолори адабиёти тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ботантана ҷашн гирифта шуд, сурат гирифта буд. Дар ҷашн меҳмонҳои олӣ, аз ҷумла Николай Тихонов, Расул Ғамзатов (Русия), Мао Тзе-дун (Чин), Гурбахш Сингх (Ҳиндустон), Саъиди Нафисӣ (Эрон), Мирзо Иброҳимов (Озарбойҷон) ва дигарон ширкат варзиданд. Медидам, ки устод барои хуб гузаштани ҷашни Рӯдакӣ тамоми қобилият ва нерӯву маҳораташонро харҷ менамуданд. Бемуҳобот, аз фазилатҳои хоссаи устод Турсунзода фаровон баҳраманд шудаам.

Бо устод Мирсаид Миршакар бори аввал соли 1959 ҳамсафар шуда будам. Ӯ ҳамроҳи устод Мирзо Турсунзода ба зиёрати мақбараи устод Рӯдакӣ омад. Он вақт, ки раиси ҳукумати ноҳияи Панҷекатро ба ӯҳда доштам, устодон М.Турсунзода ва М.Миршакарро ба Панҷрӯд роҳбаладӣ менамудам. Дар ҳол мошинамон вайрон шуд. То иллати мошинро ёфтани ронанда хеле вақт гузашт. М.Турсунзода нимҷиддиву нимшӯхӣ гуфт:

– Биёед мисли ҳоҷиён, ки тавофи Каъба мекунанд, ба зиёрати устод Рӯдакӣ меравем.

Бори дигар бо устод Миршакар ба Литва – дар ҳайати иштирокчиёни Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик ҳамсафар шудем. Дар маҳфилҳои эҷодӣ устод Миршакар бо ифтихор аз мақоми каломи бадеъ, кашфиёти адабӣ, санъати саҳнавӣ, синамо, ҳунари мусиқӣ, санъати тасвирӣ, шӯҳрати ҷаҳонии намояндагони насли ҷавони тоҷик – Малика Собирова, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҷӯрабек Муродов, Марат Орифов, Сӯҳроб Қурбонов ва дигарон ҳикоят менамуд.

Устод ба камина эҳтиром ва ихлоси баланд дошт. Ин ҷо фақат як мактубашро иқтибос меоварам:

«Бародар ва дӯсти деринаам Холмурод Шарифович!

Аввалин шиносоии мо дар ҷашни таърихии зодрӯзи падари шоирони форсу тоҷик, бунёдгузори касри газанднопазири назми дилфурӯзи форсизабонони дунё Рӯдакии бузург оғоз ёфта, дар байни ин 30 сол рӯз ба рӯз, соат ба соат мустаҳкам ва пойдор гардида, аз шиносоӣ ба дӯстӣ ва бародарии ҷонӣ мубаддал гардид. Ман хеле хушбахтам ва аз умри рафтаистодаи худ миннатдорам, ки ба ман имконият дод, ки бародару дӯстамро ба муносибати фатҳи қуллаҳои тоза ба тозаи... ҳафтод, ҳаштод, навад, сад... роҳи сафед гӯям». Мирсаид Миршакар

Бо устод Боқӣ Раҳимзода низ сафарҳои зиёде намудаам – ба Норак, Вахшу Фарғонаву Искандаркул ва Регар (Турсунзода). Ин ҷо фақат аз сафарҳоямон ба Ӯзбекистон чанд сухан гуфтаниям.

Бемуҳобот, устод Боқӣ Раҳимзода дар мулоқотҳову маҳфилҳои Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон гули сари сабад буданд. Он рӯзҳо ин ду байт:

Фарқи ҳама мардумони дигар осон,
Лекин шуда мо ба ҳам чунон ҳам наздик.
Бинанда чунин савол орад ба миён,
Эй ҷӯра, бигӯ, ту ӯзбакӣ ё тоҷик?

ирди забони ҳамагон буд. Дар ҳар гузаргоҳ ё маҳфилҳое, ки Боқӣ Раҳимзода пайдо мешуданд, мардум бо кафкӯбиҳо истиқболаш менамуданд.

Боқӣ Раҳимзода дар қабулҳои расмӣ, маҳфилҳо гулхани дӯстиву рафоқатро афрӯхта, рӯҳияи нотакрори шодмониро дар мулоқот ҳукмрон мекарданд.

Дар ёд дорам, сарвари Ӯзбекистон Шароф Рашидов дар рӯзҳои даҳа ходимони намоёни

фарҳанги тоҷикро қабул кард. Рашидов нутқи пазирой эрод намуда аз меҳмонҳо пурсид, ки онҳо аз сафарашон розӣ ҳастанд, чӣ таассуроте доранд? Баъзеҳо аз таассуроти сафарашон нақл карданд. Бокӣ Раҳимзода ҳам даст бардошта, аз ҷояшон хестану.

– Азизам, Шароф Рашидович, мумкин аст, ман ҳам чанд ҳарф бизанам, синчакорона атрофиёнро аз назар гузаронида гуфтанд.

– Марҳамат, марҳамат, меҳмони азиз, гуфт Шароф Рашидов.

– Дӯстони азиз, ман аксар вақт аз ростгӯиву чуртгӯиам таъна мешунавам. Ҳозир ҳам фикрамро ошкоро мегӯям. Суханонам ба рафиқони ӯзбекистониам дахл дорад, – гуфтанд Бокӣ Раҳимзода ва бо оҳанги сохтаи норозиёна афзуданд: Онҳо, яъне мизбонҳо, моро бе маслиҳат ба бисёр шаҳру қишлоқҳо, корхонаҳо, сайлгоҳҳо, аз ҷумла ба заводи оҳангудозии шаҳри Бекобод, комбинатҳои абрешим, қолинбофӣ, истгоҳи барқи обии соҳилҳои Сирдарёву Зарафшон, майдонҳои пахта бурданд. Моро гирд мегардонданду ҳеҷ чиз намегуфтанд. Мо ҳам хомӯш мегаштему худро ба нодонӣ мезадем, ки гӯё намефаҳмем, ки чаро дӯстони ӯзбекистониамон моро ба он иншоотҳо мебаранд.

Вақте ки Бокӣ Раҳимзода бо чунин оҳанг сухан мегуфтанд, ҳама ба вай бо ҳайрат менигаристанду дарк карда наметавонистанд, ки он кас чӣ гуфтан мехоҳанд. Раҳимзода ниҳоят чунин ҷамъбаст намуданд:

– Дӯстони азизи ӯзбекистонӣ, мо медонем, ки чаро моро ба ҳамон муассисаҳо бурдед. Акнун аниқ мегӯям: моро ба заводи оҳангудозӣ бурдед, то ки дӯстии мо ба мисли пӯлодҳои он обутоб ёбаду мустаҳкам бошад, ба комбинатҳои бофандагӣ бурдед, то бубинем, ки чӣ гуна риштаҳои дӯстии мо доманадоранд ва дар айни ҳол нозуку хуштобанд ва

мо онҳоро доимо бояд эҳтиёт кунем, моро ба соҳили дарё бурдед, то бубинем, ки дӯстии аҷдодҳои мо аз кадом сарчашмаҳо ибтидо мегиранд ва чӣ сон софу беғубор аст. Барке, ки ин дарёҳо медиҳанд, ошёни дӯстии моро равшан нигоҳ медорад.

Чун Бокӣ Раҳимзода суханашонро анҷом доданд, ҳозирон беихтиёр кафкӯбӣ карданд, ҳама ба завқ омаданд. Шароф Рашидов бо рӯймолча оби чашмонашро пок карда, сӯи Бокӣ Раҳимзода қадам зада гуфт: «Ҳеж ӯлманг Боқӣ-ака». (Ҳаргиз намуред, акои Боқӣ), моро аввал каме хавотир кардед».

Баъд аз сухангӯии Бокӣ Раҳимзода дар он қабули расмӣ, расмият бардошта шуд ва мулоқот ба маҳфили дилпазири дӯстиву рафоқат табдил ёфт. Чунин буданд Ьокӣ Раҳимзодаи беҳамтои мо. Рӯҳашон шод бод!

Шояд толеи баланд мададгор буд, ки бо фарзандони фарзонаи миллат Муҳаммад Осимӣ, Сотим Улуғзода, Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигар адибон низ сафарҳои хотирмон доштам.

Шарафи дидори хирадмандон шарифтарин неъматест, ки чун файзи баҳорон синаҳоро мусаффо намуда, дилро ба сӯи ростию вафо тамоил медиҳад, ба шахс завқи офарандагиву эҷодкорӣ илқо мекунад. Шояд азми эҷодкории банда низ аз қаробати мунтазам бо адибони асил бунёд ёфта бошад, ки аз иқболи баландам меболам.

– **Ҷомеаи тоҷик нақши Шуморо бештар дар заминаи сиёсат ва роҳбарӣ дар корҳои давлатӣ дидааст. Аз аҳли сиёсат киҳоро метавонед ном бубаред, ки заҳмати олиму шоиру нависандаро қадр мекарданд?**

– Аз ходимони давлатие, ки ҳамроҳашон фаъолият доштам, метавонам бигӯям, ки Ҷаббор Расулов, собиқ сарвари Тоҷикистон ба маънавиёт, бахусус, ба адабиёт диққати доимӣ медод, бо олимон, адибон, ҳунармандон пайваста мулоқот мекард.

Қисме аз адибонро дар сафарҳои корӣ ё ҳангоми мулоқотҳояшон бо мардум бо худ мегирифт. Масалан, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукуҳӣ, Файзулло Ансориро.

Абдулаҳад Қаххоров, собиқ Раиси Шӯрои вазирон, ба маънавиёти миллӣ бештар аҳамият медод, худаш эҷодкор буд, асарҳои публитсистӣ, сафарномаҳо менавишт, бо тахаллуси «Тӯробӣ» шеър эҷод мекард ва ашъорашро сарояндаҳои номӣ Ҳанифа Мавлонова, Зафар Нозимов ва амсоли инҳо месароиданд. Дар вақти роҳбарии Ҷ.Расулову А.Қаххоров ду иншооти бузург барои адибон сохта шуд, яке барои фаъолияти корӣ, дигаре ҳамчун манзили зист.

Пешниҳоди масъала доир ба сохтмони Хонаи адибон ва манзилгоҳи адибон қиссачае дорад, ки бо номи устодон М.Турсунзода ва Б.Раҳимзода пайванд аст.

Дар машварате бо эҷодкорон дар ҳузури аъзои бюрои КМ Мирзо Турсунзода аз вазъи корубори адибон гузорише намуда, масъалаи манзили адибонро мегузораду маънидор ба Боқӣ Раҳимзода мурочиат мекунад:

Боқиҷон, боз кадом масъалаи дигареро низ, дар хаёлам, доштем?

Бале, бале, масъалаи муҳим, гуфта аз ҷой мехезаду ба услуби ба худаш хос қазоват менамояд. Як сол пеш Мирзоҷон нависандаи машҳури ленинградӣ Вера Инберро ба Тоҷикистон даъват мекунад, ки асарҳои нависандагони ҷавонро тарҷума намояд. Вера Инбер меояд, ки Турсунзода дар сафари муҳими хориҷӣ... Рӯзе Вера Инбер бо овози баланд дар Иттифоқи нависандагон «мағалча» мебардорад. «Где, этот Мирзо, хвастунишка, всегда громко говорит у нас высочайшая култура», а вашем союзе даже писат негде»... Ҷаббор Расулов бо завқ

механдаду ба раиси ҳукумат Абдулҳад Қаҳҳоров мефармояд, ки масъалаи сохтани Хонаи адибонро ҳамин сол ба нақша бигиранд...

Котибони КМ Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Низорамоҳ Зарифова, Ибодат Раҳимова, муовинҳои раисони Шӯрои Вазирон Махфират Каримова. Рустамбек Юсуфбеков ҳам бо зиёён робитаи наздик доштанд, эҷодкоронро қадр менамуданд.

– Мегӯянд ишқи аввал, нигоҳи аввал, аввалин сафар ва аввалин китоб барои инсон сахт азиз ва хотирмон аст. Аз ин рӯ хоҳиш мекунем, таърихчаи нашри нахустин китобатонро барои мо шарҳ диҳед.

Аввалин китобе, ки ҷанбаи бадеӣ дорад, маҷмӯаи «Гард дар мижгон» аст (соли 1972., «Ирфон»), гарчанде аз ин пеш чанд китоб ва брошюраҳои илмӣ-публисистӣ, ба мисли «Тушаккули одами нав», «Маданияти шукуфони халқи тоҷик», «Омилҳои педагогӣ ва психологӣ дар кори ҳизбӣ-сиёсӣ» ва ғайра нашр гардида буданд.

«Гард дар мижгон» аз заҳмати пуршараф ва пурмашшақати ходимони маданияти тоҷик ҳикоят мекунад. Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷ.Икромӣ дар яке аз мактубҳояшон аз Бухоро навишта буданд:

«Номи китоб («Гард дар мижгон»-ро дар назар доранд. **М.Ш.**) ба мазмунаш мувофиқ омадааст. Кас ин сафарномаро бо мароқи том хонда, дар бораи мамлакатҳое, ки муаллиф сафар кардааст, маълумоти пурра мегирад. Масалан, дар бораи Афғонистон: мардуми он, муҳаббат ва самимияту меҳмоннавозии афғонҳо, дӯстии ин мардум бо давлат ва халқи мо, бо маданият, санъат ва адабиёти мо, бо шавқу завқ пешвоз гирифта шудани аҳли санъат ва маданияти тоҷик ва ғайра ва ҳоказо... бо тафсил баён ёфтааст. Одаме, ки ба Афғонистон нарафта бошад, бо хондани ин сафарнома Афғонистонро дидагӣ барин мешавад. Ҳикояҳо аз Канада ҳам қобили писанданд.

Булғористон-ку ба тамом маро мафтун кард. Орзу дорам, ки имконияте шаваду ман ҳам ба он шаҳрҳо ва курортҳо равам».

– **Баъди он боз кадом китобҳоятон рӯи чопро диданд?**

Баъд аз «Гард дар мижгон» боз китобҳои «Накши хотир», «Оламафрӯзон», «Зов памяти», «Рози дил», «Сарнавишт», «Моҳи оламгир», «Алтернатуф», «Ахтарони фарҳанг», «Меҳрнома», «Ахтарон», «Оташниҳодон», «Камола». «Қаҳрамон» дастраси хонандагони азиз гардидаанд.

Мушаххас гуфта метавонед, ки ба адибони дар бедории эҳсоси миллии тоҷикон саҳмгирифта, чӣ кӯмак кардаед, махсусан дар рафъи монеаҳое, ки замон барояшон пеш меовард?

Чунин рӯйдодҳо кам набуданд. Масалан, китоби арзишманди устод Сотим Улуғзода «Восеъ» барои чоп тайёр шуда буд. Аммо нашриёти «Советкий писатель» нашри онро кашол медод (писарашон ба хорича фирор карда буд). Он замон омӯхтани эҷодиёти С.Улуғзодаро низ аз барномаҳои таълимии мактабҳои миёна бардошта буданд, дар матбуоти даврӣ ҳам номи устодро зикр намекарданд. Шӯъбаи маданияти КМ, ки камина сардораш будам, бо роҳбарияти Иттифоқи нависандагон машварат гузаронида, ба унвони бюрои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ба таври расмӣ бо мактубе мурочиат намуда исбот кард, ки ҳарфҳои номатлуб дар бораи Улуғзода беасосанд, асарҳои ӯ айбе надоранд ва аз чоп нигоҳ доштани онҳо беасос мебошанд. Китоби «Восеъ» дар Маскав чоп шуд.

Ҷумъа Одина асарҳои хуб навиштааст, дар Кумитаи табъу нашр кор мекард. Дар хусуси китоби «Гузашти айём»-аш бо ӯ шахсан сӯҳбат доштам, баъзе нуқсонҳои китобашро ба зимма гирифта буд ва баъд аз ислоҳи онҳо бо мактуби сарвари Иттифоқи

нависандаҳо М. Қаноат китоб аз нав чоп гардид. Дар вақти раиси Кумитаи мукофотҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ буданам он китоб ба Ҷоизаи Рӯдакӣ сазовор гардид. Аммо ғаразмандони кӯрдил дар хакки Ҷумъа Одина корашонро карда буданд.

Мегӯяд, ки инсон бехтарин сабаки зиндагиро бо сафар кардан ва чаҳон дидан ба даст меоварад...

– Хушбахтона, ба ман муяссар шуд, ки ба Канада, Куба, Корея, Бенин, Ливия, Дагомея, Белгия, Чехословакия, Руминия, Венгрия, Олмон, Люксембург, Афғонистон, Эрон ва... мусофират дошта бошам. Аз ҳар сафарам як чаҳон таассурот бардоштаам, ки онҳо дар китобҳои «Гард дар мижгон», «Рози дил», «Накши хотир» сабт гардидаанд.

– Мо фикр мекунем, ки чавонии ҳар инсоне дар фасли пирӣ аз муҳаббати ёру дӯст, аз дилбастагӣ ба адабиёту санъат ва пеш аз ҳама, аз ишқ нашъа мегирад. Оё Шумо ба ин андеша мувофиқ ҳастед?

Бале. Нисбат ба дилчавониву давлати пирӣ худатон чавоб додед! Илова намуданиям, ки сабаби асосии умрдарозии камина чанд омилҳо дорад. Якум, аз чавонӣ сахтиҳои зиндагиро аз сар гузаронидан (синамак бо волидайн ба водии Вахш муҳочир гаштан, дар заминканҳои қамишзор дар миёни мору каждум, карафса, шағолу рӯбоҳ зистан). Омили дигар ҳалолкор. Чунон амал намо, ки аз кардаат сахт пушаймон нашавӣ.

Пушаймонӣ ва яъс инсонро абгор менамояд, бояд аз рафтору гуфтори ношоям худро канора бигирӣ. Албатта, завқу шавқи табиӣ ба хунарҳои зебо, эҷод намудан, ба эҳтирому ихлосмандии дӯстони қадрдон сазовор будан умратонро дароз мекунаду нерӯю рӯҳи тоза мебахшад. Меҳнат, боз ҳам меҳнат! Маҳз меҳнат инсонро аз шикастҳои беамони зиндагӣ раҳоӣ мебахшад.

– Худоҳофизӣ намекунам, зеро аз тариқи навиштаҳоятон ва ба воситаи матбуот бо Шумо зуд-зуд мулоқот дорем, аммо дар поёни ин гуфтугӯ мехоҳем, барои мо ва хонандагони ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» дуое бишнавем.

Ба шумо ва хонандагони ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» аввало саодати ҳақиқии инсонӣ – бо орзую муродҳо расиданро хоҳонам, сониян, таманно дорам, ки ҳар хонандаи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» аз мутолиаи ҳар як шумора илҳоми тоза ба кору зиндагӣ пайдо намояд, рӯзномаро чунон нағз бинад, ки агар онро дар вақташ нагирад, ба мисли шахси хуморӣ ё чавони ошиқ ба ҷустуҷӯяш бипардозад. Ба хонандагони азиз тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорам. Бошад, ки онҳо дар фазои рӯҳафзои Тоҷикистони азиз худро хушбахтарин бошандагони рӯи замин пиндоранд.

МУНДАРИҶА

Сарсухан..... 3
Пешгуфтор..... 13

БОБИ ЯКУМ

Таъбири хоби ногуфта..... 17
Субҳи Кобул..... 29
Дар Кубани овозадор..... 54
Хатин – бонги хатар..... 76
Ду мағзи як бодом..... 84
Ҳарфи нотамом..... 96
Пайванди дилҳо..... 107
Дар кишвари каҳрабо..... 113
Сохили заррин..... 129
Қалъаҳо..... 155
Қосиди халқҳо..... 172
Суруд дар осмони Атлантика..... 180
Машъали қитъа..... 197
Кишвари сапедаи Чосон..... 210
Кишвари афсонавӣ..... 240

БОБИ ДУВУМ

Бадахшон чатри симини замин аст..... 263
Моҳи беайб..... 279
«Ӯротеппа» – дармонгоҳи дил..... 289
Чингизи асри мо..... 302
Дар Панҷакенти бостонӣ..... 306
Оби ҷонбахш..... 310
Таомули деҳқонӣ..... 319
Бо дуои бузургон..... 326

کتابی که اینک پیش روی خوانندهٔ محترم قرار دارد، «طالع بلند» نوشتهٔ جناب آقای دکتر خال‌مراد شریف‌اف، یکی از مردان عرصهٔ علم و فرهنگ تاجیک است. این کتاب که در واقع سفرنامه می‌باشد، شامل گزارشهای عینی مؤلف از مسافرت به بسیاری از کشورهای آسیایی، اروپایی و امریکایی است. این سفرنامه، یکی از جهت وسعت دامنهٔ سفرهای مؤلف و احتواء آن بر داستان مسافرتی که از ایران، افغانستان، چین، کرهٔ شمالی، کشورهای آسیای میانه و روسیه تا اروپای شرقی و کانادا و کوبا و غیره بسط یافته و در آن شرح دیدار با رجال سیاست و اصحاب علم و ادب می‌رود و دیگر از جهت صداقت وی در بیان اوضاع و احوال ممالکی که دیده است، حائز اهمیت می‌باشد.

بدون تردید، مطالعهٔ این اثر برای خوانندگان عادی جالب و خواندنی و برای پژوهشگران عرصهٔ تاریخ و علوم اجتماعی می‌تواند آموزنده و حاوی نکات تحقیقی باشد. امید است که نشر این کتاب موجب شادابی هر چه بیشتر درخت تناور فرهنگ و ادب مشترک ایران و تاجیکستان گردد.

علی‌اصغر شعردوست
سفیر جمهوری اسلامی ایران در تاجیکستان
اردیبهشت ۱۳۸۸ خورشیدی
می ۲۰۱۰ میلادی

کارمندان تئاترهای تاجیکستان و کارمند شایستهٔ فرهنگ تاجیکستان است. سالهای ۱۹۵۸-۱۹۶۰ رئیس کمیتهٔ اجرایی شهرداری پنجکند بود. وی سپس به مقام معاونت شعبهٔ ایدئولوژی کمیتهٔ مرکزی حزب کمونیست تاجیکستان تعیین گردید و سپس معاون اول وزارت فرهنگ تاجیکستان شد. در سالهای ۱۹۶۸-۱۹۷۹ مدیر شعبهٔ فرهنگ کمیتهٔ مرکزی حزب کمونیست تاجیکستان و از سال ۱۹۷۹ تا اوایل سال ۱۹۹۰ رئیس کمیتهٔ دولتی مطبوعات و اطلاعات تاجیکستان، سالهای ۱۹۹۰-۱۹۹۶ رئیس کمیسیون مرکزی انتخابات و همه‌پرسی جمهوری تاجیکستان بود. او چندین بار به عنوان نمایندهٔ مردمی مجلس در استانهای غرم، لنین‌آباد (سغد کنونی) و شورای عالی تاجیکستان انتخاب شده است.

دکتر شریف‌اف همچنین در تأسیس تئاتر جوانان، سیرک دولتی، دانشکدهٔ هنر، انتشارات «ادیب» و اتحادیهٔ تولید «مطبوعات» و همچنین احیای سنت نوروز و چاپ کتاب با خط نیاکان و ... نقش بزرگی ایفا کرده است.

کتابهای *محنت جمعیتی و انکشاف (رشد) شخصیت* (سال ۱۹۶۲)، *تکنیک، زحمت و انسان* (به زبان روسی – مسکو، سال ۱۹۶۳)، بابی از کتاب *کار به عنوان عامل رشد شخصیت* (به زبان روسی سال ۱۹۶۳)، *تشکّل آدم نو* (سال ۱۹۶۵)، *مدنیت شکوفان خلق تاجیک* (سال ۱۹۶۷)، *فرهنگ سوسیالیستی مردم تاجیک* (به زبان روسی - سال۱۹۷۴)، *عامل‌های پدِگوگی و پسیکولوژی کار حزبی و سیاسی* (سال ۱۹۷۱)، *بنیاد معنوی آدم نو* (سالهای ۱۹۷۷ و ۱۹۷۴) از جمله آثار وی می‌باشند.

دکتر شریف‌اف طی چند دههٔ اخیر خود را به عنوان نویسنده به مردم تاجیک معرفی نمود. کتابهای *گرد در مژگان* (۱۹۷۱)، *نقش خاطر*، *عالم‌افروزان*، *ندای خاطرات* (به زبان روسی)، *راز دل* (۱۹۹۲)، *سرنوشت* (۱۹۹۴) از جمله آثار وی می‌باشند.

آلبرشت فن ماندلسکو (Jeann Albrecht Von Mandelsco) نامدارترین سیاحان این دوره‌اند و از این جمع، تاورنیه را باید یکی از بزرگترین سیاحان سدهٔ هفده میلادی به حساب آورد که در فاصلهٔ سالهای ۱۶۳۱ تا ۱۶۶۵ به روزگار سلطنت شاه صفی و شاه عباس دوم، حداقل شش بار به ایران مسافرت نمود.

تاورنیه مطالب ارزنده‌ای راجع به ایران از خود باقی گذاشته که از حدود سفرنامه‌های معمولی تجاوز کرده است. زیرا او با نظری دقیق نسبت به همهٔ امور، از بزرگترین مسائل تا کوچکترین آنها توجه کرده و با صراحت و صداقت، آنچه دیده و در اطرافش گذشته، به رشتهٔ تحریر در آورده است. بدون شک سفرنامهٔ تاورنیه از سیاحان همزمان و جهانگردان بعد از خود ارزش بیشتری دارد، زیرا تعداد مسافرتها و اقامتش در هر یک از این سفرها بیشتر از دیگران بوده است و حق تقدم او نسبت به جهانگردان آن زمان، حتی «شاردن» او را برتر می‌سازد. به علاوه او در دوره‌ای اقدام به مسافرتها نموده که عظمت و جلال ایران به آخرین حد خود رسیده و صنعت ایرانی راه کمال خود را می‌پیموده است.

در سدهٔ نوزده میلادی که بسیاری از پایه‌های نوین علمی نهاده شد و در قرن بیست که به تدریج این علوم مسیر اصلی خود را یافتند، علم تاریخ نیز قوالب تحقیقی خود را یافت و امروز مسلم شده است که سفرنامه‌ها یکی از مواد اصلی تحلیلی تاریخی انتقادی در این زمینه هستند.

* * *

دکتر خال‌مراد شریف‌اف عضو اتحادیهٔ نویسندگان تاجیکستان، نامزد علم فلسفه، دانشیار دانشگاه، عضو اتحادیهٔ روزنامه‌نگاران تاجیکستان، عضو اتحادیهٔ

روی گنزالس دو کلاویخو (Ruy Gonzales de Claviyjo)، فرستادهٔ هانری سوم، پادشاه اسپانیا، که در سال ۱۴۰۳ میلادی به طرف دربار تیمور حرکت کرد، از همان ابتدا تصمیم گرفته بود سفرنامه‌ای دقیق تهیه کند. وی از طریق خوی به ایران رفت، از دریاچهٔ ارومیه گذشت و به تبریز رسید و پس از نه روز توقف در این شهر، از راه زنجان عازم سلطانیه شد و از طریق تهران، ری، سمنان، دامغان، اسفراین، نیشابور، مشهد و طوس به سمرقند رفت. یک سال بعد ناگزیر به فکر بازگشت افتاد، زیرا تیمور که روزگاری جهانگشایش می‌خواندند و از شنیدن نامش لرزه بر اندام امیران و شهریاران می‌افتاد، پیر و علیل و مرگش نزدیک شده بود و آشکار شده بود که پس از او کشور پهناورش در آشوب وحشتناکی غوطه‌ور خواهد گردید. از این رو، کلاویخو سمرقند را ترک کرد و از راه زیارتی به مشهد مراجعت نمود و از طریق سمنان، ورامین، قزوین، به تبریز بازگشت. وقتی خبر مرگ تیمور در سراسر کشور منتشر شد، سیاح اسپانیایی تبریز را ترک گفته بود، اما در قراباغ او را از ادامهٔ سفر بازداشتند و به تبریز بازگرداندند. وی حدود شش ماه در این شهر تحت نظر بود تا سرانجام از طریق «طرابوزان» به اسپانیا بازگشت.

کلاویخو در گزارشهای جالب خود از تبریز و حمامهای آن که زیباترین نوع خود در جهان بودند، گفتگو می‌کند. وی همچنین اطلاعاتی جالب دربارهٔ شهرهای ایران، راهها، مهمانخانه‌ها و سبک معماری دوران تیموری در اختیار می‌گذارد.

در دورانهای بعدی صنعت گردشگری و سفرنامه‌نویسی باز هم توسعه یافت. در زمان شاه عباس صفوی، بسیاری از سیاحان اروپایی به ایران مسافرت کردند که هر برگ از سفرنامه‌های آنها، برگی از تاریخ گذشته را تشکیل می‌دهد. ژان باپتیست تاورنیه (Jean Baptiste Tavernier)، آدام اولئاریوس (Adam Olearius) و یوهان

در فاصلهٔ بین ایلغار مغول و یورش تیمور، جنبش تصوف در ایران و سایر ممالک اسلامی به نهایت قدرت خود رسید. در این دوران سیاح‌دوستی و مسافرپروری در سراسر کشورهای اسلامی شعار امرا و بزرگان بود و سیاحان و مسافران وسیلهٔ تبلیغاتی مهمی بودند که می‌توانستند صیت احسان و کرم ارباب قدرت را از شهری به شهری برند و نام و آوازهٔ آنان را در اکناف عالم بپراکنند. کار غریب‌نوازی و مسافرپروری به جایی رسیده بود که به فرمان سلطان هند، غریبان را در آن کشور «اعزه» خطاب می‌کردند و سیاح‌دوستی چنان در همه جا مرسوم و معمول بود که مردی گمنام و غریب چون ابن بطوطه با دست خالی از طنجه به راه می‌افتد و در نهایت عزت و احترام تا اقصی نقاط چین مسافرت می‌کند و سیل خواسته و دینار همه جا به سوی او روان می‌شود.

دوران مسافرت ابن بطوطه از لحاظ جریانهای مذهبی و علمی نیز از جالب توجه‌ترین ادوار اسلامی است. در این دوران، آثار انقراض خلافت اسلامی و استیلای مغول در حیات علمی و مذهبی مسلمانان نمودار می‌گردد. دارالعلم‌ها و مدارس معمور بلاد مهم و مخصوصاً بغداد که مرکزیت معنوی ممالک اسلامی را داشت، از هم پاشیده شده بودند. در صفحه‌های سفرنامهٔ ابن بطوطه، بویژه در قسمتهای مربوط به ماوراءالنهر و خراسان، مناظری دلگداز از بدبختیهایی که در نتیجهٔ یورشهای ایلغار تاتار بوجود آمده بود، می‌توان دید. ابن بطوطه در بارهٔ بخارا که از بزرگترین مراکز علمی و مرکز بلاد ماوراءالنهر بود، می‌گوید:

«مساجد و مدارس و بازارهای آن ویران و مردمش به خاک مذلت نشسته‌اند و امروز در این شهر کسی نیست که نصیبی از علم و یا عنایتی به آن داشته باشد».

کشمکش‌های میان خوارزمشاهیان و اتابکان فارس و هجوم مغولان به سفری طولانی پرداخته و حدود سی تا چهل سال، بغداد، سوریه و مکه را تا شمال آفریقا سیاحت نموده، سپس به کاشغر و هند و ترکستان مسافرت کرده و به شیراز باز می‌گردد و با باری از تجربه در آنجا به تألیف و تصنیف دو اثر بزرگ خویش «گلستان» و «بوستان» می‌پردازد. خود وی در مقدمهٔ بوستان مسافرت طولانی خود را چنین توصیف می‌کند:

در اقصای عالم بگشتم بسی — بسر بردم ایام با هر کسی
تمتّع به هر گوشه‌ای یافتم — ز هر خرمنی خوشه‌ای یافتم

در همین سده، معروفترین سیاح اروپایی، مارکوپولو با پدر و عموی خود سفر دور و دراز خود را از ونیز و از طریق بزرگراه ابریشم به چین آغاز کرد. این سفر بیست سال طول کشید و ماحصل آن سفرنامه‌ای از مارکوپولو شامل گزارش‌های بسیار ارزشمند از مشاهدات عینی اوست. مارکوپولو که مدتی در تبریز توقف داشته، این شهر را در سال ۶۶۹ هجری (۱۲۷۱ میلادی) چنین توصیف می‌کند:

«تبریز شهری است بسیار بزرگ و آباد، مجلل و باشکوه که در دامنهٔ کوهستان بنا شده است. مردم تبریز بازرگان و تاجر و مردمان صناعت‌پیشه می‌باشند. منسوجات ابریشم و حریر و زربفت این شهر شهرهٔ آفاق است. تجارت جواهر و انواع احجار کریمه در تبریز رونقی بسزا دارد، به طوری که قاطبهٔ تجار و بازرگانان فرنگستان بخصوص ایتالیایی‌ها و از جمله ژنی‌ها برای انجام امور تجارتی و خرید کالاهای پرسود و کمیاب به بازارهای تبریز هجوم می‌آورند و سنگ‌های گرانبها را از گوهرفروشان این شهر باشکوه ابتیاع می‌کنند».

بیست و ششم جمادی‌الاخر سال ۴۴۴ هجری پس از هفت سال سیاحت و مطالعه و پیمودن ۱۳۲۲۰ کیلومتر راه و روبرو شدن با دیدنی‌ها و مصائب بسیار، مسافرت خود را پایان داد:

برخاستم از جای و سفر پیش گرفتم — نز خانه‌م یاد آمد و نز گلشن و منظر
کز سنگ بسی ساخته‌ام بستر و بالین — وز ابر بسی ساخته‌ام خیمه و چادر
گاهی به زمینی که درو آب چو مرمر — گاهی به جهانی که در او خاک چو اخگر
گه دریا، گه بالا، گه رفتن بی‌راه — گه کوه و گهی ریگ و گهی جوی و گهی جر
گه حبل به گردن بر، مانند شتربان — گه بار به پشت اندر، مانندهٔ استر
پرسنده همی رفتم از این شهر بدان شهر — جوینده همی گشتم از این بحر بدان بر

ناصر خسرو شرح سیاحت دور و دراز و پر از دیدنی و شنیدنی خود را در سفرنامه‌ای ساده و زیبا و پرکشش به زبان فارسی شیوا با نثری استوار و دلکش باز می‌گوید که یکی از نمونه‌های زیبا و ارزندهٔ نثر قرن پنجم هجری به شمار می‌آید.

سدهٔ هفتم هجری را باید نقطهٔ عطفی در روابط شرق و غرب به شمار آورد که دو قطب تمدن دنیا پس از دورانی طولانی به هم متصل شدند، زیرا در این سده، سپاه مغول پس از اشغال ایران و کشتار عمومی، به اروپای شرقی یورش بردند و به آسانی و بلامانع، روسیه، لهستان و مجارستان را تصرف و از سویی تا نزدیکی دروازه‌های برلین و از سوی دیگر تا دریای آدریاتیک پیشروی کردند. از این عصر به بعد، عزیمت هیئت‌های اروپایی به کشورهای مختلف آسیا آغاز می‌شود. همچنین مقارن این ایام، نابغهٔ بزرگ شعر و ادب ایران، سعدی شیرازی به علت شوق جهانگردی و نیز به سبب

را از سفر به ممالک مختلف در سفرنامه‌ای به رشتهٔ تحریر کشید. همچنین ابوالقاسم محمد بن حوقل بغدادی، از مشهورترین سیاحان سدهٔ چهارم هجری است که کتاب «صورة الارض» را بر اساس مشاهدات خود در ممالک اسلامی تألیف کرد. وی در گزارشی جالب از مهمان‌نوازی مردم ماوراءالنهر می‌نویسد:

«اما بخشش مردم ماوراءالنهر چنان است که گویی همه افراد یک خانه‌اند و کسی که به خانهٔ دیگری در آید، گویی به خانهٔ خود در آمده باشد. آنان بسیار مهمان‌نوازند و از مهمانی که شبانه بدانان وارد شود، ناخرسند نیستند، بلکه از وی پذیرایی می‌کنند، بی آنکه وی را بشناسند، یا توقع پاداش داشته باشند ...» (صورة الارض، ص۱۹۵).

اما ناصر خسرو قبادیانی، سخنور بلندپایهٔ ایرانی سدهٔ پنجم هجری نیز در شمار سیاحان و جهانگردان نامدار دوران اسلامی است که جهانگردی طولانی خود را از سال ۴۳۷ هجری به نیت سفر مکهٔ مکرمه، از مرو آغاز نمود و از راه سرخس و نیشابور و بسطام و دامغان و سمنان و ری و قزوین به آذربایجان رفت و از سراب، تبریز و مرند و خوی گذشته به شهرهای ارمنستان رسید و از آنجا به شام و بیت‌المقدس رفت و در نیمهٔ ذی‌القعده برای ادای فریضهٔ حج به مکه شتافت. سپس عزم سیاحت مصر کرد و در هفتم صفر سال ۴۳۹ هجری به قاهره رسید. قریب سه سال در مصر بود و در ضمن آن دو بار دیگر به زیارت خانهٔ خدا مشرف شد و بازگشت. در ذی‌الحجهٔ سال ۴۴۱ هجری دیگر بار از مصر بیرون آمد و چهارمین بار به مکه رسید و شش ماه در حرم مجاور بود. پس از ادای حج چهارم، در شعبان سال ۴۴۳ از راه طائف و تهامه و یمن به بصره رسید و دو ماه در آنجا اقامت کرد، سپس از آنجا به ارجان رفت و از راه اصفهان و نائین و قائن و تون و سرخس روانهٔ بلخ شد و روز

اسکیلاکس (Skylax) از اهالی کاریاندا (Karyanda) نقل می‌کند که در حدود سال ۵۱۲ پیش از میلاد، به فرمان داریوش بزرگ برای یک تحقیق دریایی به سوی سواحل خلیج فارس رهسپار شد.

گزنفون (Xenophon) مورخ آتنی (۴۳۰-۳۲۵ قبل از میلاد) نیز کتابی در وصف عقب‌نشینی ده هزار نفری سپاه یونان از ایران نوشت. در دورهٔ سلطنت اردشیر دوم، پزشکی یونانی به نام کتزیاس (Ctesias) مدت هفده سال (۴۱۵-۳۹۸ قبل از میلاد) در دربار ایران خدمت کرد و طی این مدت ۲۳ رساله تألیف نمود و از جمله ۱۰ رساله در زمینهٔ تاریخ ایران که مهمترین آنها Persica (تاریخ ایران) می‌باشد.

ووتی (Wu-Ti ۱۴۰-۸۷ قبل از میلاد) یکی از تواناترین خاقانهای چین، چانگ تین (Tschangtien) را برای جستجو به سفر خطرناکی به سوی باختر می‌فرستد. او در راه اسیر هونها می‌شود و مدت ده سال در دربار خان هونها به سر می‌برد و سرانجام از راه فرغانه به چین می‌گریزد. اطلاعاتی که او از وضعیت اجتماعی، سیاسی و بویژه اقتصادی هونها کسب می‌کند، در نهایت موجب لشکرکشی سپاه چین و سپس غلبه بر هونها و گسترش حدود چین می‌گردد.

در دوران بعد از اسلام، استخری، صاحب کتاب «مسالک و الممالک»، در سال ۳۰۳ هجری قمری به سیاحت روی می‌آورد. وی نخستین جغرافی‌نویس ایرانی است که کتاب خود را بر اساس مشاهدات شخصی نوشته است.

شمس‌الدین ابوعبدالله محمدبن احمد بن ابی‌بکر البناء المقدسی، جهانگرد و جغرافی‌نویس شهیر دورهٔ سامانیان نیز کتاب مشهور خود «التقاسیم فی معرفة الاقالیم» را بر اساس مشاهدات و اطلاعات مستقیم خویش نوشت. در همین زمان، ابودلف مسعر بن المهلهل الخزرجی الینبوعی از اهالی جنوب عربستان، مشاهدات خود

سرسخن

اخبار، اطلاعات، نقل‌ها، حکایات، مشاهده‌ها و تأثرات حاصل از سفر همواره شیرین و دلپذیرند، بویژه اگر این گزارشها مربوط به دوره‌ای تاریخی نزدیکتر به روزگار ما باشند. افزون بر این، هر مشاهدهٔ مستقیم، گواهی و قول مستند، برای علم تاریخ و بسیاری از علوم اجتماعی، برای تحلیل یک دورهٔ تاریخی حایز اهمیت است.

سفرنامه‌نویسی یا سیاحتنامه‌نویسی، به نوعی یکی از قدیمی‌ترین گزارش‌نویسی تاریخی یا جغرافیایی است که برخی از آنها به دلیل ماهیت خود، از مهمترین اسناد تاریخی به شمار می‌روند. هکاتائوس Hecataeus (۵۴۹-۴۸۰ قبل از میلاد) که به پدر جغرافیا ملقب گردیده، سال ۵۲۰ قبل از میلاد شروع به جمع‌آوری اطلاعات نمود و بدون تردید اطلاعاتی از امپراتوری داریوش داشته است که تنها بخشهایی اندک از آن باقی مانده است.

هرودوت هالیکارناسی که یونانیان او را به عنوان پدر تاریخ می‌شناسند و تقریباً هفتاد سال بعد از هکاتائوس تاریخ خود را به تحریر در آورد، از قدیمی‌ترین جهانگردانی است که به ایران سفر کرد و گزارشهای خود را نیز به رشتهٔ تحریر در آورده است.

خال‌مراد شریف‌اف – طالع بلند

- ویراستاران : شکورزاده م.، شریف‌اف ج.، ع. میربابایف
- ناشر: پژوهشگاه فرهنگ فارسی – تاجیکی سفارت جمهوری اسلامی ایران در تاجیکستان
- چاپ، صحافی و لیتوگرافی: انتشارات «پیوند»
- چاپ اول: ۱۳۸۹
- مکان چاپ: شهر دوشنبه

شابک: ۲-۲۸-۴۴-۹۹۹۴۷-۹۷۸

بسم الله الرحمن الرحیم

خال‌مراد شریف‌اف

طالعِ بلند

پژوهشگاه فرهنگ فارسی - تاجیکی
سفارت جمهوری اسلامی ایران در تاجیکستان

شهر دوشنبه - ۱۳۸۹

بلند پرواز

نوشتهٔ
خال‌مراد شریف‌اف

Счастливая судьба

ХОЛМУРОД ШАРИФОВ